БАҲРОМ ФИРӮЗ



# ТУ ТАНҲО НЕ

## Баҳром Фирӯз

# ТУ ТАНҲО НЕ

Повесть ва ҳикояҳо



Нашриёти
“Маориф” — 1980

**Фирӯз Баҳром**

240 саҳ.

Повести “Ту танҳо не” аз кору бори як дастаи геологҳои тоҷик ривоят мекунад. Қаҳрамони асар Илҳом баъди он ки аз конкурси донишгоҳи тиббӣ намегузарад, ба гурӯҳи кошифони сарватҳои зеризаминӣ ба кор меравад.

Воқеа дар рӯзҳои мо дар баландкӯҳҳои Помир мегузарад.


**Фируз Бахром**

**Ты не одинок** Тоҷик

Ф 70803 – 699 ___132___80
M 504(18)—80



*© “Садои Шарқ” № 6-7, 1979*
*© Нашриёти “Маориф”*
*Душанбе, 1980*



# ТУ ТАНҲО НЕ

**Повесть**

### *Боби якум*

## *МАНЗИЛИ ОБУҲАВОСАНҶҲО*

“Гаштагӣ — дарьё, нишастагӣ — бӯрьё” мегуфтанд, рост будааст, — худ ба худ иқрор мекард Илҳом дар хонаи гарми обуҳавосанҷҳо бароҳат паҳлу зада. — “Ман дар куҷо будаму ин касон дар куҷо!.. Кӣ медонад, боз ба куҷо меравам, бо чӣ хел одамон рӯ ба рӯ мешавам?! Дирӯз, ҳамин вақти рӯз дар бозори Душанбе харид мекардам”. Ӯ саҳни пурофтоби бозори шаҳр, растаҳои меваю сабзавот, мавизу асал, тӯдаҳои харбузаю тарбузро лаҳзае пеши назар оварду як нафаси амиқ кашид.

Ӯ дирӯз ҳамроҳи ронандаи автомашинаи боркаши маъданҷӯён — Амон баъди пешин аз Душанбе ба роҳ баромад. Онҳо шаб, соати чорьяк кам дувоздаҳ ба кӯҳони ин ағба расида, қарор гирифтанд. Иртифои ин ҷо аз сатҳи баҳр 3230 метр баландтар будаст. Ин рақамро дар тори ағба ба лавҳа навиштаанд. Илҳом дар умраш бори аввал ба ин ҷойҳо ва ба ин хел баландӣ омадааст. Онҳо шаб дар хонаи обуҳавосанҷҳо хоб карданд.

Субҳ Илҳом аз хона берун омаду дар тааҷҷуб монд. Шабона бар асари кӯфтагии роҳ ҳеҷ чизро пай набурда, ба хона даромадааст. Вагарна ҳавои тирамоҳи ин кӯҳсор мувозинаи рӯзҳои сардтарини зимистони Душанбе буд. Илҳом субҳидам пас аз берун баромадан, баъдан тавофути иқлими баландкӯҳро бо водӣ мутаваҷҷеҳ шуд. Атроф — тумани ғафс, чунонки дар деҳаи онҳо мегӯянд — меҳи ғализ панҷ-шаш қадам он сӯро дидан мушкил буд. Илова бар ин, ба одам ҳаво намерасид. Нафақат дар хона, балки дар берун

ҳам вай бетоқат гашта, дам ба дам оҳ кашидагӣ барин чуқур нафас мегирифт, аммо боз ба ҷисми одатнакардаи ӯ оксижен намерасид.

Чархҳои мошини Амон ях баста ба замин маҳкам часпидаст ва онҳо оби ҷӯш рехта аз ҷояш такон доданд. Баъди субҳона Амон бахше аз хӯроквориро аз мошин фуроварда, ба Илҳом вогузошту худаш ба сӯи дастаи дигари маъданҷӯён роҳ гирифт.

Илҳом мунтазири қосиди маъданҷӯён дар хона менишаст.

— Барф меборад, — ҷавонмарди лоғарандоми айнакӣ, ки аз ҳарфу кораш сардори ин дастаи обуҳавосанҷҳо буданаш аён буд, аз дар даромада, барфи ба пӯстинаш нишастагиро афшонд.

Илҳом нобоварона ба рӯи вай нигарист. Айнакӣ табассум карду ба назди дег омада сарпӯши дегро бардошта, шӯрборо кофт, бо чумча намаки онро чашида дид. Ин мард як хислати аҷиб дошт, ки Илҳомро дар ҳайрат гузошт: китоби хонда истодаашро ҳаргиз аз даст намегузошт. Ба берун баромад, омада дегро кофт, намаки хӯрокро чашид, аммо китоб дар дасташ буд. Агар коре пеш ояд, ки ниёз ба ду даст бошад, ӯ китобро ба бағал ё ҷайбаш мениҳод. Илҳом сабаби чунин рафтори ӯро пурсидан хост, аммо андешид, ки боз ӯро майдагап нашуморанд.

— Ҳайрон нашав, додар, зимистони мо шурӯъ шуд, — ба гап даромад айнакӣ. — Имрӯз чандум? Бисту дуюми сентябрь. Дар Душанбе ҳоло одамон аз гармӣ фирор карда думболи пайдо кардани ҷои серуну соя ҳастанд... Дар ин ҷо барф, тӯфон. То охирҳои моҳи май аҳвол ҳамин. Ғайр аз барфу бӯрон чизи дигарро намебинем.

— Акнун роҳи ағба баста мешавад? — бо эҳтиёт пурсид Илҳом.

— Не-е, ҳоло то се-чор навбат барф боридан мошин мегардад. Сонӣ — тамом. Баъд то баҳор дар ин ҷойҳо мурғ ҳам пар намезанад. Ба дидори одам муштоқу мӯҳтоҷ мешавӣ... Э-э, агар барфи ин ҷоро боди тунд рӯфта набарад, бел катӣ раҳ кушода намешавад. Зимистони гузашта боре ду шабу ду рӯз шамол ногаҳон бозистод. Шояд, ягон мурвати обу ҳаво вайрон шуд, ё ягон подшипникаш шикаст, кӣ медонад. Барф то худи ана ҳамин тиреза расид, — вай ба панҷараи баланди хона ишора кард. Баъд мурваташ ба кор даромаду боз хайрият, бод бархест, бо садою қудраташ дар ним рӯз ҳама ҷоро тоза кард.

Илҳом пай бурд, ки ба марди айнакӣ таъбири харобии мурвати обу ҳаво бағоят маъқул аст ва ӯ онро бо майли тамом, такрор ба такрор таъкид карда мегӯяд ва аз гуфтани он ҳаловат мебарад.

Ҳоло ӯ гурбачаи мингос зада дар назди пояш ҷӯлида гаштаро ба даст гирифту навозишкунона сила кард, баъд ба рӯи фарш монда, як пора нон дод. Гурбача як бори дигар ба аломати миннатдорӣ мингос заду ба нонхӯӣ саргарм шуд.

— Баъдан роҳи ағба кай боз мешавад?

— Э, қариби моҳи июль.

— Ягон чиз даркор шавад, чӣ кор мекунед?

— Чӣ чиз?.. Ҳамааш ҳаст, мерасад. Ангишт, ҳезум, хӯрокворӣ... Зарур гардад, вертолёт ҷеғ задан мумкин.

— Тақрибан нисфи сол аз оламу одам дур! Шуғлатон зӯр будаст! — иродаи ин одамонро эътироф кард Илҳом.

— Обу ҳаворо пешгӯӣ кардан кори саҳл не.

Ба барфи пушти панҷара борида истода менигаристу иттифоқан, фоҷиаи даргузашти бародараш ба хотири Илҳом омад. Акааш Имрон аз ӯ чаҳор сол бузургтар буд. Мактабро ба итмом расонду ба давраҳои омӯзишии ронандагӣ қабул шуд. Баъди гирифтани гувоҳиномаи ронандагӣ ба вай як мошини кӯҳнаи колхозро доданд. Мошин не, чигина. Сонӣ мисли дар афсонаи "Ду бузак", як фалокати ваҳшатнок рух доду ӯ фавтид. Бале, ду буз дар болои пули борик рӯ ба рӯ меоянду ба якдигар роҳ надода, ҳар ду ҳам ғарқ мешаванд-ку, ана, мисли ҳамон мошини Имрон ба кӯпрук наздик шавад, аз тарафи муқобил трактор омадааст. Мошинро дар замони кӯтоҳ нигоҳ дошта натавонистааст, аммо тракторчӣ ҳам сабр накардааст... Мошин ҳам, трактор ҳам, аз болои кӯпрук ба дарьёи пуроб афтодагӣ. Сарнишини трактор сиҳату саломат, аммо Имрон мурд... Вай даргузашту аз байн шаш моҳ гузашта-нагузашта занаш аз хонаи падараш меравам гуфт...

Ҳар боре ки ин моҷаро ба зеҳни Илҳом биёяд, дилтангу асабонӣ мегашт.

Дар берун шамоли барфолуд меғурриду симҳои баланди антеннаро ба рақс водор карда буд ва мисле ки ба ин боди тунд ҳамоҳангӣ мекарда бошанд бо садои хоссе худашон низ месуруданд.

Аз утоқи дохилӣ навҷавони малламӯи мешчашм, эҳтимолан, коргари ҷавони ин истгоҳи обуҳавосанҷӣ, хоболудона баромад. Зоҳиран синнаш аз ҳабдаҳ беш набуд. Ӯ дар рӯи остона истоду дастҳояшро ба пушти сар ниҳода, баҳузур хамьёза кашид, ду-се бор ларзид, худашро афшонд, шонаҳояшро пасу пеш ҳаракат дод, ки устухонҳояш қисир-қисир карданд. Илҳом фикр дошт, ки ӯ ҳатман бепадару

модар ба воя расида ва ё аз тарбияти онҳо бебаҳра монда аст, зеро волидайн дар ҳузури дигарон хамьёза кашидан ва афшондани биниро ба фарзандонашон қотиёна манъ мекунанд, чун ин аломати беадабӣ ва густохии фард мегӯянд.

Коргари ҷавон баъди он, ки муддаои табъ хамьёза кашид, бо гурбача андармон гашт. Дар рӯи фарш ғел зада, хеле вақт гоҳ аз думи гурбача, гоҳ аз гӯши он кашида бозӣ карду сониян мисле дар омади гап аз марди айнакӣ савол кард:

— Озмун гирифтед?

Ҳамкораш аз чӣ бошад, ба саволи ӯ ҷавоб надод.

Ҷавон сари миз нишасту нақшаро боз карда, ба аломатгузорӣ ва ҳар гуна қайду нависонавис машғул гашт.

Азбаски исми ин шиносҳои муваққаташро намедонист, Илҳом ба ҷавонмарди айнакӣ дар дилаш “Айнакӣ” ва ба писарак “Хоболуд” ном ниҳод.

Илҳом чунин эҳсос намуд, ки дурӣ аз мардум ба рафтору гуфтори ин одамон таъсири худро гузошта аст. Махсусан, муносибати онҳо бо ҳамдигар ӯро шигифтзада кард. Пас аз он, ки ба ин ҷиҳат диққаташ ҷалб гашт, ӯ мутмаин шуд, ки фарзаш дуруст будааст, чун дар тӯли чанд соате, ки ҳамроҳи обу ҳавосанҷҳо буд, онҳо байни худ ниҳоят кам ҳарф мезананд. Агар яке чизеро пурсад, бештар савол беҷавоб мемонд ва пурсанда ҳам саволашро такрор намекунад, ҷавобро диҳед, гӯён исрор намекард. Мисле ки ҳама кор ба онҳо равшану аён буда, мутлақан ба савол ниёз нест. Боз кӣ медонад, ӯ бо инҳо ноошно, одами ношинос ба мисоли нобино аст.

Дар Душанбе дар идораи маъданҷӯён ба вай таъкид карданд, ки ҳавои кӯҳсор сард аст, либоси гарм бигирад, аммо нагуфтанд, ки барф меборад, бӯрон дар авҷи хурӯш аст. На дар сар кулоҳ, на дар по мӯза... Дар ин хел қиёмати қоим чӣ тавр кор мекунад? Ҳоло боз даҳ километр бояд ба боло равад.

Падараш ба идомаи таҳсили Илҳом дар донишгоҳ ҳеҷ розӣ нестанд. Аз озмуни довталабон нагузаштам гӯён гашта ба деҳа равад, тамом, дигар ӯро ба шаҳр намефиристанд. "Чӣ фоида аз ҳамун хондан?! — тамасхур карда гуфтанд падар. — Нахондагиҳора рӯзаш нагузашт-чӣ? Аз хондагиҳот беҳтар... Ана, Қорӣ Ҳаким ҳар се писара хононд, донишгоҳро хонда тамом карданд. Яктоаш — агроном шуд, дигараш — муаллим, сеюмаш боз кадом бало. Ҳозир ҳар сеяшро ҳам гирифта ба кори савдо монд..." Аммо мақсади падараш дигар, инро Илҳом ҳис мекард. Мақсад... мақсад... Эҳ, ин урфу одати ношуданӣ... Иззати нафси бекора... Имрон фавтид, хайр, янгаам бетолеъ будааст, ба ман чӣ?

Вақте ки Илҳом нияти ба ин сӯ омаданашро дар шаҳр ба ду-се нафар рафиқони ҳамдеҳааш гуфт, ҳамаашон мазоҳ карданд. Ӯро бемаслаки бесубот ҳам гуфтанд, ҳардамхаёлу ҳардаммайл ҳам... Аз ягон шаху зов ҷар шудан, тиккаю пора гардидан ё мор газида беаҷал мурданро ҳам бархе аз хунукнафасҳо беибо гуфтанд. Порсол, дар ҳамин қарибиҳо, дар наздикии кадом як пирьях ҳашт нафар альпинистдухтарон дар бӯрон монда ҳалок гаштаанд. Илҳом дар дилаш ба ҷуръат ва матонати он духтарон, ки ба баландиҳои қадами инсон норасида пой мондаанд, офарин хонд. Яке аз хешовандони ӯ ин фоҷиаро шунида, мегуфт: "Ба

ҳамон кӯҳи ях баромадан зарур будаст-чӣ?! Барои чӣ мебароянд? Чӣ гум кардаанд? А?” Писари холааш Нисор, ки барои ҷамъ кардани навъҳои кордҳои наву қадимӣ лақаби кордбозро гирифтааст, гуфт: “Барои чӣ мебароянд? Барои чӣ мебаромаданд? Дар ҳар сурат пул меёбем гуфта набаромадагистанд”. “Набошад, барои чӣ мебароянд?” кинояи Нисорро нафаҳмид вай одам. “Барои он, ки дар дуньё ҳамин кӯҳу пирьяххо ҳастанд, ба он мебароянд”, ҷиддӣ ҷавоб дод Нисор, аммо гумон аст, ки он нафар маънии ҷавоби ӯро мутаваҷҷеҳ шуда бошад. Ба Илҳом ин ҷавоб хеле писанд омаду чанд бор дар сӯҳбат бо наздикон ва рафиқонаш онро такрор кард, аммо касе пайдо нашуд, ки фасоҳат ва бурроғии онро дарк кунад.

Айни замон дараҷаи ҳарорати ҳаво дар атрофи сифр буд. Об дар берун ях кардагӣ. Илҳом аввалин бор дар ин вақти сол боридани барфро медид. Бори аввал дар умр халидану фишор додани қалбашро эҳсос мекард. Тақрибан беҳаракат дар хона, аммо нафастангӣ азият мекард. Ҳар қадар амиқ, синаро пур карда нафас гирад ҳам, ба мисли ташнае, ки аз нӯшидани оби шӯр ташнагиаш ҳеҷ намешиканад, ноҳинҷор буд, мисле ба ӯ чизе намерасид. Мегӯянд, ки дар макони кори маъданҷӯён хеле вақт қабл барф борида будааст. Ғалатӣ... Хайр, бо баҳонаи кор деҳаашонро бибинад, шуд!

Дарвеш гуфта буд, ки баъди итмоми кори ин ҷо дастаи маъданҷӯён ба тарафи Ҳаводара меравад. Илҳом деҳаи кӯҳиашонро чандон равшан дар ёд надошт. Ҳангоми аз Ҳаводара ба водӣ муҳоҷир гаштанашон вай панҷ-шаш сола буд. Пас аз муҳоҷират на ӯ, на дигар хешовандон ӯ боре ҳам

ба деҳа наомаданд. Ҳол он ки замони кӯчидан дилпур буданд, ки тирамоҳ аҷаб не, бозгашта оянд. Бо ҳамин қасд онҳо бахше аз асбобу анҷоми сангин, сандуқҳо ва кӯрпаю болишти кӯҳнаашонро ҳам дар хонаҳои худ гузошта рафтанд. Ба иморат-ку даст нарасондаанд...

Акнун Илҳом бояд тибқи нишонаҳои таъинкардаи модараш ба ҳавлии бобояш рафта, китобҳои хеле вақт қабл маҳфуз кардаи раҳматиро пайдо кунад! “Хайр, ин кори дуввумдараҷа, — мегуфт вай худ ба худ, — вазифаи аввалиндараҷа ин аст, ки ҳоло бояд касбу кори чуқурканиро зуд омӯзад, бо заҳматаш беминнату беиллат нони худро хӯрад, шарманда нашавад, — Илҳом мушкилоти дар пеш бударо пеши чашм оварда, дилаш меҳаросид, баъзан маъюс мегашт: Шарманда нашавам шуд!..”

— Ҳамин замон Володя меояд, — ногаҳ риштаи хаёли ӯро бурид Айнакӣ. — Ҳар рӯз омада хабар мегирад. Фикр кунам, ғазоишон кам монда. Амон хӯрокворӣ монда рафт, охир?

— Бале. Аммо нон нагирифтем.

— Нонро аз ҳамин ҷо, аз ноҳия мебиёранд. Нони ин ҷо бамаза. Бовар мекунӣ, ман дар шаҳр кор мекардаму рӯзҳои истироҳат аз ноҳияҳои атроф нон меовардам? Нони Душанбе доим хом ё сӯхтагӣ, турш ё норасидагӣ. Ҳайфи гандум, ҳайфи орд мегӯед! Умуман... ҳунари нонпазӣ ҳам, хӯрокпазӣ ҳам берангу қолибзада гашт. Масалан, ана, худи туро гирем: дар умрат гипо хӯрдаӣ?

— Не, — беихтиёр ба саволи ногаҳонии ӯ ҷавоб дод Илҳом ва мунтазир истод, ки боз чӣ мепурсад.

— Ғилмон чӣ? Не. Тухмбарак чӣ, хӯрдагистӣ?

— Не, номашро ҳам нашунидаам.

— Дар шаҳр баъзан ба пулат хӯроки дилкашатро ёфта хӯрда наметавонӣ.

— Барои чӣ ин ҳол? Сабабаш чӣ?

— Ӯҳ-ҳӯ! — ба сӯи Илҳом нигоҳ накарда тамассхур намуд Айнакӣ. — Даррав сабаб мепурсанд! — Сонӣ шарҳ дод: — Мо одамони хурд, додар. Умуман, аз ман ба ту насиҳат: сабаб кофта, овора нашав. Ба ҳеҷ кас намефорад. Сабаб... ҳи...

Илҳом аз ин тамасхур ва панди бемавриди ӯ ранҷид магар ба китобхонӣ худро саргарм кард.

Одамоне ҳастанд, ки дар чеҳраи онҳо мудом осори озурдагӣ ва малолат соя андохта, ҳамеша онҳо аз ягон чиз норозӣ, аз ягон кас оташин. Марди айнакӣ ҳам аз ҳамин қабил одамон барин. Аҷибаш ин ки ҳамин эҳсосоти вазнин ва мағшуш ба як тарзи намоишкорона доим дар симои ӯ ҳувайдо буд.

Баъди соате Айнакӣ дар косаҳои чинӣ шӯрбо кашиду се тан ба сари миз нишаста ба наҳорхӯрӣ шурӯъ карданд, ки як ҷавонмарди ришсиёҳ — коргари севвумӣ аз дар даромад. Вай зери лаб ба ҳамкоронаш чизе гуфта ғурунгос зад, ки Илҳом чизе аз он нафаҳмид. Дар ҷавоби ӯ Айнакӣ лаҳзае бо маломат, қаҳролуд ба рӯи вай нигоҳ карда истоду гап назад. Ришсиёҳ ба дегчааш ду коса барин шӯрбо гирифту аз дар баромада рафт.

— Ба қарибӣ зан гирифт... Занашро ҳам овард. Ҳӯ, дар он хона зиндагӣ мекунанд, — бинои дар рӯ ба рӯ бударо нишон дода, Илҳомро хабардор кард Айнакӣ.

Инро шунида Илҳом дар тасаввур овардан хост, ки чӣ

тавр тоҷикдухтари дар умраш ҳаргиз аз хонаи падару модар, аз шаҳру деҳаи худ дур нарафта, ҳоло дар ин кӯҳистони беодам, дар хона, қарибан ки танҳо — бе дугона, бе хешу табор бандӣ барин рӯзҳоро шаб мекарда бошад... Муҳаббат чӣ қудрату тавоноӣ дорад, вай ҳанӯз хабаре надошт.

Сипас хаёлаш боз ба деҳа пайванд хӯрд. Янгааш Гулсифати бетолеъ ба ёдаш расид. Эҳ, чӣ хел Имронро дӯст медошт! Имрон ҳам ба чеҳраи вай нигоҳ карда сер намешуд. Дар забонаш фақат як ҳарф: Гул, Гул... Хабари фавти Имронро шунида, сиёҳбахт аз ҳуш рафт, ҳеҷ чизро намефаҳмид. Ба бемористон бурданд, таи як моҳ дар он ҷо хобид. Эҳ, чӣ рӯзи сахт буд... Духтарчааш якбора дадаю очаро гум карда, ҳайрон монд. Ҳозир дӯстрӯйча шудааст, ба Имрон сахт шабеҳ аст. Ана, акнун додом арӯсашонро гирифта шиштаанд. Чанд бор падару модари Гулсифат омаданд, гуфтанд, ки толеаш ҳамин будаст, чӣ чора, аз қисмат ҷои гурез нест гирифта барем. Охир ин берӯзӣ ҳам ҷавон... Қаҳру ғазаби додом омад, суханони сахт гуфта гусел карданд. Худи Гулсифат ҳам сокит, ҳарф намезанад. Қотеъёна гӯяд, ки ман ба хонаи падарам меравам, вассалом! Ҳеҷ кас ҳақ надорад ӯро нигоҳ дорад. Шояд дилаш ба ман моил бошад? Аҳмақӣ... Не, вай рӯи хотири додомро дорад, аз ин сабаб нишастааст.

— Ҳар рӯз то пешин меомад. Раҳгум зад-чӣ? — Айнакӣ риштаи хаёли ӯро бурид.

Вай дар хусуси Володя ном коргари маъданҷӯён, ки ҳар рӯз ба ин ҷо хабаргирӣ меомадаст, ин ҳарфҳоро гуфту ҳамкори ҷавонаш бо лунҷи пур аз хӯрок ба ӯ эътироз кард:

— Кӣ? Володя раҳгум мезанад?

— Дар ин хел ҳаво саг ҳам раҳгум мезанад.

— Чашми ӯро банду сар деҳ, аз Ҷари Дарида мустақим меояд.

— Э, хез-е!

— Гарав?.. Аз даҳта патрон!

— Э, бас кун гапи бекораро! — аз гарав рӯ гардонд Айнакӣ. — Хез, чой дам кун.

Дар сари нӯшидани чой буданд, ки аз даҳлез пойкубии касе шунида шуду соҳибони хона ҳар ду баробар “омад”, гӯён ба дар нигаристанд. Илҳом ҳам чашм ба дар нишаст, аммо қосиди маъданҷуён ба майли хотир сару либосашро аз барф тоза мекард магар, зуд надаромад. Ниҳоят, Хоболуд бесаброна аз ҷояш бархосту дарро боз карданӣ буд, ки дар остона бо меҳмон рӯ ба рӯ гашт.

Володя як ҷавонмарди тақрибан чиҳилсолаи миёнақад, газгӯшт, пӯсташ бар хилофи мардуми шимол — сиёҳчатоб, нигоҳи нарму хандонаш аз некиродагии ӯ далолат мекард. Вай аз болои нимтанаи пахтагӣ бороние аз брезенти дурушт пӯшида, сару рӯяшро бо кулоҳу гарданпечи пашмин баста, дар назари аввал ба шахси ниқобдоре монанд буд, ки ба қасди ягон кори ғайриқонунӣ баромада аст. Ҷӯтурии рӯяш ӯро боз бештар сиёҳҷурда ҷилва медод ва Илҳом сараввал, аҷаб не аз ҳамин сабаб, ӯро як марди тоҷик гумон бурд. Аммо баъди кулоҳашро аз сар гирифта, борониашро кашидан маълум гашт, ки руси малламӯй будааст. Албатта, офтоби ҷануб аврупоиёнро ҳам сиёҳ мекунад, аммо ин гуна тағьиротро Илҳом то ҳол надида буд.

— Амон омадагӣ барин-а? — гуфт вай гӯё худ ба худ иқрор мекарда бошад бо овози паст, баъд аз салому алек,

дар ҳолате, ки сару рӯяшро молиш медод. Авзоаш ҷиддӣ бошад ҳам, зоҳиран ба омадану наомадани Амон беалоқа барин менамуд. Баъд ба сари миз омаду бо марди айнакӣ воҳӯрикунон гуфт:

— Паи чархи мошинашро дида, хайрият гуфтам. Ба куҷо рафт?

— Ба Қалъаихумб. Аз он ҷо баромада ба дастаи Назархудо, сонӣ ба Ангор меравам гуфт, — ҷавоб дод Айнакӣ.

— Кай гашта меомадааст, ҳарфе нагуфт?

— Не, ҳеҷ чиз нагуфт.

— Дарвеш ҳамроҳаш буд?

— Не... Ана, инро фиристодаст... Барои кор.

Ба Илҳом чунин намуд, ки Айнакӣ ӯро нописандона, ҳатто бо андаке тамасхур муарифӣ кардагӣ барин шуд. Махсусан, оҳанги суханаш ба вай нафорид. “Инро фиристодааст”, гуфтани ӯ ба гӯши Илҳом тахминан ин хел расид: “Ба коргари хуб қаҳтӣ омадагӣ барин ба ҳамин хел кори сахт ин бачаи нотавонро ёфта фиристодааст...” Табъи Илҳом хира гашт. Ҳеҷ намефаҳмид, ки чаро Айнакӣ бесабаб ӯро нописанд кард. Охир ӯ маъюб не, маслуқ не, бемуболиға кори дутои ин хел айнакиҳои нимҷонро анҷом медиҳад. Хуб, ҳоло гапу кор дар пеш.

Володя гӯё оҳанги киноямези сухани Айнакиро нафаҳмида бошад, бо шавқ ба рӯи Илҳом нигариста табассум кард, дӯстона сар такон дода, бо ҳамин як ҳаракати ҳатто ба атрофиён номаълум, ӯро ҳам пазирой ва ҳам ҳолҷӯӣ намуд. Баъд, дар васати сӯҳбат ноаён ба дастҳои Илҳом зеҳн монд.

Айнакӣ беором ҳарф мезад, Володя хӯрок мехӯрду аҳъён-аҳъён ба тасдиқи гуфтаҳои ҳамсӯҳбаташ сар мечунбонд. Ҳамаи ин гуфтугӯ аз қабили суханони урфии беаҳамият буданд.

Баъди он ки Айнакӣ бо коре берун рафт, Володя боз бо табассум ба сӯи Илҳом нигарист. Ин бор нигоҳаш аз китфҳо то ба дасту ангуштони ӯро палмосида гузашту боз ҳамон хел мамнун сар такон дода гуфт:

— Ҳоло ба кор омадам, гӯй! Қаблан дар баландкӯҳ кор карда будӣ?

Илҳом бо аломати инкор сар ҷунбонду ба рӯи Володя нигарист.

— Ҳм-м... — Ӯ лаҳзае ба фикр афтоду аз рӯи дилбардорӣ гуфт: — Ҳеҷ гап не... Ту ҷавон... Дар колхоз кор мекардӣ? — пурсид вай ва ҷавоби тасдиқ гирифта гуфт: — Аз дастонат маълум.

— Чӣ хел? — бо тааҷҷуб ба дастони тозааш нигарист ӯ.

— Калон... ангуштонат гиро, — гуфт Володя.

Кам-кам дили Илҳомро хавфи номаълуме ба худ таслим мекард: модоме ки Володя дар бобати кори вай ба фикр афтод, мушкилие ҳаст. Ҳоло вай на ҳавлии бобояшро фикр мекарду на мероси ба боғашон гӯр карда рафтаи он касро. Ба қавли очааш, агар ягон чизи муҳим мебуд, пирамард пеш аз даргузашташ васият мекард. Модоме ки ҳарф назада аз дунё рафтанд, пайдо кардан ҳам лозим набудагист... Ба омадан омад, вале агар кор карда натавониста шармсор шавад-чӣ? Не-е, ҷаро баробари ҳаминҳо кор карда натавонад?!

— Гумонам, коргари инҳо бошӣ, — риштаи хаёли ӯро

бурид Володя. — Хӯш, ба мо чиҳо фиристоданд?

— Ана, ба он хона даровარданд, — Илҳом ба ҷавоб даҳан накушода Айнакӣ, ки ин дам чойро дам карда бо оташгирак ба уҷоқ ангишт мепартофт, шарҳ дод. — Бишин, аввал чой нӯш, сонӣ мебинӣ, — вай ба пиёлаҳо чой рехт.

— Картошка, карам, қаланфуру сирпиёз... а-а.... боз... бехпиёз, кабудӣ... а-а.... як халта макарон, боз... боз... ҳа, як қуттӣ оби ҷав... — харидашонро номбар кард Илҳом.

— Оби ҷав?

— Ҳа, як қуттӣ.

— Дар ҳамин сармо?!

— Дар Душанбе ҳаво гарм буд... Ҳа, боз дуто тарбуз, вале яктоаш дар роҳ кафидаст.

### *Боби дуюм*

## *БОЗ ЯК БЕБАРОРӢ*

Баъди нӯшидани чой Володяю Илҳом қисмате аз маҳсулоти мебурдаашонро ба ду асп бор карданду боқимондаашро дар хонаи тахлияи обуҳавосанҷҳо гузошта ба роҳ баромаданд. Тибқи маъмулӣ “ба роҳ баромаданд” мегӯем, аммо дар ин ҷойҳо ғайр аз як роҳи мошингарди Душанбе дигар на роҳ ҳасту на пайраҳа!.. Мегӯянд, ки пас аз моҳҳои тулонӣ дар бероҳаҳо гаштан ба водӣ фуромада роҳро дида шодӣ мекунед.

Онҳо яктогӣ аспро лаҷом гирифта ба бориши барф эътино накарда ба ҷониби кӯҳҳои баландтеғ равон гаштанд. Пардаи тӯрмонанди барф он атрофро аз назарҳо пинҳон мекард. Ду асп ва ду ҷавонмард — пиёда, мисли тӯри барфро

пора карда, дар байни замину осмон роҳ мепаймуданд. Бод бо шиддат ба рӯи онҳо зарраҳои барфи сардро мезад, ки ҳар яке монанди шишапора чашму рӯй ва гӯшҳоро мебурриду месӯзонд. Агар дар бағалкӯҳҳо шамол сокит мегашт, зуд меҳи ғализ, мисли фалла, атрофро мепечонд, ки даҳ қадам он сӯтарро дида намешуд.

Илҳом ҳамагӣ чорьяк соат роҳ напаймуда эҳсос кард, ки тавоноии тай кардани ин роҳро надорад. Қалбаш пуршиддат мезад, нафасаш тангӣ мекард, пойҳояш беҳолона меларзиданд. Аммо вай бо азоб бошад ҳам, гоҳе афтодаю хеста, гоҳо ба дастҳояш замини санглохро харошида думболи Володя мерафт. Баъзан пойҳояш ҳам, дастҳояш ҳам ба вай итоат намекарданд, вуҷудаш беҳолу бемадор меларзиду ба поён меғелид... Володя аз роҳ бозистода ба ҳамсафари номувофиқи худ рӯҳ мебахшид, тасаллӣ медод. Сари Илҳом мисли кандуи асал ғуввос мезад, пеши чашмонаш тира гашта, маст барин ҳушу беҳуш қадам мемонд.

Бо ин сахтӣ, масофаеро пушти сар карданду Володя гуфт, ки аз кулли даҳ як километрашро тай кардем, аммо ба назари Илҳом чунин менамуд, ки ӯ машаққати ӯро дидаю дониста барқасд роҳи гузаштаашонро кам мегӯяд. Ин масофае, ки кайҳо боз раҳ мегардманду раҳ мегарданд, як километр будаст! Камаш ду километр, вагарна, бештар...

Онҳо аз кӯҳони кӯҳе гузашта ба нишебӣ роҳ гирифанду қадамгузории Илҳом андаке осонтар гашт. Афтону хезон, лағҷидаю ҷар гашта бошад ҳам, аз Володя қафо намонда мерафт. Аспҳои ба пайраҳаҳои кӯҳсор омӯхташудаи маъданҷӯён ӯро аз ҳама беш ба таажҷуб меовард. Аз

нишебиҳои санглоху хатарноке, ки буз ба мушкилӣ поён меояд, ҳирфаёна чарх зада, то ки борашон ба харсанг назанад, тоб хӯрда бо фаросат фуромадани ин ҷонварони меҳнатӣ дар дили ӯ як ҳисси тамоман нав ва ноошноро бедор кард: ба асп ҳамчун ба ҳайвони дурушт муомила кардан аз адлу инсоф не, мегуфт ӯ худ ба худ. Аммо ин ҳиссиёт натиҷаи тасаввуроти аз зиндагии ором якбора ба ҳаёти сахти кӯҳистони баланд гузаштани вай буду бас. Шароити сахти зиндагӣ ва кор дар ин кӯҳсори бешафқат амри худро воҷиб мешумурд.

Кӯҳҳои ин ҷо санглоху камгиёҳ буда, зери пой аз барфи нав истода лағжонак гашта буд. Илҳом чанд бор лағҷида, чор-панҷ метр поён меғелид, аммо бо душворӣ нохунҳояшро ба реги барфолуд халонда худро аз суқут нигаҳ медошт. Аз чанд ҷои дасташ хун метаровид, ду-се захми пояш месӯхт, аммо ӯ ин ранҷҳоро нодида мегирифт, чун ҳоло ҳушу ҳавоси вай ба чӣ тавр роҳ гаштан, чигуна зарабони қалбашро ба ҳолати табиӣ овардан ва нафастангиро бартараф кардан, банд буд. Ҳаво шадидан намерасид. Аз рӯи гуфтаи Володя ҳоло онҳо дар баландии саҳл кам чор ҳазор метр будаанд!.. Илҳом ҳоло иқрор мекард, ки ин роҳ барои ӯ нест, ҷисми одатнакардааш ба ин шароити фавқулодда таслим намешуд, сараш чарх мезад, гӯшҳояш садо медоданд. Вай дақиқ медонист, ки баъди сад қадам... ё сесад қадам ва ё боз андаке масофат аз по меафтад. Аммо ин лаҳзаи нангинро то ҷон дошт дуртар меандохт, дандон ба дандон ниҳода, гоҳе ғайриихтиёр, беҳушона роҳ мегашт.

Вай бо аспи худ қафо мондан гирифту Володя акнун дам ба дам аз роҳ бозистода ӯро мунтазир мешуд. Дар ин тумани ғафс ҳамдигарро гум кардан аз ҳар чӣ осон ва аз ин

лиҳоз Илҳом пайваста роҳ мегашт. Олам дар чашмонаш тира гашта буд, осмон мисле аз китфони ӯ дошта ба замин мефушурд. Ҳоло дигар баданаш ба рӯҳаш итоат намекард. Пас аз яке аз ингуна сарозериҳо Володя лаҷоми аспро аз дасти ӯ гирифту бо арғамчин ба зини аспи худаш баста, дасти ҳамсафари хому бетаҷрибаи худро тамоман озод кард.

Баъди озод гаштани дасташ Илҳом якбора форифболона қадам монд магар, пояш чунон лағҷид, ки суқут карда тақрибан даҳ-понздаҳ метр ба поин рафт. Володя аз ҳодиса ғофил ба роҳаш идома медод ва каме монда буд, ки вай аз назари Илҳом панаҳ гардад.

— Володя! — ваҳшатзада фарьёд кард вай, аммо Володя нашунид. Илҳом бори аввал дар таҷрибаи худ фаҳмид, ки чигуна ҳавои пуррутубат садоро пахш мекардааст.

Онҳо бо камари кӯҳе лағҷон-лағҷон, бо нӯги пойафзол ба замин пой монда гузаштанду боз ба нишебӣ расиданд.

Илҳом оҳи сабуке кашид. Нишебӣ бағоят рост буда, Володя онро бо аспҳо чарх зада мефуромад. Пайи фуромадаи ӯ аз боло ба назари Илҳом мисли тасмаи симпеч намуд.

Дар ин ҷо воқеае рух дод, ки онро дар аввал ногувор гӯянд ҳам, баъдан хайр гуфтанд. Зеро агар ин “ногуворӣ” рӯй намедод, онҳо дар ин тӯфон раҳгум зада хеле дур мерафтанд.

Иттифоқан пойи аспи дуввумӣ лағҷиду ду-се бор калавида якпаҳлӯ афтод ва бо талвоса тапар-тупур карда ба поён ғелид, вале хушбахтона ҷонвар худро боздошт. Коғазхалта пора шуда, чанд сар карам пасопеш ба поин ба нишебии дар меҳ ноаён ғелида рафт. Асп дақиқае беҳаракат



монда, нафас рост кард, сипас бо фукаш ба замини санглох такья карда, оҳиста ба по рост гашт. Пойҳояш дир-дир меларзиданд.

Илҳом поинтар фуромада нисфи карами парт нашударо бардошт. Фикр кард, ки агар сарҳои карамро бурида ду ҳис мекарданд, шояд ҳамааш талаф намегашт. Аз як халта карам ҳоло ана ҳамин нисф карам мондааст. То даме ки Володя зину абзори аспро аз нав баста, бори онро соз

мекард, Илҳом лаҷоми аспи дуюмро дошта истода аз он ним сар карам чашм намеканд. Дар як лаҳза миёни ин ҳама бӯрону меҳ ва изғирин дар пеши чашмаш бозори пурғавғои шаҳр, духтараки латифандоми карамфурӯш, ки бо нимтабассум ба Илҳом гарм-гарм нигоҳ мекард, ҷилвагар гашт. Духтар шармида, ба ҳазлу шӯхиҳои онҳо гоҳе ҷиддӣ, гоҳе ба шӯхӣ ҷавоб медоду карам бармекашид. Деҳқондухтари назарбаланд паллаҳои тарозуро вазнин-вазнин карда карам баркашида медоду зимнан нигоҳаш саропои Илҳомро палмосида мегузашт. Ҳоло дар ин баландкӯҳи бекас ба хотир овардани он лаҳза ӯро яку якбора маҳзун сохт, ҳатто дар чашмонаш ашк чарх зад.

То бори аспро баста аз дигар бор кардан ҳаво кушоду абр бардошта гашт. Бартараф гаштани меҳро онҳо пас аз ба асп бор бастан якдафъа мутаваҷҷеҳ шуданд.

— Эҳ-ҳе-е! — ногоҳ қоматашро рост карда ба поён нигаристу хандид Володя.

Илҳом ҳам ба он сӯ нигарист: нишебии ваҳмангез, дар поин кӯҳҳо китф ба китфи якдигар ниҳода, паҳлу зада хоб буданд. Баъд теппаҳо ва ҷариҳо сар мешуд, аз он ҳам

поёнтар абрҳо шиновар буданд. Аз тарқиши абрҳои шиновар дар поин дар масофаи хеле дур суроби деҳае аранг-аранг ба чашм менамуд. Иморатҳои сафед, гӯё бо онҳо аз болои ҳавопаймо менигариста бошад, аз қуттии гӯгирд ҳам кучиктар менамуданд.

— Раҳгум зада ба тарафи Сағирдашт баромадаем, — гуфт Володя баъди атрофро бо мурур баррасӣ карда шинохтан. — Аз дилам гузашт, раҳ беш аз ҳад пурнишеб гашт-ку...

Як тараф — кӯҳҳои баланд, дар пеш — нишебии махуф. Володя баъди андаке таҳаммул лаҷоми аспро гирифта ба сӯи кӯҳи тарафи чап роҳ кашид. Илҳом аз қафо ба роҳ даромаду ба сахтӣ панҷоҳ-шаст метр роҳ рафта ақиб монд. Володя дуртар рафту ӯро мунтазир истод. Илҳом, чунон ки мегӯянд, бо биниаш хат кашида, бо азобу азият худро ба ӯ расонид, вале чанд қадами охири фарозро нагузошт, балки чаҳорпоя хазида гузашт.

— Дигар наметавонам, — беҳолона ба замин худро партофта гуфт вай.

Аз даҳонаш беихтиёр луоб мерехт, нӯги димоғаш сурхи сурх ва манаҳаш ранги обӣ гашта чашмонаш беҷо ҳаракат мекарданду қалбаш шадидан метапид.

— Ба ман нигар, аз духтур гузаштагӣ будӣ? — набзи ӯро гирифту ташвишомез ба сари ӯ хам шуд Володя, — Боз аз духтур нагузашта рухсати қалбакӣ нагирифта бошӣ-а?

“Не” ба инкор сар такон дод Илҳом, чун ҳарф зада ҳам наметавонист.

— Чуқур нафас каш... Ҳеҷ гап не, одат мекунӣ... Барои ҳамин ҳам ба ин ҷо ба кор меомадагиҳоро бояд комилан аз

муоинаи аз духтур гузаранд. Ту ҷавон, дилат бақувват. Ана, аллакай шиддати зарабон паст мешавад, — вай боз лаҳзае набзи Илҳомро дошта истоду баъд амр кард: — Бархез, нам мекашӣ.

Аз миён панҷ-шаш дақиқа гузашт ё нагузашт, тапиши қалби Илҳом мӯътадил гардид. Лаҳзае баъд дар вуҷуди ӯ боз майли раҳгардӣ пайдо шуд, аммо пойҳои заифаш ҳанӯз ҳам меларзиданд. Вай ба ин гуна оҷизию нотавонӣ тан додан намехост, бинобар он зуд бархесту ба роҳ даромад.

Володя як нӯги арғамчинро ба зини асп баста, нӯги дигарашро ба дасти Илҳом дод, то ки онро дошта, бо мадади асп ба фарозӣ осонтар қадам ниҳад. Илҳом арғамчинро ба гирифтан гирифт, аммо ба он таья накард, чун ҳангоми вазни худро ба асп вогузор кардан асп аз роҳ бозистод. Ба ҳайвон ҳам раҳмаш омад.

Баъди понздаҳ-бист қадам роҳ рафтан Илҳом дубора аз по афтод. Ин дафъа ба вай чунин вонамуд шуд, ки шушҳояш ҷамъ шуда ба даҳонаш меояд ва дигар аслан нафас кашида наметавонад.

— Намешавад... Наметавонам... — гуфт вай ба чашми Володя нигоҳ накарда.

— Хез, ба асп савор шав, — амр кард Володя дар рӯ ба рӯи Илҳом сари аспро гардонда.

Илҳом ҳатто тобу тавони сари по рост истодан надошт. Володя ин ҳолро дида мунтазир истод ва пас аз он ки Илҳом қадре ба худ омад, вай таклифашро такрор кард.

— Не, — дар ҳолате ки чашмонаш боз бошад ҳам, ҳеҷ чизро намедид, ба инкор сар ҷунбонд Илҳом.

— Гапро пур накун, савор шав гуфтам, савор шав! —

қатъӣ амр кард Володя.

— Охир... охир ... асп... асп худаш басахтӣ мебарояду...

— Парво накун, савор шав! Хез... Тезтар.

Илҳом тавоноии аз замин худро ба рӯи зин гирифтан ҳам надошт, вале бо кӯмаки Володя ба асп ба мушкилӣ савор гашт.

Ҳама ҷавонон ба аспсаворӣ рағбат ва шавқи беқиёс доранд ва Илҳом ҳам аз ҳамин ҷумла буд, аммо ҳоло ин аспсаворӣ барои ӯ аз ҳар чӣ ҳам гарон, нангин ва пуразоб гашт. Вай аз нангу номус на ба рӯи Володя менигарист ва на ба гардани арақшори асп. Ӯ дар як вазъи бағоят ногувор, аз ночорӣ, ба қавли худаш "дар тахти равони шармандагӣ" нишаста мерафт. Аз як тараф — ба ҳоли асп дилаш месӯхт, аз тарафи дигар — барои нотавониаш ранҷ мекашид.

Асп дар зери бори барои баландкӯҳ гарон ба сахтӣ роҳ мерафт. "Роҳ мерафт" гуфтан ҳам иштибоҳ аст, хазида ба кӯҳ мебаромад. Сӯрохиҳои бинии он фах-фах мекарду аз он ҳаво ва бухор бо фишори азиме ҳуштаккашон берун мегашт. Ҷонвар гарданашро ба пеш дароз карда, гӯё хорбуттаи дар боло будагиро бо дандон газида ба пеш ҳаракат мекарда бошад, фукаш ба сангҳо расам-нарасам қадам мебардошт.

Бори аввал дар ҳамин ҷо, дар болои асп, Илҳом дарк кард, ки ин сол паёпай мағлубият ӯро думболагирӣ мекунад. Имрон ин хел шуд... Гулсифат... Боз ба болои сӯхта намакоб, ӯ ба донишгоҳ қабул нашуд. Ана дар кӯҳсор ҳам аз рӯзи аввал шармандагӣ. Рост мегӯянд: санг ба дари шакаста мезанад.

Вале боз лаҳзае нагузашта ӯ худро таскин медод: не, ин ҳамин тавр, дар назар ҳамин хел. Одам, ки як бор-ду бор

мағлуб шуд, хоҳ ба кӯҳ ояд, хоҳ ба водӣ ҳама ҷо ба назараш гувоҳи бебарории вай барин менамояд. Ҳоло ҳама кор хуб мешавад. Чунон кор кунам, ки ҳама шигифтзада шаванд. Кори одам кардагӣ... Дар китобе хонда будам, пирӯзии ҳақиқӣ ҳамон ғалабаест, ки баъди мағлубият ва нокомиҳо муяссар гаштааст. Одат мекунам, ба норасоии кислород ҳам, ба фишори пасти атмосфера ҳам, ба радиацияи баланди офтобаш ҳам. Охир дар дуньё бештар аз чиҳил миллион одамон дар баландкӯҳҳои аз сатҳи баҳр ду ҳазор метр ва боло аз он зиндагӣ мекардаанд. Дар китоб ҳамин хел навиштагӣ.

Илҳом дар арафаи ба кор омадан оид ба ҳаёт дар баландкӯҳ китобчаеро хонда буд.

Умраш бино гашта вай дар ҳеҷ коре ба ин андоза ночор ва нотавон намонда аст, ҳатто барои аз конкурси донишгоҳ нагузаштанаш ҳам чандон маҳзун нашуда буд. Имтиҳони аввалини донишгоҳ ошкор кард, ки вай хеле китобҳои заруриро нахондааст, ба ҷуз китоби дарсӣ, ниёзи омӯзиши китобҳои ҷонибӣ муҳим будааст. Илҳом каму кости худашро хуб дарк карду баъди имтиҳони дуввумро супоридан мадорикашро гирифта рафтанӣ буд, аммо рафиқонаш аз роҳ боздоштанд. Ҳарчанд гуфт — “соли отӣ омодагӣ мебинаму омада ҳаққу ҳалол ба донишгоҳ қабул мешавам”, ҳамаашон — “конкурс начандон бузург, аҷаб не қабул шавӣ, имтиҳони баъдиро бихон”, гӯён беҷиҳат ӯро иҷборан нигоҳ доштанд. Як саволи маъмулии иловагиро надонистанаш то ба ҳол ба вай аламовар аст. Духтур мешуда бошӣ, чаро якто ҳам гиёҳи шифобахши диёрамонро намедонӣ! Кош, бобояш табиби машҳур нагузашта бошад!

Тамоми умр мардумро бо доруҳои аз гиёҳ сохтагиаш табобат карда, овозааш рафтагӣ-а!..

Ҳоло вай тасмим дорад, ки дар канори кори аслиаш аз гиёҳҳои шифобахши кӯҳистон маҷмӯаи гиёҳони хушк созад. Аммо дар ин ҷо барф... гиёҳи казоӣ ҳам нест... Хайр, ҳоло ба тарафи Ангору Ҳаводара ҳам мефуроянд-ку.

Онҳо фарозро пушти сар карданд. Дигар гузарашон аз камари кӯҳ, монанди камарбанд, балки андаке ба поён хам зада мерафт. Илҳом аспро андаке ба ҷадал ронду ба Володя расида гуфт:

— Нигоҳ доред, ман фуроям.

— Нишастан гир... Ҳоло дар пеш боз кӯҳ ҳаст.

Онҳо боз аз ду теғаи осмонтарош радиф шуданд. Ҳаво бештар сардтар, осмон хиратар мегашт. Дар баландкӯҳ растанӣ ҳам кам, асосан, як ду хел алафи ба Илҳом ноошно фаровон буд, ки каме ба ҷорӯб ва какра монандӣ доштанд.

Ба таври ногаҳонӣ, онҳо аз болои дараи хушнамуде, ки дар нисбати ҷариҳои атроф фарохтар буд, баромаданд. Наҳраки пурталотуме бо ҷастухези худ онро обод мекард. Володя аспашро аз роҳ боздошту Илҳом ҷаҳида ба замин фуромад.

— Ана, ин ҷойро Ҷари Дарида мегӯянд, — гуфт Володя бори аспашро сахттар кашида ба қафо лағҷонда. — Ҳӯ, дар поёнтар дар лаби ҳамин об бошишгоҳи мо.

— Ғалатӣ... аслан дарахт нест-а! Ҳамин қадар об равон... — Ба атроф нигариста изҳори тааҷҷуб намуд Илҳом.

— Ин ҷо баландкӯҳ, фаромӯш накун, — гуфт Володя.

Онҳо ба роҳ идома доданд. Барфи обгирифта дар зери пой лой барин шалаппос мезад. Дохили кафши соқбаланди

Илҳом кайҳо тари тар, пойҳояш то ба соқ аз шиддати сармо лаблабу барин сурх гашта буданд.

— Ту тобистон биё, ин вақти сол азоби мо зӯр, — гуфт Володя ғолибан сахтиҳои дар пеши раҳи ҳамкори ҷавони худ истодагиро пеши назар оварда.

Илҳом ба бахши дармонии донишгоҳи тиббӣ қабул нашуданаш ва аз ҳар ҷиҳат кор бо маъданҷӯён ба вай зарур буданашро мухтасар ҳикоя кард.

— Агар духтур мешуда бошӣ, ба ту кӯҳгардӣ чӣ даркор? Ба геологӣ хон.

— Баъзе доруҳоро аз гулу гиёҳи кӯҳ тайёр мекунанд-ку, — гуфт Илҳом чӣ ҷавоб доданашро надониста, аммо бемавридии ин суханашро ҳис карду шарм дошта сурх гашт.

— Кӣ туро ба кор фиристод? Дарвеш?

— Ҳа, ҳамон кас.

— Вай одам катӣ чӣ хел шинос гаштӣ?

— Э-э... ҳамту... Тасодуфан шинос шудем, — ӯ қиссаи бо Дарвеш шиносо гаштанашро гуфтан нахост.

— Худаш наомад?

— Кӣ? — Дарвеш?.. Баъдан, вертолёт катӣ меравам, гуфтаанд. Амон ҳамин хел гуфт. — Сипас дар омади гап пурсид: — Магар, ба роҳатӣ ба кор намегиранд?

— Мегиранд... Каме қабл донишҷуёни ба таҷрибаомӯзӣ омадагӣ рафтанд, коргар даркор. Аммо на ҳар нафари пеш омадаро мегиранд. Дар баландкӯҳ кор кардан мушкил.

Онҳо қад-қади рӯд ба поён мерафтанд. Бо роҳи нишеб рафтан ба Илҳом чандон душвор набуд. Онҳо аз алафзори ба рӯяш барфи тар нишаста қадам зада мерафтанд. Ҳаво каме кушода гашта, аз чоки абрҳои парешон гоҳ-гоҳ офтоб

чеҳра менамуду лаҳзае нагузашта боз рух мепӯшид. Табиат баъди барфу бӯрон дубора зебо ва дилбастанӣ; алафу буттаҳои сабз аз зери барф сар мебардоштанд. “Чӣ хуб, ҳанӯз сармо назадааст”, мегуфт Илҳом худ ба худ хушҳол гашта. Вай зотан ҳеҷ намехост, ки сабзаҳо — нишонаҳои аз кудакӣ маҳбуби рӯзгори ӯ ба ин зудӣ нобуд шаванд.

Дар ҳар ҷо-ҳар ҷои сой ва соҳилҳои он сангтӯдаҳои бузург дучор мешуд. Одами гӯл ҳам ба як дидан иқрор мекард, ки ин кори табиат не, асари дасти инсон аст. Дар ин кӯҳсори боло аз абрҳо кӣ ин сангҳоро тӯда кардааст? Кори ду-се нафар не, садҳо касон ранҷ кашидагӣ... Бо мурури айём аз рӯи он селобҳо гузашта, сангҳо ба қайроқҳои калони суфта табдил гаштаанд. Аз он ки қисми бузурги сангтӯдаҳо кайҳо зери хок гаштааст, тахмин задан мумкин буд, ки аз тӯда кардани онҳо асрҳо гузаштааст... Ин кори табиат не, то рафт қатъитар ҳукм мекард Илҳом, кори дасти инсон. Ҳеҷ бовари кас намеояд! Воқеан, замоне дар ин водии баландкӯҳ, дур аз роҳ, дур аз шаҳру деҳа одамон кор карда бошанд?! Аҷоиб... Имрӯз бо мадади ҳамин қадар техника, мошину асбоб, тадқиқ ва истифодаи конҳои ин ҷоро ба оянда мавқуф мегузоранду... Вай инро аз Володя пурсидан хосту чобуктар ба пеш ҳаракат кард.

— Ҳӯ, ана чодирҳои мо, — бошишгоҳи маъданҷӯён намудор гашт ва бо ҳамин саволи Илҳом дар даҳонаш монд. — Аз ҳама поён азони ман, дар он ҷо рация. Ҳу, антеннааш менамояд. Ҳозир он хароб аст, кор намекунад. Аз он болотар чодири сардор, дар чодири баъдӣ се нафар геологҳо, ана, дар чодири ин тараф будагӣ, коргарон. Туро ҳам дар ҳамон чодир ҷо медиҳанд, — Илҳомро бо манзилгоҳ шиносо кард Володя.

Селаи кабкҳо шув-шув зада аз боло ба поён парида гузаштанд. Володя сарашро бардошта аз қафои ин мурғон хеле вақт нигаристу сипас ба осмони тираи абролуд назар дӯхт.

— Чӣ гап шуд? Чаро менигаред? — тааҷҷуб кард Илҳом.

— Дар ин ҷойҳо агар мурғи ҳилолу кабк аз кӯҳ фурояд, сармои сахт мешавад. Як чӯпони мӯйсафед дар Тавилдара ба ман ҳамин хел гуфта буд. Чандин бор санҷидам, ҳарфаш дуруст. Нав мурғи ҳилолро дида будам, ҳозир кабк парид.

Илҳом беихтиёр ба осмон нигарист. Абрҳои қӯрғошимранг ба ёли кӯҳҳо расам-нарасам, коҳилона ҳаракат мекарданд. Қуллаҳои баланд даруни абри тибитмонанд пинҳон буданд. Ҳаво нарм гашта барфи ғафси замин об гирифта буд. Онҳо ба манзили маъданҷӯён наздик омаданд.

### *Боби сеюм*

## *БӮРОН ДАР МОҲИ СЕНТЯБРЬ*

Нисфи шаб чодири калоне, ки даруни он шаш нафар коргарон ба замин бистар андохта хоб буданд, монанди завраҷе, ки ба чанги тӯфони дарьё афтодааст, мелаппид. Илҳом аз хоб бедор гашту дар равшании фонуси хирасӯз ба чодир, ки ба ҳар сӯ хам хӯрда, “мерақсид”, назар дӯхт. Чодир бағоят кӯҳнаю рангпарида, сердарбеҳ ва пуркашукӯк буд, аммо ба ҳамлаҳои пай дар паи бӯрон бо матонат тоб меовард. Илҳом аз болин сар набардошта ба овозҳои атроф гӯш дод. Бӯрон бо даҳшат мехурӯшиду ҳар лаҳза хаймаро

монанди бодбараки бачаҳо парронда бурдан мехост. Шавшуви оби сой ба гӯши Илҳом лаҳза ба лаҳза баландтар мерасид. Дили ӯро ваҳм гирифту хоб аз чашмонаш гурехт. Ҳамаи хаймаҳо дар лаби сой. Боз чунон сойи сарнишебе, ки агар сел ояд, ҳеҷ кас ҷон ба саломат намебарад, ҳамаро рӯфта меравад. Ғалатӣ. Ҳамин қадар геологҳои кӯҳшинос ҷамъ гаштаанду ин чизро нафаҳманд! Дар лаби дарьёҳои кӯҳӣ хона сохтан, хайма задан хатарнок аст! Э, қоил-е, боз мутахассис будаанд! Дар байнашон ягон одами бофаросат набудаст-дия...

Садои сой то рафт баландтар мегашт. Илҳом бархоста оҳиста дари хаймаро нимроғ карда ба берун нигарист, аммо дар торикии зулмонӣ ҳеҷ чизро дида натавонист. Ба берун баромада аз оби сой дидан кардан мехост, аммо ҷуръат накард. Ҷои ношинос, ки медонад, гурги гушнае ё гурозе камин гирифта бошад.

Илҳом дубора ба бистар даромаду як-ду бор сурфа кард: шояд касе бедор шавад. Баъди он, ки сурфааш таъсир накард, вай ду-се бор баланд-баланд хамьёза кашид. Бетаъсир.

Сониян Барака бедор гашту сараввал аз бедории Илҳом бехабар чизе гуфта ғут-ғуткунон Аҳмад-акаро ба ҷогаҳи худаш тела дода бурд. Баъд бистарашро ба тартиб медаровард, ки Илҳом боиси хавотириашро гуфт.

— Э, бехавотир хоб кун, дар ин ҷойҳо сел намеояд — Барака инро гуфту танашро ба даруни халтабистар кашид.

Илҳом фикр мекард, ки чаро ба ин ҷойҳо борони сел наметоридааст? Ғалатӣ. Ҷое, ки кӯҳу кутал ҳаст, сел ҳаст. Ё қонуни табиати ин ҷо дигар хел аст? Хайр, баландкӯҳи аз

абрҳо ҳам баланд... Аммо дар кӯҳҳои аз абрҳо боло ҳам абр будааст, барфу борон, сабзаю сой будааст-ку... Сипас вай насиҳати очаашро ба ёд овард, ки аз овони хурдӣ хотиррасон мекарданд: дар бистари хоб ҳамеша фикру хаёлҳои ширин кун. Илҳом дар хусуси духтараки имрӯз гуфтагиашон фикр кард. Аз гуфти саркор, дар Ангор ҳамсоли вай як духтарак ҳам будаст. Ду нафар будаанд, яке геолог, дигаре ошпаз, чанде пештар ошпазаш рафтасту инаш мондааст. Аз гуфташон хеле хушрӯ будаст. Номашро Норӣ гуфтанд. Гӯё як геолог ӯро дӯст медоштааст... Илҳом сайъ карда чеҳраи номаълуми он духтаракро пеши назар овардан хост, аммо натавонист. Вай ҳаёти духтараки латифандомро дар ин хел шароит ва иқлим ҳеҷ тасаввур карда наметавонист. Гумонаш ин сармою бӯрон дар тамоми ин кӯҳпоя ҳукмрон аст, чун ҳоло вай Ангорро аз ин баландкӯҳ тафовут намекард.

Риштаи фикри вай бобати дарьёфти панҷсад сӯм дар зарфи ду моҳи корӣ ва ба барномаи харҷи он банд хӯрд. Тахмин зад, ки нисфи маблағро ба падар медиҳаду нисфи дигарашро барои эҳтиёҷоти худаш масраф мекунад. Ё худ яктоӣ транзистору дурбини аккосӣ мехарад. Зимистон ҳам кор мекунад, баҳори дигар боз ҳамроҳи геологҳо ба кӯҳ меояд, то вақти имтиҳони донишгоҳӣ кор карда пул ҷамъ мекунад. Ба донишгоҳ қабул шавад, ба пул ниёзманд мешавад, то китоб харад, сару либос. Ба падару модари пиронсол пул фиристонед, намегӯяд. Ё бахташ омад кунаду... бобояш ҳамроҳи китобашон ягон чизи гаронқимат гӯр карда бошанд-а?! Очааш гуфтанд, ки бобояш ҳамроҳи тағоиаш як нимишабӣ сандуқи пури китобро ба боғ

бароварда гӯр кардаанд. “Замона нотинҷ буд, якеро бадраг[1] мегуфтанд, дигареро муллою қулоқ, якеро сурх мегуфтанд, дигареро сафед...” Баъд тағоиаш дар ҷанги Гирмон шаҳид гаштаанду соле нагузашта бобояш ҳам фавт мекунанду он китобҳо аз хотири ҳама мебарояд. Аз он пас ҳама ба якборагӣ аз деҳаи кӯҳӣ ба заминҳои навобод кӯчида мераванд. Бобояш табиби машҳур будаанд, китобҳои камьёби қадимаи зиёде доштаанду аз рӯи ҳамон китобҳо маризҳоро даво мекардаанд.

Илҳом азм карда буд, ки он китобҳоро пайдо карда, худаш аз онҳо баҳраманд гардад. Ба ҳамин мақсад вай алифбои кӯҳна — хати арабиро ёд гирифт. Дар деҳа саводи кӯҳна доштагиҳо ҳозир ҳам кам набуданд, зуд таълим доданд. Аҷиб, барои чӣ мудири мактаб “дар замонҳои қабл аз инқилоб аҳли қишлоқ ҳама бесавод буданд” мегӯяд? Ё саводи кӯҳна доштагӣ ҳисоб нест?.. Хайр, ман ҳамроҳи инҳо кор карда ба Ҳаводара бирасам, кофӣ. Мустафо Дарвеш гуфтанд, ки ба Ҳаводара ҳам меравӣ, деҳаи бобоятро ҳам мебинӣ. Он кас раиси инҳо, надониста як гапро намегӯянд. Аммо дар ин қаҳратун боз чӣ қадар вақт меистода бошем?..

Бо ҳамин андешаҳо ӯро хоб рабуд.

Бӯрон рӯзи дигар ҳам қатъ наёфт. Коргарон дар чодирҳо нишаста, қартаю домино бозӣ мекарданд, китоб мехонданд. Илҳом дар гӯшае ҷой гирифту ба хондани китоби “Химия”, ҳифзи қонуну қавоид аз ибтидо шурӯъ кард. Ҳарчанд ин машғулият ӯро дилгир месохт, аммо ба худаш қотеъёна аҳд карда буд, ки ин китобро мисли чаҳор амал ҳифз кунад. Гоҳе баҳсу талоши коргарон диққати ӯро

---

[1] *Шакли вайрони калимаҳои русӣ — батрак, кулак.*

аз китобаш мутаваққиф мекарданду ӯ химияро дар сари зону гузошта ба суханони онҳо гӯш медод. Ана, ҳоло дар хусуси кӯли Сарез, ки дар қалби Бадахшон ё ба қавли муаллими ҷуғрофӣ монанди як сатил об дар фарқи Помир ҷойгир шудаасту хавфи якбора саршор гаштанро дорад, баҳс мекунанд.

— Оби бисьёр надорад, — мегуфт яке.

— Сахт аст, намезанад...

— Ин гапи нав не, сағираҳо, — аз дарбеҳзании ҷувол сар набардошта эътирозомез ҳарф сар кард саркор. — Як заминшиноси донишманд омада буд, гуфт, ки ин ҳарфҳо қабл аз инқилоб буд, ҳамон солҳо олимони рус рафта тафтиш карда дидагӣ, ҳамааш соз.

— Мегӯянд, ки кӯҳ гаштагию пеши дарьёро баста кӯл пайдо шудагӣ, рост? — пурсид Барака.

— Рост, — Володя, ки то ин дам хомӯш суханони коргаронро гӯш мекард, таноби сӯҳбатро ба дасташ гирифту ҳама ба даҳани вай нигаристанд. — Соли 1913 олимон омада санҷида, реҷачӯб зада, як марди тоҷикро назоратчӣ таъин карда рафтаанд. Яксола моҳонаашро дода гуфтаанд, ки соли дигар меоянд. Бо ҳамин ҷанги якуми ҷаҳон сар мешавад, сонӣ инқилоб, ҷанги шаҳрвандӣ... Соли 1923 баъди даҳ сол ҳамон олимон дубора хабаргирӣ мебиёнд. Инро бинед, ки ҳамон назоратчӣ — тоҷики помирӣ ба истиқболи онон мебарояд. Даҳ сол боз вай дар сари вазифа реҷачӯбҳоро ишора мекардааст, чӯбҳо тамом шудаст, чӯбҳои дигар задаст... Ана, вазифашиносӣ!

— Дар миёни чор санг чӣ кор ҳам мекунад! — аз чӣ бошад Барака моҳияти хидмат ва вазифашиносии он

мардро ҳеҷ кардан хост, аммо ба луқмаи вай ҳам нафаре эътибор надод.

Ҳама фикр мекарданд, ки он марди пурҳиммат бо чӣ ният даҳ соли расо бемузду беминнат кор карда бошад.

— Ана, ҳамин хел, бародарҳо, — суханашро хулоса кард Володя, — одамоне ҳастанд, ки тақдири кӯли Сарезро бемалол ба дасти онҳо супурдан мумкин.

Фавран бобати заҳмати он марди назоратчӣ баҳс бархост ва коргарон яке ба дигаре навбат надода сухан мегуфтанд, ки дар таҳи дар Дарвеш пайдо шуду ҳама якбора сокит шуданд.

— Володя, — ба дохил ворид нагашта аз таҳи дар хитоб кард ӯ, — рацияро як бор хору мол кун, кош... Вертолёт даркор.

— Дар ин вазъи ҳаво ба ин ҷо вертолёт, меояд-чӣ? Эҳ-ҳе! Акнун кайф карда хобро занед. Ё аспакӣ равед.

— Захомати барфро бин, асп бебор ба сахтӣ раҳ мегардад. Чӣ метавонем, кунем-а?

Сардор дар фикр афтод.

Бӯрон якзайл мехурӯшид. Илҳом шаби баъдӣ ҳам бедорхоб шуд. Аввали шаб ба зудӣ ӯро хоб рабурд, вале нимишаб бо такони сахте бедор гашт. Карахтона дароз кашида лаҳзае саргаранг хобид. Сараввал гумон кард, ки заминларза аст, вале сипас доду фарьёди одамон ӯро ба худ оварду чашм кушода дид, ки нисфи поён чодир фурӯ афтодааст. Аксаран дар берун давуғеҷ доштанд. Ғайр аз ӯ боз ду нафари дигар дар бистар хоб буданд, ё бедор бошанд ҳам, аз бистари гарм баланд шудан намехостанд. Илҳом

саросема либосашро пӯшиду худро ба берун кашид. Барф то зону дар замин хобида буд, вале боз ҳам ҳамвора меборид.

Маълум гашт, ки дар зери барф хаймаро аз шаху санг тафовут накарда, гурозе худро рост ба болои он задааст, Барака дӯғу дабара карда фарёд задаасту хуки ваҳшӣ гурехта рафтааст. Юра Баракаро маломат мекард, ки чаро туфангро гирифта хукро напарронд.

— Э, ман ба тарафи вай исқот нигоҳ ҳам намекунам... Наменигарам, гуноҳ аст охир, мефаҳмӣ? — Барака хандида-хандида ба вай эътиқоди мазҳабии худро фаҳмонданӣ мешуд, аммо ӯ ҳеҷ сарфаҳм намерафт, ки чаро Барака ба тарафи хук наменигаристааст.

— Э, ин гапи муллоҳо, — гуфт Аҳмад-ака нимтанааш дар китф аз хайма баромада. — Мегӯянд, ки мусулмон ба хук нигарад, гунаҳкор мешавад. Гап-дия... Дар замони мо нанигариста мешавад? Ана, дар шаҳр ба кадом дӯкон надарой, гушти хук ҳаст.

— Фу!.. Ҳамин ҳам гап шуд, — Юра маломатомез сар ҷунбонд. — Ман ба ту авлоди мулло, канӣ, гӯшти хук нахӯронам!

— Ҳой, ҳамин дегу табақатро гирифта ба сой мепартоям! — Барака ҳам дар омади гап таҳдид кард.

— Гӯшти хук намехӯронам? А? Намехӯронам? Бигӯ?

— Канӣ, хӯронда бин, дар арвоҳи падарат... — Барака аз дашномҳои дастабиринҷии тоҷикиро беибо якеро ба забон гирифт.

— Хайр, монед... — Аҳмад-ака баҳси онҳоро хотима додан хост. — Агар одам нафаҳмида хӯрад, муҷрим нест. Бархилоф, гуноҳаш ба гардани нафари хурондагӣ мезанад, мегӯянд.

— Ҳой, чӣ ин қадар мағал мекунед? Чӣ гап? — Володя аз чодираш баромада, борониаш дар сари китф ба тарафи онҳо омад, — Сарез зад-чӣ, гуфтаам.

— Сарез занад ҳам, ба буҷули пои мо намерасад-ку, аммо гуроз қариб ҳамаро пора карда рафтагӣ буд, — гуфт Барака.

Дарвеш ва ду-се нафар геологҳо ҳам аз хоб бедор гашта, аз хаймаҳо берун омаданду ҳама дастҷамъӣ ба рӯфтани барфи болои чодирҳо оғоз карданд. Бо вазни барф сақфи хаймаҳо то ба ин ҳад хамида буданд, ки ба бинии одами дар он хобида мерасид. Пас аз рехтани барф аз сақфи хаймаҳо таноби онҳоро маҳкамтар аз нав кашида бастанд. Азбаски ба замини санглохи кӯҳсор мех кӯфтан душвор аст, ба нӯги ҳар як таноб сангеро баста, сипас онро бо ду-се санги дигар танба мекарданд.

"Чор хайма кашидаанду, аммо ҳоҷатхона нест, — тамасхуромез худ ба худ мегуфт Илҳом. Боз мардуми деҳаро бемаданият, қафомонда гӯён таъна ҳам мезананд. Дар деҳа пеш аз он, ки пойдевори ҳавлии навро резанд, ҳоҷатхона месозанд".

Коргарон ба мақсади қазои ҳоҷат ҳар яке ба сӯе, аз хаймаҳо дуртар мерафтанд. Илҳом — қад-қади сой поёнтар рафт. Ҳангоми бозгашт даст шустан хосту дар лаби об санг гумон карда дар торикӣ пояш ба сатилкӯҳнае бархӯрд, аммо эътибор надод. Сатил будани онро ҳам саҳарӣ, баъди сарсадо кардани Аҳмад-ака фаҳмид. Шабона дар зери барф сатилро аз санг кӣ фарқ мекунад?! Субҳидам Аҳмад-ака ба қавли Барака "молу мулкашро хабаргирӣ рафта, сатилашро

поскуна дида", чунон валвала сар кард, ки қариб Илҳоми навкор катӣ даст ба гиребон гардад. Азбаски Илҳом дар ин ҷо одами ҷадид буд, ғайр аз ин синну соли Аҳмад-акаро ба эътибор гирифта, ба дӯғу дабараи ӯ, дашному кинояҳояш ба нармӣ ҷавоб доду собирона истод. Бо ҳамин таҳаммулаш бурд кард: ҳама тарафдории ӯро карданду ба Аҳмад-ака дарафтоданд.

Дертар, вақте ки барои хӯроки нимирӯзӣ кӯмак мекард, Барака чӣ гуна будани ин одамро ба Илҳом шарҳ дод: Ин марди 45-46 солаи газгӯшти сиёҳҷурда чунон хасиси дилтанг будааст, ки Қорӣ Ишкамбаро ба як нӯл зада мегурезондаст. Агар тобистон аз кӯҳҳои ин ҷо як-ду халта зира начинад, ба қавли Барака "ошаш – ҳаром" будааст. Як килои зира дар бозор 50-60 сӯм! Тирамоҳ чормағзу хучу қарақот ва ҳар гуна дорувору нозу неъмат ҷамъ мекардааст. Илова бар ин, шикор карда гӯшти хушк, мӯина, равғани суғур мегирифтааст. Гӯшти суғурро дар шаҳру деҳот одамон барои доругӣ мехаридаанд. Аҳмад-ака барои хароб нагаштани гӯшту равғани суғур онро дар сатил, дар оби сарди сой нигоҳ медоштааст, ки Илҳом шабона ноогоҳона онро чаппа кардааст. Хушбахтона, даҳанаи сатил баста будаасту гӯшту равған аслан кам нашудааст.

— Боре бачаҳо як шиша равғани суғурашро аз лаби сой гирифта пинҳон кардаанд, ҳамаро саргаранг кард, — гуфт Барака дар интиҳо.

Аз рӯзе, ки Илҳом ба кор омад, барф заминро чун бистари махмалии сафеди захим пӯшида табиат муқаррароти худро пиёда карда буд ва ҳама ҷондору беҷон бояд шарту шароити кӯҳсорро риоят мекарданд ва аз ин рӯ кори даста ҳам қатъ шуда буд. Ҳамагон дар чодир бандӣ

гашта убури замонро мунтазир буданд. Аҳмад-ака ҳамеша бо як қатра оби овезони дар нӯги бинӣ, бо овози гӯшхарошаш кулли рӯз ғут-ғут карда, манфури Илҳом мегашт. Вай бо эродгириву хӯрдагариаш дигаронро ҳам ба танаффур оварда буд. Илҳом дар куҷое хонда буд, ки аз рӯи дастхати одам хислат ва хулқу атвори ӯро фаҳмидан мумкин аст, вале алъон мутмаин буд, ки аз рӯи нутқ ва лаҳни сухан ошкор кардани шахсияти инсон боз ҳам осонтар аст. Ҳарфи ин мард чунон дилгир, овозаш чунон нофорам аст, ки одамро ба асабоният наздик меовард.

Баъди пешин Володя Илҳомро ба шикор бурданӣ шуд. Аз қартабозию домино дилгир шуда буд магар, хоҳиши ҳамроҳӣ кардани Илҳомро ғайриназардошти ӯ, рад накард. Володя туфангашро ба китфаш андохт ва ҳар ду ба роҳ афтоданду Аҳмад-ака аз думболашон фарьёд кард:

— Ҳамон як чоба ба ман даркор... канор гузоштагӣ, ҳеҷ кас даст назанад.

Онҳо ба новае ворид гаштанду аз рӯи барфи нарми сап-сафед рӯ ба боло рафтанд. Бидуни айнаки зиддиофтоб чашм боз карда ба атроф нигаристан ниҳоятан мушкил. Володя инро дониста ба Илҳом айнаки кӯҳнаи худро дода буд.

Чанд сол қабл аз ин дар ин ҷо ногаҳон шабе кӯҳ гашта, манзилгоҳи як дастаи маъданҷӯёнро пахш кардааст. Ҳамаи нишонаҳои он фоҷиа зери барф монда буд ва Илҳом чизе дида натавонист. Дар ҷои фалокат зиёда истода натавонистанд: Боди тунди сард барфро мисли рег пахш карда ба чашму сурат мезаду мағз андар мағзи устухонро сӯрох мекард.

Илҳом ҳангоми бозгашт чобаи Аҳмад-акаро бо лагадаш чунон зад, ки он аз кӯҳ ба поён ғелон гашт. Чоба

дар кӯҳсори хомӯш ғулғула андохта ба сӯи ҷарии бетаге парида рафт. Володя ба ин рафтори Илҳом нигариста табассум карду чизе нагуфт, вале Илҳом бо ин лабханд чӣ гуфтан хостани ӯро нафаҳмид. Шояд ин тавр ситезакор нашав, хуб нест мегуфт ё ту ҳам бачаи соддалавҳ не, қасдатро гирифтӣ, мегуфт, аён набуд.

— Фуромада мегирад, — гуфт вай аз кори худ андаке хиҷолат кашида.

— Соли дигар... барф об шавад, — зери лаб ғурунгос зад Володя.

Дар ин мусибатҷо инсон ба оҳанги дигар сухан гуфта ҳам наметавонист.

Ҳангоми бозгашт Володя бо умеди сайд задан хаму печи кӯҳҳоро хеле давр гашт, аммо ҳеҷ чиз дучор наомад.

— Хирс хоб аст, — ноумедона аз сайдгирӣ гуфт вай, — кабку оҳу ҳам ба поёнкӯҳ фуромадагӣ.

— Шикори хирс дар ин навъ кӯҳҳои бедолу дарахт хатарнок нест? — пурсид Илҳом. Дар мавриди хато рафтани тир ба сайёд чӣ хавфе таҳдид карданашро вай ҳоло ба назар меовард.

— Албатта. Ҳар шикорчӣ ҷуръат намекунад. Сиҳат-амак чандин бор бо хирс рӯ ба рӯ гашта, ҳар ду ба ҳамдигар боодобона таъзим салому алейк карда гузашта рафтаанд. Хирсро беҳуда “Хӯҷаин” намегӯянд, вай худашро подшоҳи кӯҳистон медонад. Ҳаргиз дар як қаламрав дуто хирс намегардад; танҳо замони ҷуфтгирӣ дутояшро бо ҳам мебинӣ. Вақти дигар агар ба якдигар рӯ ба рӯ шаванд, ҳатман яктоаш дигарашро нобуд мекунад. Як бор ман аз болои кӯҳ даъвояшонро тамошо карда будам. Э-э, аз наърааш кӯҳмеларзад-е! — бо даҳшат сар ҷунбонд Володя.

— Ҷангашон бо чӣ тамом шуд?

— Чӣ мешуд?! Яктааш мурд, дигараш маҷрӯҳ, сари синааш чок гаштагӣ барин, — Володя аз гарданаш то ба нофаш хат кашида нишон дод, — хуншор. Аз дур дурбин катӣ медидам.

Илҳом дар тассавури ҳокимони ин макон ба кӯҳҳои сар ба фалак печида нигоҳе андохт. Баландӣ қалби Илҳомро, хаёли ӯро парвоз мебахшид. Дарвоқеъ, иртифо инсонро ҳамеша ба худ ҷалб мекунад. Дар баландӣ одам тавонотар, покизатар, аз қайди резу хурди ночиз фориғ, озодона нафас мегирад.

### *Боби чаҳорум*

## *ИНЧИҚИИ АҲМАД-АКА*

Бо баҳонаи он ки аз чой бӯи дуд меояд, Аҳмад-акаи дасисаҷӯй ҳамон шаб дар сари дастархон дар назди ҳама боз ба Илҳом тундӣ кард.

Ғазои аз наҳор боқӣ мондаро гарм карда хӯрданӣ буданд. Ба Илҳом амр карданд, ки ба зери дег алав гузорад. Вай аз зери самовар як тарошаи сӯхтаистодаро гирифта, ба таги дег ниҳоду пуфу куфкунон бо ҳезуми тар оташро равшан кард ва аз самовор хабаре надошт. Дар ин замон алави самовори бе сарпӯш хомӯш гашта дуд кардаст ва ба оби ҷӯшон каме бӯи дуд нишастаст. Аҳмад-ака ба ин кор Илҳомро муттаҳам карда мегуфт:

— Ту, бача, ҳушьёр шав, аз рӯзи аввал қадамат шум омад.

— Нигарон набошед, ака, охираш хуб мешавад, — тун-

дии ӯро бо ҳазл баргардонд Илҳом, аммо аз ин сухани дурушт дар дилаш як захми нороҳаткунанда монд.

— Охиратро ҳам мебинем... Агар манманию ҳавои даҳанат ҳамин хел бошад, дур намеравӣ, бача.

— Э, ман лолачинӣ наомадам, ки дур равам! — Илҳом барқасд худро ба гӯлӣ заду бо ҳамин мазоҳу тамасхур аз Аҳмад-ака интиқомашро гирифтан хост.

Ба ҷавоби вай ҳама хандиданд. Аҷаб не, барои соддагӣ, ниқоргирии оҷизонаи ҷавон ва мулзам кардани Аҳмад-ака бештар хандиданд.

— Хок кашад... ду рӯз кор накарда гап мезанад... Худо гирад... — мегуфт Аҳмад-ака заҳрааш ҷӯшида.

— Дуои суғурҳои маъюбу маслуқ туро ҳам мегирифт, нағз мешуд, — гуфт Сиҳат-амак, ки нӯхтаю лаҷоми аспҳоро бастаю дӯхта менишаст.

Аз ҷонибгирии саркор дили ҷавон ба риққат омаду дар чашмаш ашк ҳувайдо гашт.

— Суғурҳо ба ҳукумат шикоят навиштаанд, — Дарвеш аз дар даромада ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд. — Аҳмад-ака ба мо асобағал ёфта намедиҳад...

— Аз барои савоб, домулло... охир яктаашро ҳам маъюб накардаам. Аз худашон мебофад инҳо, — Аҳмад-ака оташин гашту ба Сиҳат-амаку Володя ғазаболуд нигаристу як қатра оби дар нӯги биниаш овезонро бо дастмол пок карду ҷиддӣ, бо як оҳанги пурсӯзу гудоз ба худсафедкунӣ оғоз кард: — Суғур дар таги дараш бошад, кадом аҳмақ тирро ҳайф карда мепарронад?! Ман мунтазир мешинам эҳҳе-е, соат-соат мепоям, ҳамин ки суғур аз хонааш дуртар рафт, баъдан мепарронам, — вай бинӣ кашида-бинӣ

кашида, дасташро шоф карда мефаҳмонд. Авзоашро дида гумон мекардед, ки ин одами бечораест ва ӯро бедалел гунаҳкор кардаанду озурдаанд.

— Мепаронию... — сухани ӯро идома дод Сиҳат-амак, — сонӣ ту ҳам суғури маҷрӯҳ ҳам пойга карда ба тарафи хонаи вай медавед... Ҳай медавӣ-да, Аҳмад! Лекин ман ба ту гӯям, ана, дар ҳамин пойга суғури маҷрӯҳ чобукӣ мекунад! — Сиҳат-амак дар пеши Дарвеш нарм-нармак, ба киноя пӯстаки Аҳмад-акаро афшонд.

— Э, номаъқул кардӣ! — дасташро шоф карда, оби даҳонашро пошида ба сари вай ҷаҳл кард Аҳмад-ака. — Аз ҳасудӣ ҳар чӣ гуфтан мегирӣ! Кай дидӣ?! Дар куҷо? А? — суп-сурх гашту рагҳои гарданаш барҷаста ба саркор таҳдид кард ӯ.

— Лекин, як дафъа ман ҳамроҳатон будам, хотир доред, суғурро задеду вай фирор карда ба хонааш даромад, — аз чӣ сабаб бошад, сири ошнояшро фош кард Барака.

— Э, рав-е! — боғазаб ба тарафи Барака даст афшонда инро ҳам тан нагирифт вай.

Ҳозирон хандиданд.

— Як шиша равғанашро чанд пул мефурӯшӣ? — баъди пасанда гаштани ханда савол дод Володя.

Аҳмад-ака гӯшашро ба карӣ заду ҷавоб надод. Дарвеш саволи Володяро такроран пурсид:

— Хайр, гӯед, чанд пул мехаранд? Ҳеҷ ҷои айб нест.

— Э, хоки сиёҳ... се сӯм-чор сӯм.

— Рӯят сиёҳ! Аз даҳ сӯм кам намедиҳӣ! — аз кораш сар набардошта, дурӯғи ӯро ислоҳ кард Сиҳат-амак.

— Пӯсташу гӯшташ-чӣ? — боз пурсид Дарвеш.

— Пӯсташ аз равғанаш ҳам азизтар, — шарҳ дод Бара-

ка. — Одаме, ки азоби дарди камарро кашидаст, ба рӯи пул наменигарад.

— Солҳои охир суғур хеле кам шудааст. Қаблан гурӯҳ-гурӯҳ пеш меомад, — Юра, ки лақабаш “Китобхон” буд, ба сӯҳбат ворид шуд.

Дар мавриди вай мегуфтанд: “Меравад — кор мекунад, меояд, — хӯрок мехӯрад, мешинад — китоб мехонад”. Ҳақиқатан, ӯ, аслан ба гуфтору кирдори бақия ҳамроҳ набуд, ҳатто рӯзи дароз ҳамроҳаш дар як хайма нишинед аз даҳани вай садое ҳам намебарояд.

— Худо қувват диҳаду Аҳмад боз шаш-ҳафт соли дигар бо мо кор кунад, зоти суғур ҳам қирон мешавад, — ғурунгос зад Сиҳат-амак.

— Ту худат нигар! Ҳар сол чандто оҳу мезанӣ, шумурдӣ? — ғолибан Аҳмад-ака раҳоӣ аз ҳуҷуми ҳамкоронро дар ҳамлаи ҷавобӣ дида, хушҳол гашта буд. — Мо ҳам даҳан дорем, саркор, андеша карда гап зан. Вертолёт катӣ кӯҳ ба кӯҳ ғурму оҳуро кӣ шикор кард?

— Кӣ шикор кард? Ман?

— Не, ман!

— Ҳой, ман куҷою вертолёт катӣ шикоркунӣ куҷо! Охир вертолёт катӣ калонҳо... Ана, домулло гӯянд, — саркор ба Дарвеш ишора кард. — Туфангам даркор шуд, додам.

— Э, мон, мон... Милтиқаш лозим шудааст. Ин гапро рафта ба наберачаат гӯй, бовар мекардагист, — ба даъвои ӯ тан намедод Аҳмад-ака.

— Худо гирад, акнун домани олудаатро ба домани поки ман бастан мехоҳӣ? Ин нағмаат намегузарад.

Сипас мукаламот дар бораи сайд ва сайёдӣ шуду ҳар

нафар аз қиссаи шикори худ ҳикоя кард. Саргузашти ҳар яке ҳар гуна бошад ҳам, натиҷаи гуфтугӯи сайду сайёдӣ мутафарриқ набуд: солҳои охир дар кӯҳистон сайди казоӣ намондааст. Пештар дар атрофи деҳаҳо хониши кабкро мешунидед, акнун фақат дар домани кӯҳҳои дурдаст.

Кам-кам мавзӯи сӯҳбат ба сари музди меҳнат, нарху наво, хӯроку либос мунтақил шуду Аҳмад-ака аз маишату истироҳат, ки қаблан дар авҷ буд, ҳикоят кард. Пул чунон бо баракат будааст, ки бисту панҷ сӯми ҳозира — дусаду панҷоҳ сӯми пештара катӣ як моҳ рӯзғори вай шоҳона мегузаштаст. Гӯсфанд кушта, ҳар ду маҳал кабобу палав мехӯрдаанд. Сиҳат-амак мегуфт, ки бо халта ба хонааш пули моҳонаашро мебурд. Вай аз адолату одамгарӣ, доноию хоксории роҳбарони қаблӣ ҳарф мезад.

Илҳом хулосабандӣ кард, ки онон норизоят аз ҳаёти имрӯзаанду ҷабрдидаанд, чун ҳанӯз намедонист, ки бештари мардум рӯзҳои гузаштаро ҳамеша бошукӯҳ ва пурфайз мебинанду рӯзгори имрӯзро оддиву бешаҳомат.

Шаби саввум ҳам барф бориду билоохира рӯзи дигар ҳаво андаке кушод; кӯҳу кӯтал — ҳама ҷо сап-сафед, чашм боз карда намешуд ва Илҳом барои айнаки сиёҳ наоварданаш гаштаву баргашта афсӯс мехӯрд. Радиои Душанбе хабарҳои нав мешунавонд. Соати шаши бомдод ҳавои Душанбе 18 дараҷа, Қалъаихумб — 16 дараҷа гарм будааст. Дар Қалъаихумбе, ки дар зери пои онҳо — ҳамагӣ 60-70 километр поинтар аст, ҳавои гарми поиз, аммо дар ин ҷо зимистони қаҳратун, ба қавли Барака, "лабу даҳони сой ях кардагӣ". Иқлими ин ҷойҳо Илҳомро дар ҳайрат мегузошт: шабу субҳидам сармои қаҳратуне, ки туф кунед,

ба замин наафтода ях мекунад, нимирӯзӣ ҳаво кушода офтоб намоён мешаваду дар як лаҳза барф аз рӯи зовҳо мефурояд.

Барфи пай дар пай мароми кори дастаро қатъ намуд. Барака — ошпаз, Илҳом — ҳезумкашу дастёри ошпаз, дигарон — хӯранда — кулли рӯз дар хайма, даруни бистар хобида китоб мехонанд, шоҳмоту қартабозӣ мекарданд.

Илҳом рӯзе як бор қад-қади сой, се-чор километр поинтар, ки дар марғзори сералафе аспҳои даста мечариданд мефаромаду, ду аспро гирифта барои ҳезум овардан боз ҳам поёнтар мерафт. Барф бо ҳамзамон кам шудани иртифо тунук гашта долу дарахти кӯҳсор афзудан мегирифт. Вай ба ҷангалзоре мерасид, ки соли қаблӣ чӯпонон ва маъданҷӯён барои ҳезуми имсол дарахтонро бурида гузошта буданд ва ҳоло ҳезум хушк шуда барои ҷамъу бор кардан омода буд.

Пас аз ҳезумро овардан, еми аспҳоро гирифта боз ба марғзор фуромадан ва баргашта ба бошишгоҳ омадан барои ҷисми одатнакардаи ӯ вазнин буд. Охири рӯз баъзан пойҳояш ба ӯ итоат намекарданд, вале боз ҳам ба ин нигоҳ накарда, лаҳзае паҳлу зада нафас рост мекарду маҷбуран, гарданашро хорида-хорида боз ба раҳ медаромад.

Баъд аз зуҳр вай дар ошпазӣ ба Барака дастьёрӣ мекард, бахусус, агар Аҳмад-ака ба ягон кори пухтупаз даст задан хоҳад, зуд он корро аз дасташ мегирифт, чун аслан намехост, ки ин одам ба дегу табақ наздик шаваду қатраи оби дар нӯги биниаш овезон, иттифоқан ба дег ё ба косае касе афтад. Аз субҳ то шаб ҳар коре, ки барояш бифармоянд, бо тамоми вуҷудаш бо шавқу хушнудӣ анҷом медод. Оҳиста-оҳиста ба кору шароити баландкӯҳ чунон одат кард, ки

хастагиро эҳсос наменамуд, дар тамоми тули рӯз дар таҳрик буда, боз ҳам хурсанд ва рӯҳбардор буд, шеър мехонд, оҳанге мутаранним мекард. Овозаш ширадор не, сурудаш ҳам аксар якнавохт, аз таронаҳои халқӣ иборат буду, истисноан, як-ду суруди эстрадии аз фильмҳои тоҷикӣ ҳифзкардаашро зери лаб замзама мекард. Баъд воқеае пеш омаду сурудхониро қатъиян хотима дод ва ё ба ҳар ҳол, дар ҳузури дигарон тараннум намекардагӣ шуд. Яке аз шабҳои сармоӣ вай дар берун зарфшӯӣ мекарду сурудеро ба ҳавои фалакӣ мехонд. Ҳама дар хайма нишаста, баъди таом чой нӯшида сарсадо мекарданд. Ногоҳон аз қафо Барака овоз баровард:

— Э, дӯст!.. Қандата зан! Ту ҳофизӣ ҳам доштай-ку!

— Э, ҳамту... — ба хиҷил омад Илҳом ҳарчанд ин таҳсин ба вай бисьёр хуш омад.

Вақте ки Илҳом ба хайма баргашт, аз вай дархост карданд, ки суруде бихонад, то маҳфили онҳо каме гарм шавад ва ба дасташ табақчаеро дода ҳама баробар хоҳиш карданду Илҳом шармида-шармида як суруд хонд. Аксарият чашми ӯро хато карда ба ҳамдигар чашмак мезаданд, сураташонро турш карда ба гӯлию соддагии вай тамасхур менамуданд, аммо дар поёни суруд ба рӯи Илҳом нигариста суханони таҳсин мегуфтанд ва орзуи тавфиқ мекарданд. Ин ҳол ҳар рӯз як-ду маротиб такрор меёфт ва кам-кам бархе истеҳзо карда хандаи худро дошта натавониста қаҳ-қаҳ зада аз давра дур шаванд ҳам, Илҳом ҳеҷ фикр намекард, ки онҳо ба мазоҳу масхараи вай механданд.

Як шом дар сари оташдон ӯро иҳота карданд то суруд хонад. Илҳом ҳам не нагуфта зуд розигӣ дод, аммо Барака

пешниҳоди ба болои харсанги бузурги дар паси оташдон буда баромада ҳофизӣ карданро дод, ки бақия ҳам ин таклифро дастгирӣ карданд:

— Ту Рашид Бейбутови мо, баро-е, аз боло бихон!

— Э, ту аз Ҷӯрабек Муродов намемонӣ-ку?! Шояд оянда ҷои ҳамуна мегирӣ. Ҳамту не?

— Ҳа, албатта! Баро-баро! — ҳозирон ӯро такон дода ба болои шах бароварданд.

Илҳом нав дарк кард, ки онҳо ӯро мазоҳу истеҳзо мекунанд. Ранҷид. Чунон аз сурудхонӣ дилсард гашт, ки агар "суруд" гӯянд ҳам, абрӯяш чин мегашт, агар нафаре суруд хон, гӯён таклиф кунад, асабонӣ мегашт.

Ҳамин тавр дастаи маъданҷӯён як ҳафта чашм ба ҳаво нишастанд, аммо мунтазириашон поён надошт: рӯзҳо ҳаво андаке кушода гашта, барфи рӯи сангҳои офтобрӯя об шавад ҳам, шабонгоҳ барфи тоза дубора ҳама ҷоро сап-сафед мекард. Ҳама аз бекорӣ дилтанг буданд. Фақат шикорчиён ҳамеша барои худ саргармие доштанд: ба шикор мерафтанд, бо туфангтозакунӣ машғул буданд, қиссаи сайдгирии худро гаштаю баргашта мегуфтанд.

Билохира, як субҳидам дар сари суфраи субҳона Дарвеш ба Сиҳат-амак гуфт:

— Омода бошед, агар ҳаво тағйир наёбад, фардо ду-се нафар ба Ангор меравед, фикр мекунам, ки дигар дар ин ҷо чуқурканию таркондан ғайриимкон аст. Мо боз озмуни ду-се ҷойро бояд гирем, каме регшӯӣ мекунему озмунҳои зери барф мондаро ҷамъ оварда ба манзили обуҳавосанҷҳо интиқол мекунем.

Дарвеш низ пас аз ду рӯзи расидани Илҳом ба ин ҷо

омаду вазъияти обу ҳаво дигаргун шуда дар ин ҷо побанд гашт. Корҳои нотамом, аз ҷумла озмуни бисьёре, ки дар зери барф монда буд, ӯро ба ташвиш меовард.

Илҳомро хабари аз ин барфистон кӯчидан аз ҳама бештар хушҳол кард. Аз ин бекории дилгиркунанда, аз сармои қаҳратун ба ҳар ҷо бираванд, ӯ хурсанд аст. Шояд ба Ангор меравaнд? Аз Ангор то Ҳаводара як қадам роҳ аст, гуфта буданд. Вай канор рафта нақшаи хурдакаки аз рӯи харитаи Тоҷикистон нусхагирифтаашро кушод. Дар он на Ангор буд, на Ҳаводара, фақат рӯди Ангор, ки он ҳам беном, мисли як шохоби нозук. Ӯ мураттабан, ин нақшаи кучакро дидаю санҷида, тахминан ҷойгиршавии деҳаи Ҳаводарaро бо нуқтае ишора карда буд. Ана, дарьёи Ангор, — мегуфт вай худ ба худ, — ана ин тараф Ҳаводара... Даҳ-понздаҳ километр барин... Аммо дар ин хел ҳаво бефоида... Дар зери барф... Афсӯс, баҳор омадан зарур аст. Чӣ донам, ки дар ин ҷойҳо тирамоҳ ҳам мисли зимистон. Хайр, ҳар чӣ зудтар аз ин “Қутби шимол” равем. Эҳтимолан, дар Ангору Ҳаводара ҳоло барф наборида бошад? Бояд пурсид... Ана, дар Қалъаихумб саҳарӣ дувоздаҳ дараҷа гарм будаст, Ангор ҳам шабеҳи он шояд бошад...

Илҳом дар ин ҷо аз чанд ҷанба дар шиканҷа буд, аммо ҳаргиз онро зоҳир намекард, метарсид, ки боз дар зери ҳарфи ҳамкорон мазоҳу масхара мешавад. Дастьёрӣ, ҳезумшиканиву чойҷӯшонӣ дилгиру хастакунанда буд. Ғайр аз ин, дар хаймаи нозуки баҳорӣ хоб кардан барои ӯ азобу азият буду даруни халтабистар шабҳои тӯлонии барфӣ аз сардӣ ларзида мебаромад, вале бақия кӯрпаю бистарҳои иловагӣ доштанду роҳаткунон мехобиданд. Бекорӣ ҳам,

сармо ҳам аз як тараф, пичингу кинояи ҳаррӯзаи Аҳмад-ака аз тарафи дигар. Илҳом аз вай малолатангез гашта буд. Ин марди ба қавли аксар девкор, вақтҳои охир ба ҳар як кори вай эрод мегирифт. Дирӯз шом Илҳом ба ду асп ҳезум бор карда овард. Аз поин то ба баландӣ баромадан бори яке аз онҳо лағҷида ба қафо овезон гашт. Азбаски то манзил андаке роҳ монда буд, Илҳом бори онро кушода аз нав набасту идомаи роҳ шуд. Аҳмад-ака дар таҳдари хайма болои кундае нишаста оинача дар даст буруташро тамошо мекарду бори аспро овезон дида пеш омад.

— Э, қоил, Симфония, қоил! — бо заҳрханда гирди аспро давр зад вай. Бархе аз маъданҷӯён баъди сурудхонхониаш дар болои санг ба вай лақаби “Симфония” дода буданд. — Охир нав такаббур доштӣ, ки бор баста метавонӣ. Хӯш, ин чӣ шуд? А? Боз ин кас шурф мекандаанд! Ҳоло ба дастат белу зоғнӯл бигирӣ, баъд ҳолат чӣ мешавад? А? Ана ҳамин тавр, кори дуньё бозӣ не... Ҳалво гуфтан катӣ, даҳан ширин намешавад. Дар бағали очаат биншинӣ намешуд?

Ҷисми Илҳом аз ин суханони дашномомези вай ба ларзиш афтод, ба гиребони Аҳмад-ака каме монда буд дарафтад, аммо худдорӣ кард.

— Ҳеҷ гап не, кам-кам ёд мегирад. Бачаро бисьёр ранҷ надиҳед, — Барака ба миён даромаду бори аспро ҳар ду фуроварданд.

— Ёд мегирад-а! Мактаб ҳам мекушоем... Худат муаллим мешавӣ. Модоме, ки ин баробари ману ту лой мегирад, баробар кор кунад-да! Чаро мо аз тани ин кор мекунем?! — бо “лой” гуфтан музди корро манзур дошт ӯ.

— Э, ғам нахӯред, ҳар кас кори худашро мекунаду ҳаққи худашро мегирад... Беҳуда ҳақ намедиҳанд, — Барака ӯро ором кардан хост.

Ба Илҳом аламангез буд, ки ин одам тақрибан даҳ рӯз аст, ки фориғ нишаста пухтаю сохтаи Баракаю ӯро мехӯраду боз бесабаб маломат мекунад. “Агар барф намебориду дар шуғли худ будам, бимирам ҳам ҳаҷми корамро иҷро мекардам”, мегуфт ӯ худ ба худ. Ӯ мутаваҷҷеҳ намешуд, ки чаро аксарият ин ҳама ташвиши пухтупаз ва ҳезумкаширо кор ҳисоб намекунанд, мисле ки ин кори ночизе асту Баракаю Илҳом бояд иҷро кунанд. Ҳар шаб Барака баъди таомхӯрӣ омин карда, дасти фотиҳа ба рӯй мекашиду бо овози баланд фарьёд мекард:

— Сигодни катёл кито будит стирайт?[2]

Ба саволи вай ҳама аввал механдиданду ҷавоб намедоданд. Баъдан мисли ҳамешагӣ Аҳмад-ака Илҳомро нишон дода мегуфт:

— Вот маладой...

Барака мехост, ки аз рӯи инсоф дигарон ҳам бо навбат ин корро ба зимма гиранд, аммо ба ихтиёри худ ҳеҷ кас ба ин кор даст задан намехост. Илҳом бори аввал бо чашми худ медид, ки одамон чӣ тарз ба хидматгори беминнат зуд одат мекунанд. Хайр, мутахассисон — заминшиносони маълумотдор ба худ ин корро муносиб набинанд, ҳақ доранд, аммо Аҳмад-акаю Юра чӣ?! Аслан, Сиҳат-амак ҳам коргар

2 *Мафҳумҳои “мыть” ва “стирать” -ро, ки дар забони русӣ ҳар яке мавқеи худро дорад, дар забони тоҷикӣ баъзан бо як калимаи “шустан” ифода мекунанд. Дар ин ҷо Барака фикрашро аз тоҷикӣ ба русӣ ноуҳдабароёна тарҷума карда мегуфт. (Шарҳи муаллиф)*

аст, хайр, саркор гӯён эҳтиром мекунанд. Юра-ку, ашрофзодаи тайёр, дасташро ба оби сард намезанад. Коргари хуб, рафиқи беозор, аммо ба кори пухтупаз, дегу табақ хуш надорад. Сиҳат-амак чанд маротиб ба таври ҷиддӣ бо ӯ ҳарф зад, аммо бетаъсир, аз китобаш сар набардошт. Саркор дид, ки суханаш осоре надоранд, даст афшонду ғут-ғуткунон гуфт: "Ҳоло гӯшашро бибуред ҳам, аз китобаш сар боло намебардорад! Ба ман бовар кун, ман ин мардумро мешиносам. Ин қадар инҳо ошиқи хату қаламанд! Ҳар ҳафта даста-даста нома мегирад, ҳамаашро мехонад. Мактубҳояш тамом шавад, баъдан ба китоб мечаспад. Аз шаҳр чизе супориш карданӣ шавад ҳам, ба дархости шифоҳӣ номутмаин буда ҳатман онро навишта ба дастатон медиҳад.

Илҳом дар торикии шаби кӯҳсор аз махзани чойҷӯшонӣ оби ҷӯш рехта зарфҳоро пас аз шом мешусту ҳамаи гуфтору кирдори дар рӯз сипарӣ шударо ёдоварӣ карда, таҳлил мекарду хулоса мебаровард.

Барф боз ба боридан оғоз карду кулоҳу китфу гиребони ӯро кам-кам сафед намуд.

Дастаи заминшиносон боз ду рӯзи дигар чашм ба осмон нигарон истоданд. Сиҳат-амак ҳар рӯз бо Баракаю Илҳом ба кофтукови озмун мебаромад, аммо барфи сангин хамиву баландиҳоро ҳамсон карда буд ва онҳо аз тӯдаҳои озмуни дар ҳар ҷо монда ному нишоне пайдо накарданд. Геологҳо аз бенатиҷа будани ингуна ҷустуҷӯ таъкид кунанд ҳам, Сиҳат-амаки беқарор бекор нишаста наметавонист.

— Дар куҷо будани он озмунро бо чашми худ надидаам, вагарна, дар шаби торик ҳам мустақим рафта меовар-

дам, — мегуфт ӯ бо ҳасрат.

Саркор пешниҳоди бо ҳам кавоширо ба геологҳо кард, чун онҳо он озмунҳоро аз кӯҳ гирифтаанд ва маконашро ҳам дақиқтар балад ҳастанд, аммо заминшиносон сад намуд ваҷҳу баҳона пеш оварда гуфтанд, ки оворагии номатлуб чӣ лозим аст? Саркор мегуфт, ки онҳо ба моҳонаи шурфканҳои мо ҳасудӣ мекунанд, гӯё гуфтаанд, ки ана, Илҳом дирӯз ба кор омаду аз мо, ки ҷигар хун карда панҷ сол дар дорулфунун дарс хондем, бештар пул мегирад! Илҳом инро шунида бағоят музтариб шуд, ҳатто муддате ба чашми онҳо мисли муҷрим бошад, нигариста натавонист ва сархам буд.

Ҳоло вай думболи Сиҳат-амак ақиб намонда аз кӯҳ ба кӯҳ мегузашт, баъзан то ба камар дар барф ғутида пастию хамиҳоро меҷуст, аммо ин кор, ки ҳанӯз ба вай ноошност, зуд муваффақ шудан ғайриимкон буд. Аҳмад-акаю Барака се тӯдаашро пайдо карданд.

Саркор чоштгоҳӣ ҳангоми ҳамроҳи Илҳом ба кӯҳ боло равон бо авзои гирифта ӯро насиҳат кард:

— Ту, додарам, ин хел сабукӣ накун. Вазнин шав, санги вазнинро об намебарад. Мо регшӯӣ кардагӣ, маънии ин маталро нағз медонем. Ту хуб гӯй, ман ба ту бадиро раво намебинам. Ин тавр якравӣ, кибру ғурур, ба одамони аз худ бузургтар пешхезӣ кардан ҳеҷ хосият надорад. Ҳоло ҷавонӣ, ба пои худат теша мезанӣ. Ин чӣ гап, аз ҳоло ситораат ба ҳамкоронат рост наояд, сонӣ чӣ мешавад?!

Илҳом тахти таъсири ҳарфҳои саркор қарор гирифту дар тасмими он шуд, ки то замоне дар ин даста фаъолият мекунад, балки баъдан низ, дар оянда бояд ин суханони саркорро дастури зиндагии худ донад.

Онҳо то нимарӯзӣ кӯҳсори пурбарфро гашта, танҳо аз назди як шурф озмунро даровarданд. Нисфирӯзӣ дар панаҳи тахтасанги хамидае ҷои хушк пайдо карданду алав даргиронда чой ҷӯшонданд.

— Оббо, сабил-е! — кисаҳояшро баргардонду бо афсӯс даст ба пешониаш зад саркор. — Чой аз хотир баромадаст. Дар ин ҷойҳо каҳчой ҳам намерӯяд. Чӣ мекунем-а?

— Ҳозир пӯстлохи бодом пайдо мекунам, — Илҳом инро гуфта шоху шиббаи барои ҳезум гирд овардаашро назар карду аз он ду-се пора пӯстлох канда ба чойҷӯш партофт.

— Бале, офарин, — таҳсин кард саркор. — Ана ҳамин тавр чашми корро медонистагӣ шав. Аз ҳар сухан наранҷ. Дили одами наҷис дар забонаш, лекин забони одами доно дар дилаш аст.

Ҷустуҷӯи озмун пас аз пешин ҳам ҳеҷ натиҷае надод.

— Озмунро ҳамин геологҳои худамон гирифтаанд? Пас чаро ҷояшро нишон намедиҳанд? А? — Чун равиши кори ин дастаро равшан намедонист, бозпурсид Илҳом.

— Ҳоло он нафарон дар шаҳранд. Таҷрибаомӯз буданд, рафтанд. Геологҳои мо дақиқан маконашро намедонанд, вагарна, хеле қабл меомаданд. Донишҷӯён гирифтагӣ. Мисли ту, рӯзи аввал то ба Ҷари Дарида омадан шушашон ба даҳонашон омада буд. Ана, ҳоло ту оҳу барин парида мегардӣ, пулаш калон гуфта омадӣ-да! Ҳоло кор кун, сонӣ мебинӣ.

Суханони Аҳмад-ака ба ёди Илҳом расид: "...мебинем! Дума хода мекунӣ!" Вай нақл карда буд, чӣ тавр як ронанда мошини давлатро ба симчӯби сари роҳ зада абгор кардасту

барои таъмироти он ба маблағи зиёд ниёз доштааст. Дар ин ҷо кор карда он пулро ба даст овардан хостааст, аммо ба кори сахту шароити сангин тоб наоварда гурехтааст.

Дар оғӯши кӯҳҳои пурбарф тахайюлот Илҳомро водор месохт, ки дар қаламрави кишвар ҳукмфармо будани сармо ва барфу бӯрон бовар кунад, аммо тассавуроти боғоти шодоб, полезҳои пурҳосили атрофи Душанбе, ки ҳангоми ба ин тараф омадан ҳамроҳи Амон дида буд ва ҳатто боре аз роҳ бозистода аз дасти духтарони мевачин каме себ ҳам харидорӣ карда буданд, ба ӯ хотираи рӯзҳои дур барин менамуд. Вай хеле вақт инҷониб аз ин ҷойҳо дилгир гашта муштоқи ба макони дигар кӯчидани даста буд, аммо ин орзуи худро ҳаргиз ба касе изҳор намекард, чун сурудхониаш ба ӯ дарси муомилаи эҳтиёткорона бо дигарон гашт.

Ниҳоятан, онҳо рӯзи баъдӣ ба роҳ баромаданӣ шуданд. Аслан, мебоист Баракаю Аҳмад-ака борро ба манзили обуҳавосанҷон фуроварда боз ба Ҷари Дарида баргашта меомаданду Сиҳат-амаку Илҳом бо ду асп бояд ба Ангор мерафтанд. Аммо субҳ ин қарорро шунида Аҳмад-ака оташин гашту зуд ба назди саркор давид.

— Охир, ин бача дар он ҷо чӣ кор мекунад? А? Гумонат чуқур меканад? — гуфт вай рӯирост бо истеҳзо. Аз он ки суханашро Илҳом шунид, заррае истиҳола накард. Аҳмад-ака аз тоифаи он касоне буд, ки ҷавонтарон ва одамони дар мартабаю нуфуз аз худаш пасттарро ошкоро нописанд мекард. — Бимонаш, вай ин ҷо бор кашонад. Ин қадар асбобу анҷомро то сари раҳ баровардан кори ҳазл не. Барфро нигар, аз зону баланд. Кӣ медонад, ҳоло боз борад, ҳоли ин аспон чӣ мешавад.

Саркор ба ин гуна суханҳо тоб надорад: бесаришта шуд, мисле ки узви баданаш дард гирифта бошад печутоб хӯрд, баъд дилтангона сухани ӯро бурид:

— Мо маслиҳат карда ба ҳамин қарор омадем. Володяю Юра кӯмак мекунанд, дар зарфи ду-се рӯз борро мекашонед, тамом! Аз сари ағба Амон пеш-пеш мошин катӣ мебарад. Дар Ангор ҳам то манзил борро кашондан даркор. Ба ғайр аз ин, ду-се ҷои таркунданӣ ҳаст, Илҳом шурф мекунад.

— Ҳи-ҳи-ҳи... Шурф мекунад, мегӯӣ! Шурфканӣ осон будааст!

Саркор ба вай ҷавобе надода ба тараддуди кӯчокӯч андармон гашт. Дишаб ба якдигар тез шудани Илҳому Аҳмад-акаро ба хотир оварда худ ба худ табассум кард: Илҳом ҳезумро аз рӯзҳои қаблӣ барвақттар оварда фуровардӯ аспҳоро ем дода баст, сачоқу собун гирифта ба лаби рӯд рафта шустушӯ кард. Дасту рӯяшро хушк кардаравон дар назди дари чодар нисфи халта барин гӯшти хушккардаро дида пурсид:

— Ин гӯшти қоқ аз куҷост? — Баъд ба таҳқиқ нигарист. — Гӯшти чӣ? Парранда ё харгӯш?

— Магар гӯшти паррандаро аз гӯшти харгӯш тавофут карда наметавонӣ? — зери лаб гуфт Барака, ки пуфу куф карда оташи дегро равшан мекард.

— Хайр, гӯшти парранда барин... Гӯшти чӣ-а?

— Гӯшти парранда гуфтӣ-ку.

— Гӯшти чӣ хел парранда?

— Э, гаранг кардӣ-дия... Гӯшти кабк.

Вай бо азобе оташро даргиронду чашмонашро молида-молида аз оташдон ду-се қадам дуртар рафт. Ҳезум

бо шиддат ба сӯхтан шурӯъ карду Барака чашмони аз дудхӯрӣ тар гаштаашро молиш дода ба Илҳом наздик шуд.

— Гӯшти кабк. Аҳмадбой ошноят зада мебиёраду як бор зиёфат кунам ҳам намегӯяд, — вай калимаи “ошноят”-ро кинояомез, бо лаҳни дигар гуфт. — Ҳамаашро намак зада, хушк карда, ба халта зер карда шиштааст. Ҳозир бароварда бод дод... — Дар ин миён намаки моро ҳам тамом кард.

Илҳом ба аломати тааҷҷуб ҳуштак кашид. Баъд халтаро оҳиста бо нӯги пояш такон доду пурсид:

— Ҳамааш ин кабк? Ҳамаи инро вай куштагӣ?

Ба ёдаш омад, ки чӣ гуна зимистони парер сол паёпай барфи сангин бориду кабк аз гуруснагӣ ба водӣ фуромада, худашро ҳатто ба оғилхонаҳо зад. Илҳом аз тавилаашон дутоашро дошт, аммо падараш онҳоро аз дасташ гирифта ба мурғхона, назди мурғон бурда монданд. “Кабк чӣ, аз беғазоӣ як мушт пар мондагӣ. Бигзор, шикамаша сер карда равад”, гуфтанд. Кабкҳо як-ду рӯз ҳамроҳи мурғон дон хӯрда, гарм шуданду парида рафтанд.

— Зиндаҳояшро Амон катӣ ба шаҳр мефиристонад, — гуфт Барака ғарқи хаёл аз алав чашм наканда.

— Охир кабк... — Илҳом лаҳзае сухани муносиб наёфта ғӯлунгхоӣ кард, — Кабк кам мондагӣ, шикораш манъ-ку?

— Ҳа-ҳа-ҳа! — хандид Барака. — Аҳмад-ака ба манъаш чанд пула кор дорад!

— Беинсоф! — гуфт Илҳом бо дард боз як бор ба халтаи гӯшти қоқ нигариста. Ин дам дар қафояш наздик омадани касеро эҳсос карду як қадам пеш гузошт ва сипас ба ақиб нигаристу дар рӯ ба рӯяш Аҳмад-акаро дида ранги рӯяш дигар гашт.

Аҳмад-ака сонияе ба сар то пои Илҳом нигариста истод. Нигоҳаш яксара заҳр мепошид. Аз чӣ бошад, як дасташ дар ҷайби нимтанааш буд.

— Биё, рафтем... Гап ҳаст... Рафтем! — вай Илҳомро ба тарафи харсангҳои канори сой кашола кард.

— Чӣ гап? Чӣ мегӯед? — дар аввал мақсади ӯро нафаҳмида тааҷҷуб кард Илҳом.

— Сонӣ мефаҳмӣ... Рафтем, — ин дафъа аз остини ӯ бо ҷаҳл гирифта кашид. Илҳом қасди вайро дарк кард.

— Э, монед, Аҳмад-ака, — ба пеш омад Барака. — Вазнин шавед. Бача катӣ баробар нашавед. Ҳой, ақлатон ба ҷо-яш ё....?

— Рафтем, рафтем, — ба ҳарфи ӯ эътиное накарда Илҳомро як лагат заду кашола кард Аҳмад-ака.

Барака аз бозуи Аҳмад-ака гирифтан мехост, ки ӯро боздорад, аммо бо зарби оринҷи вай ду-се қадам калавида рафт. Аҳмад-ака бо шаст Илҳомро гирифта ба поён тела дод.

— Ист-ист! Худаш чӣ гап?! — ин амри ногаҳонӣ шасти Аҳмад-акаро гардонд. — Мероси падаратонро тақсим карда натавонистед-чӣ? А?.. Шарм намедоред?! — саркор ба ҳар ду ҳам маломатомез менигарист.

— Кай бошад ҳам ман хуни ин ҳаромиро мелесам! — Аҳмад-ака аз нияти деҳодеҳ даст кашад ҳам, бо заҳр сухanonашро аз зиҳи дандонҳояш бароварда таҳдид кард.

Саркор ӯро гирифта ба ҷониби хайма бурд.

Ҳамон шаб Аҳмад-ака дар сари суфраи шом интиқомашро аз Илҳом гирифт.

Ҳама давра гирифта дар сари дастархон нишаста ғазо мехӯрданд. Илҳом дар канори Аҳмад-ака аз тангии ҷой, ба

азоб, сари зону нишаста буд.

— Падарлаънати кофир, хез гум шав! — корди нонбуриро ба даст гирифта якбора ба Илҳом даҳшат кард Аҳмад-ака. — Сари луч шишта хӯрданашро дидед?! — Вай ин гапро хитобан ба дигарон гуфту дар ҷои нишастааш ба камари Илҳом як лагад зад.

Илҳом мувозанаташро дошта натавониста парӯ афтод. Вале сонияе нагузашта дар даст тешаи кӯҳканӣ ба сари Аҳмад-ака тохт. Ду-се нафар пеши роҳи ӯро гирифтанд.

Дар чодир як гирудори ноҳинҷор барпо гашт.

Шаб баъди машварату маслиҳат қарор боз иваз шуд. Дарвеш гуфт, ки барои Сиҳат-амак дар ин ҷо кор ҳаст, вай рӯзи дигар ба Ангор меравад. Пагоҳ то ба манзили обу ҳавосанҷҳо бо чор асп чор нафар бор мебаранду аз он ҷо Аҳмад-акаю Илҳом ба Ангор меравaнд.

Барака ин қарорро шунида як ҳуштаки дуру дароз кашид, ки маъниашро худаш мефаҳмиду тамом.

— Шаб боз ба чодири Дарвеш даромада баромаду гапашро пазонд, — гуфт дар охир гӯё ба худ ҳисобот медода бошад.

— Чӣ фарқ дорад? Ду рӯз пеш ё ду рӯз қафо? — гуфт Илҳом.

— Барои ману ту ҳеҷ фарқе надорад, аммо ин одам ягон фикре дорад. Зарур набошад, ин қадар талваса намекард. Ба кору бори ин одам худаш сарфаҳм меравaду халос. — Баъд лаҳзае хомӯш ба оташи дег нигариста истоду ба оҳанги насиҳатомез ба Илҳом гуфт: — Дар роҳ, ба ғашаш расида вай одам катӣ баҳс накун. Умуман, мувозиб бош, вай марди

кинадор... Дар кӯҳ гувоҳ-пувоҳ нест... Ту ин одамро намедонӣ...

— Одамро дар сафар мешиносанд, мегӯянд. Баъд аз ин хуб шиносо мешавем-да, — гуфт Илҳом фориғболона, ҳарчанд аз сухани охирини Барака табъаш хира гашта буд.

### *Боби панҷум*

## *АЗ ЯХИСТОН БА БОҒИСТОН*

Қариби соати нӯҳ онҳо ба роҳ баромаданд.

Барф хеле ғафс ва нарм, роҳгардӣ ҳам ба аспҳо, ҳам ба одамон бағоят мушкил буд. Сиҳат-амак аз ҷилави аспаш гирифта пеш-пеш роҳ кушода мерафт. Аз қафои вай се нафари дигар яктогӣ аспро етак карда мерафтанд. Аспҳои қавии кӯҳгард ҳамагӣ бист-сӣ килоӣ бор дошта бошанд ҳам, бо сахтӣ қадам мебардоштанд, ҳарсосзанон нафас мегирифтанд.

Илҳом дили аспро ба мотори хурд мушобеҳ кард ва ҳоло ин дастгоҳи кучак иҷборан бо тамоми иқтидор кор кунад ҳам, иртифо, камбудии ҳаво тавоноии онро коҳиш медод. Вай дар ибтидои роҳ ба сахтӣ бошад ҳам баробари дигарон қадам мезад ва аз ақиб намонданаш аз онон хушҳол буд. Хушнуд буд, ки ба баландкӯҳ ба ин зуддӣ мутобиқу ба осонӣ қалбаш омӯхта шуд. Ду ҳафта ҳезумкашӣ кард, ҳазл не! Боз ду-се бор ба қулла ҳам баромад.

Ҳоло дар барфистони сап-сафеди чашмсӯзанда бо айнаки сиёҳ ҳам чашм кушода наметавонист. Чашмонаш нимроғ аз қабати мижгон роҳро менигаристанд. Сонитар фақат ба таҳи пояш нигоҳ карда мерафт. Дар нури офтоб барф мисли алмос ҷило медоду бозтоб мегашт. Дар ин водии

баландкӯҳ санге ё буттаи сиёҳе ҳам ба назар наменамуд — ҳама ҷо сап-сафед.

Дараи Ҷари Дарида ҳам пушти сар шуд. Ҳарчанд ки Илҳом дар аввал ҳамқадам бо дигарон бидуни мушкилӣ роҳ мерафт, ҳангоми ба сарболоӣ баромадан ҳолаташ тағьир ёфт, нафасаш тангӣ карда қалбаш зуд-зуд тапидан гирифт. Баъди кӯҳро гузаштан, як давр аз ёнаи уреб роҳ гаштанду боз аз пеш кӯҳ баромад, баъд боз кӯҳ.

Илҳом аз дигарон ақиб афтод. Барака, ки пеш-пеши ӯ мерафт, лаҳзае аз роҳаш бозистода, ба вай мунтазир шуд. Вақте ки Илҳом оҳу воҳ карда бо азобе расида омад, арғамчини аспи ӯро ба зини аспи худаш баста дасти вайро озод кард, то ки раҳгардиаш, каме бошад ҳам, осон гардад, аммо ин ҳам мадад накард. Илҳом то рафт аз саф монда, оқибат масофаи байни онон хеле роҳ шуд. Пеш будагон гоҳ-гоҳ барои истироҳат истода ӯро интизор мешуданд, вай ба онҳо расидан ҳамоно худро ба рӯи барфи нарм мепартофт. Ҳоло вай ба зудӣ нафас рост карда наметавонист. Ҳамкорон “Хайр, даматро гиру оҳиста омадан гир”, гуфтанду бархоста ба роҳ давом карданд. Гӯшҳои вай садо дода сараш чарх мезад, қалбаш аз қафаси сина берун шавам мегуфт. Вай ҳеҷ чизро, ба истисноИ зарабони қалбаш, намешунавид.

Роҳгардӣ ҳоло ба вай мисли рӯзи аввал мушкил гашта буд. Боз ҳам интизор нашуда рафтани ҳамроҳон як андоза ӯро хашмгин карду ба сараш ҳар гуна фикрҳои нохушро меовард. Тамоми қудраташро ҷамъ намуда бархост ва ба раҳ даромад, вале чашмонаш сиёҳӣ мезаданду оби даҳонаш мешорид, аммо по мебардошту бо заҳмати алим қадам мениҳод.

Дар ниҳоят ҳамроҳонаш кӯҳро паси сар карданду аз на-

зари Илҳом ғоиб гаштанд. Ӯ дар байни саҳрои пурбарфи баландкӯҳ таку танҳо монд. Ба рӯи барфи тозаборида нишасту пойҳояшро дароз кард; собунаки зону ва соқи пояшро молиш дод, ду-се бор чуқур-чуқур нафас кашид. Баъд ба атроф нигарист: на садое, на сиёҳие ва на ҷунбише... Дар миёнаҷои ин саҳрои барфӣ фақат вай ҳаракт мекарду халос. Боз ба роҳ даромад. Бист қадам нарафта зарабони қалбаш аз нав ба шиддат тапидан гирифт, аммо вай ҳоло нисбатан қабл чолоктар қадам мегузошт, чун дар зеҳнаш буд, ки дар ин фасл гург гурусна буда, танҳо бошад ҳам, ба одам ҳамла мекунад. Вай тамоми тавоноишро сарфи роҳ гаштан кард, аммо то сари кӯҳ ҳанӯз хеле роҳ буд. Ӯ худро таскин медод, ки фарози кӯҳ шибдор, балки ба як маром хамида омадааст, вагарна дар ин хел барфи сангин сарболоӣ ҳаракат кардан ғайриимкон буд.

Ҷасади сарди бародараш Имрон, ки баъди якуним шабонарӯз аз дарьё гирифта буданд, аз пеши назараш гузашту худ ба худ баданаш ларзид. Баъд барои аз сараш дур андохтани ин хотираҳои ҳузновар дар хусуси Гулсифат фикр кард. Падар дар бобати ору номус мутаассибанд. Ҳеҷ намехоҳанд, ки ҳамсари нозанини писари марҳумашонро каси дигар зан кунад, набераашон азоби падарандарро кашад. Аз ин сабаб, тибқи одати қадимӣ Гулсифатро ба ӯ никоҳ карданианд. Вай ин ҳарфҳоро шунидан ҳам намехоҳад, аммо ба ин эътибор намедиҳанд...

Ногаҳон ба назараш чунин намуд, ки дар самти чап чизе дар байни харсангҳои кӯҳ ҳаракат мекунад. Дақиқтараш чизе надид, вале бо кадом як ҳисси номаълуме эҳсос кард. Аввалан ба тарафи кӯҳ нигарист, баъдан ба қафояш чашм давонд, аммо ҳеҷ чиз нанамуд. Баъд боз ба

кӯҳи самти чап зеҳн монд. Барфи сафед дар як лаҳза чунон чашмашро бурд, ки пешониаш ба дард омада, чашмонаш пуроб гаштанд. Лаҳзае аз миён гузашту боз ба ӯ чунин намуд, ки чизе дар он миён дар таҳрик аст. Ин дафъа бо диққат чашм давонда аз аввал он ҷоро бо нигоҳаш палмосиду дар байни харсангҳои сафед чашмонаш ба ду сар ҷонваре афтод, ки карахт шуда такон нахӯрда ба тарафи ӯ менигаранд. Дилаш таҳ кашиду дар як лаҳза баданашро араќи сард хис кард.

— Э, сабил... Оҳу... — гуфт вай беихтиёр овоз бароварда.

Оҳувон лаҳзае шах истода ба сӯи ӯ нигаристанду сипас бо шаст ҷаҳида рӯ ба поин давиданд. Илҳом гоҳ-гоҳ ба сӯи оҳуён менигаристу то имкон дошт қадам мегузошт, бо азият бошад ҳам шитоб мекард, то ки зудтар ба тори кӯҳ барояд. Оҳувон дар як мижа задан аз бағалкӯҳи ҳамвор гузашта нопадид гаштанду Илҳом боз дар ин барфистон яккаю танҳо монд. Ин танҳоӣ аз ҳама бештар дили ӯро риққат меовард.

Роҳи нисбатан ҳамвор ҳам ба охир расиду вай ба пояи кӯҳ наздик меомад. Ба тори кӯҳ барояд, он сӯяш нишеб, то манзили обуҳавосанҷҳо мудовим давида рафтан мумкин. Дар як замон ба ҳамроҳонаш расида мегирад. Чандон сарболоии пурнишеб ҳам не, ёли кӯҳ катӣ боло мераваду ба кӯҳони кӯҳ мебарояд.

Ногаҳон садоеро аз қафояш шунида Илҳом ба шаст ба ақиб рӯ овард. Дар масофаи 60-70 метр дуртар аз ӯ ҷонваре аз паи ӯ меомад. Боз вуҷудашро араќи сард пахш кард. Саг бошад ё рӯбоҳ? Вай аз роҳ истод. Ҷонвар ҳам истод. Истоду фукашро ба сӯи ӯ дароз карда бӯй гирифт. Акнун ҷуссаи вай ба Илҳом равшантар намоён гашту дили ӯ якбора таҳ кашид, хатари марги даҳшатангез дар пеши назараш ҷилва намуд.

Дар як мижа задан тасаввур кард, ки ӯ монанди ниҳоли урьёну танҳо тӯъмаи ҳаводиси ночиз аст. Ана, алҳол дандонҳои бешафқати арраи марг вуҷудии ӯро барҳам мезанад. Даҳони хунхор, дандонҳои сафеди ваҳшатнок сонияе медурахшанду як талвосаи охирин... Ва ӯ бо ҳамаи орзую армонаш, муҳаббату нафраташ маънии асли ин ҳаёту мамотро равшан дарк накарда ба ҷаҳони нестӣ меравад... Имрон барин, беҳуда...

— Сабил... — гуфт вай худ ба худ ба ҳасрат. Дар пеши чашмаш мисле Имрон намудор гашт, ҳатто овози ӯро шунид.

Вай нохудогоҳ ба пеш, ба тарафи ҳамроҳонаш нигариста фарьёд задан хост, вале бар ивази овоз аз гулӯяш як садои ба хирросӣ паст монанде баромад. Раҳравон боз сайъ кард, лекин овозаш тамом бастагӣ буд. Ба зеҳнаш расид, ки падараш мегуфтанд: аз саг, аз гург, умуман аз ҳайвони дарранда агар тарсӣ, овозат мегирад. Боз мегуфтанд, ки хоҳ саг пеш ояд, хоҳ гург — нагурез, агар фирор кардӣ, бохтӣ, нимҷону нимҳол бошад ҳам ба ту ҳамла мекунад. Баръакс, ту ба вай ҳуҷум кун, ҳеҷ набошад, дар ҷоят тахт биист... Не, ҳоло Илҳом ба ин маслиҳати падар риоят карда наметавонад. Вай сонияе аз роҳ истоду мустақим ба он дарранда нигарист. Вай ҳам аз роҳаш истоду ҳарисона ба ӯ чашм дӯхт. Илҳом бори аввал дар умраш даррандаро бо ин ваҷоҳати пурдаҳшат медид. Ба чашми ӯ даҳони вай пурхун, мисли марг ваҳмангез ва ҳамчун сиёҳии як гӯри бенишон дар айни кобуси хоби ғафлат менамуд.

— Хайрият, — гуфт вай худ ба худ, — якто, танҳост. Имкони халосӣ ҳаст.

Илҳом раҳравон чӯбдасташро ба таҳи каш газонду аз

бағалкисааш гӯгирдро ҷуст. Дар ҷайби нимтанааш ҳам гӯгирди дигаре шараққос зад, яқин ин гӯгирде буд, ки саҳар ба таҳи дег оташ даргиронда буд. Лекин вай якбора гӯгирди нави эҳтиётиро, ки ба целофан печонда ба кисаи дарун пинҳон карда буд, гирифт. Аз ҷайби дигараш китоби "химия"-ро бароварду бо шаст чанд вароқи онро канда раҳравон оташ зад.

Дар даст коғази оташзада роҳ мерафту бо гӯшаи чашм ба қафояш менигарист. Ҳайвон оташро дида лаҳзае аз роҳаш бозистод, лоқайд ба оташ нигарист ва аз паси Илҳом ба раҳ даромад. Илҳом аз вароқҳои "Химия" машъал карда, роҳ мерафту он дар масофаи 40-50 метр аз думболи ӯ кашола гашта меомад ва аҳьён-аҳьён аз раҳ бозистода хокистари коғазро бӯида, гӯё таҳқиқ мекард, ки чизи безиён аст ё хавфе дар он маҳфуз.

Илҳом бошиддат роҳ мепаймуд, баъзан чангол ба яху барф мезад, харсангҳоро харошида ба баландӣ мебаромад. Вай се-чор саҳифаи китобро канда якбора оташ заду онро ба рӯи барф ниҳода, худаш босуръат ба роҳаш идома кард. Ҷонвар ба ҷои коғазсӯхта омада хеле истод, баъди он ки ба бехавфии он оташи фурӯнишаста боварӣ пайдо кард, наздик омада онро бӯ кард ва сипас бо алам ғуррид. Илҳом дар ҳолате, ки то ҷон дошт ба пеш ҳаракат мекард, аз садои ғурриши он як қад парид, сипас бо ҳарос ба атроф чашм давонд.

Дарранда то рафт ба вай наздик меомад. Акнун Илҳом даҳони калони он, чашмони ваҳшиёнаи ӯро равшан медид. Вай ҳатто ба чашмони Илҳом нигариста хушнудона думашро такон дод.

То ба тори кӯҳ баромадан аз китоб шаш-ҳафт саҳифа боқӣ монд. Китобҳои дигари ӯ дар борхалтаи сафарӣ. Илҳом

дафтарчаи хотироташро гирифта ба кисаи нимтана гузошт. Ҳоло дарранда, чунон ки мегӯянд, бо вай дум ба дум меомад. Илҳом сӯрохиҳои бинӣ, ларзидани ҷоғҳои онро баръало медиду бо нафрат рӯяшро метофт ва сайъ мекард ҳар чӣ дуртар равад.

Аз рӯи паи по ҳамроҳонаш ба теға набаромада аз байни ду кӯҳони қулла рафтаанд. Боз беҳтар. Ана, дар болои шах аз дур қомати Барака намоён гашт.

— Ҳо-ҳо-ой-й! ... Тезта-а-ар! — фарьёд зад вай Илҳомро дида.

Илҳом дигар бехавф ҷаҳида-ҷаҳида ба роҳ даромад. Аммо даҳ қадам дур нарафта аз қафо шарфаи пойро шунида, беихтиёр дар ҳифзи ҷон асочӯбашро ба ҳаво бардошт. Ҳайвон аз тарс панҷ-шаш метр дуртар аз паҳлӯи вай гузашта ба пеш тохт. Ӯ дигар ба Илҳом нигоҳ накарда ба пеш сӯи одамон медавид. “Магар саг бошад?!” — ин фикр монанди барқ ба сараш заду аз ғазаб бошад ё аз оҷизӣ ба рӯи барф туф кард. Вай чанд муддат дар ҷои худ бидуни ҳаракат истод. “Саги обуҳавосанҷҳо. Баъзан ба Ҷари Дарида меояд, гуфта буданд... Саг маро танҳо нагузошта аз қафоям меомадасту ман бошам...” мегуфт ӯ ғазаболуд.

Вай роҳ мегашту ботинан аз рафтору кирдори худ хиҷолат мекашид, аз алами нотавонӣ дандон мехоид. Барои аз шарикон ақиб монданаш, барои сагро гург пиндошта бесабаб тарсиданаш хиҷил буд. “Не, ман барои корҳои бузург ношоямам”. Сипас, боз худро тасаллӣ медод: “Хайр, дар зиндагӣ корҳои ҷузъиро ҳам ягон нафар бояд иҷро кунад. Ҳаёт фақат аз корнамоии ҳайратангез иборат не-ку!”

Вай ҳанӯз ба ҳеҷ ваҷҳ дарк карда наметавонист, ки қаҳ-

рамонони номдор ҳам дар лаҳзаҳои заруртарин ҷонфишонӣ кардаанд. Агар онҳо дар сари ҳар қадам, барои ҳар як амали камаҳамият ҷони худро ба гарав мемонданд, ҳаргиз қаҳрамон намешуданд. Кӣ гуфтааст, ки одам ё ҷасур мешавад ва ё тарсу? Хайр, яке ба хирс рӯ ба рӯ рафта мубориза мекунад, дигаре... ба муқобили дурӯғу фитна, бар зидди косалесию шавкатталабӣ, бо фисқу фасоди зиндагӣ...

Манзили обуҳавосанҷҳо дар тори ағбаи баланд, як километр канортар аз шоҳроҳи Душанбе воқеъ афтода буд. Мошинҳое, ки аз ҳар ду тарафи шоҳроҳ меомаданд, шикоятомез нолида ба тори ағба мебаромаданду баъдан гӯё нафаси сабуке кашида бошанд бо шодӣ рӯ ба поён сабук медавиданд.

Монанди дарьёе, ки садҳо рӯду наҳрчаҳои хурду калонро ғун карда ҷорӣ аст, ин шоҳроҳ ҳам тамоми роҳу пайраҳаҳои ин сарзамини кӯҳистонро ҷамъбаст карда меояд. Зову шаххоро харошидаю тарошида ба тори ағба мебарояд, ҳазору як печутоб хӯрда ба поён меравад, аз камари теғаҳои махуф, қад-қади рӯдҳои парталотуми баъзе сурхоб, баъзе мусаффо медавад, аз пулҳо мегузарад, боз печида ба кӯҳ мебарояд, баъд аз талу теппаҳо поин меравад ва оқибат ба водии хуррами Ҳисор мерасад.

Аҳмад-ака ва Илҳом ҳар ду бо ду асп бистару борхалтаҳои худро бор карда аспсавор ба роҳи мошингард мефуромаданд. Нишебӣ шибдор буда, одам дар болои зин ба мушкилӣ менишаст. Зери по барфи обгирифта лағҷонак гашта буд. Саворaҳо худро ба қафо кашида бо ду пой ба шиками аспҳо сахт такья карда оҳиста-оҳиста мефуромаданд. Баъд

Аҳмад-ака пиёда гашту аз лаҷоми асп гирифт.

— Ман ҳам фуроям? — пурсид Илҳом аз хавфи сарнагуни аспҳо ҳаросида.

— Лаҷомро заиф кун, — Аҳмад-ака як бор ба аспи вай нигаристу ба роҳаш давом кард.

Онҳо ҳар қадар поин мерафтанд, барф то рафт тунук мегашт. Баъди даҳ-понздаҳ километр барф хол-хол гашту бештар дар тарафи соярави кӯҳ ба назар мерасид.

Онҳо бо шоҳроҳ ҳамагӣ ду соат роҳ гаштанд ва ё дақиқтараш аз баландкӯҳ поин фуромаданду боз ба кишвари офтобӣ, ба тирамоҳи дилфорами диёри худ расиданд. Ҳар қадар иртифо кам мешуд, кӯҳу дараҳо пуралаф, ҷангалзорҳо сабзтар мегашт.

Илҳом ба ҷангалу марғзорҳои бахше сабзу бахше зарди тиллоранг, ба мошинҳои пурбори сафарӣ, ба ҳамаи ҷамоду набот бо нигоҳи ташнаи пазмон, ҳарисона менигарист. Вай ҳамаи инро чунон пазмон шуда буд, ки на ду ҳафта, мисли ки ду сол аз ин табиату зиндагӣ дар канор монда бошад.

Онҳо аз роҳи калон баромада ба роҳи кӯҳнаи беравуо афтоданду рост камари кӯҳро миёнбур карда рафтанд. Баъди он ки шоҳроҳи ҷадид сохтаанд, ин роҳи қадим ношоям гаштааст. Аспҳо дар баъзе тиккаи роҳ аз байни буттазори заминаш мумфарш мегузаштанд, чун бархе аз буттаю алафҳо асфальтро кафонда сабзидаанд.

— Тезтар ҳай кун, торик нагашта расем, — Аҳмад-ака инро гуфту дурбини ба сари синааш овезонро гирифта ба пеш, ба сӯи водии сабз нигарист. Илҳом ҳам ба он сӯ чашм дӯхт: дарахтон ва биноҳо аранг-аранг ба чашм менамуданд.

— Раҳбон моро дид, — гуфт Аҳмад-ака дурбинро аз

чашмаш нагирифта.

— Раҳбон? Кадом раҳбон?

— Марз наздик аст. Ҳӯ, дар лаби дарьё — раҳбон. Ҳуҷҷат мепурсад... Мо ба вай наздик нарафта ба тарафи дасти чап мегардем. Рухсатнома дорӣ? Хайр, маро мешиносанд.

— Рухсатномаи ман дар дасти Дарвеш монд.

— Ҳеҷ гап не, мо ба он сӯ намеравем.

Раҳбонҳо дар поён монданд. Илҳому Аҳмад-ака ба самти чап тоб хӯрда сар-сари кӯҳ рафтанд.

Поёни рӯз онҳо ба боғоте расиданд, ки саросар сабзу хуррам ва обшор буд. Дар зери пои онҳо боғҳои мевазор, марғзорҳо, дарьёи хурӯшоне кафк зада ҷорӣ. Аммо онҳо дар тори кӯҳи девор барин рост ва баланд мерафтанду ин ҳама зебоӣ дар қаъри дара ҷилвафурӯшӣ дошт.

— Ана, ин дараи Ангор.

— Хеле сердолударахт будаст... Бе одам аст-чӣ?

— Одамонаш қаблан ба водӣ муҳоҷир гаштагӣ.

— Ин дарьё чӣ ном дорад? Дар нақша худаш ҳасту номаш нест.

— Кӣ медонад... Шояд, дарьёи Ангор мегӯянд.

Агар ба рӯд аз болои кӯҳи баланд нигаред, ба назар айнан аз ҳавопаймо дидагӣ барин менамудааст. Мисли матои атласи сиёҳу сафед аст, танҳо аз кафки сафедаш тафовут мекунед, ки рӯд аст.

Роҳ монанди орди бехтаи ғалбере, ки якзайл ба чапу рост рафта омадааст, кӯҳро чарх зада мефуромад. Онҳо баъди қадре поин фуромадан дар болои асп нишаста чормағз,

бодом, себу олучаи кӯҳӣ мехӯрданд. Аспҳо ҳам ба себхурӣ одат кардаанд, худро беихтиёр ба зери дарахт мекашанд. Ҳамин ки аз шох себ кандед, гарданашонро хам карда, каҷ-каҷ ба сӯи шумо менигаранд. Себро хӯрда агар пасмондаашро дароз кунед, асп аз роҳ истода онро аз дасти инсон мегирад.

Баъди зимистони қаҳратуни Ҷари Дарида Илҳом ин маконро чун биҳишти афсонавӣ медид.

— Шаш соат қабл дар Арктика будем, — гуфт Илҳом, ноогоҳ аз он, ки ҳамроҳаш чӣ будани “Арктика”- ро намедонад.

Аҳмад-ака бағалашро аз себ пур карда ба себхӯрӣ машғул буду сухани Илҳомро нашунид ва ё шунида бошад ҳам, мутаваҷҷеҳ нашуд, бинобар ин ҷавобе ҳам надод. Ӯ таҳи себи хӯрдагиаш ва баъзе себчаҳои ба табъаш нафоридаро ҳам ба аспаш дароз мекард ва асп ҳам дам ба дам гарданашро хам карда ба савори худ менигаристу оҳиста-оҳиста мерафт. Илҳом дилтанг гашту баъд аспашро пеш ронд.

Имрӯз вай ду мартаба Аҳмад-акаро хурсанд кард: аввало дар роҳи Ҷари Дарида ақиб монд, сониян дар манзили обуҳавосанҷҳо борашро ба тарзи духалта дуруст баста натавонист. Аҳмад-ака чунон қаҳ-қаҳ зада, айюҳаннос бардошт, ки Илҳом чӣ ҳаводисе рух дод гуфта мутаҳаййир монд. Бале, воқеан, ҳангоми ба роҳ баромадан низ боз Аҳмад-акаро хушҳол кард: ба асп аз тарафи чап савор шуду боиси мазаммати ӯ гашт. Бо ҳамин аламаш пасанда гашта, басабабу бесабаб озор намедод.

Онҳо бо роҳи ҳалқагард аз кӯҳ поён мешуданд.

Дар зери зовҳои даҳшатовар шикастапораҳои мошинҳои дар ин роҳи пурхавф ба фалокат дучор гашта, навиштаҷоти рӯи сангҳо, қабрҳои шаҳидон хотири ӯро парешону ошуфта карда, имкон намедоданд, ки манзараи дилфиребн кӯҳсорро тамошо кунад, завқ барад. Дар сари ҳар қадам ба санг сабт кардаанд: "Аз ин ҷо Назар ҷар шуд", "Саша атсуда пашел пряма[3]!" Як мисраъ шеъри кадом шоири гузашта ҳам: "Дар сари мижгон чу ашк истодаӣ, ҳушьёр бош!" Инро нафари босавод навишта аст, беғалат, ҳатто аломатҳои китобат дар сари ҷо.

"Кӯҳ-кӯҳ мегӯему аз ин кӯҳҳо чӣ фоида?!" — муҳокима меронд ӯ худ ба худ. — Мардумро нахӯронад, напӯшонад. Агар ба ҷои як-дутои ин кӯҳи сангин як дашти ҳамвор мебуд, бобоёни мо ин қадар бенаво намебуданд, аз паи як лаб нон дар ғарибӣ овора намегаштанд. Муҳоҷир ҳам намешудем. Дарвеш мегӯяд, ки ин кӯҳҳо беарзиш нестанд, қобили истифодаанд, хазинаҳои беҳамто дорад, аммо ҳанӯз аз чашм пинҳон. Кош, ягон намуди кони маъдан кашф мекардаанду раҳ мекушоданд, ин макон обод мегашт...

Дар Ҷари Дарида вай куллан як рӯз ҳамроҳи Дарвеш ба регшӯӣ рафта ба вай дастьёрӣ кард. Дар шаҳр ҳам ду бор дид, аммо ба ин одам чунон вобастагие дорад мисле ки тамоми умр бо ҳам, дар як хона сукунат карда бошанд. Бархе аҷаб ҷозибае мусбат доранд!

Замоне ки ба донишгоҳ пазириш нашуд, Илҳом зуд ба деҳа барнагашта дар шаҳр ҳайрону малул мегашт, ба чӣ кор

---

[3] *Саша атсуда пашел пряма — Саша аз ин ҷо парт шуд (русӣ)*

даст заданашро, минбаъд бо чӣ мақсад зистанашро дақиқ намедонист. Аз тасодуф буд ё ба ҳукми қисмат, ӯ ҳамон рӯз ба Дарвеш рӯ ба рӯ гашт.

Он рӯз Илҳом дар як гӯшаи хилвати боғи шаҳр парешонҳолу афсурда менишаст, чун барномаи ояндаи зиндагиаш мушаххас набуд. Ҷавонмарди лоғарандоме ҳамроҳи духтарчаи 5-6 солааш омада дар канори нимкат нишаст. Духтарча яхмосхурон ба ҳар атроф давида гоҳе барг ва ё ҳашарот ва сангчаеро бардошта ба назди падар меовард ва мепурсид, ки он чӣ чиз аст. Мард аз пурсишҳои ӯ дилтанг нагашта, баръакс бо дилфарохӣ ба ҳамаи он ҷавоби муфассал медод.

Мард ба рӯи Илҳом чанд назар партофту ногаҳон, бе ҳеҷ муқаддима, гӯё сӯҳбати қатъ гаштагиро идома медода бошад, пурсид:

— Чанд хол нарасид?

Илҳом бо тааҷҷуб ба чеҳраи марди ношинос нигаристу сараввал хост худро нафаҳмида ангорад ва ба ҳамин ният китф дарҳам кашид. Баъд ба рӯи мард бодиққат зеҳн монда пай бурд, ки марди ношинос аз вазъи ҳолу аҳволи ӯ огоҳ аст, бо табассум, ҳамдардона менигарад. Лаҳзае хомӯш монду сипас гуфт:

— Камаш — ду хол, набошад — се хол.

— Эҳ-ҳе! — мад кашид мард. — Омодагиат заиф будаст-да, ё саросема шудӣ?

— Тайёриам суст буд, — иқрор шуд Илҳом. Боз илова намуд: — Бетайёрӣ омадам. Ногаҳон... Шароит маҷбур кард.

— Ҳар нафаре ки ба камию костии донишаш мардона иқрор мешавад, рӯирост тан медиҳад, ҳатман ба мақсадаш

мерасад! — гуфт он мард ба шавқ омада. Сипас бо рағбати тамом ба Илҳом наздиктар нишасту ба сӯи вай хам шуда саволашро қатор кард: — Хӯш, канӣ, гап зан: аз куҷой, аз кадом донишгоҳ, чӣ шароите маҷбур кард. Тааҷҷуб накун, ман ҳам монанди ту таваккал намуда ба шаҳр омада будам. Ҳозир заминшиносам (геолог), корам дар кӯҳу кӯтал. Шояд битавонам ба ту маслиҳати муфид диҳам, кумак кунам, кӣ медонад, аз гап гап мебарояд, мегӯянд.

Илҳом бахше аз зиндагиву ҳарфу амалашро ба ин мард гуфт, баъзеашро гуфтан намехост, вале ин одами кунҷков чӣ хел карда аз даҳони ӯ кашида гирифт, худи ҷавон ҳам дар охир нафаҳмида монд. Бобати янгааш ҳам ҳикоя кард... Дар охир ин заминшинос ба Илҳом гуфт:

— Гӯш кун, номи ман Мустафо Дарвеш. Метавонӣ аз идораи маъданҷӯён пурсӣ, ҳамеша дар куҷо буданамро мегӯянд. Ту фикр накун, худатро азият надеҳ, ҳар навъе карда ба мақсадат мерасӣ. Дегчаат холӣ не, — вай каллаи Илҳомро дар назар дошт, — аз кор наметарсӣ. Ҳозир фурсатро аз даст надода зуд ба деҳа раву аз додою очаат иҷозат гирифта биё: ҳамроҳ ба кӯҳ меравем.

— Дар кӯҳ чӣ кор мекунам?

— Кор мекунӣ, ҳар навъ кор... Аз ҳама муҳиммаш мо туро ба деҳаи бобоят мебарем. Фаҳмидӣ, ба Ҳаводара... Ба ғайр аз ин дастаи мо барои ту як мактаб аст. Албатта ба он ҷо бо чашми баста рафта омадагиҳо бисёранд, вале ту барин ҷавон дар он ҷо ҳар чӣ хоҳад меёбад. Ту бародар, ҳоло худатро гум карда гаштаӣ, сарат гаранг ва авзоят шикаста-ҳол. Рости гап-да. Дастаи мо ба ту мисли дору, мисли даво лозим аст. Ту ба қувваи худат бовар кун. Мутмаинан, ту

ҳоло мисли гил, гили хом ҳастӣ, лекин аз гили ту ҳар чӣ созад, мешавад! Ба ман бовар кун.

— Мегӯед, ки кор мекунӣ, хайр, дар деҳа ҳам, ё ана дар шаҳр ҳам кор мекунам.

— Дуруст. Вале дар шароите, ки мо кор мекунем, чӣ будани одам равшан намоён мешавад. Хуб ҳам, бад ҳам зуд муълум гашта, ба чашм аён мешавад. Яъне, ту чандсола мактаби ҳаётро метавонӣ дар муддати кӯтоҳ пушти сар кунӣ...

Роҳ монанди моку чарх зада ба дара муттасил шуду офтоб ҳам ба ғуруб мерафт.

Шоҳроҳи қадимӣ қад-қади рӯд ба поён рафту онҳо рӯ ба боло — ба раҳи хокӣ равон шуданд. Лаб-лаби рӯди пур-талотуме, ки мавҷҳояш аз роҳи кӯҳи ҳам ваҳмангез буд, боз ду километр барин рафтанду ба майдончае расиданд. Роҳи мошин дар ҳамин ҷо поён ёфт.

— Амон чизу чораи моро мошин катӣ то ба ҳамин ҷо меорад. Аз ин ҷо асп катӣ мекашонем. Дар ҳофизаат нигоҳ дор, — таъкид кард Аҳмад-ака.

Акнун пайраҳа қад-қади рӯд аз байни ҷангали анбӯҳ, дарахтзорҳои хилват мерафт, ки саворахо баъзан сарро ба ёли асп ниҳода аз байни шохҳои дарахтон мегузаштанд. Дӯлонаҳо суп-сурх марҷон барин, олучаҳои кӯҳӣ рангу ба ранг, себ, чормағз...

Торикӣ мефуромад.

Онҳо баъди як соат роҳ паймудан ба сари кӯпруки муаллақе расиданд. Дар ҷои бағоят камбари рӯд, ки аз ду тараф шаххои бузург онро танг карда буд, об бо қаҳр

шӯрида, даҳшат андохта мепарид, ду сими ғафсро аз як соҳил ба соҳили дигар кашида, ба болояш аз ходачаҳо васса монда, баъд вассаҳоро бо симҳо сахт ба ҳам васл карда буданд, ки вазифаи пулро анҷом медод. Об аз ин тангно чунон ҷӯшида мебаромад, ки онро шир мегуфтед! Илҳом беихтиёр “шир барин” гуфту сипас барои тасдиқи ин суханаш худ ба худ сар чунбонд. Сафедии мавҷ шаби торикро андаке равшан кунад ҳам, садои ғурриши он ба дили инсон даҳшат меандохт.

— Ку, пеш гузар, ман аз қафо аспи туро ҳай мекунам, — таклиф кард Аҳмад-ака. — Аз ин кӯпрук яктогӣ, танҳо мегузаранд.

Илҳом бо ҳарос ба рӯи вай нигарист. Хушбахтона, шаби сиёҳ имкон намедод то тағьироти авзои ӯро ҳамроҳаш бибинад. Шаби торик розпӯш аст, мегӯянд рост. Баъди он ки Аҳмад-ака пешниҳодашро мукаррараран гуфту Илҳом боз ҳам беҷавоб шах шуда истод, вай дар тааҷҷуб шуд.

— Чӣ, метарсӣ?

— Шумо аввал гузаред...

— Э, натарс, ин кӯпрук уштурро бору бунаш катӣ мебардорад.

— Не, аввал шумо гузаред, ман аз ақиб... — Илҳом бо даҳшат ба мавҷи тир барин паррон нигарист. Аз хаёлаш гузашт, ки Аҳмад-ака ӯро саҳл такон диҳад, ба коми ин мавҷи ваҳшӣ меравад. Ду бор ғелон-ғелон аз санг ба санг мезанаду тамом.

— Ҳамин дилу гурда катӣ боз мардам гӯён мегардӣ! — Аҳмад-ака ғолибона табассум кард ва сипас аз нӯги арғамчини аспаш гирифта пеш даромад. Аввал аз пул худаш

гузашт. Асп вассаҳоро бӯй-бӯй карда тарсону ларзон қадам мегузошт. Дар ҳар қадами вай кӯпруки муаллақ як бор мелаппиду сахт албонҷ мехӯрд. Ҷонвар бо нӯги сумаш роҳашро чандинбора палмосида, санҷида нӯги пояшро қат карда оҳиста, беозор қадам мениҳод.

Шаби кӯҳистон монанди махмали сиёҳ торик аст. Аҳмад-ака аз асп фуромада пиёда мерафт, гоҳе хам шуда гӯгирд мезаду роҳро равшан карда медид, мутмаин мешуд, ки бо пайраҳа равонанд ё не.

Онҳо мерафтанду мерафтанд, аммо на чароғе менамуд, на нишони манзиле. Ҳар гуна гумону тардидҳо дили Илҳомро тазъиқ дода мехарошиданд.

— Боз раҳгум назада бошем? — шубҳаи худро ба забон овард вай.

— Натарс, ман ин ҷойҳоро панҷ ангуштам барин медонам, — аз рӯи одаташ лоф зад Аҳмад-ака. — Ана, дар ҳамин шаби торик чашмамро баста сар те, раҳро ёфта меравам. Ман Володя не. Вай кӯҳро чӣ медонад?!

Илҳом ба фикру хаёли худ банд буд. Тассавур мекард, ки бобояш, ҳамаи аҷдодони ӯ аз ҳамин роҳҳо гузаштаанд, ба ҳамин кӯҳҳо нигаристаанд, ҳамин харсангҳоро дидаанд... Вай ҳикояти модарашро дар хусуси катибаи рӯи сангҳо ба ёд оварду алҳол бо диққат ба ҳар як харсанг нигариста мегузашт.

Дар осмони нилӣ ситораҳо чунон равшан ва наздик метофтанд, ки ҳар яке монанди қатраи бузурги симоб ба сари ӯ чак-чак кунам мегуфт. Торикӣ бештар ғализтару сиёҳтар мегашт.

Онҳо рӯдро тарк карда тали на чандон баландеро гу-

заштанду якбора шӯълаи гулхан намудор гашт. Дар ин торикии зулмат гулхану сояҳои дар гирди оташ ҷунбуҷӯл дошта ба дили Илҳом мадор бахшиданд.

— Э, ин аз куҷо?.. Бачаҳои мо бошанд? — тааҷҷуб кард Аҳмад-ака ва баъди наздиктар рафтану тамаркузона нигаристан мушаххас намуд: — Чӯпонҳо.

Дар оташ чойҷӯш меҷӯшиду дар рӯи шахи бузурги канори сой ду нафар чӯпон дар таҳрик буданд. Онҳо шарфаи пои аспҳоро шунида қомат рост карданду даст ба пешонӣ бурда чашмонашонро аз шӯълаи оташ панаҳ карда ба тарафи раҳгузарон нигаристанд.

— Ассалому алайкум, — гуфт Илҳом ҳангоми ба онҳо наздик шудан.

— Ваалайкум ассалом, — гуфтанд пиру ҷавон — ду нафар чӯпонҳо баробар.

— Канӣ, ба куҷо? Раҳатон дур бошад, фуроед, — ҳам савол, ҳам таклиф кард чӯпони пири ришсафед.

— Чой тайёр, — ҳамовози кард ба вай чӯпони ҷавон.

— Саломат бошед.

— Чӣ хел, бебарракабоб таклиф мекунӣ, мӯйсафед, — ҳазл кард Аҳмад-ака. — Ё гӯсфанд надорӣ-чӣ?

— Тақсир, аз гулӯи чӯпон кабоб мегузарад-чӣ?! Э, фуроед, — боз таклиф кард пиракӣ. Вай ғолибан Аҳмад-акаро ягон сардор гумон кард, ки шумо-шумо мегуфт. — Кабоб набошад ҳам, шукр, нон ҳаст, чой ҳаст.

— Кабк чӣ хел? Оҳу ҳам ҳаст? — ба онҳо наздик гашту лаҷоми аспашро нигоҳ дошт Аҳмад-ака.

— Лав задай, — беларво ҷавоб дод чӯпони ҷавон.

— Динамит даркор не? — боз пурсид Аҳмад-ака.

— Хайр, ёфта те...

— Фардо биё... гапзанон мекунем...

Илҳом гузашта рафту давоми суханашонро нашунид.

Аз васати галаи дар байни харсангҳо хобида гузаштанду сагҳо бо валвала ба онҳо дарафтоданд, вале бо шунидани овози чӯпон зуд сокит шуданд.

— Саги чӯпон ба одам кордор намешавад, — гуфт Аҳмад-ака.

Аз рама гузаштанду раҳгум заданд. Аспҳо бо тақар-туқур, лағҷон-лағҷон аз болои қайроқсангҳои яклухти канори рӯд раҳ мегаштанд. Дар таҳи пой болишт барин-болишт барин сангҳои суфта. Шаб чунон торик буд, ки Илҳом аспи ҳамроҳашро, ки ҳамагӣ чор-панҷ қадам пештар мерафт, дида наметавонист. Аҳмад-ака пиёда, лаҷоми аспашро дошта гӯгирд мезаду дам ба дам сангҳоро менигарист, палмосида медид.

— Чӣ, сангҳоро мешумуред? — бо кинояи талх пурсид Илҳом. Аз худбоварии вай ғазабаш меҷӯшид.

— Ҳа, мешумурам... то ки ту афтода намурӣ, — вай ҳам дар ҷавоб зарда кард. Баъд хеле вақт гоҳ ба ин сӯ, гоҳ ба он сӯ рафта роҳ кофт. — Раҳи соз мековам... Пои асп ба қабати санг афтад, мешиканад. Думболи ман биё.

Баъди саргардониҳои бепоён онҳо ба пайраҳа баромаданду аспҳоро ба майли худ гузоштанд, то дигар бероҳа нагарданд, чун асп роҳро ҳеҷ вақт гум намекунад.

Илҳом ба хотир меовард, ки чӣ тарз ҷасади Имронро аз дарьё наёфта ба изтиробу ноумедӣ афтоданд. Рӯзи дигар хешовандон қад-қади дарьё аз деҳа хеле поин рафтанду дар соҳил ду аспро баста монданд. Дар пеши аспҳо наздикон бо

ду-се нафар оббозҳои моҳир то шом ҳозир истоданд. Ҷасадро асп эҳсос мекардааст, ҳатто аз зери об гузарад ҳам, медонистааст. Соат қариб ёздаҳи шаб аспҳо рамида шеҳа кашиданд, фирқ-фирқ бинӣ афшонда, ба тарафи дарьё менигаристанд. Ҳозирон дар мобайни дарьё чизе сиёҳро диданду оббозҳо бо заврақ рафта ҷасади Имронро гирифтанд.

Қарибии соати яки шаб онҳо ба бошишгоҳ расиданд.

Хаймаи холӣ набуд, бинобар он ба чодире, ки дар он хӯрокворӣ ва лавозимоти муҳандисӣ буд, даромада бистар боз карданд. Баъди ба бошишгоҳ расидан Илҳом мутаваҷҷеҳ гашт, ки халтабистараш дар роҳ афтода аст, аз ин рӯ вай болои тушак дароз кашид. Ҳар кадоме ба рӯи ду бурда нон равғани зард молида хӯрданду ба даруни бистар даромаданд.

— Онҳо озмунро ҷамъ кунанд, баъдан меоянд-а? — бепарво савол кард Илҳом.

— Аз куҷо? Аз зери барф? Соли дигар! Дигар барф болои барф меборад. Ҳамин қадар меҳнат гӯри додошба рафт... Э... Ҳозир ҳар кас ба ғами худ, калонаш ҳам, хурдаш ҳам.

Бо Аҳмад-ака баҳс бефоида буданашро дониста Илҳом ба ӯ эътирозе ҳам накард.

Вай бидуни халтабистар тамоми шаб аз сардӣ ларзида бaромаду нороҳат нимхобу нимбедор нишаст. Кайк буд ё кана ӯро талош карда, баданаш аз хоридан тикка-тикка варам намуд. Хоб аз чашмонаш парид. Вай ба овози шаби кӯҳсор гӯш дод. Аз дур садои бум аранг ба гӯш мерасид. Қурбоққа ва чирчиракҳои дар гирду пеши чодир буда овози онро пахш кард, ҳар яке бо нағмаи худ хурӯш мекард. Ҳавои

нарми шаби ин ҷо беҳаракат буд. Ба назари Илҳом чунин намуд, ки гӯё бод ҳам метарсад, мабодо бо ҷунбиши худ сукунати роҳатафзои шабро шиканад.

Қад-қади дарьё саф кашида чодир задаанд, мисле, ки дар ин ҷо коргарон бисьёранд... Баъд вай дар бораи деҳа, падару модар ва дигар наздиконаш фикр кард. Агар баъд аз ба донишгоҳ пазириш нашуданаш ба деҳа мерафт, шояд падар имрӯзҳо ба номаш як тӯйча карда Гулсифатро ба вай никоҳ мекарданд. Бешӯхӣ, чанд бор гуфтанд: "Акнун вай ба ту янга не. Мо мардум беваамонро ба бегона намедиҳем. Мард нангу номусаш катӣ мард аст." Хайр, ягон гап мешудагист. Додом мегуфтанд-ку, "натарс аз балое, ки шаб дар миён аст..." Баъд худ аз худ хотираи ӯ бо як духтараки конибодомие, ки ҳамроҳ ба имтиҳони химия даромада буданд, пайванд хӯрд. Овози духтарак чунон маҳин, зангӯлача барин, дилатон мехоҳад, ки вай ҳамеша ҳарф занад. Варақаи имтиҳонотро гирифта нишастанду духтарак оҳиста бо садои паст фаҳмидан мехост, ки Илҳом саволҳояшро медонад ё не. Ба аломати медонам ишора кунад ҳам, дилаш қарор намегирифт. Баъди хатми мактаб як сол кор карда бисьёр чизҳоро фаромӯш кардагӣ гумон карда, кумак кардан мехост. Агар аз ибтидо ҳадафи идомаи таҳсил медоштам, куллан дигар хел дарс мехондам.

Ниҳоятан хоб бо ҳамдастии хастагии роҳ бар тану афкори ҷавон пирӯз гашту ба фикру хаёлҳои беинтиҳои ӯ нуқта ниҳод.

## *Боби шашум*

# *НОРӢ*

Таровати субҳидами ин дара қобили таърифу тавсиф набуд. Илҳом шаб дер хобида бошад ҳам, субҳи зуд бо тоза теғ задани нури хуршед чашм боз кард. Вай аз чодир баромад, ҳама ҳанӯз дар хоби ширини бомдодӣ буданд, вале ӯ бо раҳи шабона омадааш рафту халтабистарашро андаке дуртар аз бошишгоҳ пайдо кард. Онро лӯла карда печонид ва ба таҳи каш гирифту атрофро давр зад: то ба пояи кӯҳ рафт, баргашта ба дарьё фуромад, дасту рӯ шуст, аз меваҳо — себу олуча чашид, гирду шикаста хӯрд.

Гоҳ мафтуни боғу роғ, гоҳ ҳайрони кӯҳҳои сабзу хуррам, гоҳ шефтаи обу осмони ин фароғатгоҳи халват мегашт. Осмону замин, ҷамоду набот поку мусаффо, мушобеҳи чинии нафис ё булӯри нозук буд. Дар кӯҳҳои ду тараф кабкҳо қақар-қақар хониш мекарданду дар боғ иҷрои дастиҷамъии мурғони гуногуни нағмасаро дар ҷӯш буд.

Дар ин дара қаблан ду деҳа будааст, ки ҳоло аз иморатҳои онҳо чордеворҳои сангин боқӣ мондаст. Баъди ба водӣ кӯчондани сокинони дара боғҳо бидуни мувозибат монда, дарахтони аз оби рӯд дуртар буда аз беобӣ нимхушк гашта, меваашон ҳам хасак барин шудаст. Ду канори рӯд дар баъзе ҷойҳо ба ҷангали касногузаре табдил ёфтаст: санҷити ёбоӣ, дӯлона, олуча, буттаҳои гуногуни хордор дар як ҷо бо дарахтони себу тути балхӣ ва чормағзи коғотии сафед ба ҳам руста ба якдигар печида буданд. “Ғалатӣ, — худ ба худ изҳори ҳайрат мекард Илҳом, — ин мурғони хушхон

барои кӣ ин қадар чаҳ-чаҳ мезананд?! Охир дар ин атроф касе нест, ки нағмаи онҳоро гӯш кунад. Ин дарахтҳо барои кӣ мешукуфанду мева мекунанд?" Вай чунин макони хуррамро беодам ҳеҷ тасаввур карда наметавонист.

Аз байни буттазори анбӯҳ мегузашт. Меваҳои гуногуни кайҳо пухта расида аз ҳаракати вай ба таҳрик омада гур-гур ба замин мерехтанд; хорҳои мағелоне, ки ғӯзаашон кафам-накафам ба шамоле ё таконе нигарон буданд, ба сару тани вай часпида дигар ба осонӣ ҷудо намешуданд. Гӯё кулли набототи ин дара — нахӯду лубиёи ёбоӣ, ҷави худрӯи байзашакл, тухм ва меваҳои хурди рангоранги буттаҳо, гулҳо, хорҳо — ҳама мисле бо таҳаммул қадами инсон ё ҳайвонеро интизоранд. Ҳама пухтаю расида, орому хомӯш омодаи сайру сафар ва тухмпошӣ буданд. Қадами пурзарби марде, домани куртаи духтаре, шӯхию бозии кӯдак ва ё ҷастухези гӯсолаю барра ва ё ҳеҷ набошад, қадами саги дайдуеро нигаронанд.

Илҳом замоне баргашта омад, ки Аҳмад-ака нав аз хоб бедор шуда буд.

— Ин геологҳотон ҳамааш одами шаҳр, намедонанд, ки дар назди қӯтани кӯҳнаи мол чодир задан иштибоҳ аст. Дар боло қӯтани кӯҳна, поруяш ба буҷули пой мезанад. Имшаб хоб карда натавонистам, аз бебистарӣ гӯям, не, кана тала кардаст, — зимни тасвири ин дараи хушҳаво, дар омади гап эроди худро гуфт Илҳом.

— Надидагистанд.

— Э, дар сари раҳ, ана, чор қадам зиёд не... Лекин ҷойи соз будаст. Беодам хароб гаштаст. Чӣ мегӯед, ҳамин хел деҳаҳоро тамоман кӯчондан дуруст ё як қисми аҳолиро барои хароб нагаштани ин ҷойҳо мондан даркор?

— Кӣ медонад.

Аҳмад-ака баъзан чунон коҳил аст, ки дар ягон масъала фикр кардан ва ҷавоб гуфтан ҳам барои вай мушкил буд. Илҳом аз ин хел одамон дилгир мегашт.

— Хайр, ба фикри шумо, ана, пур не, чор-панҷ хонаводаро дар ин ҷо мегузоштанд, бад мешуд? Моли колхозро нигоҳубин мекарданд. Ана, боғ...

— Ба ин ҷойҳо мошин намеояд.

— Даркор ҳам не.

— Дар водӣ пахта мекоранд, пахта зарур.

— Мева, ҳам зарур. Мол ҳам...

— Э, чӣ ту саҳар катӣ мана истинтоқ мекунӣ?! А? Дар заминҳои нав кӣ кор мекунад? Очаат? Одам намерасад, кӯчонданд. Дуруст, дар ин ҷо чӣ ҳаст?

— Ана, моро ба Вахш кӯчонданд, — Илҳом ба тундии ҳамсӯҳбаташ эътибор надод. — Қаблан қувваи корӣ намерасид, кӯчонда бурданд, аммо ҳозир дар он ҷо одам пур. Ба дигар ҷойҳо рафта кор мекунанд. Имсол амакам ҳам ба завод ба кор рафтанд. Колхоз замини рӯи дарича надод, рафтанд.

— Ана, ҳамон амакат барои чӣ наомад?! Биёяд, ана замин, чӣ қадаре, ки хоҳад, корад!

— Чӣ, ин замини бесоҳиб аст?

— Ба кӯчиданатон чанд сол шуд?

— Э, бисьёр сол... Қариб 13-14 сол шуд, ман хурд будам, аранг-аранг дар ёдам.

— Дигар ба ин ҷойҳо ҳеҷ кас намеояд. Баъди даҳ- дувоздаҳсоли дигар дарахтони мева хушк мешавад, ҷангалзор мегардад.

— Ин челон не? — пурсид Илҳом шохчаи пурмеваеро ба Аҳмад-ака нишон дода. — Шунида будам, ки аз санҷид калонтар мешавад.

— Ҳа, челон ҳамин. Дар шаҳр барои доругӣ мехаранд, — фаҳмонд Аҳмад-ака.

— Ба чӣ хел дард дору? — Илҳом меваи суп-сурхи онро оҳиста газида чашид.

— Давои фишори хун. Ба дарди ҷигару гурда ҳам дору мегӯянд.

Илҳом аз ҷайбаш дафтарчаи хотироташро бароварда ин маълумотро ҳам дар хусуси челон қайд кард. Луғати гиёҳҳои доруворӣ ӯ ҳоло хеле зиёд гашта буд.

— Духтуриба мехонӣ? — пурсид Аҳмад-ака.

— Не... Зирк ҳам ба ҷигар дору мегӯянд-а? — баъзе маълумоти ҷамъ овардаашро аз назар мегузаронд ӯ.

— Зирк? Зирк барои ҳазми таом... Ба ғазо меандозанд. Як пирамард мегуфт, ки ба дарди шикам дору. Заҳраи одам вайрон шавад, давояш зирк.

Маъданҷӯён дар қад-қади дарьёчаи тезоб, дар таги кӯҳи сангини рост ба фалак сар кашидагӣ саф кашида хайма зада буданд. Дар сояи дарахти чормағзи азим аз қуттиҳо мизи хӯрокхӯрӣ сохта, ҳар нафар чизи ба дасташ афтодаро курсӣ карда менишаст: ғӯлаи дарахт, кунда, чобаи равған, ҳатто ҷуволҳои пур аз ҷав, ки барои еми аспҳо оварда буданд, истифода мешуд.

Илҳом дар сари ношто бо геологҳои дар ин ҷо кор мекарда шиносо гашт: як нафар ҷавонмарди ришдор, чашму рӯяш доим пурханда — Каримҷон, симчӯб барин як ҷавони қоқу дароз — Ҳосил, боз Шурик ном русбачаи айнакие, ки мудом дар дасташ транзистор буд. Вай дар сари ношто ҳам гӯшаки онро тофта мусиқӣ гӯш мекард. Бо навомадагон

салом ҳам накард, кӣ омад гуфта нигоҳ ҳам наандохт, ба сари миз нишаста чояшро хӯрду бархоста рафт. Геологи дигар Норӣ — як духтараки нозанини ҳамсоли Илҳом буд. Бақия дар кучое фаъолият мекардаанду баъди ду-се рӯз ба ин ҷо меомадаанд.

Норӣ... Илҳом гаштаю баргашта ба Норӣ нигаристан мехост, аммо ҳаё монеъ буд. “Дар ин кӯҳистони дур, дар байни ин одамони дурушту хашин, ба монанди табиати баландкӯҳ бетакаллуф, дар ин шароити барои зиндагӣ нобоб ин фаришта чӣ кор мекунад?! — худ аз худ мепурсид вай. — Тазоде, ки агар набинед, ҳеҷ бовар намекунед!” Аммо Нории соҳибҷамол сари базебашро гоҳ-гоҳ ларзонда, мӯйҳои ба сари китф парешон афтодаашро ба чапу рост афканда бо чеҳраи пурханда дар рӯ ба рӯи вай менишаст. Қадду баст, узв андар узви вай чунон мавзун ва мутаносиб буданд, ки бе ҳеҷ муҳобот ба варзишгардухтарони олимпӣ ва ё раққосаҳои рӯи ях монанд буд. Вай чунон бо завқ механдид, ки беихтиёр дар лаби ҳама табассум медавид. Дар байни ин қадар бесару сомонӣ, хоку гард, мардони ришдору қаландарвор мӯйсарҷӯлида, яке камгапу бегонахӯй, дигаре даҳансахту беилтифот ин духтар бо озодагиву хушҳолии худ ҳар нафарро ҳам шигифт мекард. Мисле ҳамин рӯз аз шаҳр омада бошад, тару тоза, беғаму беғубор, бепарво.

Илҳом эҳсос кард, ки дар гуфтугӯ ва муомила Ҳосил аз дигарон дида ба Норӣ худашро наздиктар мегирад. Ҳосил як ҷавони вазнину ботамкин, камгап ва ҷиддӣ бошад ҳам, ба Илҳом хуш наомад. Аҷаб не, ҳасудиаш омад, кӣ медонад. Норӣ духтаре буд, ки ҳар нафар ҳам дар муқобили вай зоти мардро дидан намехост, шояд аз ҳамин сабаб ӯ Ҳосилро ба

Норӣ номувофиқ донист. Бинии нӯгтезаш симои на чандон хушқиёфаашро боз ҳам хунуктар мекард. Ин ҳама кам буд, ки боз чашмонаш ҳам хира буд магар, айнаки сафеди ғафс дошт.

Ҳар боре ки нигоҳи Норӣ вуҷуди Илҳомро ба нармӣ сила карда мегузашт, ҳар боре ки мижгонҳои чун боли фароштурукаш ба сӯи вай пар-пар мезад, ҷавон беқарор мегашт.

Баъди ноштo Каримҷон нону қанди нимрӯзӣ мехӯрдаашро ба борхалтаи сафариаш андохта ба пушташ баст, тешаи сангшиканиашро гирифту ба Илҳом рӯ оварда гуфт:

— Канӣ, бародар, ҳамроҳам биё.

Вай яке аз аспҳоро аз нӯхтааш гирифту онҳо қад-қади рӯд болотар рафтанд. Дар ин ҷо оби рӯд баъди мор барин печутоб хӯрда аз тангнои кӯҳ гузаштан доман паҳн карда, қариб ними дарaро ишғол намуда буд. Каримҷон ба аспи беабзор парида савор гашту онро ба дарьёи паҳноб рондаравон гуфт:

— Ман мегузараму аз он сӯ аспро ҳай мекунам, онро бигиру бурда ба ҷояш банд.

Асп ба об даромаду баъди он ки се-чор қадам рафт, лаҳзае истода аз оби зулол се-чор ҳӯрт кашид, сипас якто-якто пой ниҳода ба соҳили муқобил гузашт. Мавҷи рӯд ба шиками вай расиду бас.

Аҳмад-ака ба чормағзафшонӣ машғул гашту Илҳом ба боғоти ташнаи назди манзилгоҳ об бастанӣ рафт. Вай қад-қади ҷӯи кӯҳна хеле боло рафт, аммо варғ кайҳо поён фуромада буда аст. Сипас дар оби рӯд оббозӣ кард, дар рӯи тахтасанги гарм хоб карда офтоб мегирифт.

— Беҳуда нагард, бача, кор кун, — вақте Илҳом баргашта омад, Аҳмад-ака бо зарда ба вай дарафтод: — Чӣ, ба тамошо омадӣ?

— Хайр, ҳамту... бекор будам, чарх задам.

— Одами бекор дар ин ҷо намегардад! Рав, ду аспро гиру ҳӯ, ана, аз он ҷо аз дарьё гузар, — Аҳмад-ака бо ангушти ишоратиаш гузаргоҳи паҳнобро нишон дод. — Болотар меравӣ, дар лаби дарьё як майдони регзор мебарояд. Сел чӯбу ходаи зиёдеро оварда партофтагӣ. Ҳозир хушк. Ба ду асп бор куну биё. Ҳезум тамом шудаст.

Илҳом барои ҷамъи ҳезум рафт.

Шомгоҳӣ Сиҳат-амак омад. Илҳом мисле ки хешованди наздикашро дида бошад, аз омадани вай хушҳол буд.

Баъди хӯроки шом аз рӯи одат дар сари миз ба чойхурӣ нишастанд. Ҳар нафар ба дӯлчаи худ 15-20 пулакчагӣ қанд андохта қандчой менӯшид. Илҳом мавридро муносиб донис-та сири ин қандхуриро аз Сиҳат-амак пурсид.

— Рӯзҳои нав омаданам қандхӯрии шумоёнро дида, ҳуш аз сарам парид. Ана, ҳоло худам ҳам ҳамин миқдор қанд мехӯрам. Пештар чору ночор се пулакча қандро ба чой меандохтам... Сабаби ин қандхӯрӣ чӣ бошад? А? — пурсид вай.

— Сабабаш? — Сиҳат-амак бафурҷа чои дӯлчаашро пуф кард, баъд ду-се бор дам кашиду бепарво гуфт: — Сабабаш — кор, меҳнат... Кор кунӣ, ошат — ҳалол, боиштиҳо мехурӣ.

— Не, фақат кор набудагист, — оҳиста эътироз кард Илҳом. — Дар шаҳр кор кунед ҳам, ин қадар қанд хӯрда наметавонед. Дар деҳа ҳам.

— Хайр, сабабаш чӣ? — Сиҳат-амак саволи Илҳомро бозпурсид.

— Агар донам, намепурсидам.

— Камбуди оксиген, — гуфт Каримҷон беэътино.

Илҳом дарк кард, ки дар ин ҷо нишастагон сири ин амалро ба вай тавзеҳи боасос дода наметавонанд. Ба донишгоҳ пазириш шавам, аз устодон савол мекунам, худ ба худ фикр мекард вай. Муаллим Хисравов ҳатман сабаби ин қандхӯриро медонанд. Агар ба деҳа равам, аз устод ҳам мепурсам. Илҳом аз ин хислати муаллим хушаш меомад, агар вай намедонистаашро "намедонам" мегуфт, зуд аз паи донистани он меафтод. Боре Илҳом аз ӯ пурсид, ки оби чашма беҳтар аст ё оби чоҳ. "Аз ҳама оби ноҳорам оби чоҳ аст", — ҷавоб дод вай. "Яъне, оби чашма хуб?" "Не, — гуфт муаллим, — оби чашма бад нест, аммо он оби аз ҳама олӣ ҳам нест. Барои нӯшидан оби аз ҳама мувоффиқ, ба фикри олимҳо — оби сой. Бобоят ҳамин тавр гуфта буданд. Бача будам, ман як сол дар дасти он кас дарс хондагӣ, шогирдашон будам. — мегуфт Хисравов дар ҳаққи бобояш. — Оби сой кӯфта гашта, офтоб хӯрда меояд, — сероксиген" — дар охир илова кард вай.

Рӯзи дигар ҳамаи геологҳо думболи кори худ рафтанд. Аҳмад-ака барои меваи хуч чидан ба болодасти рӯд равона буд. Сиҳат-амак ба таъмири пойафзол машғул шуд.

Илҳом худро ба чӣ кор машғул карданашро намедонист. Ҳамроҳи Аҳмад-ака рафта меваи хуч чидан хост, аммо ӯ аз роҳаш гардонд.

— Ба ман нигаред, биёед, бекор нанишаста аз дарьё моҳӣ медорем? ... А? — таклиф кард ӯ ба саркор.

— Ман бекор шиштагем не... Ту гапи дигар, — аз кораш сар набардошта ғурунгос зад Сиҳат-амак. Сонӣ,

баъди хеле хомӯшӣ гуфт: — Ҳосилу Норӣ нимрӯзӣ меоянд ва мо ба тарафи Ҳаводара меравем.

— Ба Ҳаводара?! Бе шӯхӣ? — нобоварона ба чашми саркор нигарист.

— Боз, дониста мон: дар ин дарьё моҳӣ нест, — саркор аз шодмонии Илҳом бехабар маломат сар кард. — Намедонам, мактаб ба шумо бекорхӯҷаҳо чӣ ёд медиҳад?

Илҳом лаҳзае ба фикр афтод, барои чӣ дар оби дарьё моҳӣ намешавад? Вай дар ин бобат хондаю шунидаашро ба хотир меовард.

— Муаллими зоология мегуфтанд, ки дар дарьёҳои кӯҳистони мо гулмоҳӣ ҳаст, ширмоҳӣ ҳаст...

— Аммо дар Ангор нест! Инашро нагуфт? Ана, ҳамин тавр!.. Ҳеҷ, намефаҳмам. Ба худо рост, ба ту дурӯғ, бимирам, ки намефаҳмам... Даҳ сол хононда ба шумо чӣ ёд медиҳанд? Тобистон як донишҷӯй омада кор кард, алафи чой — заргулака намедонад. Дар кӯҳи Абрбанд будем. Чой мондем, ҷӯшид. Рав, камтар заргулак канда биё гӯям, шах шуда нишаст. Заргулака намедонад-е!

— Хайр, шумо Эйнштейн кӣ ҳаст, медонед? — Илҳом ҳам ба ҳамла гузашт. — Назарияи нисбиро медонед? Намедонед. Ё ана, қонунҳои Фукидидро медонед? Не.

— Ҳой, бача, ман ту барин даҳ сол хӯроки муфт хӯрда, пӯшоки муфт пӯшида мактабравӣ накардаам! Ман дар ҳисоби як бесавод. Ба ман чӣ даркор вай гапҳо?

— Шоҳ Акбар ҳам бесавод буд, аммо шаҳри Аграро бино кард. Дар Шарқ яке аз шоҳҳои доно ва батадбир буд.

— Ҳа-ҳа-ҳа... — Сиҳат-амак чунон бо завқ хандид, ки аз чашмонаш об рехт. — Ҳа, гап зан, аз шоҳ Акбар гап зан! —

худашро ба зӯр аз ханда дошт вай.

Илҳом хомӯш гашту лаҳзае ба кори Сиҳат-амак зеҳн монд. Саркор ҳоло ба мӯзааш наъл мезад. Наълҳои махсуси кӯҳгардӣ. Ин наълҳои дандонадор, ки ба гирдогирди кафакӣ ва пошна мезаданд, пойафзолро вазнин кунад ҳам, ҳангоми кӯҳбаророӣ заминро сахт газида, ба лағҷидан имкон на-медиҳад.

— Ба мӯзаи ман ҳам аз наълатон шаш-ҳафто намезанед? — хоҳиш кард Илҳом.

— Намешавад, — гуфт саркор ба мӯзаи Илҳом як назар андохта. — Тагчармаш тунук. Ин наълҳо барои кафакии ғафс.

Норӣ аз куҷое омаду рӯи мизи таомхӯриро тамиз карду нақшаеро боз карда ба рангкунию аломатгузорӣ машғул гашт. Вай аз рӯи маълумоту ҳуҷҷатҳо нақшаи заминшиносии маҳалро тартиб медод ё мураттаб мекард. Илҳом ду-се бор ба вай наздик рафта, пурсидан хост, ки ин чӣ нақша ва ӯ бо чӣ кор машғул аст, аммо тамоми таваҷҷуҳи Норӣ ҷалби кор магар, ба самти Илҳом эътиборе надод. Вақте ки як чарх зада омаду бори дигар ба вай наздик шуд, Норӣ ба сӯи ӯ нигариста як табассуми ширин ҳадья намуд. Илҳом мехост, ки ин нозанин боз ба вай табассум кунад. Ҳоло вай мӯйҳои хурмоии парешонашро ҷамъ карда ба пушти сараш баста буд ва сурати хушандомаш бештар дилкашу назаррабо менамуд.

Илҳом дар таҳи дил ба бахти Ҳосил ҳасад мебурд. Ҳасудиаш меомад, ки чунин нозанини беҳамторо ба домаш гирифтааст. Сиҳат-амак ба вай дар хусуси онҳо гап зада гуфт:

— Ҳосил ҷавони безеб бошад ҳам, кораш базеб, геологи ҳирфаӣ. Мекофтагию метаркондагӣ ҷойҳоро хуб медонад.

Баъзеашон нишона мемонанду худашон ҳам дуруст сарфаҳм намераванд, ки барои чӣ аз он ҷо хок гирифтан даркор. Аз таваккал... — Дар хусуси Норӣ фикри саркор чандон хуб набуд: — Ин духтарак, нағзаш пухту пазу дӯхту дӯзашро кунад, — мегуфт. — Хайр, зан-дия ба вай ин корҳоро кӣ мондааст... То фарзанддор шуданаш ду-се рӯз мегардаду сонӣ... — саркор лаб кач карда даст афшонд. — Зоча барин чиз.

Ҳамон рӯз ба Ҳаводара рафтан ба Илҳом муяссар нашуд. Саркор аз қавлаш гашт. Худаш ба асп савор шуду белу тешаи кӯҳканӣ гирифта ба роҳ афтод.

— Ман имрӯз рафта менигарам, раҳаш чӣ хел... Рӯзи дигар кӯч мебардорем. Ту халтаро гиру каме себу чормағз бичин. Дар он ҷо боғот нест.

— Охир ба Ҳаводара намеравем?

— Ба Ҳаводара меравем. Аммо ба деҳа не-ку. Макони бошишгоҳамон аз деҳа дур... Нороҳат нашав, деҳаатро мебинӣ.

Саркор дигар ба қафояш нигоҳ накарда рафт.

Илҳом думболи ӯ хеле вақт нигариста монд. Чашмашро раҳ бурд. Хаёлаш монанди боди бесаранҷом ба ҳар тараф давида ҷавлон мекард. Ӯ зиндагиашро дар Ҷари Даридаи қаҳратун намоиши нахустини драмаи ҳаёти кӯҳканӣ ҳисобида, мазмуни намоишҳои дигари онро қаблан фаҳмидан мехост, аммо қувваи андешаю муҳокима, муқобилаю пешбинии ӯ ҳанӯз ба ин кор оҷиз буд... Алҳол фақат ҳаминро хуб дарк кард, ки мехоҳад аз самими қалб корашро анҷом диҳад...

Баъдан вай тасаввур карданӣ шуд, ки пас аз сад-дусад сол ин кӯҳсор чӣ сурате мегирад? Ободу маъмур, зеботару

рӯҳафзотар мегардад ва ё муқобилан, сангистони холии бедарахт, бе ягон ҷонвар? Чӣ тарз одамон зиндагӣ мекарда бошанд? Бешак, онҳо ба соддагии мо механданд, аммо маълум не, аз мо бештар некиродатар, табиитар ва озодтар хоҳанд буд ё баръакс? Кӣ медонад? ... Сад-ду сад сол аз ин пеш ягон тан аз бобоёни ӯ дар сари ин теға нишаста ҳар қадар фикр кунад ҳам, ба гӯшаи хаёлаш меомад, ки як рӯз ин мардум хонаю ҷо, боғу замин, кӯҳу дарьёи худ, хонақоҳу гӯристони гузаштагони худ — ҳама, ҳамаашро партофта мераванд?

Вай бо ҳамин навъ андешаҳои хаёлии мубҳамӣ халтаро гирифт, достони “Завол”-и Тагорро ба ҷайби бағалаш андохту ба самти дарахтзорони анбӯҳ қадам ниҳод.

Норӣ бо табассум аз қафои ӯ менигарист.

### *Боби ҳафтум*

## *ҲАВОДАРА ВА ҚИССАИ МИХАИЛ ПОТАПОВИЧ*

Чоштгоҳи рӯзи дигар Сиҳат-амак, Аҳмад-ака ва Илҳом ба се асп бору бунаашонро баста ба роҳ афтоданд. Онҳо аввал қад-қади дарьё болотар рафтанду баъди он ки рӯдро аз ҷои тунукоб гузаштанд, бо бераҳае, ки фақат ба Сиҳат-амак маълум буд, ба кӯҳ рост шуданд.

Модари Илҳом ба ӯ гуфта буданд, ки роҳи Ҳаводара хуб асту ароба нагузарад ҳам, пиёдаю савора бемушкилӣ зимистону баҳор равуо доштанд. Пас чаро Сиҳат-амак аз бероҳа меравад? Шояд Ҳаводараи дигар бошад-а?!. Наход, ки умрҳо бобоён аз ҳамин бераҳаи пурхатар гашта бошанд?! Кӯҳ чунон пуршиб буд, ки Илҳом бо дастонаш сангу

буттаҳоро дошта-дошта бо азобе мебаромад. Аспҳо дар Ҷари Дарида ҳам ба ин хел барози рост набаромада буданд ва Илҳом ин ҳолро бори аввал медид.

Баъд онҳо ба сари кӯҳ нарасида, бо камари кӯҳ ба самти чап гаштанду дар ин ҷо Илҳом боз як бор азобу шиканҷаи хиҷолатро аз сар гузаронд. Даҳ метр барин роҳи қалб будаст. Боло — кӯҳ, поин то худи дарьё регдав буд. Чунон регдаве, ки агар чормағзро партоед, мустақим ба дарьё рафта меафтод. Даҳ метр барин роҳ не — пули сирот! Сиҳат-амак ҳар ҷо-ҳар ҷои онро харошида поймонак кардаст. Аз ин “роҳ”-и сохтаи вай Илҳом гузашта натавонист. То ба нисф рафту чашмаш сиёҳӣ зада, оҳиста ба ҷояш нишаст. На имкони пеш рафтан буд, на ҷасорати қафогардӣ. Ба поин нигарад, аз даҳшат вуҷудашро ларза мегирифт. Пойҳояш дарақ-дарақ ларзида, ҳамин лаҳза ба поин ғелида парчин мегаштагӣ барин... Вай хотир надорад чанд дақиқа ба ин минвол нишаст. Сиҳат-амак ва Аҳмад-ака механдиданд. Баъд Сиҳат-амак маслиҳат дод:

— Ҳой, ба ман нигар, ба поин нанигар. Ба поин нанигашта соф омадан гир.

Илҳом дар фикри чӣ гуна аз ин варта наҷот ёфтан буд. Кош, ба ақиб баргашта метавонист. Не, то даме, ки яке аз чодирҳоро ба поин накашанд, вай аз ҷояш наметавонад такон хурад. Чодирро чӣ хел мекашанд? Ин раҳ як ҷаҳаннам бошад... Сиҳат-амак наздаш омада хост аз дасти вай бигирад, аммо Илҳомро ҷуръати аз ҷо бархостан набуд. Саркор ҳарчанд сайъ кард, вай маҳкам ба рег панҷа зада аз ҷояш наҷунбид ва зорӣ кард, ки аз ин амали беҳуда даст кашад, вай ҳолу аҳволи ҳаракат кардан надорад. Баъдан

Сиҳат-амак аз Аҳмад-ака хоҳиш кард, ки арғамчин диҳад, то саркор нӯги арғамчинро аз камари Илҳом бибандад.

— Бихез, арғамчинро бидору омадан гир.

Худаш нӯги дигари арғамчинро гирифта пеш рафт. Илҳом аз ҷо бархосту бо азияте аз ин варта рад шуд.

Аспҳо ҳам заминро бӯй карда-бӯй карда, тарсону ларзон гузаштанд.

— Воқеан, ба Ҳаводара ягон раҳи соз нест? — пурсид вай бо ранҷу андӯҳ аз оҷизиаш дар назди ин ҳамкорон худро ниҳоят ҳақиру нотавон дида.

— Нони меҳнатӣ, ана, ҳамин хел сахт аст, бародар! — пеш-пеши Илҳом аз лаҷоми аспаш гирифта ба роҳ даромаду бо овози баланд хитоб кард Сиҳат-амак. — Ошу нони тайёрро хӯрда аз Шоҳ Акбар гап задан осон.

— Ҳиъ, кӯҳканӣ омадаст! Э, агар ихтиёр ба дасти ман бошад, ҳамаи ин олуфтасатангҳоро ба колхоз бурда, шабу рӯз кор мефармудам. Ду-се сол кор кунанд, сипас ақлашон ба ҷояш медароянд, — фарьёдкунон мегуфт Аҳмад-ака, ки аз ҳама пеш мерафт.

— Чӣ, ман дар колхоз кор накардаам? Аз синфи шашум пас аз дарс ба кори колхоз баромадам. Колхоз маълумотнома ҳам додагӣ.

— Хайр, ту кор кардагӣ, аммо дар шаҳр эркатулфорҳои дайду кам не. Ришу бурут патак барин, шабу рӯз гитарзанию тамокукашӣ, мастию майхӯрӣ, бетамизӣ.

Хушҳолона ҳамон рӯз бо Сиҳат-амак як воқеаи аҷоибу ғароибе рух доду тақрибан як моҳ он рӯйдоди ғалатӣ мавзӯи сӯҳбати коргарону геологҳо гашт ва аз беҷуръатии Илҳом аҳьён-аҳьён сухан мекушоданду тамом. Илҳом ҳар боре, ки

он лаҳзаро ба хотир орад, табъаш хира мегашт, дилаш буғз мекард, мисле як гуноҳи авфнопазире содир карда бошад. Бинобар он, сайъ мекард онро ба хотир набиёрад, зудтар фаромӯш кунад, вале ҳамкорон ҳар сари чанд муддат аз нав онро ба ёди ӯ оварда, хатҳои кӯршудаи онро равшантар менамуданд.

Аз бероҳаи пурсанг мерафтанд.

Аҳмад-ака аз онҳо хеле пеш рафт. Аз рӯи нақшаи саркор онҳо камари кӯҳро камарбанд барин печ зада мегузаштанд.

— Аз ростӣ раҳи дигар нест-а? — мепурсид Илҳом бо шакку шубҳа. Аз ваҷҳи он, ки дар бозгашт аз он регдав чигуна мегузарад, хотири ӯ ноосуда буд.

— Кӯпруки пайраҳаро хеле вақт аст, ки об бурда. Агар алҳол аз пайраҳа равем, дарьёро убур карда наметавонем, — оқибат фаҳмонд Сиҳат-амак.

Ҳаводара дар назари аввал ба Илҳом писанд нашуд. Як сойи бедолу дарахт, хомӯш ва ҳузнангез буд. Дар кӯҳҳо ва талу теппаҳо буттаҳои гуногуни худрӯй руста бошад ҳам, дарахти мевадор дар поёнкӯҳ қариб набуд. Порча-порча заминҳои соҳили рӯд, ки замоне киштзор будаанд, ҳоло бурганзор ва хористон гаштаанд. Аз паррандаҳо дар ин ҷо ҷӯр бисьёр будаст. Ҷӯрҳо дар тори сари онҳо гоҳ пасту гоҳ баланд парвоз намуда, монанди зангӯлачаҳои хурдакак чулдурос дода аз осмон ба сарҳо нағмаҳои худро гӯё нисор мекарданд.

Илҳом чунин Ҳаводараро чашмдор набуд. Дараи дар хаёл парваридаи вай тамоман дигар: ҳар тарафаш обшор, марғзору бӯстонаш — дилкушо, кӯҳсораш — беназир, боғҳояш — пурмева...

— Боғҳо аз беобӣ сӯханд — гуфт саркор. — Набошад,

деҳа боғистон буд. Баландӣ-да, аз беобӣ ҳайф шуд.

Сиҳат-амак раҳравон чаҳор атрофро менигаристу барои манзил гирифтан ҷои мувофиқе меҷуст.

— Ба сой наздиктар ҷой даркор, — маслиҳат дод Аҳмад-ака.

— Сой хеле ҳам дар пастӣ... Дили кас буғз мекунад, — эътироз кард Сиҳат-амак.

— Дарьё ҳам паст рафтаст, — гуфт Илҳом ба ҷарии чуқуре, ки аз қаъри он бо талотум оби рӯд ҷорӣ буд нигариста.

— Намебинӣ, заминаш камсанг, об кофтагӣ, — лоқайд фаҳмонд Сиҳат-амак, ки тоқии чиркинашро аз сар гирифта ҷӯя-ҷӯя оҷингҳои пешониашро хориш дода тори сари бемӯяшро молида фикр мекард.

Дар домани кушоди кӯҳ, дар он ҷое, ки шаху зов набуд, ду-се тахтасанги бузург, ки ба ҳам такья карда, ба иморате монандӣ доштанд, таваҷҷуҳи онҳоро ҷалб карду наздик рафтанд.

— Ҳамин ҷо соз меояд. Ошхонаи тайёр дорад, — гуфт Сиҳат-амак аспашро монда ба болои тахтасанг баромада. Вай ин маконро нисбат ба дигарҳо беҳтар медонист.

Аспҳоро гузошта ҳама ба муоинаи тахтасангҳо ва атрофи ин ҷой сар карданд. Тахтасангҳо ба ҳам такья карда миён хонаи калони сангӣ ба вуҷуд омадаст. Деворҳои ин хонаи сангӣ аз дуди оташ сиёҳ гашта буд.

— Чӯпонҳо оташ гирондагӣ, — шарҳ дод Сиҳат-амак чаҳор сӯи онро назар карда. — Э, ана, кӯзаашон ҳам мондааст.

— И-и, хурма ҳам, — гуфт вай аз даруни хона. — Барои мо ошпазхона соз мешавад. — Баъд вай ба берун баромаду

атрофро бори дигар аз назар гузаронда гуфт: — Ана, дар ин ҷо чодир мезанем.

— Аз ҳамин қадар роҳ об мекашонем? — норозигӣ баён кард Аҳмад-ака. — Ба дарьё наздиктар бошем, хубтар. Беоб чӣ хел зиндагӣ мешавад?!

— Ҳой, Аҳмад, наход ман туро беоб монам-а? — Сиҳат-амак ин суханҳоро гуфта бори аспашро фуровард.

Аҳмад-ака бо ғазаб ба кори вай менигаристу бар ситеза аз ҷояш намеҷунбид.

— Ана, дар ин ҷо чодир мезанем, — Сиҳат-амак аз авзои ҳамкораш ноогоҳ ё донад ҳам, бардурӯғ худро бехабар вонамуд карда нақшаашро такрор ба такрор писанда мекард.

Аҳмад-ака бо чашмони кашида ғазаболуд ба ҳаракатҳои вай нигариста, монанди бабри ба ҳамла омода, мунтазири фурсат буд.

— Ҳой, саркор, хаёлам ту ақлатро хӯрдӣ, — ниҳоят бо ғазаб ба сари Сиҳат-амак рафт вай. — Дар Такоб аз касофати ту хуб овора гаштем, бас. Ё барқасди ман кор мекунӣ? А?

— Ҳой, Аҳмад, сабӯс барин вазнин бош, — аз кораш сар набардошт саркор. — Ба ту чӣ намерасад? Об? Ана об! —вай ба тарафи боло даст ишора кард, ки як порча қуруқи сабз метофт.

Дар байни санглохи хушки камгиёҳ монанди ҷазирача як порча замин бӯи намӣ диҳад ҳам, аз оби равон асаре наменамуд. Саркор шигифтии ҳамкоронро дида лабханде заду хитобан ба Илҳом гуфт:

— Намебинӣ?! Боз даҳанкалонӣ мекунӣ, ки кӯҳистонро панҷ ангуштат барин медонӣ! Ба гумонат ҳӯ, ана, миёнҷои

қӯруқ аз чӣ сабз аст? А?.. — Саркор ғолибона лаҳзае ба рӯи Аҳмад-ака нигариста истоду бо тантана эълон кард: — Чашма!

— Ҳой, кӯкнорӣ,оби ҳамон чашмаи ҷир-ҷир катӣ зиндагӣ мешавад? — ба саркор нигариста заҳрханда кард Аҳмад-ака.

— Ман ба дари чодират ҷӯи об биёрам шуд охир?

Ин гуфтугузор дилгир кард магар, Сиҳат-амак суханро кӯтоҳ карду ба кор шурӯъ намуд. Баъд шах шуда истодани ҳамроҳонашро дида амр кард:

— Бори аспҳоро фурореd!

Бори аспҳоро фуровroutда, ашьёи мешикастагиро ба хонаи сангӣ даровroutданд. Аҳмад-ака ба кор даст назада худро канор кашид.

— Хӯ-ӯш... — Сиҳат-амак ба атроф нигариста лаҳзае фикр карда истоду баъд ба Аҳмад-ака нигарист. — Ту боз як бор ба Ангор рафта меой. Ду аспро гир. Ду халта динамит бор кун. Ин наметавонад, — гуфт саркор Илҳомро дар назар дошта.

— Наметонад-а? Натонад, пас чаро ба ин ҷо меояд! — якбора ба шӯр омад Аҳмад-ака. — Чӣ, акнун ин наметавонад гуфта ман ба ҷояш кор мекунам? Бардор дову даскаата!

— Ҳой, Аҳмад, — аз рӯи одаташ бо таъкид, маломатомез хитоб кард саркор, — ба ин ҳам кор ҳаст. Мо ҳар ду пеш аз чодир кашидан шурф канда метарконем... Сонӣ чодир мекашем... Чашма кайҳо гӯр шуда рафтагӣ, кушода ба ин тараф ҷӯй мебиёрем.

Аҳмад-ака бо зарда рафта дар рӯи шах нишаст.

— Гир, ин самандро савор шаву хӯ, дар поин, тути бе-

шохро дидӣ? Ана, ба ҳамон ҷо бурда арғамчин карда биё, — ба Илҳом амр кард Сиҳат-амак. — Зуд раву баргард! Абзорашро гир, луч кун.

Илҳом ба кушода гирифтани абзори саманд сар кард. Аҳмад-ака оҳиста аз ҷояш бархосту арғамчинҳоро калобавор ҷамъ карда ба қоши зини яке аз аспҳо баст, сипас нӯхтаи он аспро ба зини аспи дигар баст ва як ҷаҳида ба он савор гашту ҳарфе назада бо ситеза ба роҳ афтод.

Сиҳат-амак ба қавли худаш, одаме, ки умраш бо кӯҳканӣ гузашта. Аз солҳои сиюм боз дар идораи ҷустуҷӯи маъдану фулуз кор мекунад. Чандин сол боз сардори дастаи кӯҳтарконҳо. Аз ин панҷ сол муқаддам як сардори нав омада ҷои гарми ӯро сард кардан хоста аст, аммо раҳбарон сари вақт ба шохи он қайсар зада, “ба вай одам чаққа нашав”, гуфтаанду ноилоҷ “дамаш ба дарун задаст”. Вақте ки Илҳом сабаби мухолифати ӯро бо сардор пурсид, Сиҳат-амак китф дарҳам кашиду “ҳеҷ... худам ҳам ҳайронам... Беҳуда. Шояд, ситораам шум намуд”, гуфт.

Симову андоми саркорро дида ҳеҷ кас намегӯяд, ки синни ӯ зери шаст. Мӯяш сафед нашудааст. Аслан мӯи зиёд ҳам надорад — тунукмӯю камриш, ҳатто қариб кӯса. Зимистону баҳор мӯи сару ришашро худаш бо як покуи кӯҳнааш метарошад. Марди резаҷусса, борикрӯй, чашмонаш ҳамеша ба кас айёрона хандида менигаранд; рӯяш чӯтур набошад ҳам, бар асари оҷинг бошад ё дигар чиз чӯтурнамо барин; вай ҳамеша ба коре овора, нафасе такя карда хобидани ӯро касе надидааст. Ӯро танҳо дар бистари хоб осуда медиданду баъзеҳо бо шӯхӣ, баъзеҳо бо истеҳзо: “Сиҳат, дар ҷогаҳ чӣ хел наҷунбида хоб мекунӣ-а? Боварии кас намеояд!”

мегуфтанд. Дар ҳақиқат, доиман дар дасти ин одам анбӯр, сим, мех, хоиск, бигиз... Абзори аспҳоро медӯзад, мӯзаҳоро дарбеҳ мекунад, наъли часпак мезанад, хуллас дар рӯзғори начандон хурди маъданҷӯён ҳамеша вай саргарми кор. Ҳама иқроранд, ки агар вай набошад, сарҳисоби китоби рӯзғорашонро ёфта наметавонанд. Дар касби таркондан-ку, саркор баҳо надорад. Аз як ҷиҳат, Дарвеш ҳам, дигар сардорон ҳам барои ҳунараш нозу нузи ӯро мебардоранд.

Қабл аз ба Ҳаводара омадан, дар Ангор Сиҳат-амаку Илҳом аспҳоро наъл заданд. Кори осон набудани наъл задани аспро Илҳом ҳамон рӯз мутаваҷҷеҳ шуд. Суми ҳайвонро тарошидан, меххҳои наъли кӯҳнаашро канда, наъли навро ба пои асп мехкӯб кардан шири аз модар хӯрдаи одамро аз биниаш меоварда аст! Сиҳат-амак мегуфт, ки асп дар кӯҳсор бенаъл ҳеҷ раҳ гашта наметавонад.

— Хайрият, ки ин кор аз дасти шумо меомадаст, вагарна дар ин кӯҳистони бекас аз куҷо устои наълзан меёфтанд?! — гуфт Илҳом ба сумҳои наълкӯби асп бо завқ нигариста. Ӯ фахр мекард, ки дар ин кор саҳми вай ҳам ҳаст.

— Э-э, ҳамин қадар наъл мезанам... — даст афшонд саркор. — Ҳазл не, чордаҳ асп! — Абзорашро дӯхтаю баста меистам, майда-чуйда — ҳама корашонро сариштa мекунам, аммо як пул ҳақ намедиҳанд. — Шикваи кӯҳнаашро сар кард вай. Маълум буд, ки ӯ ин шикояти худро борҳо ба дигарон ҳам гуфтааст, аммо натиҷае нагирифтааст.

— Хайр, ҳеҷ гап не, амак, ғам нахӯред, — Илҳом чӣ гуфтанашро надониста ӯро таскин додан хосту ҳазломез гуфт: — Ин ба ҳисоби корҳои ҷамоатӣ.

— Кори ҷамоатиро муфт мекардаанд-чӣ?! Охир, ҳар як

фаъолият кормузд ҳам доштагист. Бемузд ҳӯ, шаб саргузашт мегӯянд! — гуфт вай андаке оташин гашта. Баъд аз қаҳр фуромаду гӯё худ ба худ мегуфта бошад, аз кораш сар набардошта ба ҳарф даромад: — Э, randодар, ту ҳам бачаӣ, чиро мефаҳмӣ? — Саркор оҳ кашид. — Дарвешат ҳам, дигараш ҳам дар дасти чӯпонҳои ин ҷо ё ошноҳои маҳалиашон мол доранд, ҳол доранд. Ҳар бор вертолёту мошин катӣ аз ин ҷо гӯсфанд, мева мебаранд, аз шаҳр барои ошноҳошон як чизним чизи даркорӣ мебиёранд. Ана, пулу чизи кӯҳканию геологҳо дар дасти худашон... Ҳоло ба мо ду коргар намерасад, коргар бигир, гӯям гӯшашро ба карӣ мезанад... Аҳмад ҳам ҳисобашро ёфтагӣ. Ману Барака бо моҳонаи зормонда қаноат карда гаштем. Хайр, вай Юра ҳисоб не, нони даҳанашро барои хоидан хушаш намебиёд. Геологҳо ҳам асосан, моҳона катӣ, лекин як дутааш намешудагӣ... Ба оҳую хирс қирон овард.

— Барои чӣ гап намезананд? А? Шикор манъ-ку? — Илҳом саволеро, ки кайҳо боз дар нӯги забон дошт, пурсид.

— Кӣ гап мезанад? Ана, Аҳмад шабу рӯз шикор катӣ, кору бори худаш катӣ банд. Кӣ ба вай гап мезанад? Дили калонҳоро ёфтагӣ. Ман гап занам, писанд намекунад. Ҳарому ҳариш кор карда гаштаст. Бо раисҳо гапат як бошад, дигар кӣ ҳақ дорад, пишаки туро пишт гӯяд?

Илҳом суханони дардолуди Сиҳат-амакро шунида, бори аввал ба рӯи вай бо шубҳа нигарист. Ҳис кард, ки саркор аз воқеӣ зиёдтар муболиға мекунад. Албатта, баъзе даъвои ӯ дуруст, аммо ба чашми амак яктааш дуто менамудагӣ шудаст, аз дил гузаронд вай.

Илҳом аз лаҷоми асп гирифта ҳанӯз ба раҳ наафтода буд, ки Сиҳат-амак пештар омада дубора таъинот дод:

— Ба ман нигар, ҳӯ санги сиёҳро дидӣ? — саркор бо ангушт ишора кард. — Рост ба ҳамон санг нигариста ҳай кун. Ҳӯ-ӯ, тути бешохро дидӣ? Поин — алафзор, сахтакак банду биё.

— Ишкел кунам, хубтар не? — пурсид Илҳом озодтар чаридани аспро андешида.

— Гапро пур накуну гуфтаамро кун!

Илҳом дигар ҳарфе нагуфта як печ арғамчин гирифт. Вай хислати саркорро медонист: баъзан худ аз худ дилтанг мешавад, маслиҳат пурсед ҳам, дӯғу дабара мекунад, ҳарфи сахт мегӯяд. Боз худ аз худ кушода мешаваду бирешим барин маҳин мегардад. Аслан, аксари одамони ин ҷо ҳамин хел будаанд: гоҳ — баҳору гоҳ — зимистон. Одати Сиҳат-амак ҳамин хел аст: тундӣ мекунаду зуд аз карда пушаймон мешавад, ҳамон замон бо ягон баҳона буғзи дили касро мебарорад.

— Ист, як бинам, канӣ чӣ хел бастӣ? — Сиҳат-амак наздик омаду арғамчини ба нӯхтаи асп бастаи Илҳомро баррасӣ кард. — Арғамчин ҷонаш намондаст, аз пои асп бандӣ ҳам мешавад, зӯр намеояд. — Сонӣ боз аз фикраш гашту гуфт: — Хайр, мон, ҳамин хел банд. Ба ягон ҷои сералаф, аз ҷарӣ, аз дарахт дуртар...

Ин суханон изофа буданд. Илҳом медонист, ки аспи бастагӣ ба дарахт печида ё аз ҷар афтода мурданаш осон.

— Ишкел накун, гуфтанам бесабаб не, — саркор ба нармӣ табассум карда ба китфи Илҳом оштихоҳона бо дасташ зад. — Аспи ишкел еми гург аст.

— Э, ана, дар шафати худамон-ку! — сухани ӯро бурид Илҳом.

— Ҳой, ту гурги гушнаро надидӣ! То аз ин ҷо расида

рафтани ту, вай исқот аз гӯшти асп ишкамашро сер карда, ҳӯ ба он сӯи сой гузашта лабашро лесида мешинад! Ҳа, хуб гӯй.

Аз байн ним соат фурсат гузашт ё не, Илҳом аспро баста омаду оби аз таҳдари ошхона равонро дида, беихтиёр хитоб кард:

Об дар кӯзаю мо ташналабон мегардем,
Ёр дар хонаю мо гирди ҷаҳон мегардем.

Саркор ин дам чашмаро бозкофта, оби онро ба ҷӯйча кашида ба манзилгоҳ овардаст. Баъдан бо пешниҳоди Илҳом обро аз болои тахтасанг ҷорӣ карданду шаршараи сунъие ба вуҷуд омад.

— Эҳ-ҳе кайф-ку! Барои даструйшӯӣ соз шуд.

— Хоҳӣ, дасту рӯ шӯю, хоҳӣ, оббозӣ кун!

Садои ҳамин обпари хурдакак ҳам ба ин гӯшаи хилват ҷон бахшидагӣ барин намуд. Аз дили Илҳом гузашт, ки дар кӯҳсор ҳаргиз ҷои хароба ва дилгиркунанда нест, ҳатто Ҷари Дарида ҳам бо сармои худ ҳусну тароватии махсус дошт. Дар кӯҳсор ба куҷо равед, ба кадом тараф нанигаред, ба дилу ҳисси шумо, ба чашму гӯши шумо, ба фикру хаёлатон як навъ ғизое мерасад, шояд аз ҳамин сабаб инсон бо тамоми ҳастиаш ба ҳар як пайраҳаи Ватан, ба ҳар як ҷӯю ба ҳар як буттаи он пайванд аст...

Торҳои ларзони шаршара мӯйҳои ба сари китфонаш парешон афтодаи Нориро ба ёди Илҳом овард. Сабил, ҳамон регдав намебуд, бо ҳазор баҳона ба Ангор мерафтам, ӯро медидам, ҳамгап мешудам... Вай аз ман чизе савол карданӣ буд, ду-се бор даҳан ҷуфт кард, вале гуфта натавонист. Ҳангоми ба ин сӯ омаданамон ҳам аз қафо нигоҳ мекард.

Вай бо ҳамин андешаҳо беихтиёр ба кушодани чодир шурӯъ кард, аммо Сиҳат-амак ӯро аз олами хаёлоти ширин ба худ овард:

— Чодирро ҳанӯз даст назан.

— Охир... — Илҳом лаҳзае мушавваш монд. — Аввал чодирро рост карда, чизу чорaро саришта кунем-чӣ?

— Ҳай, доде-е!.. — саркор бо надомат даст ба сар зад. — Э, дод-е, сарамро ба кадом шах занам? А? Ба ман нигар, чанд сол хондӣ?

Агар таъбаш хуш бошад, Сиҳат-амак ҳазлу шӯхӣ мекард. Аксар агар кори ғалат ё тафаккури иштибоҳи ӯро фаҳмад, ба муаллимон дармеафтод. Мисли ҳама чизро ба бачаҳо муаллим меомӯхта бошад, на волидайну, на зиндагӣ. Дар ингуна маврид Илҳом ҳам паст намеомад:

— Муаллимон ба ман чизҳои муҳимро тадрис карданду гуфтанд, ки ҷонибиашро Сиҳат-амак худаш ёд медиҳад.

— Э, ба падараш раҳмат, худо хайре диҳад... Ин тавр гуфта бошад, сабӯс барин вазнин шаву ба гапаш гӯш кун, гуфтагист? А?.. Рав, ана, вай халтаро гиру динамит бардор.

— Чӣ, метарконем? Канӣ шурф?

— Ҳа, хаёлат сараввал чодир занему баъдан тарконем? А? Ту мегурезию панаҳ мешавӣ, чодир чӣ мешавад? Э-э, ҳаминро нафаҳмӣ, дигар ман ба ту чӣ ҳам гӯям!

— Ҳа-а, фаҳмидам. Аввал шурфи атроф бударо метарконем.

— Э, қандата зан! Ҳамин қадар ақлу фаҳм доштӣ-ку! Аммо шурфи тайёр нест, шурфро бояд худат канӣ, — саркор бо ҳамин хел суханони киноямез ҳазл карданро дӯст дошт.

Баъд вай як байт шеъри бемазмуни аз даҳони кадом як

ҳофизи безавқ шунидаашро бо оҳангаш зери лаб замзама карда асбоби инфиҷорро ҳозир сохт:

— Қандата зан, қандата,
Иҷро кардӣ қавлата!

Вай иттифоқан, мисле, ки сухани муҳиме ба хотираш расида бошад, ба Илҳом рӯ овард: — Қиссаи писари бефаҳми подшоҳро нашунидӣ? — Саркор ҳанӯз ҷавоби инкор нагирифта ба ҳарф даромад: — Инро ба ман як геолог гуфта буд. Худо раҳмат кунад, бечора парер сол дар қарибиҳои Гармо шаҳид шуд. Як ҷавони калламағз буд.

— Чӣ хел шаҳид шуд? — бетоқатона сухани саркорро қатъ кард Илҳом. Вай медонист, ки ҳоло ӯ чӣ тавр шаҳид гаштани он заминшиносро нагуфта, ба қиссагӯӣ медарояд.

— Э, ба миёни гап лағат назада гӯш кун, чӣ мегӯям, — Сиҳат-амак, ҳодисаи марги он заминшиносро гуфтан намехост. — Як подшоҳ буд, вай ӯ як писари бефаҳму бефаросат доштаст. Ба вай муаллимони беҳтаринро оварда илму ҳунар омӯзиш доданӣ шудаст. Пири фолбинони шаҳрро садо карда амр кардаст, ки ба шоҳзода ҳунарашонро ёд диҳад. Пири фолбинон таъзим карда, чашм гуфта ба шоҳзода илми фолбиниро ёд додааст. Вақте ки ҷамъи илмро тадрис карданд, подшоҳ пири фолбинҳо ва писарашро ба назди худаш хонда имтиҳон мекунад. Аз ангушташ ангуштари нигиндорро оҳиста гирифта, дар кафаш пинҳон мекунаду аз шоҳзода мепурсад, ки дар дасташ чӣ ҳаст? Шоҳзода аз рӯи илми хондааш ҳисобу китоб карда, мегӯяд: “Дар дасти шумо, тақсир, як чизи ҳалқа, миёнаш сӯрох”. Подшоҳ мегӯяд: “Офарин, ҳама нишонаҳошро ёфтӣ, ку, бигӯ худаш чӣ?” Шоҳзода ҷавоб медиҳад: “Он чиз санги осиё будагист”.

Подшоҳ дар қаҳр шуда ба пири фолбинон ғазаб мекунад, ки илмашро ба шоҳзода ба тарзи бояду шояд ёд надодааст. Пири фолбинон таъзим карда мегӯяд: “Тақсир, шоҳзода аз рӯи илми мо нишонаҳои он чизро гуфт. Барои донистани ба мушт ҷо нашудани санги осиё илм не, фаросат даркор. Мутаассифам, вале фаросатро мо омӯзиш дода наметавонем.”

Онҳо ба халтаҳо динамит гирифта, пиёда ба тарафи кӯҳ рафтанд. То пояи кӯҳ қариб дусад метр барин майдони кушод, сонӣ якбора кӯҳи сангин қад афрохта буд. Илҳом, бар дӯш бор, дар даст зоғнӯлу бел агарчӣ худаш бо азобе то ба сари теғаи нахустин баромад, бештар ба ҳолу аҳволи Сиҳат-амак дилаш сӯхт. Сиҳат-амак борашро ба замин гузошта хеле вақт арақи сару гарданашро пок карда, сахт-сахт ноҳамвор нафас гирифта нишаста монд. Илҳом ҳаргиз ӯро дар ин хел вазъи ногувор надида буд.

— Пир шудем, ҷӯра, — гуфт вай маъюс оҳе кашида. Нигоҳаш ба дур, ба нуқтаи ноаёне гиреҳ хӯрда буд.

Дар назари Илҳом саркор якдафъа пир шудагӣ барин намуд.

Баъди лаҳзае Сиҳат-амак аз ҷо бархост ва атрофи теға ва ёнаҳои кӯҳро санҷида омад.

— Ду ҷои тарконданӣ будаст.

— Аз чӣ донистед?

— Геологҳо нишона мондагӣ.

Илҳом аввалин бор ба даст зоғнӯлу бел гирифта ба чуқурканӣ сар кард. Ҳаво чандон гарм набошад ҳам, баъди ним соат аз сару рӯи вай арақ сел барин рехт. Илҳом таслим намегашт, тамоми иқтидору қувваташро ба ду дасташ равон

карда ба замини сахти санглох зоғнул мезад. Ӯ бори аввал кореро, ки барои иҷрои он фармон гирифта буд, анҷом медод. Ғайр аз ин, вай медонист, ки ин чуқурканӣ барояш имтиҳон аст. Агар аз ӯҳдааш набарояд, ӯро ба кори дигар интиқол мекунанд. Бинобар он, ҳоло ба хастагӣ ва обилаи дастонаш нанигариста кор мекард. Дастонаш дигар тавоноӣ надоштанд. Зоғнӯл бе ҳеҷ зарб, бо вазни худаш ба замини сахти пурсанг меафтоду онро казоӣ нарм намекард. Аммо Илҳом пайваста зоғнӯл мезад. Вай тафсида арақшор гашту куртаю зерпӯшаш ба танаш часпид. Либос аз тан кашиду то ба миён урьён гашта корро идома дод. Лаҳзае нагузашта хоку ғубор ба бадани арақшори ӯ часпида ҷисми ӯ саропо ба кӯзаи гилин шабеҳ шуд.

— Ист, — ба сари вай омада амр кард Сиҳат-амак, — як дам нафас рост кун. Инсон ба кори сангин якбора одат намекунад, — вай зоғнӯлро аз дасти Илҳом гирифту ором, ба як маром ба чуқур кофтан шурӯъ кард.

Фурсати як пиёла чой хӯрдан нагузашта дубора ба дасту пои Илҳом қувват дамиду зоғнӯлро аз дасти саркор гирифт. Акнун вай ҳам кӯшиш дошт бидуни саросемагӣ, монанди Сиҳат-амак дилпур, ба як маром замин канад.

— Нав аз сари теға қишлоқатро дидӣ охир? — савол кард саркор.

— Не... Менамояд-чӣ? — пурсид Илҳом аз кор сар набардошта.

— Менамояд. Нав ман дидаму ба ту мегӯям гуфта аз хаёлам рафт. Ҳоло вақт ёфта ҳар ду меравем. Дур не, чор-панҷ километр будагист.

Илҳом хурсанд буд, чун ба ин осонӣ ба деҳааш

дастрасӣ пайдо кардааст. Ин ҳам аломати нек, нишони барори кор. Очаам ҳамин тавр мегуфтанд, мегуфт ӯ дар дил. Вагарна кӣ гумон дошт, ки баъди се ҳафта, ё саҳл зиёдтар зуд маро ба ин ҷо мефиристанд?! Ба ҳар ҳол, шуруъи корам бад не. Албатта, сари кор сар мекафонаду... Баъд вай Ҷари Даридаро пеши назар оварду аз дил гузаронд, ки ҳоло бақия мондаҳо дар он ҷо ба чӣ кор машғул бошанд? Озмунро ҷамъоварӣ карда бошанд ё не? Балки ягон дастгоҳе вуҷуд дорад, ки бо он аз зери барф ҳам халтачаҳои озмун гирифтаашонро пайдо кунад? Сиҳат-амак мегӯяд, ки ҳазорҳо сӯми давлат сӯхта меравад... Дарвешро марди кордон мегӯянд, бояд ягон чорае андешад. Ин гуна одамон ба нобарорӣ ба осонӣ канор намеоянд.

— Хӯш, ба куҷо қоим мешавӣ, мулло? — ногаҳон хаёли Илҳомро бурида савол кард саркор.

— Лаббай?

— Ба кадом сун мегурезем, мегӯям?

— Ман чӣ донам, — дар ҳолате, ки бо бел хоку шағали кандагиро гирифта мепартофт, лоқайд ҷавоб дод Илҳом. — Шумо ба кадом сӯй гурезед, ман ҳам аз қафоятон. — Баъд илова кард: — Ҳӯ, ана, вай зов читу?

Сиҳат-амак ба ҷои ҷавоб ангушти ишоратиашро лесида тар карду боло бардошт. Илҳом бо тааҷҷуб ба бел такя карда ба кори ӯ нигарист.

— Шамол аз боло, — гуфт саркор ангушташро поин фуроварда. — Ба таги ҳамон зов медароем.

— Бод чӣ дахл дорад?

— Чангу ғуборро ба тарафи мо барад, хуб аст? Ҳоло тамошо кун, чӣ қиёмате қоим мешавад.

Пушти сари ҳам чанд инфиҷори бузургу кучак кӯҳу кӯталро ба ларза оварда бо садои даҳшатноке чандин тонна хоку сангро ба ҳаво бардоштанд ва ба атроф фурӯ рехтанд. Ёнаи кӯҳро чангу ғубор гирифту дигар ҳеҷ чизро дида намешуд. Ҳатто қурси офтоб ҳам базӯр намоён буд.

Сиҳат-амак ва Илҳом аз пинҳонгоҳашон — камари ғормонанди зови бузурге баромада, ба поин сарнишеб гаштанд.

— Тарсидӣ? — пурсид саркор фуромадаравон.

— Не-е.... Хаёл кардам, ки зов канда мешаваду моро пахш мекунад, — хандид Илҳом.

Онҳо ба бошишгоҳ расидanду диданд, ки сатили оббиёрӣ дар як сӯ аз шиддати зарб пачақ гаштааст.

— Дидӣ? — гуфт Сиҳат-амак онро ба даст гирифта. — Аз ёд рафтаст. Омада-омада санг ба ҳамин заданашро бин, — гуфт вай сатилро чарх занонда дида. Саркор чигуна рост кардани онро меандешид.

Онҳо ҷои чодирро зуд омода карданду ба бардоштани кулбаи брезентии худ шурӯъ намуданд.

Рӯз гашт карда аз ҷониби кӯҳ насими серун мевазид. Ғуборе, ки бар асари таркиш ба ҳаво бархоста буд, монанди абр оҳиста дар ёнаҳои кӯҳ шиновар буд. Сиҳат-амак ва Илҳом аз ду тарафи чодир сахт кашида ба ресмони он санг мебастанд.

Ногоҳ чашми Илҳом ба ҳайвони рост ба сӯи онҳо тохта истода афтоду лаҳзае ӯ карахт монд. Баъд дарк кард, ки хирси барзангие аз ҷониби дарьё ҳарсосзанон баромада ба сӯи онҳо метозад. Даҳонаш боз, забонаш монанди як пора

латтаи сурх овезон. Сиҳат-амак пушт ба ҷониби дарьё кор мекард ва аз наздик шудани ҳайвон хабаре надошт ва замоне ки ба Илҳом “каш” гӯён амр кард, он лаҳза ҷавон ба худ омада, ба тарафи хирс ишора намуд. Байни онҳо ҳамагӣ панҷоҳ метр барин масофа монда буд. Хирс қасди баргаштан надошт. Туфанги думилаи саркор ҳоло дар байни хирс ва онҳо — дар болои кӯрпаю бистарҳо ва дастрасӣ ба туфанг дигар амри маҳол буд.

— Ҳо-ҳой! — то ҷон дошт фарьёди даҳшатноке кашид Сиҳат-амак ва беихтиёр Илҳом ҳам ба ӯ пайравӣ кард. — Ист!.. Ист, мегӯям!.. Канӣ ист!.. Ба ту мегӯям! — пойҳояшро бо ғазабу фишор ба замин кӯфта, то метавонист бо овози баланд даҳшат кард саркор.

Хирс аз онҳо чашм наканда наздик омаду дар пеши асбобу анҷом истод. Илҳом гумон кард, ки шояд дастомӯз бошад?! Аз хонаи касе ё сирк фирор карда бошад? Аммо ин хаёли ширине буд, бағоят содалавҳона ва худаш ҳам зуд аз ин фикр баргашт.

— Ҳой, Михал Патапыч, ку ба раҳат рав! Ба ту мегӯям, полвон! Бирав, ҳу ба кӯҳҳои баланд рав. Бирав, садқат шавам, полвон, — бо имою ишора кӯҳҳоро нишон дода, зорӣ мекард амак.

Агар вақти дигар бошад, ба ин оҳангу авзоъ “Михал Патапыч” гӯён тавалло кардани саркорро шунавад, Илҳом, аҷаб, не, аз ханда рӯдакан мегашту ба замин ғел мезад. Аммо ҳоло, хавфи ҷон дар пеши чашмонаш, ба лаби вай ханда наомад. Дирӯз яке аз геологҳо мегуфт, ки чӣ тавр хирс бо як даст задан ғуноҷинеро куштаст.

Сиҳат-амак бо ҳар усуле мехост бо хирс сулҳ бандад,

ӯро ба муросою мадоро ташвиқ мекард, чун дигар роҳе ҳам вуҷуд надошт.

Тасодуфан чашми ҳар се ҳам ҳамзамон ба туфанги думила дӯхта шуд. Аз он ки хирс чӣ чиз будани туфангро медонад, Илҳомро даҳшат гирифт. Ин андешаи ӯро дарк намудагӣ барин, ин дам хирс чанг зада туфангро гирифту Илҳом беихтиёр худро ба қафои чодир кашид. Ҳамзамон нафаси Сиҳат-амак ҳам ба дарун заду дигар овозе набаровард. Хирс туфангро ин сӯ он сӯ гардонда диду шикастан хост магар, Сиҳат-амак фарьёд зад:

— Хоб кун!

Илҳом бо шунидани садои тир худро ба замин партофту лаҳзае хомӯш монд. Баъди зери лаб ҳарф задани саркор оҳиста бархоста нигарист, ки аз садои тир худи хирс ҳам ҳаросида гурехта он сӯтар рафтаст. Вай боз чор панҷ қадам дуртар рафту онҳо нафаси сабуке кашиданд. Аммо полвони саргашта боз аз роҳ истоду фукашро ба ҷониби онҳо ёзонда, бӯйгирӣ кард ва ба тамошо машғул гашт.

— Аз рӯи ман маҳ дидӣ-чӣ, исқот?! — ғурунгос зад Сиҳат-амак.

Баъди он ки туфангашро хирс шикаст, димоғи амак бағоят сӯхта буду хавфи ҷон ҳам ба назари саркор муҳим нанамуд.

Хирс истод-истоду дубора ба сӯи онҳо ҳаракат кард. Ин дафъа каме монда буд, ки ҳар ду ҳам роҳи гурезро пеш гиранд. Дар ин гуна кӯҳсор аз хирс гурехта халосӣ ёфтан амри маҳол буданашро донанд ҳам, ғариза кори худро мекардааст. Сиҳат-амак боз ба тавалло даромад:

— Балота гирам, Михал Патапыч, мо ба ту кор надо-

рем... Ана, дар дастамон ҳеҷ чиз нест... Биист, гард... Рав ба раҳат... Мо кор кунем... Биист!

Хирс ҳамагӣ дар масофаи бист қадам дуртар аз онҳо бозистоду боз фукашро дароз карда ин ду тан фарзанди одамизодро бӯй мекашиду аз онҳо чашм намеканд. Мисле ки пурсидан мехост, чаро онҳо ба ин ҷо баргашта омадаанд, чӣ мехоҳанд? Чаро оромию хомӯшии кӯҳистони ӯро бо инфиҷорҳои ваҳмнок халалдор мекунанд?

Сиҳат-амак гӯё саволи хирсро медониста бошад дасташро бо тавозӯъ ба сина бурда мегуфт:

— Полвонҷон! Хӯҷаин! Мо ба ҳеҷ ҷонвар зиёну зарар намерасонем. Бирав охир, ту ҳам ба пеши бачаю качаат рав. Майдачаат ҳу-ҳув-ҳув... ана ин қадар... — Сиҳат-амак бо ҳазор хел имою ишора ба хирс аз бачааш ёд меовард, овози хирсбачаҳоро тақлид намуда, артиствор ҳунарнамоӣ мекард ва бо ин ҳама нағмаю найранг дар дили дарранда меҳри фарзандонашро бедор кардан мехост. — Бирав, акнун хӯҷаин, ба пеши бачаҳоят рав. Ана, милтиқро ҳам шикастӣ, мо дигар ҳеҷ чиз надорем.

Хирси барзангии бӯр суханони саркорро фаҳмидагӣ барин хуб гӯш дод, баъд боз бӯй-бӯй карда, ба безарар будани ин одамон дилпур шуд магар, ба роҳаш ақиб рафт.

— Мо ҳам аз ту безор, — гуфт саркор як нафаси сабук кашида.

Онҳо баъди халосӣ аз хирс, чодиркашон тафсилоти воқеаро қариб як соат барин муҳокима карданд. Сиҳат-амак аз масхарабозиаш ба хирс хиҷолат мекашид. Ба қавли вай, хирс аз сангҳои дар натиҷаи таркиш афтодагӣ бағоят тарсидаст:

— Исқот мурданивор тарсида, дар сари ҷаҳл ба тарафи мо тохтагӣ.

— Барои чӣ “Михал Патапыч” гуфтед? “Хӯҷаин” гуфтед?

— Э, гуфтам-да... Аз тарс чиҳо гуфтам, худам ҳам намедонам, — гуфт вай дар ҷавоб бо хиҷолат. Баъд шарҳ дод: — Катӣ ҷӯраҳои урус кор мекардем, ҳамин хел мегуфтанд... Шунидагема гуфтам-да.

Ана, баъди ҳамин воқеа лақаби Сиҳат-амак “Михаил Патапыч” гашт. Сонитар “Михал”-аш ҳам фаромӯш шуду “Патапыч” мегуфтагӣ шуданд.

Баъди Аҳмад-ака омадан, хӯрок пухтанд ва дар болои шах брезент густурда таоми шомро хӯрданд. Мавзӯи сӯҳбати шабона хирс буду муомилаи Сиҳат-амак ба он. Тафсилоти воқеаро ҳар ду гаштаю баргашта мегуфтанду механдиданд.

— Ҳайф кардӣ-да, саркор. Паррондан даркор буд, — мегуфт Аҳмад-ака. Гӯшташро як сун мон, нақд сад сӯм-а!.. Боз камонашро додаст, ки шиканад! — ришханд мекард вай. — Э, пир шудӣ, амаки Сиҳатмурод, пир шудӣ. Акнун тахтаю тираката бандӣ ҳам мешавад. Ба қишлоқат рафта, бечорагиатро кун.

— Ман равам, ба ту ҷой васеъ мемонад-чӣ? Таркондан аз дастат намеояд, ки саркор шавӣ.

— Э, безорам ман аз саркорӣ! Гапатро бин-а! Ман ба ту дар омади гап гуфтам... Гард, кор карда гаштан гир, ба ман зиёнат расидагеш не-ку.

— Зиёнам расиданаш мумкин. Ту барои ҳамин... Ман медонам... Э-э, додар, ин риша дар осиё сафед кардагем не. Аз дили ту чӣ мегузарад, медонам... Ту дар оина дидагӣ чиз-

ро ман дар хокистар мебинам, додарам!

— Ҳой, аз таги санҷит-панҷит гузаштӣ-чӣ? Охир ман чӣ гуфтам?! Э, аз барои савоб! Пир шавад одам, аз кӯдак бадтар мешудаст...

Баҳсу мунозираи онҳо хеле идома кард. Аҳмад-ака оташин гашта суханони сахт гуфту Сиҳат-амак ба кадом як кори хуфия ва ғайриқонунии онҳо ишора карда, таҳдид намуд, ки ҳоло бо собуни вай ҷома нашустаанд.

Шаби торики бемаҳтоб, дар осмон ситора меҷӯшид. Илҳом ба баҳсу мунозираи онҳо гӯш дода, дар рӯи шах рӯ-боло мехобид. Ба ситораҳо, ба теғаҳои пуршаҳомати кӯҳҳо менигаристу аз дил мегузаронд, ки бобоёнаш ҳам ана ҳамин тавр, ба ин кӯҳҳо ва ба ин ситораҳо аз ҳамин баландӣ нигаристаанд, аз ҳамин ҳаво нафас гирифта, аз оби ҳамин чашма об хӯрдаанд. Аҷаб не, монанди ӯ дар болои ин шах паҳлӯ зада бошанд. Ҳамаашон беному бенишон рафтаанд. Ҳатто додом қабри падарашон, гӯри бобоямро гум кардаанд, намедонанд. Ҳеҷ кас ба гӯристон намеравад, охир... Ба гӯристон фақат барои мурдаро гӯр кардан мераванду баъд тамом... фаромӯш мекунанд. Очаам мегӯянд, ки пештар рӯзҳои ид марду зани қишлоқ ба хонақоҳи гӯристон меомаданд: гӯристон сайргоҳ барин будааст... Пас, ман ҳам агар мурам, гӯр кунанду дигар ҳеҷ хабар нагиранд? А? Баъд сухани муаллими адабиёт ба хотираш расид, ки ҳар бор мегуфт: “Беъэтиноӣ ба гузашта шуморо аз оянда ноумед мекунад”. Илҳом дилтанг шуду оҳиста бархост.

Вай овозашро сар дода суруд хондан хост то мағшушии дилаш бартараф гардад, аммо худдорӣ кард. Баъди воқеаи Ҷари Дарида дигар дар назди одамон суруд намехонд.

Атрофро давр заду ба овозҳои ҷонварони гуногун гӯш дод, баъд болои санг нишасту чашмонашро пӯшид.

Лаҳзаи дигар сарашро бардошту ба тарафи дарьё нигарист ва шарфаеро шунидагӣ барин гӯш ба қимор нишаст. Садои оби дарё нисбат ба пештара баландтар ба гӯш меомад. Баъд ба хотираш расид, ки дар шаб ҳар як овоз нисбат ба рӯз баландтар ба гӯш мерасад. Вай хотири осуда ба чодир даромада худро ба бистар афканд, вале акнун дар пеши чашмони вай Норӣ ҷилвагар шуд. Илҳом гоҳ рӯю мӯи ӯро, гоҳ дасту соид, гоҳе қадду баст — хулоса узв-узви духтаракро алоҳида-алоҳида, гӯё бо дурбин ба чашмаш наздик оварда менигарист, хаёлан аз чунин сиришти бекаму кост завқ мекард. “Табиат устои гулдаст ва босаховат, — мегуфт вай худ ба худ. — Ҳусну назокати ҳар як узви вай барои як духтар басанда аст. Масалан, ҳар як духтар Норӣ барин қадду басти мавзуну химча барин чаққон дошта бошад, ё сари хушрӯи ӯро ё чашмони алмосии вайро дошта бошад бас, кифоя. Табиат ба Норӣ якбора ҳамаашро додааст. — Аз рӯи адолат не...” Эҳ, агар ягон вақт ман вай барин духтареро меёфтам! Не, ин хел духтар дигар нест. Хайр, хушгил бошад ҳам, мисли Норӣ хушфеъл, табассумаш дили одамро равшан мекардагӣ нест. Ҳосил одами хушбахт... Касе, ки дили Норӣ барин духтарро ёфтаст, дар дунё дигар армон надорад. Ҷавони боҳуш будаст, набошад, хушрӯ не. Сиҳат-амак мегӯяд, ки фардо ё пасфардо аз Ангор се-чор нафар мебиёд. Агар Норӣ меомад! Эҳ, нағз мешуд! Афсӯс, агар аз вай ду-се сол бузургтар мебудам... Маро ҳамсоли худ дониста назараш намегирад.

Бо ҳамин андешаҳо чашми ӯро хоб рабуд.

## Боби ҳаштум

## ҲАВОДАРА

Тирамоҳи зарнигор.

Барги дарахтон ва буттаҳои ёнаҳои кӯҳ ба ранги оташанд. Гиёҳҳои қоқ шуда дар зери по шараққос зада садо медиҳанд. Шамол хору хаси хушкро ба осонӣ аз решаашон канда бо ёнаҳои кӯҳ ғелонда мебурду дар пастхамиҳо ғун мекард. Баъзе новчаҳо[4] ба андозаи як қадди одам бо хору хас ва алафҳои хушк пур гашта буд.

Коргарон мисли ҳаррӯза субҳидам соати нӯҳ аз манзил баромадаанду соати ёздаҳ ба сари кор расиданд. Дар ҳар нова як-ду шурф кандан даркор буд. Имрӯз Сиҳат-амак Илҳомро ба кӯҳҳои тарафи деҳа фиристоду худаш ҳамроҳи Аҳмад-ака ба сӯи теғаи дигари кӯҳи Соябон рафт. Илҳом ба ҷои таъин кардаи саркор баромаду борашро ба замин партофта, ӯро мунтазир истод.

Аз иртифо тамоми водии Ҳаводара кафи даст барин аён буд. Илҳом болои санг нишасту бо диққат ба деҳа чашм дӯхт, ҳар як ҳавлӣ, ҳар як дарахт, ҳар як порча замини онро ваҷаб ба ваҷаб мушоҳида кард. Боми аксар иморатҳо фурӯ рафта, чордеворҳои хароба нигарандаро дилгир мекард. Деҳа, мисли деҳаҳои имрӯза дар як ҷо ҷамъ набуд. Чаҳор ҳавлӣ — дар як ҷо, панҷ-шаш ҳавлии дигар дар пушти теппа, як қатор ҳавлию боғот дар ёнаи кӯҳ, як саф иморатҳо дар поин — дар лаби дарьё... Илҳом ҳавлии бобояшро тахминан ҳам

---

4 *Нов, новча — байни ду табақаи кӯҳ, нисбат ба дара тангтар.*

муқаррар карда натавонист. Рафта осиёбро ёфтан даркор, — гуфт вай худ ба худ. — Дар рӯ ба рӯи осиёб гуфтанд.

Вай боз муддате ба ин вазъ хаёлтарошӣ мекард, ки фурсате нагузашта Сиҳат-амак расида омаду Илҳом бархоста ба кор шурӯъ кард.

Вай аз рӯи нишондоди саркор чуқур мекарду Сиҳат-амак аз рӯи одаташ дар рӯ ба рӯи вай, болои санг нишаста, ё шӯхӣ мекард ва ё дари шикваю ҳасраташро мекушод. Ҳамин ки ӯ бо Илҳом танҳо ба танҳо монд, ба вай дарду ҳасрат изҳор намуда, бо ҳамин гӯё таскин меёфт. Ҳоло вай аз ваҷҳи он ки Латифӣ олоту асбоб ва дигар муҳиммоти заруриро ба коргарон намедиҳад, хеле шиква кард. Дар рафти сӯҳбат бобати чи гуна ду моҳи расои зимистони қаблӣ дар шаҳр хонаи чорҳуҷрадори ӯро таъмир карду чӣ зиндагии пуркаруфар доштани ӯро дид, гуфт.

— Ҳар моҳ ҳазор сӯм гирӣ ҳам, ин хел рӯзғор карда наметавонӣ! — гуфт саркор шукӯҳи хонаи Латифиро ба ёд оварда. — Аз худи қолин биста шумурдам. Майдаҳояш ҳисоб не. Ин чинию булӯр, тилловор лав задагӣ! Занашу духтараш ба тиллою алмос ғӯтидагӣ.

— Сиҳат-амак, ҳасадхӯр шудед-чӣ? — гуфт Илҳом аз ин мавзӯъ дур нарафтани саркорро мушоҳида карда.

— Агар вай худам барин коргар мебуд, аҷаб не, ҳасад хурам...

— Хайр, барои таъмир карданатон ҳак дод охир?

— Ҳа, мардикори бепул дар куҷо?! Лекин, ман ба ту гӯям, аз кисааш пул баровардани ин гуна ашхос мушкил будааст. Хайр, акнун гӯру бало карда ҳақамро доду...

Сиҳат-амак давоми суханашро нагуфту даст афшонд.

Пурсидан бефоида, дигар дар ин хусус гап намезанад. То он ҷое, ки гуфтан мумкин аст, ҳарфашро мегӯяд, ҳатто як бор не, баъзан ба касрати фаромӯшхотирӣ баъди чанд вақт такроран ҳам мегӯяд, лекин боз ба ҳамон ҷои мамнӯъ расида таваққуф мекунад.

— Мардум дар хусуси вай ҳар хел гап мезананд, рост аст? — пурсид Илҳом суханони дар гӯшаю канор шунидаашро ба ёд оварда.

— Надонам, — саркор аз ҷавоби рӯирост сар тофт. — Баъди лаҳзае виҷдонаш тоб наовард магар, гуфт: — То шамол набошад, шохи ана, ҳамин дарахт ҳам намеҷунбад.

— Чӣ, Дарвеш мемонад, ки вай хостагиашро кунад?

— Сараввал Дарвеш пеши раҳашро гирифтанӣ шуд, ба найранги вай гардан нафуровард. Дарвеш ҷавони ҳалол, ҳеҷ амалу гуфтори рустию хуфья надорад. Дилаш дар кафи дасташ. Лекин вай фишор додан гирифту ин маҷбуран, даст кашид.

— Дарвеш даст мекашидагӣ одам не! Таи ин қадар солҳо ҳамроҳаш кор кунед ҳам, ӯро хуб намешинохтаед!

— Э-э, ту чиро мефаҳмӣ?! — гуфт Сиҳат-амак ба рӯи ҳамсӯҳбати худ нигоҳ накарда ба кораш овора. Дар овози вай як навъ оҳанги ҳасрат ва надомат ба гӯш мерасид. —Дар аввал Дарвеш сар нафуровард. Ба кирдорҳои инҳо ҳамроҳ нашуд. Ҳозир ҳам қатӣ не. Ман хабар дорам, гурӯҳ барномаро ҳаққу ҳалол иҷро мекард. Аз рӯи фаъолияти анҷомшуда музди кор мегирифт. Латифӣ дид, ки аз барномаи анҷомшудаи Дарвеш ба ҷайби вай як пул фоида нест, ин бепушту паноҳро азият додан гирифт. Коре мекард, ки даста қафо монад, нақшаи корӣ иҷро нашавад, коргарон аз сардор но-

розӣ шаванд. Ба домаш нафуроӣ, ана ҳамин хел! Вай дар байни раисҳо ҳам ошно дорад. Ҷойҳои қалб, улав намебаромадагӣ ба мо мерасид. Ба болои сӯхта намакоб, динамит намедод, асбоб нест... Э, ҳатто хӯроквориро дар сари вақт намерасонд. Инҳо бо ҳамин раҳ домани олудаашонро ба домани поки дигарҳо баста одат кардагӣ, бародар. Дастаҳои дигар ба гапи Латифӣ хуб гуфта, гӯру имонашонро сӯхта барномаро 150-200 дар сад иҷро мекарданд, мо бошем 70-80 фоиз! Дарвеш найранги инҳоро сарфаҳм намерафт. Хайр, воқиф шавад ҳам, чӣ кор мекард? Ҷавон буд, бепушту паноҳ, додаш ба куҷо мерасад? Дар фаъолияти мо ҳеҷ корро собит карда намешавад, фаҳмида гир. Ана баъдан маҷбур шуд кам-кам сар фурорад. Сар нафурорад, коргарони хуб аз гурӯҳаш мераванд, сонӣ кӣ катӣ кор мекунад?!

— Дарвеш сар намефурорад! Ман боварӣ дорам. Вай роҳи дигар меёбад.

— Кӣ медонад... Дар ҳар сурат, дигар ба вай кордор нашуд, аммо Латифӣ ӯро хуш намекунад. Ҳар сари вақт пешпо дода наистад, хобаш роҳат намебарад... Дар асл, ҳамин шурф ҳам ҳеҷ даркорӣ надорад. Дарвеш як чизро надониста намегӯяд.

— Чӣ хел даркор не? Набошад, барои чӣ мековему метарконем?

— Барои ин ки меъёри кофтану таркониданро анҷом диҳем. Дар барномаи корӣ тасдиқ шудагӣ — дар ин ҷойҳо ин миқдори муайян ҷойро кофта, таркондан даркор. Акнун ҷойҳои зарурии инфиҷорӣ тамом шуда бошад ҳам, барои иҷрои нақшаи корӣ, барои мукофотгирӣ метарконем... Фалон қадар шурф кофтем, фалон қадар динамитро инфиҷор кар-

дем, нависанд, шуд.

— Аҷоиб...

— Ана, ҳамин хел аҷибу ғариб... Барои ҳамин заҳматашон онҳоро таърифу таҳсин мекунанд, мукофот медиҳанд. Барои ба чашми давлат моҳирона хок пошиданашон... Фикр мекунам, фикр мекунаму ҳайрон мемонам, оқибаташ бахайр шавад.

Инро шунида Илҳом аз ғояти тааҷҷуб як ҳуштаки дурударозе кашида ба бел такя кунон хеле вақт рост истод. Яку якбора дасту дилаш ба кор сард гашту дар як лаҳза ҳамаи он ғайрат ва шавқу завқе, ки ба рагу паи вай тавоноӣ мебахшид, барҳам хӯрд. Дигар чуқуриковӣ ба ӯ сахт гашт: беҳолу бемадор, бо азобу машаққат, хоҳам-нахоҳам ба душворӣ зоғнӯл мезад.

— Қаблан ин тавр набуд, намедонам чӣ ҷин зад, солҳои охир худам ҳам сар дар намебиёрам. Намедонам, ба ин одамон чӣ гап шуд?

— Хайр, ба пеши роҳбарон равед, ҳама мушкилҳоро фаҳмонед. Шумо коргари баобрӯю боиззат.

— Сонӣ чӣ? — бо истеҳзо ба рӯи вай нигарист саркор.

— Сонӣ... Сонӣ ягон фикрашро мекардагистанд.

— Дарвеш ҳамин қадар сайъ кард чӣ шуд, ки ҳам акнун ман кунам! Ҳоло ба куҷо сар занӣ, сангу тарозу як намуд: сар кафад — даруни тоқӣ.

— Чӣ, набошад беҳуда арақ рехта кор кунем? Охир ин зиёни давлат...

— Мо ҳам ҳаминро мегӯем... Кӣ медонад, шояд ягон сире дорад. Дар ҳован об кӯфтан гирем канӣ! Фикр накун, Дарвеш ягон ҳалле меёбад. Канӣ, зудтар кор кун, — ба кор

берағбат гаштани Илҳомро дида саркор амр кард.

Илҳом мехост, ки ҳар як кор, аз ҷумла ҳамин зоғнӯл заданаш ҳам мазмуне, мақсаде дошта бошад. Кори бемақсаду бемаънӣ чӣ хел ғайрати одамро мекуштааст, инсонро аз як тимсоли буньёдкор ба вартаи маҷбурияти бешуурона меандохтааст, вай имрӯз фаҳмид. Ӯ маънии ин ҳама фаъолияту рафтори дастаи маъданҷӯёнро дақиқу равшан дарк накунад ҳам, ба бефоида, барои ба исмаш дар рӯи коғаз меъёри кӯҳканиро анҷом додан, сохтакорӣ кардани баъзеҳоро донист ва ин ҳол нафаси ғайрати ӯро кунд мекард.

Сиҳат-амак барои инфиҷори шурфи Аҳмад-ака равон гашт.

— Аҳмад шурфашро канда шудагист, ман равам. Ту ҳам зудтар кан. То омадани ман омода шавад.

Баъд аз зуҳр корро анҷом шуду Сиҳат-амак ва Илҳом ба сӯи деҳаи Ҳаводара рафтанд.

Онҳо қад-қади рӯд ба боло рост мерафтанд. Пас аз он ки ба суфакӯҳи нисбатан фарохе баромаданд, деҳа саросар чун дар кафи даст ба назарҳо аён гашт. Марғзору қӯруқҳои хушкида, чашмаҳои гирди ҳавзаашон сангфарше, ки селобҳои баҳорӣ гӯр карда, ҳоло обашон хушкидааст, ҷӯйҳои хушк, порча-порча заминҳои бо тавораи сангин иҳота гирифта, ки кайҳо чим бастаанд, ба он далолат мекарданд, ки замоне ин макон обод ва пуродам будааст.

Деҳа дар ёнаи фарохи кӯҳ воқеъ афтода буд. Тоқа-тоқа дарахтони туту чормағз, зардолую нокҳои аз бенигоҳубинӣ нимхушк, бедҳои ғафс-ғафси кирмхӯрда скелети боғу бӯстонҳои деҳаро ташкил мекарданд. Тақрибан кулли сохтмонҳои деҳа ҳоло хароб гашта боми аксар иморатҳо фурӯ афтода,

чордеворҳои сангин, ҳавлиҳои бурганзор ба кас таъзиқ оварда ҳузнангез асар доштанд.

Сиҳат-амак тасодуфан аз роҳ бозистоду ба замин зеҳн монд.

— Чӣ ёфтед? — пурсид Илҳом ба он ҷое, ки саркор менигарист, як назар афканда. — Тилло-пилло-чӣ?

— Намебинӣ?.. Пайи саг, — гуфт вай нақши хираеро, ки чӣ буданаш зиёд равшан набуд, нишон дода, — кӯҳна не, дирӯз ё имрӯз гузаштааст. Бод налесидагӣ.

— Саг дар ин ҷо чӣ мекунад?! Пайи гург будагист?

— Ман ту барин пайи сагу гургро фарқ намекунам-чӣ!

Сипас саркор ҳамаро фаромӯш карду думболи он пайро гирифта равон шуд. Гоҳ дар алафзорҳо он пайро гум мекард, чарх мезаду бо кадом як ҳисси ба Илҳом номаълум боз онро аз дуртар меёфт ва деҳаро давр зада то рафт ба дохили иморатҳо мерафт.

Илҳом аз ин кори саркор дилтанг шуд, ҳатто каме қаҳр ҳам кард. Вай мешитобид, то зудтар ҳавлии бобояшро пайдо кунад. Ҳавлие, ки дар бораи он ҳикоятҳои зиёде шунидааст, имрӯз чӣ аҳвол дошта бошад? Оё дар васати ин харобазор онро ташхис дода метавонад ё не, мутаваҷҷеҳ шудан мехост. Инак, он тахтасангҳои хат навиштагӣ...

Ана, қӯрғон, дар он ҷо масҷиди деҳа...

Ин бинои мактаб...

Онҳо ба таҳи девори ҳавлии вайронае расидаанду саге бо овози ғафси гирифта коҳилона як-ду бор аккос заду ба пешвози онҳо баромад. Ин саге буд, бағоят калонҷусса, каллакалон, гарданғафс, вале шикамаш ва қисми қафои танаш ғайриоддӣ борик ва лоғар. Саг бағоят пир гашта буд. Вай

наздиктар омад, бо чашмони хираю обраваш лаҳзае ба сӯи онҳо нигарист ва оҳиста дум ҷунбонд.

— Бечора, аз ҳад пир шудӣ, — гуфт Сиҳат-амак бо дард ва андӯҳи гароне ба саг нигариста. — Ҳайронам, чӣ гуна зинда мондааст?! — Баъд аз бағалаш як пора нони ба рӯймолча печондаро бароварду ба пеши саг партофт. — Ма, бихур, пиракӣ! Бихур, бихур!

Саг ба саркор нигариста миннатдорона дум такон доду нонро як даҳон карда нахоида фурӯ бурд.

— Бефаҳм, таъмашро ҳам надонистӣ! — гуфт саркор. — Пир шудӣ, хеле ҳам пир шудӣ. Биё ҳамроҳи мо! Биё! — Ӯ ба роҳ даромада сагро аз қафояш ҳидоят кард. — Баҳ-баҳ-баҳ!.. Соҳибатро нигарон нашав, намеояд. Ба ҳавлӣ ҳам дигар посбон зарур не, — гӯё саг суханони ӯро мефаҳмида бошад, саркор бо қиёфаи ҷиддӣ ба вай ҳарф мезад.

Саги пир сараввал аз ҷояш такон нахӯрд, чашмони хираашро ба сӯи онҳо дӯхта, хомӯш падруд кард, вале пас аз он ки бист қадам дуртар рафтанд, аз думболашон рафт.

— Ин солҳо чӣ хӯрда бошад-а? — пурсид Илҳом.

— Шикор кардагӣ. Худо ҳеҷ махлуқро бешафоат намемонад. Дандон додааст, ризқ ҳам медиҳад, — гуфт саркор.

Вазъи саги пир, аз чӣ бошад, Сиҳат-амакро мушавваш сохт. Дар ҷабинаш гиреҳи вазнине афтод, чашмонаш аламнок ва андӯҳгин менигаристанд. Дар сари вай чӣ андешаҳо ҷавлон мекарданд, ҳоло ба ҳамроҳи ҷавонаш торик буд.

Илҳом фикр мекард, ки чаро пайи сагро вай мушаххас накарду саркор сарӣ диду ташхис дод. Ва дар кулл, ҳар чизеро, ки вай намебинаду намешунавад, ин пирамард пай мебарад. Ҷонварон ҳам сухани ӯро зуд мефаҳманду вай ҳам

забони онҳоро дарк мекунад. Шерлок Холмс шаву рав! Аҷаб не, агар Сиҳат-амак таҳсилкарда мебуд, дар ҷустуҷӯи ҷинояткорон чӣ амалҳое нишон медод!

Илҳом ҳанӯз ҷавони бетаҷриба буд ва намедонист, ки табиати диёри азизаш ба ин пирамард кулли асрори худро боз намудааст. Вай бо ин кӯҳу катал, дарьёю дараҳо, паррандаю ҳайвонот, ҷамоду наботи кӯҳистон ғариб не, “худӣ” ҳаст, ҳамзабон ва сирдон аст.

Офтоб ба ғуруб майл мекард. Онҳо деҳаро сарсарӣ аз назар гузаронда мегузаштанд. Илҳом тасвири деҳаи аранг-аранг дар хотираш мондаро бо ин мавзеи вайрона ва хароби воқеӣ муқоиса намуда, баъзе ҷузъиёти ошноро дармеёфт, нишонаҳои аз овони кӯдакӣ дар лавҳи хотир азиз доштааш-ро зинда кардан мехост. Аммо деҳаи тиҳӣ скелети хеле беранг ва ноқиси он тасвироте буд, ки дар хотираҳои ширини айёми кӯдакии вай нақш бастааст. Ӯ гуфтаҳои модарашро дар хусуси ҳавлии бобояш як-як ба ёд меоварду нишонаҳои он манзилро меҷуст, баъзе иморатҳоро аз пасу пеш гузашта менигарист.

Сиҳат-амак ба яке аз ҳавлиҳо даромаду хеле вақт ғайб зад ва ниҳоят дар даст бо як деги мисии занг задаи кабуду сиёҳ гашта берун баромад.

— Сатиламон пачақ шуд, ана, ба ин об мегирем. Бибин, чӣ хел ҳунар кардаанд! Миси сурх... — нақшу нигори деги мисро, ки дар кӯҳистон ба ҷои сатил истифода мегашт, нишон дод вай.

Модараш ба Илҳом ҳикоя карда буданд, ки бобояш баъди колхоз ташкил шудан ду даҳум гектар замини рӯида-ричаашонро аввал боғи аҷоибу ғароиб парвариш кардаанд.

Хел-хел себу мурӯд, бодому писта, зардолую олуболу шинондаанд. Аз Самарқанду Хуҷанд, Исфараю Марғилон қаламча оварда ба дарахтҳо пайванд кардаанд. Ҳар нафар аз деҳа ба сафар равад, он кас қаламча ё ниҳол супориш мекардаанд. Дар ин боғ аз намудҳои тут қариб даҳ навъ будаст. Дарахти анор ба сармои ин кӯҳистон тоб намеовардаст, аммо бобояш поиз онро ба хок гӯр карда, аввали баҳор боз кушода аз ин ниҳол низ ҳосил мебардоштаанд. Баъдан сол вазнин меояду ризқу рӯзии ҳар хонадон ба замини рӯидарича вобаста мегардад ва бобояш иҷборан он боғро решакан карда ба заминаш ҷуворӣ мекоранд. Мегуфтаанд, ки агар кӯдаконам намебуданду худам аз гуруснагӣ варам карда мурам ҳам, ба як дарахти боғам теша намезадам... — Ғалатӣ, магар, инсон аз гуруснагӣ варам карда мемурад-чи?

Фикри Илҳом нохудогоҳ ба дунёи хаёлӣ мерафт. Дар як лаҳза худро духтури соҳибмаълумоти деҳа тасаввур мекард. Вай ҳам мисли бобояш дар деҳа боғчаи аҷоибу ғароиб бо ниҳолҳои пайванди гуногун парвариш карда полизчаи сарсабз дуруст мекунад. Дар боғчаи вай на фақат лимуву афлесуну хурмо, лазизтарин меваҳои дуньё, балки дар полизчаи рӯи даричааш харбузаро ҳам ба иқлими сахти Вахш мутобиқ карда мерасонад. Эҳ, агар колхоз ба вай замин медод! Замин барои пахтакорӣ даркор... Ҳатто ба баъзе хонаводаи колхозчиҳо замини рӯидарича намерасад, меваю сабзавотро аз бозор мехаранд...

Онҳо деҳаро аз аввал то охир нагашта вақт говгум гашту маҷбуран ба раҳи омадаашон пас гаштанд. Як тараф аз тангии фурсат шитобидан, аз тарафи дигар тирагии шомгоҳӣ сабаб шуду вай ҳавлии бобояшро пайдо карда

натавонист. Рӯзи дигар фурсат пайдо намуда омаданӣ шуд ва ҳатто дар оғили як ҳавлӣ каландкӯҳнаеро барои ҷустуҷӯи сандуқи гӯр кардаи бобояш таги чашм карда монд.

— Бечораҳо, — мегуфт Сиҳат-амак бо як ҳисси шафқат ба хонаю пешайвонҳои бекас, дару дарвозаҳои бо занҷир баста нигариста. — Ҳамин тавр ҳамаро гузошта рафтаанд. Фикр доштанд, ки ба меҳмонӣ рафта бармегарданд. Баъзе чизу чора, асбобу анҷоми рӯзғорашон ҳам нигоҳ доштагӣ. Шояд, нияти баргашта омадан доштанд. — Баъд ба хотир меовард: — Э-э, дар он вақт мошин кам буд. То раҳи калон аспу хар катӣ бор кашондан кори осон набуд.

Илҳом ташвишу валвалаи кӯчокӯчро аранг-аранг дар ёд дошт. Ҳар рӯз ду-се хонавода бору бӯғчаашро ба аспу хар баста ба раҳ мебаромад. Пирони деҳа ҷамъ шуда, дар сари осиёб, дар болои тал менишастанду дар хусуси замини навкорам ҳикояти корафтодагонро мешуниданд, кӯчбастагиҳоро паноҳи худо гуфта, даст ба рӯй кашида фотиҳа медоданд. Дар деҳа гӯё тӯйи бузурге бошад, бачаҳо аз саҳар то шом чормағзбозӣ мекарданд. Касе онҳоро “ба ҳезум рав”, “ба мол алаф биёр” намегуфт. Аз тафсилоти муҳоҷиршавӣ дигар чизи дақиқтаре дар ҳофизаи Илҳом намондааст.

Бархе ҳавлиҳо ҳанӯз ҳам истиқоматбоб буд. Танҳо ба таъмирот ниёз дошт. Илҳом ба ёд овард, ки очааш мудом ба хотир оварда, “тавба, одамизод пешомадаша намедониста-аст”, гуфта мемонад. Аз рӯи гуфти он кас, ба кӯчиданашон як ҳафта фурсат монда ва аксарияти хонаводаҳо кӯчашонро баставу боре ҳезум зарур шавад, падараш пиёда ба кӯҳ рафта пуштораашон катӣ ҳезум овардаанд. “Кошкӣ наздик буд-е, ним фарсанг зиёд аст, ки зиёд, кам не...”, мегуфтанд очааш.

“Охир ягон оғил ё зинхонаро вайрон кун, чӯбаша истифода кун, чӣ азоб ба ҷонат! Ана, ҳамааш монд”. Додош дар ҷавоб бо як андӯҳи гарони ботинӣ пешониашонро молиш дода мегуфтанд: “Ба ниҳоли парвардаат теша задан осон не. Эҳ, бо чӣ машаққатҳо иморат карда будем, чӣ хел ба вай каланд мезанӣ?”

Аз байн як ҳафта гузашт, аммо Илҳом ҳеҷ фурсат намеёфт то ба деҳа рафта ҳавлии бобояшро ҷустуҷӯ кунад. Барои онҳо рӯзи истироҳат набуд. Илҳом аз субҳ то шом ба кор банд. Аз шурф канӣ чунон хастаю беҳол бармегашт, ки хӯрокпазию чойҷӯшонӣ ҳам малол буд. Хӯроки шомро саросема мехӯрду ҳангоми дигарон саргарми чойхӯрию сӯҳбат будан, вай худашро ба бистар мезад.

Он рӯзҳо коргарони дар Ҷари Дарида боқӣ монда ҳам расида омаданд. Володя дар Ангор мондаст, вале барои Илҳом мӯза фиристодаст. Илҳом ба вай пул дода, хоҳиш карда буд, ки агар ба деҳа ё маркази ноҳия равад, барояш як мӯзаи корӣ бихарад.

— Як аспро савор шаву ба Ангор рав. Аз ҷарӣ бемалол мегузарӣ ё ҳоло ҳам метарсӣ? — Сиҳат-амак Илҳомро аз кор боздошта фармуд, ки ба Ангор равад.

— Мегузарам. Ана, дар кӯҳи Соябон теғаи аз вай хатарнок буд, гузаштам-ку.

— Аҳмаду Барака дар ҳамон ҷо. Ба мо як гӯсфанд додаанд, кушта мебиёранд. Ба Барака гӯй, ки динамит гирад. Худат ҳам ба асп динамит бор карда, ҳамроҳашон меоӣ. Фаҳмидӣ? — аз рӯи одаташ бо таъкид пурсид Сиҳат-амак.

Илҳом ба Ангор омад, ки Аҳмад-акаю Барака дар лаби дарьё, дуртар аз бошишгоҳ гӯсфандро сар зада гӯшту пӯст кардаанд. Дар хаймаҳо ҳеҷ кас набуд. Чашмони вай Нориро мекофтанд. Барака ду сангро оташдон кардаалав даргиронда аз гӯшту ҷигари гӯсфанд ба сихҳои аз навдаҳои тар сохтагиаш гузаронда кабоб мепухт. Аҳмад-ака зирки аз буттазори атроф чидаашро дар рӯи камарбандаш паҳн карда дар офтоб хушк мекард. Онҳо ӯро дида бо сардӣ пешвоз гирифтанд. Ба Илҳом чунин намуд, ки Аҳмад-ака аз ваҷҳи кабоб бахилӣ мекунад.

— Ту наҳор хӯрдагистӣ, ман замоне, ки расидам истироҳат ҳам накарда сареъ гӯсфандро куштам...

— Зиркро аз куҷо чиндед? — пурсид Илҳом бештар барои он ки думболи чидани зирк раваду ба кабоби онҳо шарик нашавад.

— Ҳӯ, ба боло баро, — Аҳмад-ака бо дасташ ба ёнаи кӯҳ ишора кард.

Илҳом ба самти нишон додаи Аҳмад-ака рафт, аммо дар ҷангали ғулӣ як буттаи зирк ҳам набуд. Сипас чарх зада оҳиста ба буттазори канори дарьё фуромаду хушбахтона ба анбӯҳи буттаҳои зирк рӯ ба рӯ гашт. Сип-сиёҳ пухта расида. Ӯ буттаҳои тоза Аҳмад-ака чидаро низ дид ва аз ин инсон, ки ҳатто ба неъмати худрӯи табиат ҳам ҳасудӣ мекунад, норохат гашт. Мутмаинан, кулли зиркро ҷамъоварӣ карда наметавонад-ку, барои чӣ бахилӣ мекарда бошад, бо тааҷҷуб савол мекард худ ба худ. Ман барои савғотӣ як-ду кило чинам, кофӣ аст. Чӣ бисьёр дар ин сойҳо, зирк бисьёр.

Замоне, ки ӯ аз сой баромад онҳо кабоби дудзада сӯхтагиро хӯрда, даст пок мекарданд. Дар табақ хеле кабоби сӯх-

тагӣ монда буд. Барака Илҳомро ба кабоб таклиф кард. Илҳом ба лабу даҳони аз кабоби сӯхта сиёҳ шудаи онҳо нигариста лабханд карду узр овард, ки тоза наҳор хӯрда буд. Гурусна бошад ҳам, кабоби Аҳмад-акаро хӯрдан нахост. Вале дурӯғро пинҳон карда гуфта натавонист магар, Барака эътироз кард:

— Фурсати нимрӯзӣ хӯрданат нашудааст, беҳуда сипоҳигарӣ мекунӣ, бача, гир, бихур.

Илҳом як пиёла чой нӯшиду аз кабоб қатъиян даст кашид.

— Гап ҳамин, ҷӯра, — Аҳмад-ака ба Илҳом рӯ овард. — Амон мошинаш катӣ бори дар Ҷари Дарида мондаро овардаст. Як нафар ба Ангор кашонданаш даркор... — Вай лаҳзае хомӯш истоду баъд амр кард: — Ту ду аспро бигиру ба раҳи мошин рав, бор мекашонӣ. Мо динамит бор карда, ба Ҳаводара меравем, — қатраи оби дар нӯги биниаш ларзонро бо дастмоли касифаш гирифт вай.

— Мошин борро ба куҷо оварда гузоштагӣ, медонӣ? — пурсид Барака.

— Ҳа... Нишон дода буданд. Аз кӯпрук гузашта...

— Ҳа, бале, ана ҳамон ҷо. Аз кӯпрук эҳтиёт шав, аспро ба майлаш гузор, худаш мегузарад. Як асп гузарад, сонӣ дигарашро равон кун. Вай кӯпрук ду аспро намебардорад.

Илҳом аз ин таклиф хушҳол шуд, чун шояд бо Норӣ вохӯрад.

Зуд ба яке аз аспҳо савор шуду аспи дигарро етак карда ба роҳ даромад. Аммо аз бошишгоҳ дусад метр дур нарафта, мутаваҷҷеҳ шуд, ки аспи дуюм ба етак намеояд. Бо иҷбор якто-якто қадам мегузорад. Ба ин ҳолу аҳвол то шаб ҳам ба

раҳи мошин намерасам, аз дил гузаронд ӯ ва сипас аз паҳлӯ гузашта аспро ду-се тозиёна зад. Асп бо шаст худро ба қафо заду Илҳом дигар арғамчини онро дар даст нигоҳ дошта натавонист. Он гурехта ба манзил, ба назди аспҳои дигар рафт. Барака аспро нигоҳ дошту ин бор арғамчинашро ба зини аспи Илҳом баста, бо маломат гуфт:

— Ҳай кун, э, ношуду ноӯҳдабаро!

Боз ҳам асп ба етак раҳ нагашт. Илҳом он сӯтар рафту ба он аспи саркаш савор шуд. Ин чораҷӯӣ ҳам фоида надод. Ин асп дар етак аз аввала ҳам худсартар баромад. Илҳом ба азобе онро кашола карда мерафт.

Ниҳоятан ҳангоми аз тангнои ду харсанги бузург гузаштан асп арғамчинро пора карду боз ба ақиб гурехт. Илҳом ғазаболуд аз қафои он ба бошишгоҳ баргашта омад. Барака ин дафъа бо қаҳр дашном дод, Аҳмад-ака ӯро хорӣ кард:

— Гум шав-е ҳарина! Чӣ ба ин ҷо омадӣ? Ё ба ҷоят оча-ат кор мекунад?.. Ин гӯсолаи фалоката кӣ ба ин ҷо ба кор фиристод-а?!

Барака пеш омада бо ситеза лаҷоми аспи ӯро гирифт:

— Фуро! Ду аспро ӯҳда карда наметавонӣ... Чӣ гуфта ба ин ҷо омадӣ?! Ба мо симфонияи ту даркор не.

Илҳом аз шиддати хашму оташинӣ чӣ гуфтану карданро намедонист. Мехост ба Аҳмад-ака дарафтаду оташи ғазабро паст кунад, вале худдорӣ кард. Барака ҷаҳида ба асп савор шуду арғамчини аспи дигарро ба даст гирифт ва бо хашмгинӣ он аспи саркашро се-чор тозиёна заду пеш андохта ба роҳ даромад ва дар каме фурсат аз назар нопадид гашт.

Ҳайвоноти аҳлӣ бо кадом як ҳисси ба мо — одамон номушаххас хислат ва табиати шахси ба онҳо дахлдорро дарк мекунанд. Аспу хар ва баъзан гову гӯсолаҳо ҳам аз ин қаблан аз итоати Илҳом саркашӣ мекарданд. Вай оташин мешуд, арғамчинро тозиёна карда онҳоро сахт-сахт мезад, аммо ҳеҷ суд намебахшид. “Бар даст нагирӣ чӯби тар, фармон нагирад гову хар”, мегуфтанд падараш. Аммо ҳайвоноти саркаш аз чӯби вай ҳам намеҳаросиданд. Албатта, вай ба монанди баъзеҳо ҳайвони безабонро бераҳмона зада наметавонист. Шояд аз ин лиҳоз ҳайвонот ин хислати ӯро зуд пай мебурда бошанд?

Пас аз рафтани Барака Аҳмад-ака ва Илҳом ҳар кадоме ба ду асп динамит бор карда ба роҳ афтоданд.

“Пули сирот” -и Сиҳат-амак ин бор ҳам Илҳомро сахт ташвиш дод. Вай бо ду асп пеш-пеш, аз қафо Аҳмад-ака меомад. Замоне ки ба ҷарии регдав расиданд, лаҳзае қарор гирифта, бори аспҳоро соз карданду баъдан Илҳом аз лаҷоми саманд гирифта оҳиста гузашт. Ба он сӯ гузашту арғамчини самандро ба буттае андармон карда дигарбора гузашта лаҷоми сиёҳмушкинро ба даст гирифт. Сиёҳмушкини асав бо бор аз ин роҳи хавфнок гузаштан нахост: қаҷ-қаҷ ба ҷарӣ менигаристу ба ақиб бармегашт. Ба сағриаш тозиёна зананд, арғамчинро пора карда, ба қафо гурехтанӣ шуд, аммо Аҳмад -ака чолокона аз лаҷомаш дошт. Баъд вай нӯги арғамчини аспро ба Илҳом доду “кашола кун” гуфт. Худаш шохи бодомеро шикаста аз ақиб беамон ба сағрии асп зарба паи зарба зад. Ҷонвар мехост, ки ин пулро рад кунад, аммо дар зери бор пойҳояш меларзид, чашмонашро ало-було карда бо даҳшат ба пастии махуф, ки аз як нигоҳ сари кас чарх мезад,

менигарист. Аҳмад-ака ба сағрии асп беист мекӯфт. Каме монда буд, ки Илҳом “бас кунед” гуфта фарьёд кунад, аммо дер шуд: асп ногаҳон ду пои пешашро рост боло бардошту чироғпоя шуд ва аз ин роҳи хатарнок ҷаҳиш зада гузаштан хост, аммо натавонист. Дар зери бор ҷонвар мувозинаташро гум карду бо ду пои қафояш ба пастӣ сарнагун шуд ва мисле дар болои чанае бошад бо садо чангу хокро ба ҳаво бардошта бист метр поён лағжида рафт ва аз харсанге парида ба поин афтоду қарор гирифт. Асп бо умеди наҷот ба по рост шудан мехост, аммо ҷояш нобоб буд, бо андаке таҳрик дигарбора ғелон гашту сипас лағжида дар миёни сели регу шағал бо меҳи хоку чанг ва садои ваҳмангези тараққотуруқи сангҳои ғелон гашта то ба соҳили рӯд рафт.

Аҳмад-ака ва Илҳом ба ин манзараи даҳшатнок бо тарсу бим нигариста дар сари ҷояшон карахт шуданд.

— Рафтем, — гуфт Аҳмад-ака пас аз каме абри хоку гард нишастан.

Оҳанги сухани вай ба гӯши Илҳом аз ин фоҷиаи рӯй дода ҳам мудҳиштар расид. Ӯ чунон бедардона “рафтем”, гуфт, ки гӯё асп нею тарбузе афтода бошад. Баъд дар чашмони Илҳом ҳалқаи ашкро диду заҳрханда кард:

— Хайр, ту ист, ба арвоҳаш дуою фотиҳа хонда пас биё. Аз симфоният ягон чиз хонӣ ҳам мешавад.

Вай ба сар то пои Илҳом ботанаффур нигариста боз як бор заҳрханда карду ҷилави аспашро гирифта ба роҳ даромад.

— Инро ҳам баред, — гуфт Илҳом ба аспи худ ишора карда.

Сонияи вай бо раҳи баромадаашон қафо гашта аз кӯҳ

фуромаду қад-қади дарё ба тарафи аспи вожгун шуда равон шуд. Ҳанӯз то ғуруб хеле вақт бошад ҳам, дар поин тирагии шом ба қалби Илҳом ғаш меовард. Анбӯҳи ҷангали соҳил, ки даҳ-понздаҳ соли охир, аҷаб не, қадами инсон ба он нарасида аст, ба одами танҳо мушкилгузар ва ҳавлангез буд. Илҳом гоҳ хамида, гоҳ хазида, дар ҷойҳои кушод аз санг ба санг ҷаҳидаю парида рӯ ба поин медавид.

Асп дар чоҳе селканда зери регу шағали тармавор аз қафояш фуромада ва ҷуссаи онро қариб комилан гӯр карда буд, беҳаракат мехобиду лошахӯрҳо хеле вақт боз дар осмон чарх мезаданд. Чашмони асп нимво, ба сахтӣ нафас мекашид. Вай Илҳомро дида, сарашро бардоштан хост, аммо натавонист. Илҳом кордчаашро гирифту арғамчини бор бастаро пора кард ва халтаи динамитро аз болои асп гирифтанӣ шуд, аммо натавонист. Борро аз тарафи боло шағалу рег фишор дода, имкони такон додан набуд. Сипас вай бо даст сангу шағалро аз болои асп гирифта партофта пас аз он халтаро бардошту аспи маҷрӯҳро оҳиста ба поин кашид. Тани он аз сангу шағал озод гашта каме ба поин лағжид.

Хуне, ки аз ҷароҳатҳои асп метаровид, бо нури шафақи бегоҳирӯзӣ ба ҳам омехта, гӯё ҳама чизро дар назари Илҳом хунин карда буд. Баъзан ба вай чунин менамуд, ки ин ҳама хоби гароне аст ва лаҳзае нагузашта бедор мешаваду ҳамаи ин гаронӣ, хавфи шаб гаштани рӯз, ҷангали хилват — ҳамааш ба якборагӣ аз сари ӯ бардошта мешаванд.

Асп сарашро бардошту беҳолона ба Илҳом нигаристу оҳиста ӯро бӯ кард. Сипас аз чашмони ҳар ду ҳам беихтиёрона қатраҳои дурушти ашк ба замин рехтанд.

## *Боби нӯҳум*

## *МОР ВА АҲМАД-АКА*

Коргарони дигар ҳам ба Ҳаводара омаданду кори дастаи кӯҳканҳо авҷ гирифт. Тамоми рӯз дар атроф садои таркиш шунида мешуд, гоҳ дар ин ёнаи кӯҳ, гоҳ дар он ёнаи кӯҳ тумани ғафси чангу ғубор ба осмон мепечид. Рӯзҳо ба теғаи кадом кӯҳе нанигаред, дуди чойҷӯши маъданҷӯён ва коргаронро дидан мумкин буд. Бархе дар кӯҳ озмун мегирифтанд, гурӯҳе шурф мекананд, қисме дар соҳили рӯдҳо регшӯӣ доштанд.

Аз заминшиносон, аксаран, Ҳосилу Норӣ ва Каримҷон ин рӯзҳо дар Ҳаводара муқимӣ буданд. Каримҷону Ҳосил дар поинтари чодири коргарон хайма заданд. Норӣ аз онҳо ҳам поинтар чодири болояш норинҷиву деворааш сабзи такнафара кашид. Дар мутаносиби чодирҳои рангпаридаи дигарон хаймаи вай монанди парчам аз дуродур ҳам ба назар менамуд. “Чодираш ҳам худаш барин хушрӯй” — мегуфт Илҳом худ ба худ. Каримҷон агарчӣ расман дар ин ҷо бистар партофта бошад ҳам, аз чӣ бошад, бештар ҳангом ба Ангор мерафт. Бахше мегуфтанд, ки ӯ дар он ҷо сангеро тарошида муҷассамаи занеро месозад, дигарон исрор мекарданд, ки вай пас аз кораш агар боғҳоро давр зада дуто себу чаҳорто чормағз шикаста нахӯрад, рӯзаш ҳаром аст.

Дарвеш ҳам дар ҳамин атроф регшӯӣ мекард, аммо ҷои сукунаташ Ангор буд, вале одатан субҳ ё бегоҳ аз бошишгоҳ убур карда аз ҳолу аҳволи коргарон хабар ёфта мегузашт.

Дарвеш ба дастьёре ниёз дошт ва Сиҳат-амак Илҳомро

аз шурфканӣ озод намуда ба ихтиёри вай вогузор карда буд. Як ҳафтаи комил вай ҳамроҳи ин геологи пурдон аз Ҳаводара дур — кӯҳҳои Дуобаро тай зад. Онҳо субҳи зуд ба роҳ мебаромаданду торикии шаб ба манзил бармегаштанд. Гоҳе Дарвеш ба Ангор рафта натавониста дар ҳамин бошишгоҳ хоб мекард. Илҳом, тибқи гуфтаи вай, хулоса гирифт, ки баъди дар Ҳаводара анҷом додани кор шурфкану кӯҳтарконҳо ба ин тараф — ба Дуоба меомадаанд. Онҳо ҳар рӯз як ё ду теғаи кӯҳро санҷида, намунаи санги онро гирифта мефуромаданд. Аввал ба тори кӯҳ баромада, баъд бо яке аз ёлаҳои кӯҳ, ки геологҳо обтақсимкунак мегуфтанд, ба поин сарнишеб мегаштанд. Дарвеш дар даст тешаи сангшиканӣ заминро кофта, сангҳоро шикаста пораҳои онро бодиққат медид, ламс мекард, ҳатто баъзан таъми онро мечашид ва ду-се пораашро ба дасти Илҳом медод. Илҳом он сангпораҳоро дар халтачаҳои хурде, ки махсуси намунагирӣ дӯхта шудаанд, гузошта, рақами рамзиашонро навишта ҳамроҳ мекарду ба борхалтааш меандохт. Вақте ки борхалтаи ӯ вазнин гашта, дигар аз роҳҳои хатарноки кӯҳ фуромаданаш мушкил мегашт, халтачаҳои минбаъдаро ба борхалтаи сардор меандохтанд. Ҳамин тарз Илҳом ҳамроҳи Дарвеш ба кӯҳҳои баланд баромадану фуромаданро хуб омӯхт. Алҳол вай дар пушторааш бо бист-сӣ кило бор бидуни азият аз теғаҳои махуф мефуромад, аз санг ба санг меҷаҳид, аз ҷариҳо лағжида поин мегашт.

Вай то бегоҳ чунон хастаю беҳол мегашт, ки басахтӣ ба по рост меистод. Аз ин лиҳоз, аксаран, пас аз расидан ба бошишгоҳ ба омода шудани хӯроки шом мунтазир наменишаст: каме нонро мехӯрду хоб мекард. Баъди таом

Аҳмад-ака ғур-ғур карда ба сари вай меомаду бедор мекард, то бархеста дегу табақро шӯяд. Баъзан Сиҳат-амак ӯро аз ин кор бозмедошту “бедор накун, ягонтаат шӯй-да”, мегуфт. Баъди Илҳом ба кор омадан, Барака зарфшӯиро тамоман ба зиммаи вай гузошта, дигар “котел кито будит стират?” намегуфт. Аҳмад-ака гоҳ-гоҳе бесабаб ё барои ҷурми ночизе ба Илҳом сахт мерасид, вале ӯ тундҷавобӣ накарда, “кӯр шавад, одами калонсол” мегуфту ба қалбаш наздик намегирифт.

Илҳом дар деҳа, дар байни мардуми деҳқон ба воя расида буд. Мардуми деҳа сабукиро дӯст надоранд, ситезакориро намедонад, қобилияти гузашт карданро доро ҳастанд. Илҳом аз бачагӣ алафдаравӣ, пахтачинӣ, каландзанӣ, обмонӣ барин корҳоро хуб ӯҳда мекард, аммо аз баҳсу хархаша, аз ҷангу ҷидол рӯ метофт. Умраш бино шуда вай ба гиребони касе начаспидааст, ба сари касе мушт набардоштааст. Хайр, дар вақти зарурӣ дӯғу пӯписа кардагист.

Ҳоло вай аз Дарвеш на фақат кӯҳгардиро омӯхт, балки кор кардан ҳамроҳи ин ҷавонмарди фурӯтан ва донишманд барояш як мактаби басо пурманфиат, марҳилаи ибратомӯзӣ гашт.

* * *

Агар роҷеъ ба Аҳмад-ака ҳикоят кунему ҳодисаи чигуна мор газиданашро баён накунем, қиссаи мо хеле ноқис хоҳад буд. Қабл аз он ки ба шарҳи воқеа бипардозем, бояд як одати Аҳмад-акаро гӯшрас намоем: вай ҳамеша барвақт ба бистари хоб медаромаду субҳи зуд аз хоб баланд мешуд. Шабҳо ҳамкоронаш гирди чароғи фонуси равшан таҷаммӯъ гардида китоб мехонданд, саргузаштгӯӣ ва баҳсу талош

карда қартаю домино бозӣ мекарданд ва гоҳ-гоҳе бо пули майда қиморбозӣ ҳам сурат мегирифт, аммо Аҳмад-ака аз ин нишастҳо дар канор монда рӯ ба осмон баланд-баланд хуррок кашида мехобид. Агар гирдиҳамоӣ ба шӯру ғавғо табдил мегашту ба хоби ӯ халал мерасонд, бедор шуда дӯғу пӯписа мекард:

— Ҳой, хап мешавед ё ҳамин чароғатонро гираму ба сой партоям?!

Агар манбаи сарсадо ягон ҷавони дандони Аҳмад-ака мегузаштагӣ бошад, аз дашном ва лағадзанӣ ҳам худдорӣ намекард.

Вай одатан, субҳи зуд баланд шуда дасту рӯ мешуст, баъд ба сари чашма рафта, ба қавли Барака "молу мулкашро хабар мегирифт". Аҳмад-ака гӯшту равғани суғур ва дигар маҳсули аз Ҷари Дарида бардошт кардаашро ба шаҳр фиристода бошад ҳам, дар ин ҷо боз як чиз ним чиз ҷамъ оварда буд.

Як субҳидам кулли сокинони бошишгоҳ билофосила аз бистари хоб бо бонги ҷонхароши Аҳмад-ака бедор шуданду ҳатто бо либоси таҳ ба тарафи чашма давиданд. Ҳама гумон доштанд, ки вай мавриди ҳамлаи даррандае қарор гирифтааст.

Аҳмад-ака бомдод ба сари чашма омада ба шустушӯ машғул мегардад. Ба гӯшаш садои фишшос задани чизе мерасад, аммо вай гумон мекунад, асп шеҳа мекашад. (Дар поинтар аспҳо мечариданд). Замоне нагузашта боз садои фишшосро наздики гӯшаш мешунаваду чӯбу чахси зери пояш ҳам ғиж-ғиж кардагӣ барин мешавад. Баргашта нигарад

— мори айнакӣ! Мор лунҷашро мисли бодкунак бод дода, дар баробари иртифои гӯши вай қомат рост намуда фишшос мезадаст. Ин ҳолро дида Аҳмад-ака чунон фарьёди ҷонкоҳе кашида хез задааст, ки қариб чор-панҷ метр дуртар ҷаҳида парт шудааст.

Коргарон аз чодирҳо берун омада тафсилоти воқиаро фаҳмида, муҳокима мекарданду аз бесабаб наъра кашидани Аҳмад-ака таҷанг буданд.

— Лунҷаш ана, ҳамин хел, пуфак барин, — мегуфт Аҳмад-ака бо дасташ сохти пуфакро карда.

— Хушиқбол будӣ, мори айнакӣ будаст, — гуфт Сиҳат-амак, — гурза мебуд бесадо заҳр мезад, ҷо ба ҷо пой дароз мекардӣ. Вай исқот кордор нашавӣ ҳам, аз дур худро ба ту меандозад. Мори айнакӣ — ҷонвари беозор.

Аммо Аҳмад-ака чобаро бо маводи сӯзанда оварду гирдогирди он харсанге, ки мор даруни хасу хори атрофи он пинҳон гашта буд, нафти чароғ рехта, оташ зад.

— Инсоф надорад ин мард, — гуфт Сиҳат-амак зери лаб худ ба худ.

Хасу хори хушк, буттаҳои гирди харсанг аланга зада месӯхтанд. Ногоҳ яке аз ҳозирон фарьёд кард:

— Э-э... Ана-ана! Гурехт!

Аҳмад-ака, Барака ва аз паси онҳо дигарон ҳам ба он сӯ тохтанд ва лаҳзае нагузашта мори аз оташ ҷон ба саломат бурдаро сангборон карда куштанд.

— Худаш ҳам мори зӯр будаст! Аз як қулоч зиёд, ки кам не.

— Газад ҳам, Аҳмадбой, очаатона медидед, боб мешудед!..

— Санги ман парт карда рост ба сараш зад!

— Бале, хуб шуд, ки нагазид... Ҳушёрӣ кардам-да! — мегуфт Аҳмад-ака гӯё аз чанги шер ё паланге амон ёфта бошад бо ифтихор.

— Дар куҷо дидӣ, ки мори айнакӣ одамро газид?! — бо истеҳзо ба вай пичинг кард Сиҳат-амак. — Думаша зер кардӣ, мор фишшос зада туро бохабар кардаст. Эҳ, ту... — даст афшонд саркор.

Аҳмад-ака беэътино ба суханони саркор мори мурдаро бо чӯбе бардошта ба қуттии консерв андохт ва рӯи тахтасанге гузошту ба болояш ҳезум гузошта оташ равшан кард.

— Аҳмад-ака, — бо табассум, ҳазломез ба ӯ рӯ омад Барака, — наъли хари мурдаро кофта мегиред-е! — Баъд ба Сиҳат-амак фаҳмонд: — Мор ба баъзе маризиҳо даво мешавад. Ягон нафар мор фармудагӣ. Пухта мегираду дар асал мемонад — пули калон! — забонашро ба комаш чуруққос зад Барака.

Ду рӯзи баъдии ин рӯйдод Аҳмад-акаро айнан дар ҳамин ҷо, дар сари чашма, ҳангоми боздид аз зарфи мор дошта мор газид.

Он рӯз саркор Аҳмад-акаю Илҳомро барои динамит овардан аз кӯҳ ба бошишгоҳ фиристод. Аҳмад-ака ба борхалтааш динамитро ҷой карду барои як назар афкандан ба “анбори сари чашмааш” рафт. Илҳом аз ҷайбаш “Чор дарвеш” -ро бароварда ба хондан шурӯъ кард. Даҳ дақиқа гузашт ё нагузашт, иттифоқан, Аҳмад-ака “воҳ!” фарьёд кашиду як бор ба ҳаво ҷаҳида афтод. Илҳом аз ҷояш бархесту ба самти садо давид. Аҳмад-ака алҳол тангии нафас гирифта сиёҳии чашмонаш бозӣ мекарданд. Илҳом чӣ тавр мӯзаи пои

моргазидаи ӯро кашид, чигуна пои шалворро чок кард, худаш ҳам нафаҳмид. Кордчаи таҳшудаашро боз карду чашмонашро баста ҷои моргазидаро се бор бурриш дод. Хун мисли фаввора сар зад. Сипас тасмаашро аз камар кашиду пои моргазидагии ӯро аз рон болотар бо фишор баст, то ки хуни заҳролуд ба узвҳои дигари бадан паҳн нагардад. Боз арғамчин пайдо карда оварду даҳ-дувоздаҳ бор тоб дода печонд. Бо изтироб пои хуншорро молиш дод ва баъдан ба тарафи чодир давид. Дӯлчаро оварду аз чашма об гирифта ба даҳони Аҳмад-акаи тақрибан беҳуш паёпай об рехт. Аз даҳони маҷрӯҳ кафк медамид. Пас аз он ки Илҳом ба вай чаҳор дӯлча обро нӯшонид, сари ӯро ба поин хам кард, то қайкунӣ ба маҷрӯҳ осонтар бошад. Ҳамин ки қайкунӣ қатъ шуд, Илҳом ба вай боз об медод. Баъди се-чор навбат обхӯрию қайкунӣ, Аҳмад-ака андаке ба худ омаду чашмонашро боз кард ва фурсате нагузашта бо кӯмаки Илҳом бархоста ба чодир рафт ва дар ҷогаҳаш дароз кашид.

— Дар назди зарф мор будаст? — пурсид Илҳом.

— Ҳа... Сабил... Ҷуфташ будаст... Бӯи мори мурдаро гирифта омадагӣ, — гуфт ӯ нолишкунон.

— Ба Ангор равам, духтур ҷеғ зананд?

— Гӯшии бесим (рация) вайрон... Володя ҳам дар сари кор.

— Хайр... ба асп савор шуда метавонед? Ба ягон деҳоти наздик мебарам?

— Эҳ-ҳе... Ду рӯз даркор. Беҳтараш зуд рав, Нориро ёб... Гӯй, тезтар биёяд. Омада, як бор сӯзандору гузаронад.

Илҳом ба зери пои хуншори Аҳмад-ака халтаи коғазиеро ниҳоду ба пеши ӯ як сатил обу дӯлчаро овард.

— Об хӯред... тез-тез об хӯрдан гиред, — таъинот кард вай.

Аҳмад-ака оҳиста сар такон дод. Хун аз ҷароҳати ӯ ба рӯи коғаз мешорид.

— Баъди ду соат бандро кушоед, — ба соати кисагии Аҳмад ишора карда таъкид намуд Илҳом.

Аҳмад-ака ба соати ҷайбиаш нигаристу сар ҷунбонд.

Илҳом аз хайма берун омаду ба кадом сӯ рафтанашро надониста лаҳзае андешид. Ҷои дақиқи макони кори Нориро намедонист. Ба хотир овард, ки саҳарӣ ҳамроҳи Ҳосил ба тарафи Дуоба мерафтанд. Ҳангоми гузаштан аз назди харсанге, ки дар он тахтаи шаҳмотро гузошта ҳамроҳи Норӣ ду-се маротиба шатранҷбозӣ карда буд, иттифоқан лаҳзае ба он бо як эҳсоси хоссе назар афканд. Бори охир ба сари шатранҷбозӣ ҳамкорон гирд омаданду вай аз шитобкорӣ муроқибатро аз даст дод ва бозиро бохт. Норӣ аз шаҳмотбозӣ бо дигар мардон доим сар мекашиду ӯро баръакс, таклиф мекард; эҳ, агар бо ҳам кор мекарданд...

Якбора риштаи фикри ӯ боз ба Аҳмад-ака пайванд хӯрду қалбашро ваҳм пахш кард, ки боз ҳоли вай агар бадтар шавад, чӣ кор мекунад? Дар бошишгоҳ касе нест, ки ба вай кумак кунад. Сипас ба ёд овард, ки кӯҳнавардони ба шароити баландкӯҳ одат карда ба бемориҳои сироятӣ, самӣ гаштани бадан ва радиация тобовар мешаванд. Айнан, ҳамин хел навиштагӣ буд...

Кӯҳҳо дӯш ба дӯш, паҳлӯ задаанд. Кадом самт равад, Нориро аз куҷо биҷӯяд, ӯ ҳайрон буд.

Вай лаҳзае андешиду ба тарафи кӯҳҳои Дуоба нишон гирифт.

— Дуоба... Ду рӯд ҷорӣ... Кӯҳаш баланд.

Замоне, ки одам дар оғӯши кӯҳҳо ҳаст, аз рӯи одат фаромӯш мекунад, ки поинтар аз ӯ ҳам кӯҳу теғаҳои баланду осмонхарош вуҷуд доранд.

Инсон ҳамеша ба пеш менигарад ва аҷаб не, аз ҳамин сабаб асосан кӯҳҳои аз худ баландтарро кӯҳ медонаду бас. Албатта, ингуна ҳисси иштибоҳ дар оғӯши табиат безиён аст, аммо ҳайф аст агар одам дар зиндагӣ, дар муносибат бо мардум ҳам аз қайди ингуна кӯтоҳназарӣ берун наравад.

### *Боби даҳум*

## *ҶУСТУҶӮИ ДАРВЕШ*

Замоне, ки гурӯҳи кӯҳканҳо ҳанӯз аз сари суфраи субҳона барнахоста буданд, дар пушташ борхалтаи сафарӣ, дар дасташ альпеншток Дарвеш расида омад. Ҳозирин ба якдигар наздиктар нишаста, ба сардор ҷой доданду ӯро ба дастархон муроот намуданд. Сиҳат-амак ба дӯлча чой рехта ба ӯ дароз кард.

Дарвеш баъди он ки як пора нонро хӯрду чойро ду-се бор ҳӯрт кашид, роҷеъ ба кору бори дастаи кӯҳканҳо чанд савол пурсон шуда аз саркор ҷавоб шунид ва чанд таъинот ҳам дод. Сипас ба Илҳоми дар канори суфра хомӯш нишаста рӯ овард:

— Ҳолу аҳвол чӣ тавр аст, Илҳом? — Баъд ҷавоби саволашро нигарон нашуда гуфт: — Дидӣ, кор чӣ хел ба ту форидаст! Баданат об гирифтаст, ранги рӯят — суп-сурх. Хайр, зиқ нашудӣ охир?

— Ба дилтанг шудан дасташ намерасад, — ба ҷои Илҳом Сиҳат-амак ҷавоб дод.

— Ҳамроҳи ман кор намекунӣ?

Илҳом маънии саволи ӯро дуруст сарфаҳм нарафта ба рӯи вай нигарист. Дар чеҳраи кушоди сардор асари ҳазлу шӯхӣ набуд.

— Майлаш.

— Кори моро ақиб мепартоед-да, тақсир, — гуфт Сиҳат -амак ташвишомез, бо хиратабъӣ норозигӣ баён намуда.

— Кори мо таъҷилӣ металабад, Сиҳат-амак, — гуфт Дарвеш дар изҳори норозигии саркор. — Аз ҳамин рӯз Илҳомро ба ман диҳед. Насиб бошад, дар фурсати наздик тамом мекунем, сонӣ шурф меканад. Дар ҳоли ҳозир коргаратон басанда аст. Регшӯию шурфканӣ ба мани танҳо зӯр омад.

— Ихтиёр дар дасти худатон, — гуфт Сиҳат-амак ноилоҷ китф дар ҳам кашида.

Дарвеш ба Илҳом рӯ овард:

— Ман барои ҳар дуямон ғазо гирифтам. Дӯлчаатро гир. Якта белу борхалтаи сафарӣ даркор.

Илҳом ду дақиқа ба роҳ омода гашту онҳо аз бошишгоҳ баромаданд.

Дарвеш бо пойҳои дарозаш чунон калон-калон, чолок қадам мезад, ки Илҳом бо мушкилӣ думболи вай мерафт.

Дарвеш баъди ба теғаи кӯҳ баромадан, як нафас бозистоду дасташро ба болои чашмонаш соябон карда лаҳзае ба дараи дар мадди назар воқеъбуда нигарист.

— Ҳӯ-ӯ, рӯдакро дидӣ? Ана, дар соҳили ҳамон об кор мекунем, — гуфт вай бо шавқ ба он сӯ нигариста.

— Хеле роҳ будаст, — гуфт Илҳом. — Махсусан, шумо

аз Ангор меоед.

— Ҳеҷ гап не, ман ба кӯҳгардӣ одат кардагӣ. То раҳ нагардам, соз кор карда наметавонам.

— Аз ҳамин мавзеъ ягон намуд кон ёфт мегардид, хеле олӣ мешуд. Деҳаи мо дубора обод мегашт, — гуфт Илҳом бештар барои канда нашудани риштаи сӯҳбат.

— Кон мавҷуд аст, — аз кӯҳ ба поин фуромадаравон гуфт сардор. — Лекин фоида меоварад ё не, ҳанӯз мушаххас нест. Дастаи иктишофчиён пас аз мо омада ҳаҷмашро дақиқ кунанд, баъд маълум мешавад. — Боз илова намуд: — Вале деҳаат дигар обод намешавад, — гуфт вай бо оҳанги қатъӣ, ки ба Илҳом нофорам расид. — Мардуми деҳа дар Вахш хонаю манзил сохта, осуда зиндагӣ мекунанд. Ҳеҷ кас ҷои гармашро хунук намекунад; сониян ба водӣ одат карданд. Кон кашф шавад, одамони нав меоянд, онҳо ба деҳаи ту ҳеҷ дилбастагие надоранд.

Ҳар ду ҳам хеле муддат сокит мерафтанд. Ба гӯш танҳо шақар-шақари сангҳои зери по шунида мешуду бас.

— Тилло ҳам ҳаст? — ногаҳон савол кард Илҳом.

— Тилло ҳеҷ гап не, — табассум кард Дарвеш. — Аз тилло гаронтар маъданҳо зиёданд. Ба кор шурӯъ кунӣ, ҳангоми шлих гирифтан ҳамаашро бо чашми худ мебинӣ. Ҳар хел маъдан ҳаст.

— Бриллиант ҳам будагист-а? — ба ваҷд омад Илҳом.

Дарвеш хандид. Баъд шарҳ дод:

— Бриллиант номи маъдан не. Алмосро барои зебу зинат тарошида ба он шакли бриллиантро медиҳанд. Ҳоло алмос нафақат санги гаронбаҳои ороишу зинат несст, балки бештар санги зарурии саноат аст. Қаблан бекорхӯҷа буд, ак-

нун кор мекунад.

— Шумо ягон бор алмос ёфтед? — Илҳомро тароши алмос не, балки худи ин маъдан зиёдтар рағбат меафзуд.

— Алмос чист ва дар чӣ хел макон ҷойгир шудааст, ту намедонӣ. Алмос тиллою нуқра не, лаълу зумуррад ҳам не, онро аз ҳар ҷо намеёбанд, бародар. Ҳиндуҳо беҳуда онро “эъҷози аз ҳама мукаммали табиат” нагуфтаанд.

— Конаш дар Ёқутистон ҳаст-а?

— Бале. То солҳои наздик дар мамлакати мо кони алмос набуд. Солҳои ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ саноати мо ба он хеле мӯҳтоҷ шуд. Барои босуръат парма кардани оҳан заруриӣ буд. Фавран ҷустуҷӯро роҳандозӣ карданд. Аксар гумон доштанд, ки алмос фақат дар Родезия, Конго, Бразилия ва Ҳиндустон вуҷуд дораду тамом. Вақте ки ҷустуҷӯ оғоз карданд, заминшиносон дар Ёқутистон ва Урал конашро иктишоф карданд. Хусусан, солҳои аввали баъди ҷанг хеле манбаъи алмос ёфтанд. Албатта, ба осонӣ не.

— Балки дар кӯҳистони мо ҳам кони алмос будагист? Ҳамин қадар маъдан ҳаст... — ба ҳеҷ ваҷҳ ноумед шудан намехост Илҳом.

— Як маъдани сурх ҳаст, онро пироп мегӯянд. Ана, ҳамон пироп ҳамсафари алмос аст. Дар ҷое, ки пироп вомехӯрад, алмос ҳаст. Ҳамсафари дигари алмос гильменити сиёҳ аст. Ман то ҳол дар кӯҳистон ба ин маъданҳо дучор нашудаам. Геологҳои дигар ҳам. Боз кӣ медонад... — Дарвеш лаҳзае сокит шуду ғарқи андеша гашт. Баъди хеле роҳ паймудан дубора ба ҳарф задан даромад: — Баъзан шурфро санҷида хоки кабудчатобро бинам, якдафъа зарабони қалбам боло меравад. Кимберлит аст-чӣ мегӯям. Бодиққат назар кунам,

не, ҳамин тавр маъданҳои дигар. Дар хоки кабуд, ки кимберлит мегӯянд, ҳамеша алмос ҳаст.

— Кимберлит? — беихтиёр такрор кард Илҳом.

— Ҳа, аз исми як манбаъи маъруфи Родезия. Кони бузургтарини машҳури дуньё.

Дарвеш то ба макони кор расидан аз маъданҳои гуногун ба Илҳом он қадар аҷоиботи шавқовар ҳикоя кард, ки дигар кулли рӯз ҳушу ёди вай ба ҷустуҷӯи манбаъҳо банд буд.

Онҳо ду нафара шурф меканданд, баъд реги онро мешустанду таҳнишини онро, ки геологҳо шлих мегуфтанд, ҳамчун озмун ба халтачаҳои алоҳида мегирифтанд. Баъзан Дарвеш соатҳои дароз ба сари он шлих хам шуда бо заррабин медиду месанҷид.

Сонитар Дарвеш чӣ гуна аз ҳамдигар тафовут кардани зарраҳои тилло, нуқра, мис, вольфрам ва маъодини соирро ба Илҳом шарҳ дод, ҳар яки аз маъданро дар шлих бо пурбин нишон дод.

Дониш ва таҷрибаи Дарвеш Илҳомро лаҳза ба лаҳза ба ин инсони заҳматкаш, ба касбу кори вай ҷазб мекард. Аксаран ҳангоми дасташ ба кор банд будан, фикран худ ба худ сӯҳбат дошт ва бештари аз ин гуфтугузори вай ба Дарвеш пайванд мехӯрд. “...Бо як назар касе ин марди лоғарандоми сураташ пеш аз вақт пуроҷинг гаштаро ин қадар ақлу хирад дорад намегӯяд, — иқрор мегашт ӯ. — Эҳ! Ин сиру асроре, ки ин одам медонад, ин қадар китобе, ки ин мард хондааст... Дарьёи дониш-е! Дирӯз маломатомез дуруст гуфт, ки агар дараҷаи сифат ё ба чӣ вобаста будани фишори газро надонӣ гуноҳи туро бахшидан мумкин аст, аммо китобҳои Айниро

агар нахонда бошӣ, ба ту ҳайфам меояд. Китобҳои Айнӣ илми одаму одамият ёд медиҳанд, фаросат меомӯзанд.

Дарвоқеъ Дарвеш оиди ҳар як пора санге, ки ба дасташ меафтод, метавонист ба дастьёри худ соатҳои тӯлонӣ ҳикоя кунад. Боре ҳангоми истироҳати нимирӯзӣ Илҳом аз зери пояш сангеро гирифта беихтиёр ба рӯи шахе, ки менишастанд, ба хаткашӣ машғул шуд. Санги хокистарранг монанди бӯр равшан хат мекашид. Илҳом ба ин хосияти он эътиборе надода ба сураткашӣ шурӯъ кард.

— Дар дастат чӣ санге, медонӣ? — пурсид Дарвеш.

Илҳом таваҷҷуҳона ба он санг зеҳн монда нигаристу дар он хеҷ асрореро пай набурда китф дарҳам кашид ва бо назари савол ба сардор нигарист.

— Графит. Таркиби ана ҳамин санги ночиз бо таркиби алмос як хел — карбон. Вале тарокуми атомҳои алмос аз тамоми маъданҳо зичтар буда он сахтар, пурҷилотар, шаффофтар аст. Графит бошад, тамоман баръакси он — нарм, беҷило, тираранг.

— Алмос аз карбон иборат-чӣ? — чашмони Илҳом калон-калон гашта сафедиаш садаф барин ҷило дод. — Яъне, дуд, сиёҳӣ?

— Бале, углероди соф, чуноне ки гуфтӣ — дуд.

Баъд вай боз як ривояти таърихиро ба ёд оварду ба Илҳом нақл кард:

— Дар асрҳои миёна як донишманд алмосро дар зарфи сарпӯшида ниҳода бо ҳарорати хеле боло об кардан хостааст. Ҳамин ки тафсонад, алмос нест шудаст. Баъд аз ин ҳодиса алмосро “санги мӯъҷиза” ном додаанд. Ба газ табдил ёфтагӣ. — Сипас вай боз ба сари матлаби аввал баргашта ба

тариқи хулоса гуфт: — Фарқи ин ду санг — яъне, графит ва алмос ҳамин аст, ки яке дар ҳарорати баланди қишри замин ба вуҷуд омада, ҷойгиршавии атомҳояш зич аст, дигаре дар ҳарорати пасттар шакл гирифтааст.

Сангҳо, маъдан, унсурҳои гуногуни то ҳол безабон ва гунг, беранг ва беҳис беш аз пеш диққати Илҳомро мекашиданд ва ӯ муддатҳои тӯлонӣ бо онҳо гуфтугӯ мекард, ҳар якеро чанд бор паҳлӯ гардонда менигарист, ҳар як тобиши ҷилои онро, камтарин ҷилваҳои ранги онҳоро мушоҳида мекард. Акнун вай ҳар шом ду ҷайбашро аз сангҳои гуногун пур карда ба бошишгоҳ бармегашт.

— Алаф ҷамъ карданат кам буд, магар? — дар ҳар як гӯшаи чодир тӯдаи сангҳои Илҳомро дида заҳрханд мекард Аҳмад-ака. — Акнун санг ҷамъ мекунӣ?.. — Баъд илова мекард: — Метарсам, ки ягон рӯз ба поруҷамъкунӣ медарой...

— Инҳо санги оддӣ не, Аҳмад-ака! — тамасхури ӯро ба дил намегирифт Илҳом. — Нигаред, — ана, инаш яшм, ин санг сурб дорад. Ана, рахаш. Ин вольфрам дорад. Ана, ин зумуррад, инаш лоҷувард. Дар Бадахшон манбаъи лоҷувард ҳаст, медонед-а?

— Дар Лоҷуварддара мо кор кардагӣ.

— Дарвеш мегӯяд, ки дар замонҳои қадим ин сангро сӯхта хокашро бо муми асал ва равған омехта ранги лоҷувардӣ мегирифтаанд.

Имрӯз Дарвеш ва Илҳом шлихро санҷида қад-қади дарьё боло мерафтанд. Шурф мекофтанду то озмунро шустану санҷидан Дарвеш беқарорӣ мекард. Илҳом сабаби ин қадар беқарории ӯро ҳеҷ намефаҳмид.

Дарвеш асари парокандагии маъданеро ёфта, ҳоло қад-қади дарьё аз паи он мерафт, то ки конеро, ки аз он ин ҳама

нишонаҳоро об овардааст, пайдо кунад. Вале ба Илҳом ошкоро ҳеҷ чиз нагуфт.

Вай озмунро бо заррабин бодиққат менигарист, ба дафтар мушоҳидаашро менавишт, баъзе хосияти нодири озмун ва заррачаҳои маъданро ба Илҳом нишон дода мефаҳмонд. Боре зарраҳои фулузи аз шлих пайдо кардаашро санҷиду беихтиёр гуфт:

— Ҳанӯз дур...

— Чӣ дур? — пурсид ҳамоно Илҳом кунҷковона ба чашмони сардор нигариста.

Дарвеш аз нигоҳи ӯ дар хиҷолат монда аранг сурх шуд.

— Нишонаҳои ёфтаамон хеле суфта гаштагӣ. Агар кон наздик бошад, зарраҳои фулузи он носуфтаю сартез мешавад. Кам-кам ғелида дур равад, сонӣ суфта мегардад, — бори аввал дар ин хусус ошкоро ба Илҳом шарҳу тавзеҳ дод сардор.

Мустафо Дарвеш аз даврони бачагӣ бо кори заршӯӣ ошно буд. Солҳои ҷанг дар деҳаи онҳо идораи заршӯӣ шурӯъ ба кор карду баъди анҷоми корҳои полезӣ модараш ҳар сол як-ду моҳ регшӯӣ карда, барои хонавода ризқу рӯзӣ меёфт. Мустафо ба модар кӯмак мерасонд. Вай регро тӯда мекарду модараш онро бо бел ба нова партофта мешуст. Зарраҳои тилло, ки дар нисбати дигар унсурҳо вазнинтар буданд, таҳшин гашта дар зери новадон ба шол часпида мемонданд. Боре Мустафо ҳангоми регро тӯда кардан ангушт барин сихи тилло ёфт. Он рӯз шодмонии хонаводаро канор надошт. Тиллоро ба идораи кон супурда, дар ивазаш аз дӯкони махсуси он як дуньё хӯрокворию сару либос гирифтанд.

Аммо зимистони соли дигараш ниҳоят қаҳратун омаду ҳеҷ шароити заршӯӣ набуд. Сойҳо санг барин ях баст. Модараш ҳалқаю ангуштариҳои тиллояшро, ки аз ҳунари падараш — Ҳакими Заргар ёдгор буд, ба идораи кон бурда ба орд иваз кард. “Хок кашад, — мегуфт модараш ҳар бор ин ҳодисаро бо ҳасрат ба ёд оварда, — вай урусдухтарак Вера буд-ку, ҳалқаю ангуштариҳоро аз дастам гирифту ба рӯяш нигоҳ ҳам накард, ба кислота андохту сӯхт, тиллои холисашро гирифту ба тарозу монд. “Ҳой, ту худат чӣ хел духтарӣ?! Чӣ хел ҳалқаи хушрӯ гӯён нигоҳ ҳам накардӣ” гӯям, механдад. “Дар хона кӯдаконат гӯшнаанд, ту ба рӯи ҳалқаат нигаристӣ? Ана, ҳамин хел, холаҷон, ҳозир дар сари ҳама фақат як фикр — фикри нон”, — гуфт бечора.

Бобояш чунон заргари ҳунарманд будаанд, ки лавозими зебу зинати он кас сохта дар деҳа имрӯз ҳам бо талош аз даст ба даст мегузарад. Баҳои “ҳалқаи ҳакимӣ” ё “дастбанди ҳакимӣ” нисбат ба лавозими ороишии дигарон сохта қариб дучанд қимат аст. Модараш тилловорашро солҳои қаҳтӣ фурӯхта бошад ҳам, ашьёҳои нуқрагину мисин — офтобачаю пиёлача, бозубанду қуфли гиребон, дастбанду гӯшвораҳо ҳанӯз дар таҳи сандуқи ӯ маҳфузанд. Бобояш ҳамаи он ашьёҳоро бо сангҳои нодири дараҷаи аввал хотамкорӣ кардаанд.

Баъдан аз шаҳр ҳар гуна одамон омада аз мардуми деҳа асбобу ашьёи бобояш сохтаро харида мегирифтанд. Онҳо ба сари модараш ҳам омада “ҳар чӣ доред, бароред, барои осорхона механем”, — гуфтаанд, аммо он кас аз фурӯхтани чизи ёдгорӣ сар кашидаанд. Дарвеш солҳои донишҷӯияш дар бахше аз мақолаҳои кишваршиносон зикри исми бобояшро диду ба ваҷд омад. Сонитар, вақте ки ба деҳа рафт, ҳар

он чӣ аз ҳунари бобояш мерос буд, аз сандуқи модараш гирифта ба шаҳр омад. Бо кифи пур-пур аз асбобу ашьёи қадима ба осорхона рафт. Қаблан ӯ дар ин осорхонаи кишваршиносӣ якчанд асбоби бобояш сохтаро, ки ба намоиши умум гузошта шуда буд, ташхис намуда ҳар сари чанд вақт баргашта онро бо меҳр менигарист. Бинобар он ӯ далерона мустақим ба назди мудири осорхона рафт ва бо ифтихор худро ҳамчун набераи ҳунарманди номӣ муаррифӣ намуда матлаби омаданашро, ки ҳадья намудани якчанд асбобу ашьёи аз ҳунари бобояш мерос мондааст, баён кардааст.

Аммо мудири музей ба сӯи тӯҳфаи вай нигоҳ ҳам накард. “Ҳар фард мехоҳад, ки дар ин осорхона исми падар ё падарбузургаш абадан бимонад, вале ин имконпазир нест. Дастур дорем, — вай китобчаеро аз рӯи миз бардошту боз баргашта партофт. — Дирӯз рассоме омадаст, ки наққошиашро ба намоиш гузорем! Чӣ, осорхона дару дарвоза надорад?! Ин макон муассисаи давлатӣ аст”, — аз гуфтани ин қабил суханон мудир ғолибан лаззат мебурд, ки аз такрори он ҳаргиз парҳез накард.

Рағбати Мустафо аз ин иқдом баргашт. “Аҷиб, — худ ба худ изҳори тааҷҷуб мекард вай, — ман ҳамаи инро ройгон тӯҳфа карданиам, аммо ин мард чиҳо мегӯяд-е!”

Пас аз ин гуна муомилаи мудир Мустафо он ашьёҳоро ҳатто фаромӯш кард. Модараш бархе аз онҳонро ба ину он додааст ё фурӯхтаст. Боқияашро як олими аз шаҳри дур омадагӣ пурсуҷӯкунон рафта харидаст.

Оби рӯд торафт сардтар мегашту регшӯӣ мушкилтар мегардид, аммо Дарвеш ва Илҳом ҳеҷ сахтиро писанд наме-

карданд. Ҳар ду ҳам бо тамоми ҳастиашон ба кор ворид гашта, сипарӣ шудани рӯзро дарк намекарданд. Фулузро қадқади дарьё пайгирӣ карда хеле боло рафтанашонро баъзан намефаҳмиданд. Рӯзҳо кӯтоҳ гашта, акнун онҳо ҳангоми говгум корро тамом мекарданду шоми торик ба бошишгоҳ мерасиданд. Кӯҳу дараҳои беодам рӯзона дилкушо бошанд ҳам, шабона ба назари Илҳом бо сукунати ғайриоддии худ дуньёи дигар, мисле аз ҷаҳони одамон ҷудо гаштаро метобид. Ҳатто гоҳе тасаввуроти Илҳом чунон пиндор менамуд, ки онҳо дар сайёраи дигаре такопӯй доранд. Алалхусус, вай шабона ба ҳар як соя, ба ҳар як садои бутта ва лағжиши санг гӯш ба қимор мегашт. Сукунати дилфишор, хомӯшии тоқатшикан ва даҳшатангез!

Боре дар роҳ аз Дарвеш пурсид:

— Ака, туфанг надоред-чӣ?

— Туфанг чӣ даркор?

— Хайр, вақту бевақт мегардед, хирс ҳаст, гург ҳаст.

— Дар ин ҷойҳо ягон даррандае нест, ки он аз инсон натарсад. Ҳамааш аз бӯи одамизод мегурезад. Боре, аз ин чанд сол пеш, як нахчир задам. Шом, пас аз кор хаста будам, то ба бошишгоҳ бардошта бурданаш малол омад. Пироҳанамро кашида ба болояш партофтаму рафтам. Ҷое, ки бӯи арақи одамизод меояд, ҳеҷ як ҷонвари ваҳшӣ наздик намешавад.

— Хирс ҳам? Гург ҳам? — пурсид Илҳом воқеаҳои пеш аз ин аз сар гузарондагиашро ба ёд оварда.

— Хирс ҳам, гург ҳам. Хирс, умуман, ба одам коре надорад. Баръакс, одамро аз дур дида, баъзан дастонашро ба синааш монда бо таъзим салом мекунад. Дар зимистон аз хирс эҳтиёт шав. Хирсе, ки зимистон хоб нарафт, аз ҳеҷ бало

ҳазар намекунад.

— Барои чӣ хоб намекунад?

— Дақиқашро намедонам. Лекин тахмин мекунам, баъзе хирсҳо бо сабаби пирӣ ё маъюбӣ дар тобистон хӯроки кофӣ ёфта хӯрда наметавонанду дар натиҷа ба қадри лозим чарбу намебанданд. Чарбу надошта бошад, хирс хоб намекунад. Ин гуна хирс гоҳе ба одам дармеафтад.

Аз ваҷҳи соддагӣ ё шитобкориаш Илҳом мудом дар ҳолати ногувор — хиҷолат мемонду баъдан ҳафтаҳою моҳҳо худро маломат мекард. Вай андаке аз саҳлангориашро ба Дарвеш ҳам ошкор намуд. Воқеа ин тавр рух дод: Илҳом дар болодасти рӯд шурф мекофту Дарвеш аз ӯ ним километр поинтар регшӯӣ мекард. Дар тунукоби рӯд чашми Илҳом ба маъдани ҷилодор афтоду вай шитобан ба об даст андохта онро бардошт. Маъдани теғадори шаффофи беранг, нури офтобро чунон бозтоб мекард, ки чашмонро мерабуд.

— Алмос! — гуфт вай бо садои баланд беихтиёр ва рӯ ба поин давид.

Дарвеш дар ҳоли регшӯӣ чашмаш ба вай афтоду зарфи дар даст доштааш афтод, чун ба ин авзоъ тохтани ӯро ҳаргиз надида буд ва ҳаросон ба пешвози ӯ баромад...

— Ҳа, ҳа, чӣ шуд? Чаро мегурезӣ?

— Як чиз ёфтам! — баъди он ки ҳарсосзанон ба назди Дарвеш расид, санги дар кафи даст бударо нишон дод Илҳом. — Як чиз ёфтам... Инро бинед!

— Хуб, дидам, чӣ шудаст? Барои чӣ ин қадар бо воҳима тохтӣ?

— Охир... Охир, ин алмос нест-чӣ?

Дарвеш танҳо ҳозир маънии тохтани ӯро фаҳмида қоҳ-

қоҳ зада баланд, аз таҳи дил хандид. Замоне ки аз хандаи беғубораш хаста шуду онро қатъ кард бо авзои мушавваш ба Илҳом нигариста сар ҷунбонд.

— Бинед чӣ хел медурахшад, — гуфт Илҳом аз нигоҳи сардор хиҷил гашта.

— Ҳайронам, ту бо ин соддагиат чӣ тавр ба Норӣ хуш омадӣ? — аз чӣ бошад бо афсӯс ба рӯи Илҳом менигарист сардор.

Дар нигоҳи вай ҳоло ба ҷои таассуф тааҷҷуб ва як навъ ифодаи дилбастагии самимӣ ба ҳамроҳи ҷавони лоуболаш ҳувайдо буд.

— Э, монед-е!.. Гапи беҳуда... — сар то по мисли лаблабу сурх шуд Илҳом.

— Бачаҳо ҳамин хел мегӯянд. То шамол набошад, шохи дарахт намеҷунбад. Модоме ки қалби ҳамин хел нозанинро таслим карда тавонистаӣ, дигар мулоҳизаҳои хому саросема, рафтори соддалавҳонаро бояд партоӣ. — Сипас ба маъдани дар дасти Илҳом буда нигаристу бо табассум шарҳ дод: — Охир, ин кварц, — дурри кӯҳӣ. Дар кӯҳистони мо аз ҳар чӣ ҳам бисьёр.

Ҳар яки онҳо думболи кори худ гашту то ғуруб дигар дар ин мавзӯъ сухан накушоданд.

Шомгоҳ, ҳангоми бозгашт, Дарвеш бо нӯги альпенштокаш регро андаке кофта сангеро ба даст гирифту ба Илҳом дароз кард.

— Ана, ин ҳам аз хонаводаи ҳамон “алмос”-ат. Рангаш зардтоб будаст.

Тайи бозгашт ба бошишгоҳ вай бобати дурри кӯҳӣ ҳикояти дуру дарозе карду ҳар ду ҳам ба манзил расиданро мутаваҷҷеҳ нашуданд.

## *Боби ёздаҳум*

## *“ВОКУНИШИ АТОМИ АЛОМАТДОР”*

Охирҳои моҳи ноябрь боронгарӣ шурӯъ шуд.

Абрҳои сиёҳи хашмгин аз байни дандонаи теғаҳои баланд гузашта чунон паст меомаданд, ки баъзан ба сар расам-нарасам медавиданд. Осмон бо авзои гирифта босаброна гӯё худдорӣ мекард, вале аҳьён-аҳьён камари сабраш мешикаст магар, ба алам тоб наоварда яку якбора наъра мекашид; тундар замину замонро ба ларза меовард.

Субҳидам чакраҳои борони шаб дар рӯи баргҳои хушки чошир, дар меваҳои бушол донаҳои марворид барин медурахшидандy бо андаке таҳрик монанди тути пухтагӣ гуррӣ карда ба замин мерехтанд. Аз ҳаво накҳати гиёҳҳои гуногуни кӯҳ аз ҳамешагӣ дида баландтар ба машом мерасид.

Дастаи геологҳо бошитоб ба ҷамъ овардани намунаҳои барои озмун гирифта, ки дар ҳар ҷои кӯҳсор пароканда буд, шурӯъ кард.

— Аспҳоро зин кунед, як навбат ба Ангор озмун барем, — маслиҳатомез ба чашми дигарон нигарист Сиҳат-амак. — Агар ба умеди вертолёт бишинем, ҳамааш дар зери барф мемонад.

— Вертолёт саргарми ба шаҳр мевакашонӣ аст, — гуфт Барака.

— Не, — эътироз кард саркор. — Дар шаҳр аст ё дигар тараф...

— Дирӯз дар қуллаҳои кӯҳҳои Дуоба шикор мекарданд. Ман аз дур дидам, — хабар дод Каримҷон.

— Ҳоло субҳона хуреду ҳар нафар дутогӣ аспро зин кунад. Вақти баргашт динамит бор мекунед.

“Вертолёт катӣ оҳую хирсро думболагирӣ мекунанд... Албатта, дар кӯҳистони урьён якта ҳам ҷонвар намемонад. Эҳ, хабарнигор бошию инҳоро ба “Хорпуштак” нависӣ...” дар дил мегуфт Илҳом.

Ин лаҳза Норӣ аз чодири худ берун шуду ба сӯи онҳо омад.

Мушаххас гашт, ки Илҳом имрӯз ҳамроҳи Норӣ ба кор рафта, ба вай дастёрӣ мекардааст.

— Сардор маро ҳам ба озмунгирӣ фиристоданд... Ба ман дастьёр даркор, — гуфт вай аз хиҷолат гоҳ сурху гоҳ сафед гашта.

— Охир... Кори дастаи мо чӣ мешавад?! Аз ин Илҳом ба мо чӣ фоида?! Гоҳ сардор ӯро мегирад гоҳ бесар... Мо низ ба коргар ниёз дорем, — гуфт Сиҳат-амак ранҷидахотир. — Ҳаво хароб аст, ба Ангор озмун кашондан даркор.

— Ман танҳо кор карда наметавонам. Ин кор ҳам зарур-да.

Илҳом аз ин қарори онҳо на хушҳол буд, на малол. Малол буд, аммо нороҳатии аз Дарвеш ҷудо гаштанро шавқи ҳамкорӣ бо Норӣ ҷойгузин мекард. Барои бо Норӣ ҳамкор шуданро ҳар як ҷавон орзу мекард, аз ин лиҳоз алҳол ҳама ба вай ҳасудӣ мекарданд ва агар ин ба гӯши Ҳосил расад, чӣ мекарда бошад?!

Аз ибтидо, аз он лаҳзае, ки чашми Илҳом бори нахуст ба чашми Норӣ афтоду беихтиёр ҳар ду ба ҳам табассум карданд, дар қалби ӯ нисбат ба ин ҷавондухтар як навъ эҳсоси наздикии рафоқатӣ, шарораи ҷӯшони итминонӣ сар зада

буд. Худ аз худ, бедуни ҳеҷ сабаб вай соатҳои дароз дар хусуси ин духтар фикр мекард. Боли орзу ӯро ба кадом самтҳое намебурд! Чунин эҳсос мекард, ки дар гӯшае қаъри қалбаш Норӣ ба мисоли як зарра нуре ҷой гирифтаасту ин зарра мунтазири фурсати муносиб аст, нигарони замон аст, то монанди атоми аломатдор ба вокуниши муттасил дарояду бузург шавад, нури муҳаббат тамоми ҳастии ӯро фаро гирад. Мухтасар, дили вай ташнаи муҳаббат, дилҷӯӣ ва дӯстдорӣ буд.

Вақте ки онҳо — Ҳосил, Норӣ ва Илҳом ба сӯи кӯҳи Ҳаводара раҳ гирифтанд, офтоб аз чоки абрҳо, аз байни теғаҳои аррамонанди кӯҳҳо мисли нурафкани бузурге даста-даста нур мепошид. Илҳом аз ҳама қафо мерафт. Норӣ ҳар замон аз роҳгардӣ бозистода бо табассум аз ӯ ҳолҷӯӣ мекард:

— Ҳой, хаста нашудӣ? Омӯхта шудӣ охир? Одат мекунӣ.

Илҳом табассум мекарду ҳарфе намезад.

Онҳо дар бағали кӯҳсор, дар лаби сойчае, ки оби камаш гоҳ аз рӯи шаххо нам-нам шорида, гоҳе ба таҳи регу қайроқсанг ҷаҳида рафта пинҳон мегашт, истоданд. Дар самти чап як шурфи начандон калон аз сой ибтидо ёфта, мисли камарбанд миёни кӯҳро бурида, то ба обтақсимкунак мерасид.

Ҳосил қаламу коғаз гирифту шурфро аз сар то ба охир гашта, ба ҳисса ҷудо кард аз ҳар як метри он чӣ тавр намуна бояд гирифт, хосияти он ҷинсҳоро чӣ тавр бояд тавофут кард, батафсил бо Норӣ тавзеҳ дод, маълумот ва нишондодҳои заруриро як-як ба коғаз навишт ва аз рӯи он амал карданро фармуду думболи кори худ рафт.

Баъди рафтани ӯ Норию Илҳом ба кор шурӯъ карданд. Илҳом аз қафои Норӣ якчанд халтаи коғазиро ба даст гирифта ба шурф даромад, то ки бо нишондоди ӯ аз ҷойҳои

даркорӣ барои озмун намунаи шағалро бардорад. Норӣ пасу пеш рафта пораҳои сангро бардошта, назар кард, ба дастури навиштагии Ҳосил зеҳн монд, вале сарриштаи корро пайдо накард. Духтарак аз кадом ҷинсҳои кӯҳӣ озмун гирифтанро саҳеҳ дарк намекард, бинобар он баъди хеле саргарангӣ аз баҳри ин кор гузашт.

— Э, дарди сар... — дастури Ҳосил навиштагиро ба як сӯ партофта, даст афшонд вай. — Ҳифз накардам... Кори ман нақшакашӣ буд, барномаи кориро анҷом диҳем гуфта маро ҳам ба ин ҷо фиристоданд. — Вай лаҳзае дасташро ба пеши чашмонаш соябон карда ба кӯҳсори атроф нигарист.

Илҳом тоза фаҳмид, чаро Дарвеш ӯро ба ин кор фиристодааст, аммо инро ифшо накард, чун намехост ин духтари ҳалиму нозанинро дар хиҷолат вогузорад.

Норӣ аз анҷом надодани кори ба ӯҳдаи ӯ гузошта заррае ҳам эътибор надода бо завқ ба тамошои манзараи атроф саргарм шуд. Илҳом мафтуни қадду басти вай хомӯш менишаст. “Ба одами хушгил либос ҳам мезебад, ҳар гуна ҳаракату рафтор ҳам. Ё баръакс, одами хушрӯ либоси хушрӯ мепӯшад, ҳаракаташу рафтораш ҳам хушрӯ, — мегуфт вай худ ба худ. — Қадаш баланд набошад ҳам, тарзи басту банди баданаш мавзун, китфу гарданаш ба ҳам мутаносиб, чашму абрӯяш-ку, рассом бо мӯқалам кашидагӣ барин. Хуллас, дар малоҳат бекаму кост. Гуфтору кирдору рафтораш ҳам латифона. Бархе аз мардум мегӯянд, ки зани хушрӯ бебахт мешавад. Барои чӣ? Ҳеҷ кас ба ин савол ҷавоби саҳеҳ намедиҳад. Фикр дорам, ин ҳарфи беҳуда... Норӣ аз нобарории кораш парвое ҳам надорад... Мисле ки ӯро бобати фаъолияташ сахтгирӣ намекунанд.”

— Бихез, ана ун арчазорро рафта бинем, — ногаҳон таклиф кард Норӣ ва Илҳомро аз олами хаёл ба худ овард.

Илҳом ҳарф назада аз ақиби вай равон гашт.

Замоне ки Норӣ дасти вайро дошта ба шаху зовҳои нобоб баромад ва боре аз шахи баланд ба поин фуромада натавонист ва Илҳом иҷбор гашт, ки дасташро ба зери пои вай пиллапоя карда, дошта фурорад, дар дилаш шубҳае пайдо шуд: Норӣ бо бақия низ дар кӯҳ ҳамин тавр дасту ба даст гаштааст... Ин фикр хеле вақт дили ӯро чангол кашида нороҳат кард. “Саҳми кори ӯро дигарон анҷом медодаанд, одат кардаст”, гуфт ӯ дар дил. Вуҷуди Норӣ, ки зоҳиран латифу нозук менамояд, дар асл қавию маҳкам, чандирмушак буда бағоят қаиш аст.

Ҳангоми сайри арчазори серун онҳо ба якдигар аз зиндагии худ ҳикоя карданд. Норӣ лаб ба лаб нарасонда, чигуна бидуни барномаву андеша ба омӯзишгоҳи кӯҳшиносӣ қабул гаштан, баъди соли сеюми донишҷӯӣ дар таътилоти тобистона дар ин гурӯҳи маъданҷӯён ошпазӣ кардан ва пас аз хатми омӯзишгоҳ ба ин идора истихдом шуданашро дар як нафас гуфта дод.

— Акаи Ҳосил хешу табор мешаванд ё ҳамту?.. — пурсид Илҳом.

— Не, ҳамин тавр худашро наздик мегирад. Ҷавони ҳушманд, корашро хуб медонад. Вале каме дамдузду кинадор аст, — гуфт вай рӯяшро турш карда. — Боз чунон камгап аст, ки ҳамроҳи вай дили ман торс мекафад.

Вай дар байни сӯҳбат аз кӣ ва чӣ кора будани Илҳом ҳам пурсон мегашт, аммо сухани ӯро то поён гӯш накарда,

гӯё идомаи онро медониста бошад, зуд аз ҷои дигар савол медод. Пас аз муддате Илҳом дарк кард, ки Норӣ тақрибан ҳамаи зиндагиномаи ӯро кам-кам пурсида гирифту аз буду шуди ӯ иттило дорад.

Онҳо дар канори чашмаи хурдакаке нишаста, чой ҷӯшонданду наҳорӣ хӯрданд. Норӣ ӯро бо қанду ҳасиб зиёфат кард, дар як қуттича ширқиём оварда будаст, аз он қаҳва дуруст карду ҳар ду қаҳваи гарм нӯшиданд.

Ҳоло ба Илҳом ҳар як рафтору кирдори вай писанд меомад. Кам-кам ҳушу ёди вай, нигоҳаш, тамоми ҳастиаш дар гирди ин духтар тӯр метанид. Вай то ин замон ба занҳое, ки либоси мардона мепӯшанду мӯяшонро кӯтоҳ мебурранд, дилсардона бетавофут менигарист, вале ба Норӣ, ки корҷомаи кӯҳгардӣ ва кулоҳи лапардор мепӯшиду мӯи кӯтоҳ дошту зебандаву дилкаш буд, бо иштиёқ назар медӯхт. Илҳом ҳатто мутмаин буд, ки агар вай сару либоси муқаррарии занона пӯшад, ин қадар ҷозибанок намешавад.

Гашти пешин Ҳосил аз кӯҳ фуромада омад. Норию Илҳомро саргарми сӯҳбат дида, андаке таҷанг шуд, вале сир надод. Ҳеҷ фаъолияте анҷом надодани ононро фаҳмида, авзоаш бештар вайрон гашт. Ҳарфе назаду маломатомез ба Норӣ нигарист, ба самти Илҳом ҳатто нигоҳ кардан ҳам зарур надонист. Вай, умуман, ба Илҳом эътибор намедод. Субҳ ҳам, ҳангоми ба ин тараф омадан ягон сухане назад, ҳеҷ дастур ё маслиҳате надод.

Ҳосил бидуни ҳарф задан, бо шитоб ба кор шурӯъ кард. Илҳом аз ҷойҳое, ки вай аломат гузошта мерафт, намунаи шағали кӯҳро ба коғазхалтаҳо бардошта, дар дохилаш тавзеҳномаи навиштаи ӯро мегузошту даҳанашро мебаст.

Онҳо то вақти офтобшинам як бало карда вазифаашонро анҷом доданд.

Ҳамроҳи Норӣ кор кардан ба Илҳом он қадар гуворо буд, ки баъзан пас аз ба поён расидани рӯзи корӣ зудтар убури шабро хоҳон мешуд. Албатта, мисли дигарон шурфканӣ хуб буд, ӯ худро узви баробарҳуқуқи даста мешумурд, аммо дар канори Норӣ будан, бо ӯ ҳамсӯҳбат гаштан барои вай хушбахтии беназире буд. Дар тӯли як ҳафта ӯ ба ин духтари софдилу хуштабиати бемакру ҳила дар ин кӯҳсори хилвату дилгир хеле унс гирифт. Норӣ ҳам ҳар субҳ ӯро дида, хушнудона истиқбол мекард, баъзан бар қасди нигоҳҳои кунҷковонаи дигарон бо шухию густохӣ намоишкорона аз бозуи вай мегирифту ба роҳ медаромад. Дар чунин мавридҳо Илҳом аз хиҷолатмандӣ то нӯги гӯшҳояш сурх мегашт, дар як ҳолати ногувор баъзан аз шӯхиҳои ӯ дар қаҳр, бо авзои гирифта сокит ба вай ҳамроҳӣ мекард.

Аммо дур аз ҳамкорон вай аз ин гуна ҳаракату рафтори Норӣ шарм намекард. Барои вай шеър мехонду тарона месароид, аз қиссаву саргузаштҳои аҷоибу ғароиби ҳамдеҳагонаш ривоят мекард. Барои чӣ дар назди дигарон ин қадар сипоҳигарӣ дошт, худаш ҳам шарҳ дода наметавонист, шояд аз заҳрханди ҳамкорон меҳаросид, кӣ медонад? Бори муросоҷӯиро ҳам, кушодагӯиро ҳам, берӯию беқавлиро ҳам, асосан, атрофиён ба зиммаи кас мегузоранд.

Субҳидам замоне ки Норӣ аз чодираш берун омада Илҳомро нигарон меистод, ҳамкорон гоҳ бо ҳазлу шӯхӣ, гоҳ бо кинояву заҳрханда ба ғаши вай мерасиданд:

— Ҳой, бандаи шикам, хез, арӯса нигарон накун! Субҳона нахӯрӣ, аз кӯҳ афтода намемурӣ! — Шӯхиёна дӯлча

ро аз пеши вай мегирифт Барака.

— Ба даҳанат нигоҳ карда гап зан, — хавотиромез таъкид мекард саркор. — Ҳосил бо ин издивоҷ карданӣ, мабодо ба гӯшаш расад, хуб не.

— Ин ҳингир-ҳингира ба сараш мезанад? Вай як ҷавони баномус, — гуфт Аҳмад-ака асосан, ба Илҳом расонда.

— Ҳой, Илҳом, аз ростӣ, моҳоната гир, дар ҳамин ҷо худамон як тӯйча кунем... Тура ёр-ёр гуфта ба чодири вай бурда мепартоем... Ҳа-ҳа-ҳа...

— Даҳан дорам гуфта гап задан мегиред... — гуфт Илҳом бо хашму ғазаб чои дӯлчаашро ба замин пошида.

Барака бештар ба асаби вай мерасид:

— Ҳой, — ба дигарон чашм хобонда, ба Илҳом бо авзои ҷиддӣ гӯё маслиҳат медод, — дар кӯҳ ҳам гӯсолаи аммам барин хап нашинӣ боз! Моро шарманда накун... Ҳа, исунусунаша хору мол, интур мард буданата нишон те-да... Хайр, аз худат гап намемонад.

Дарси аз Дарвеш гирифта ва таҷрибаи касб шуда ба Илҳом дар ҳамкорӣ бо Норӣ хеле кумак кард ва онро дар кор истифода бурд. Ду рӯз фаъолияти Ҳосилро мушоҳида намуд, ки ӯ айнан кори аз дасти худаш меомадаро анҷом медиҳад. Рӯзи саввум ҳамроҳи Норӣ озмунро гирифта, баста таҳ карда ба Ҳосил нигарон нашуда ба бошишгоҳ баргаштанд.

Илҳом ҳеҷ ба як рафтори Норӣ наметавонист одат кунад ва аз ин ваҷҳ ҳар рӯз чандин бор хиҷолат мекашид: ҳар боре, ки шаху зови баланди мушкилгузар пеш ояд, Норӣ хунсардона бо дасти кучаки чандиракаш аз дасти Илҳом

мегирифту бо кумаки вай наҳаросида мебаромад ё мефуромад. Дар ин лаҳза мисле, ки қалби Илҳом аз тапиш memонд, нафасаш дар гулӯ мепечид, сараш чарх мезад, одами маст барин беҳушона қадам мегузошт. Норӣ ин ҳолати ӯро пай мебурд магар, ба рӯи вай нигариста қиқиррос зада механдид. Боре пас аз чунин ҳол вай пурсид:

— Дар умрат дасти духтарро надоштӣ-чӣ? — Мунтазири ҷавоб нагашта боз худаш шарҳ дод. — Ҳа, дар деҳа дасти якдигарро доштани писару духтар ҳам мушкил аст. Хайр, ту ҷавони ҳамин замон, худат ҳамаро мефаҳмӣ. Ин қадар китоб хондагӣ ҳастию боз ким-чӣ хел мешавӣ! Метарсам.

— Аз чӣ метарсӣ?

— Надонам... Ку, шеъри парерӯз хондаатро боз як бор хон.

— Кадом яктаашро?

— Хондӣ-ку, ҳу, мафтуни дигарон нашав, гуфта. Нағз хондӣ. Боз як бор хон.

— Ҳа...

Илҳом лаҳзае сокит монду шеърро фикран такрор кард, Вай дар дилаш ғазалро мехонду меандешид, ки кадом байти он ба Норӣ писанд омада бошад. Зеро ҳар як байти ғазал аксар маънии хосе дошт. Сипас оҳиста, ҳар як мисраъро бо зарбу оҳанги махсус, мисли аз дили худ бароварда мегуфт:

Мисли оина машав маҳви ҷамоли дигарон,
Аз дилу дида фурӯ шӯй хаёли дигарон.
Оташ аз нолаи мурғони ҳарам гиру бисӯз,
Ошьёне, ки ниҳодӣ ба ниҳоли дигарон.

Дар ҷаҳон болу пари хеш кушудан омӯз,
Ки паридан натавон бо пару боли дигарон.
Марди озодаму онгуна ғаюрам, ки маро
Метавон кушт ба як ҷоми зулоли дигарон.
Эй, ки наздиктар аз ҷонию пинҳон зи нигаҳ,
Ҳаҷри ту хуштарам ояд зи висоли дигарон.

Илҳом ғазалро хонда фуроварду хомӯш ба рӯи Норӣ нигарист. Чашмони дилошӯби вай хаёломез ба дуродур дӯхта гашта, мисле ки Илҳомро ҳам, шеърро ҳам фаромӯш карда буданд.

— Ду байти охирашро боз як бор хон, — баъди дақиқае оҳиста хоҳиш кард вай.

Илҳом бо тааҷҷуб ба рӯи вай нигарист.

— Бихон, бихон, — мукаррараан хоҳиш кард Норӣ.

Илҳом такрор кард.

— Хеле олӣ гуфтааст. Як нусха барои ман навишта деҳ.

Илҳом дар ибтидо гумон кард, ки ин ғазалро хон гуфтани Норӣ ҳамин маънӣ дорад, ки беҳуда маҳви ман нашав гуфтанӣ аст, аммо ҳоло дарк намуд, ки ин байтҳо ба кадом як дарди ниҳонии қалби вай таъсир намуда, ӯро мушавваш сохтааст.

Тибқи гуфти худи Норӣ, ӯ бо Ҳосил ҳангоми таҷрибаомӯзӣ дар дастаи геологҳои Дарвоз шиносо гашта аст. Илҳом ҳаминро эҳсос кард, ки духтар ӯро дӯст намедорад, аз кадом хислати ӯ хушаш намеояд, намефорад, вале ошкоро ба Норӣ чизе нагуфт. “Дили ин духтаронро фаҳмида намешавад, — мегуфт ӯ худ ба худ. — Гоҳе аз ҷавононе, ки мутанаффиранд шавҳар ҳам мекунанд. Ҳамида Шодии ронандаро аз



балo бадтар медид, аммо оқибат ба ҳамон издивоҷ кард.”

Ҳосил аз он ки Норӣ ҳамроҳи ӯ чунон ки бо Илҳом шӯхӣ мекунад, беғаразона механдад, фориғона ҳарф мезанаду хушҳол аст, бо шиддат муассир мешуд, аммо сайъ мекард, ки ғуссаву таҷангиашро зоҳир нанамояд. Баъзе аз рӯзҳо корашро ба итмом расонида ба назди Норӣ меомаду танҳо ба танҳо нишаста сӯҳбат мекард. Илҳом чунон ки лоиқи мардон аст ба сӯҳбати онҳо мудохила намекард, вале ғазабаш меҷӯшид, асабонӣ мегашт, нақшаҳо мекашид ва думболи сабабе буд, то моҷарое бархезаду қадами Ҳосилро аз ин ҷо кашад. Аммо ҳар бор, ки баҳонаталабӣ мекард, суханони Дарвеш дар гӯшаш садо медоданду аз қасди худ мегашт: “Фикри хом, саросемагӣ ва соддагиатро парто!”

Вале мисле ки соддагӣ ва софтинатӣ дар сиришти вай махлут буд. Аз ваҷҳи ҳамин соддалавҳиаш Норӣ ӯро чунон танбеҳ дод, ки ҳар боре Илҳом он воқеаро ба хотир биоварад, вуҷудаш таб мебаровард. Воқеа ин тавр рух зад: Дар лаби сойчае нишаста нимирӯзӣ истироҳат карданд. Аз рӯи ҳазл Норӣ як дӯлча обро аз гиребони Илҳоми осуда нишаста рехта, худаш фирор кард. Илҳом ӯро думболагирӣ кард, Норӣ моҳирона аз санге ба санге ҷаҳида мегурехт. Ниҳоят вай ӯро аз камари шах гирифту дар аввал чӣ кор карданашро надониста дасту по хӯрд, вале сонияи ӯро қавӣ оғӯш кард. Норӣ мисли кабке, ки ба чанголи боз афтодааст, дасту по зада, аз банди дастони вай раҳо шудан мехост, аммо наметавонист. Ногоҳон лабони ба бӯса моили Илҳомро ба лабонаш наздик дида яку якбора авзоаш дигар шуд: чашмонаш кашида гашт, сӯрохиҳои бинии нафисаш пир-пир парид, рангаш саҳл канд. Илҳом оҳиста дастонашро боз кард.

— Бӯсидан мехоҳӣ?.. А?

Илҳом мунтазир буд, ки алҳол вай шаппотӣ мезанад, ҳатто ба ин ҷазо омода бо сари хам меистод.

— Ма, бибӯс! — ногаҳон Норӣ рӯяшро ба тарафи Илҳом наздик оварда беибо, бо як авзои ҷиддӣ, андаке тамасхуромез ба чашми вай чашм дӯхт.

Замин накафид, ки Илҳом дарояд. Вай ин гуна танбеҳро нигарон набуд ва аз ин бархӯрд дар таҳайюр афтод. Ин ҷазою сазои то ҳол гӯшношунидае буд, даҳшатнок, нангин, буньёди касро месӯхтагӣ!

— Бӯса кун, — ҳамон ором намегашт Норӣ. — Фу, бефаҳм... бефаросат... Ҳамин ҳам бӯса аст?! Чӣ лаззат меёбӣ?! Ана, дастата бӯсидагӣ барин, — вай бо як маҳорати аҷиб пушти дасташро карду бӯсид. Сонӣ каме таскин ёфта бо нармӣ ба ҳарф даромад:

— Бӯса мӯҳри муҳаббат аст. Мард бемуҳаббат ҳар касро бӯсидан гирад, мард не, кулӯхи бегарду беишқ аст! — Вай лаҳзае димоғ тоб дода нишаст. — Эҳ, Илҳом! — ӯ маломатомез сар такон дод. — Боре ҳам фикр накардӣ, ки ҳақ дорӣ ё не... Ин ба ту сабақ шавад, пас аз ин ба ҳар кас нӯларо дароз накун. Мард бояд иззати нафс дошта бошад! Бӯсаи ҳаққи ҳалол худ аз худ, аз мағзи ду қалб ҷӯшида меояд.

Баъд вай барои дилбардорӣ ва аз байн бурдани ин вазъияти ноҳинҷор аз гӯши Илҳоми музтариб ва шармсор ба шӯхӣ кашида, монанди ҳамеша бо садои ҷаррангосиаш хандид. Ин хандаи вай ҳамчунон дилхурӯш, шӯху бекина буд, ки одами гириста истода ҳам беихтиёр табассум мекард.

Аз ин ба баъд Илҳом тасмим гирифт, ки дигар бо Норӣ ҳазлу шӯхӣ накунад, ҳамеша ҷиддӣ ва ботамкин бошад.

Яке аз рӯзҳои камкорӣ онҳо ба деҳа рафтанд. Илҳом ба Норӣ рози ҳавлии бобояшро гуфта маслиҳат пурсид, аммо ҳавлии хеле вақт чим баста, бурганзор гаштаро дида, ҳатто Нории хушбину мудом чораёбу умедбахш ҳам ба фикр афтод.

Онҳо боғро хеле ҷустанд, аммо аз ӯра нишоне наёфтанд. Бо белу зоғнӯл зиҳи таворaи сангин ва таги дарахтонро тафтиш карданд.

— Сӣ сол гузаштааст... Несту нобуд шуду рафт-да.

— Ҳаст... Пайдо мешавад, — гуфт Илҳом дар ҷавоби шубҳаи Норӣ.

— Ҳар рӯз пешин як соат омада ков. Аз аввал ков, — маслиҳат дод вай. — Ман ҳам шарик, боз аз ҳофизаат набарорӣ, — суханашро хоҳу нохоҳ ба ҳазл бурд Норӣ. — Худо накарда, бобоят ягон кӯза тилло-пилло ҳам гӯр карда бошанд, ду-сето дандони маро тилло мекунӣ-а?! Инро бин, якта дандонам дандони арра барин, — вай даҳонашро боз карда дандони тарафи чапашро нишон дод.

— Бе тиллои бобоям ҳам дандонатро тилло мекунам, — гуфт Илҳом калонгирона. — Фақат... фақат...

— Чӣ фақат?

— Баъди тӯй.

— Ӯҳ-ҳӯ... Дилакатон чиҳо намехоҳад! — гуфт Норӣ ба киноя “шумо-шумо” карда. — Туро хондан фиристоданд, ё арӯсковӣ?

— Хондану... хуб, агар зан ҳам ёфтам, бад набуд. Ҳам зиёрат, ҳам тиҷорат мегӯянд-ку.

— Ҳоло ягон касбу ҳунар надорӣ, кадом духтари сарсахт ба ту мерасад? Ба ҷонаш сер шуд-чӣ? Ё аз рӯи ту маҳ

дид?

— Ту... ту намерасӣ?

— Ман ба донишгоҳ қабул шуданӣ, дарс хонданӣ.

— Ман ҳам.

— Хеле олӣ. Ҳар ду ҳам ба донишгоҳ пазириш мешавем.

— Агар дохил нашавем? Ё яктаамон...

— Боз маслиҳат мекунем. Додою очаат чӣ гӯянд ҳамон... Фаҳмидӣ? — Норӣ бо химчаи дар дасташ буда ба паси гардани Илҳом шартӣ заду гурехт.

Рӯзи дигар Илҳом аз таассуроти ба деҳа омадани Норӣ шеъре навишту онро ба вай хонданӣ шуд. Дар сари кор ҳеҷ фурсати мувофиқ наёфт. Оқибат дар танаффуси нимрӯзӣ ба забон омад:

— Як шеър навиштам... барои ту... хонам?

— Ку, хон, — бо нимтабассуми рағбатона ба рӯи вай нигариста наздиктар омад духтар.

— Ҷанг намекунӣ?

— Аз гунҷишк тарсӣ, арзан накор. Ту чӣ хел шоирӣ?! Шоирон натарсида подшоҳонро ҳаҷв кардаанд! Аз барои занҳо ба дуэл баромадаанд.

— Хайр, мехонам... Гӯш кун... — Илҳом бо хиҷолат ба шеърхонӣ сар кард:

Чашми ҳама чашмаҳост Норӣ,
Барфи сари теғаҳост Норӣ,
Гулбуттаи кӯҳи мост Норӣ,
Бозии ситораҳост Норӣ.
Он рӯз, ки вай ба кор омад,
Бишкуфт ҷаҳон — баҳор омад.

Эй санг, ба пои вай мазан ҳеҷ,
Эй хор, либоси вай макан ҳеҷ,
Эй боди сабо, ту чокараш бош,
Эй абр, ту соя бар сараш бош,
Эй рӯд, ба вай ту меҳрубон шав,
Сар монда ба пои вай равон шав.
Эй деҳа, бигир бар канораш,
Илҳом барин азиз дораш.

Вай шеърро хонда фуроварду ба умеди таҳсин ба Норӣ нигарист, вале духтар бар хилоф эрод гирифт:

— Рӯзи ба кор истихдом шудани ман ту ҳанӯз набудӣ.

— Хайр-дия. "Чун акзаби ӯст, аҳсани ӯст", мегӯянд. Беҳтарин шеър — шеъри дурӯғ будаст.

Илҳом ба чашми Норӣ нигарист. Вай мутмаин буд, ки шеъраш ба духтар хуш меояд, аммо Норӣ хомӯшона табассум мекарду чашмашро раҳ бурд магар ба дуриҳо менигарист.

— Нағз барин, — гуфт вай ниҳоятан ба Илҳом рӯ оварда. Баъд таъкид намуд: — Аммо дар ин ҷо ба каси дигар нахон. Хуб? — Вай баъди лаҳзае сукут якбора хандиду илова кард: — Ба ман нигар, Илҳом, аз Ҳосил эҳтиёт шав, вай ҳасуду бадрашк аст. Ман ӯро мешиносам. Мувозиб бош, танҳо нагард.

— Эҳ-э, чӣ кор карда метавонад?! — фориғболона даст афшонд Илҳом. — Воқеан фикр дорӣ, ки зӯрам ба ҳамон ходачӯб ҳам намерасад?!

— Гап дар сари зӯрӣ не. Ман намехоҳам, ки шӯру ғавғо кунӣ.

Танаффуси нимрӯзиро боз сарфи ҷустуҷӯи он ӯра карданду бенатиҷа ба сари шурф баргаштанд.

Онҳо саргарми гуфтугузор чӣ хел корро анҷом медоданд, чӣ гуна офтоб ғуруб мекард, намедонистанд. Норӣ ҳарф назада кор карда наметавонист ва Илҳомро барои камгапиаш баъзан маломат мекард:

— Ҳой, Илҳом, ягон гап зан, дилтанг шудам! — Баъд яку якбора ба мавзӯи дигар мепарид: — Ту мӯятро чаро дароз намекунӣ? Бибин, мӯҳоят чӣ хел ҷилодору ғуллӣ.

— Ба ман кӯтоҳаш маъқул.

— Ҳозир мӯи дароз расм шудагӣ. Ҳама дароз мемонанд.

— Мӯи кӯтоҳ расм шавад, сонӣ ман дароз мемонам.

— Ғалатӣ... Баъзан суханҳоят ба хулқу атворат мувофиқ намеоянд. Ба ростӣ... Ист-ист... — Норӣ якбора ба сари Илҳом хам шуда як тор мӯи ӯро канд. — Сафед! Э, не ҳамин тавр зард будаст. Мӯи ту мисли мӯи ман ранг мегардондаст, гоҳ-гоҳ хурмоӣ метобад. — Баъд духтар ба чашми ӯ зеҳн монд. Илҳом ба нигоҳи вай тоб оварда натавонисту чашмашро гурезонд. — Камтар фарбеҳ шавӣ, ҷавони хушрӯ мешавӣ.

— Худо ҳама ҳуснро ба ту додагӣ. Як хушрӯю як зиштрӯй...

— Ба ман? Ман хушгилам? — қиқирросзанон хандид вай. Яқин буд, ки ин суханон ба вай мефорад.

Илҳом ба дандонҳои марворидии вай, ба лабони гулобиранги нозукаш, аз мӯяш то нармаки тунуки гӯшҳояш лаҳзае хомӯш нигариста истод.

— Хушрӯй, — ва баъди лаҳзае сукут илова кард: — Кош, ин қадар хушрӯ намебудӣ!

— Барои чӣ? А?.. Ё ман ба назари одамон духтари са-

букпой барин метобам? А?.. Гап зан!

— Не-е! Ҳамту, метарсам... Духтари хушрӯй серхаридор мешавад.

Илҳом барои халтачаи коғазӣ овардан ба сари шурф рафту Норӣ ғарқи мулоҳизаи суханони вай гашт. Баъд ҷавон як даста халта ба даст омаду гӯё сухани канда шударо давом медода бошад, гуфт:

— Сонӣ, мегӯянд, ки хушрӯйҳо бебахт ҳам мешаванд. Мардум вайрон мекунанд. Ҳамин хел мегӯянд, — охири суханашро нимғурма кард вай.

— Оббо... Акнун ту ақл ёд деҳ!.. — ҳарфи Илҳом ба дилаш сахт расиду лабашро чин кард духтар. — Чени даҳанат гап занӣ, намешавад?!

— Чӣ, ҳавобаландӣ кардам? — шармсор сурх шуд Илҳом, сонӣ ба аломати тааҷҷуб китф дарҳам кашид. — Ҳамин хел мегӯянд.

— Дигарон чӣ мегӯянд, корат набошад, ту гапи худатро гӯй! — боз ӯро ба шиканҷа гирифт духтар. — Ёфтагӣ гапат: ҳамин хел мегӯянд, ҳамин хел мегӯянд. Мардум чӣ гапҳое намегӯянд.

Ҷавон чӣ ҷавоб гуфтанашро надониста мулзам гашт ва аз хиҷолат дигар ба чашми духтар наменигарист.

Илҳом пушти сари ҳам чанд рӯз ба боғ омада, дар соатҳои аз кор фориғ буданаш кофтуков кард, аммо аз ӯраи бобояш нишоне намеёфт.

Боре нисфирӯзӣ ба боғ расиду чашмаш ба замин ба чуқурчаҳои хурд-хурд афтода дар тааҷҷуб монд. Мисле ки касе бо нӯги асои оҳанин ба замин халонда бозӣ кардааст.

Не-не, бозӣ барин не. Касе ҷустуҷӯ кардагӣ барин, ҳатто баъзе ҷойҳоро кофтаст. “Э, аҷиб... тавба... Наход, ки Норӣ ковад?! Ё ба Ҳосил гуфта бошад, ин кори ҳамон... Охир ин розро дигар кӣ медонад?” — худ ба худ тахмин зад Илҳом.
— Хайр, Сиҳат-амак...

Рӯзи дигар ҳангоми танаффус Илҳом Нориро ҳамроҳаш ба боғ овард, то ки он чолаҳоро нишон диҳад. Азбаски ҳоло дастаи заминшиносон дар кӯҳи Ҳаводара кор мекарданд, нисфирӯзӣ, шурфкану кӯҳтарконҳо — ҳама дар деҳа буданд. Яке ғарқи тамошо, дигаре аз як ҳавли ба ҳавлии дигар тохта, кодоку рафи хонаҳоро кофтуков дошт. Аҳмад-ака ду ҷевончаи кандакории аз чӯби чормағз сохтаро аз кадом хонае ёфта баровардааст. Ҷевончаҳо кори устоҳои пешин буда, ҳоло ҳама бо шавқ онро тамошо мекарданд. Барака шишаи араҷи аз рафи кадом як хона ёфтаашро бо завқ ба ҳамкорон нишон медод. Ҳар кас аз хонаҳои эмин мондаи деҳа чизе барои худ пайдо мекарданд. Ҳатто Аҳмад-ака аз кодоки хонае ним ҷувол барин ғӯлунг ҳам ёфтаст. Ҳулбӯй зада будаанд, андаке кирм хӯрда нобуд шуда бошад ҳам, Аҳмад-акаи ҳисобдон мағзи онро шикаста гирифтанӣ буд.

Илҳом ва Норӣ аз назди ҳамкорон гузашта, ба ҷониби ҳавлии бобояш рафтанд. Дар сари чашмаи зери тути калон Сиҳат-амак ва Аҳмад-ака нишаста чой мехӯрданд.

— Ягон чиз мондагӣ-дия... Бачаи гаранг ҳамуна шунидагӣ бошад, мековад чоқам? А? — ҳам савол кард, ҳам тахминашро гуфт Аҳмад-ака баъди дур рафтани Илҳому Норӣ.

— Аҷаб не, — Сиҳат-амак дар ҳолате, ки рӯи алафи

хушк паҳлӯ зада буд, чои пиёлаашро ҳӯрт кашида китф дарҳам кашид.

— Ин... номаъқул карда худаша ба вай молида гаштаст? Ё Ҳосил насибаша бардошту ба сари ин гаранги мо заданӣ, — заҳрханда кард вай.

— Не-е, бо ҳам кор мекунанд, омадагӣ-дия.

— Зана мӯяш дарозу ақлаш кӯтаҳ мегӯянд, сад фоиз рост. Кӣ гуфтагӣ бошад ҳам, падаррахматӣ ҳаққаша гуфтааст! То ин вақт ба вай овезон шуд, акнун ба ин. Сари ин бачаи гумраҳа гардонда... — Аҳмад-ака аз рӯи одаташ бе ҳеҷ истиҳола суханони қабеҳашро ба забон мегирифт.

— Ман ба ту гӯям, занҳо одамшиносанд, — гӯё сухани Аҳмад-акаро нашунида бошад, бепарво ба гап даромад саркор, — Илҳом бачаи хоксор, меҳнатӣ, дилаш беғаш... Баръакси ту. Занҳо аз бӯи ту баринҳо безор.

— Албатта, ман мардам. Вай чӣ? Мисли худаш — занда! Аз ман метарсад, аз куҷои вай меҳаросад?!

— Ҳа, ту аз зӯри худат миннатдорӣ! — зери лаб ғурунгос зад Сиҳат-амак ва бо ҳамин гуфтугӯи нофорамро хотима додан хост.

— Бачаи хоксор будааст! — заҳрханда кард Аҳмад-ака. — Ба лабаш пашша шинад, киш гуфта наметавонад, як гаранг. Барои чӣ ба ин ҷойҳо омадани инро ман пай бурдам, — гуфт Аҳмад-ака маънидорона.

— Барои чӣ омадагӣ?

— Ба ҳар ҳол, барои кор карда пул ёфтан наомадаст.

— Як сол кор мекунам, гуфта омадагӣ. Ҳавлии бобою падарашро диданаш, алафу меваи дорудор кофтанаш, ҳамту, барои дарсаш. Духтуриба хонданӣ. Агар безор накунем,

кор мекунад.

— Ин хел суроби хаёлӣ ҳеҷ ба ман намефорад, — гуфт Аҳмад-ака ба пиёлааш чой рехта. — Бешуур, кората куну ноната ёфта хӯр... Не, инҳо кадом орзую хаёлҳои пуч доранд. Дар ҷайб як пул несту аз осмони ҳафтум гап мезананд.

— Аҳмадбой, одам фақат кору нон катӣ одам не, дигар чизҳо ҳам даркор, — гуфт оҳиста мад кашида Сиҳат-амак, ки паҳлӯ зада чашмонашро нимпӯш карда буд.

— Дигараш ҳамааш — гап!

— Ин хел бошад, гову хар ҳам барои сер кардани шикамаш рӯзаш катӣ талвоса дорад. Одаму одамгариро аз даст надеҳ! — Сипас лаҳзае хомӯш монду баъд гуфт: — Албатта, Марғелон равӣ ҳам, нон ғелон-ғелон намеояд, аммо ба марди коргар одаму одамгарӣ, инсофу номус ҳам даркор.

— Э, инсоф гуфтагиҳоро бисьёр дидем, — Аҳмад-ака даст афшонда аз ҷо бархосту ба тарафи ҳавлиҳое, ки Барака ва дигар ҳамкорон кофтуков доштанд, рафт.

Баъд аз ин ҳафтае буд ё бештар тақрибан ҳар рӯз баъди кор Аҳмад-акаю Барака ба деҳа меомаданд. Онҳо дукаса чанд рӯз дарахти чормағзу тут арра карданду сонӣ ғӯлаҳои буридагиашонро ба аспҳо бор карда ба раҳи мошин бароварданд ва ба куҷое фиристоданд. Сиҳат-амак гуфт, ки аз чӯби чормағзу тут табақ метарошидаанд, чун ин намуди чӯб хело ба рутубат муқовим буда табақҳои хушрӯ месохтаанд.

Илҳом ҳам қариб ҳар шом ба деҳа омада, гоҳ дар лаби айвони хонаашон менишаст, гоҳе ба ҳавлии бобояш рафта меҳмонхонаи як замон хеле бошукӯҳро, ки ҳоло фарсуда гашта, борон як тарафи деворашро шуста “мӯрӣ” кушодаает, тамошо мекард. Вай боре ба ҳавлӣ омад, ки Аҳмад-ака

дари ҳамон меҳмонхонаро канданӣ аст. Ин дари дутабақаи аз кадом намуди чӯби ҷигарранг сохтагӣ, саросар кандакорӣ буд.

— Аҳмад-ака, аз иморатҳои русто, танҳо ҳамин соҳиб дорад, — гуфт Илҳом ғазабашро ба зӯри ирода фурӯ нишонда.

Аҳмад-ака баҳсу мунозира карда нанишасту зуд аз қасдаш гашт, ки Илҳом аз ин гуна рафтори ӯ бештар дар ҳайрат монд.

Аз он ки ҷустуҷӯяш дар боғ алҳол ҳеҷ натиҷа надод, дили Илҳом нороҳат буд.

### *Боби дувоздаҳум*

## *РАХНАИ ҶИДДӢ*

— Мор пӯсташро мепартояд, вале хӯяшро не, — пас аз зуҳр тӯрбаи ҷавро ба сари асп андохта равон худ ба худ аз кори касе шиква мекард Сиҳат-амак. — Э, тавба... намедонам ҳушу ёди ин сағираҳо ба куҷо.

— Чӣ гап шуд, амак? — пурсид ногаҳон аз қафои ӯ Илҳом. Вай аз кӯҳ фуромада меомад, дар назди аспҳо саркорро дида аз роҳ истод.

— Ҳа... туӣ? — Сиҳат-амак лаҳзае чӣ гуфтанашро надониста хомӯш ба кораш идома дод. Илҳом эҳсос намуд, ки бемаврид ба фикру андешаронии ӯ мудохила кардааст. Сипас саркор аз ҷои дигар шикоят шурӯъ кард. — Э, ба кори ҳамин раисҳо ҳайронам-дия. Аз хуроку пӯшоки мо-ку сарфа мекунанд, ҳадди ақал еми аспи безабонро диҳанд. Ба ризқи рӯзии

ҳамин ҷонвари бечора ҳам зоминанд. Ба дуяш кам-кам ҷав медиҳам, шаштаи дигараш менигарад.

— Шумо ҳаққи инҳоро ситонда натавонед, аз дасти мо чӣ кор меояд?! Аслаш, идораи шумо аз колхози мо бадтар барин.

— Э, колхоз ба дасти инҳо афтад, хоки заминашро ҳам фурӯхта мехӯранд!

— Хайр, замини рӯидаричаро дар колхози мо ҳам ҳамин тавр намедиҳанд, — хандид Илҳом. Баъдан илова кард: — Бед, рафтем, ман як чизи ғалатӣ ёфтам... — Вай бастаи рӯймолашро нишон дод.

— Чӣ ёфтӣ?

— Бед охир, худатон кушода мебинед.

— И-и...

Саркор шитобан ба авзои Илҳом нигаристу мехост аз ваҷоҳати ӯ ё аз аломатҳои дигари чашму рӯяш чӣ пайдо карданашро мутаваҷҷеҳ шавад, аммо Илҳом аллакай ба тарафи чодир роҳсипор буд.

Ин ғуруб ӯ ҳамкоронро хурсанд кард: як тӯпча барин мӯмиёи ёфтаашро ба ҳама ҳамкорон тақсим намуд. Ба Норӣ, Каримҷон ва Ҳосил ҳам ҳиссаашонро бурда дод. Сиҳат-амак аз ин тӯҳфа вақтчоқ гашта кафашро ба кафаш суда мегуфт:

— Сағира, як кори савоб кардӣ-да. Соли дароз думболаш будам, сабила ҳеҷ наёфта гаранг будам. Хеле ҳам зарур буд. Як кори савоб кардӣ, барака ёб, худо ба ту даҳчанд диҳад, — дуо кард мӯйсафед.

— Ҳӯ, вай кори савобаш аллакай аз хотиратон рафт-чӣ? — хандид Барака.

— Э, не-е... — баъд пурсид: — Кадом?

Ҳама хандиданд.

— Э, ҳа-ҳа, аспро халос карданашро мегӯӣ охир? Вай савобе, ки чӣ қадар гуноҳаш бошад, худо ҳам мебахшад, банда ҳам. Асп каме монда сиҳати комил шавад, давида гаштаст. Дирӯз ба Ангор рафта дидам, камтар ҷароҳаташ мондаст. Пои шикастаашро кушодам, Аҳмад, — Сиҳат-амак ба Аҳмад-ака рӯ овард, — агар Илҳом наравад, қариб ин аспро ҳам кушта будӣ-а! Ту барин шӯ катӣ занат чӣ хел зинда гаштаст, ҳайронам.

— Аҷалат расад, ту ҳам мемурӣ, — беэътино ғурунғос зад Аҳмад-ака.

Сиҳат-амак ба сухани вай даст афшонду бо ҳамин гуфтан хост, ки ҳарфат беҳуда.

Аҳмад-ака ба Илҳом рӯ оварда, муҷаддадан ба пурсиш шурӯъ кард:

— Ба ман дақиқтар тавзеҳ деҳ, Илҳом, аз ғор ёфтам, мегӯӣ, дар он тараф ғор набуд-ку? А?

— Ғор барин ҳам не, ҳамту камари кӯҳ, шах як-ду метр барин ба дарун рафтагӣ. Зов айвон барин болояшро пӯшондаст. Наздик рафтам, писки оҳу. Ҳайрон шудам, ки оҳу барои чӣ ба ин қафас худашро задаст...

— Оҳу мумиёро нағз мешиносад. Ҳамин ки ҷароҳат ёфт, мӯмиё пайдо карда мехӯрад, — шарҳ дод Сиҳат-амак.

— Ба зери по возеҳтар нигарам, ҳар ҷо-ҳар ҷо мум рехтагӣ барин. Аввал бӯй кардам, бӯи мӯмиё, сонӣ чашида дидам. Нигарам, аз боло аз кафидагии зов чакидааст. Аввал дар замини таҳи по рехтагиашро ҷамъ карда гирифтам, сониян шифташро кордча катӣ тарошидам.

— Илҳом, тезтар биё, алави дег намурад! — Барака аз

ошхона Илҳомро чеғ заду вай баромад.

— Мӯмиёи тоза, — гуфт Ҳосил аз чормағз бузургтар лӯндаи дар дасташ  бударо бо нӯги забонаш чашида.

— Сӣ сол боз дар кӯҳ кор мекунам, лекин одами якбора ин қадар мӯмиё ёфтаро ҳам надидаам, ҳам нашунидаам, — гуфт Сиҳат-амак ба ваҷд аз бозёфти Илҳом. — Ду бор ёфтам, ҳамагӣ нахӯд барин, донак барин, зиёд набуд. Ин Илҳом бачаи батолеъ баромад.

— Худо ба ҳамин хелҳо медиҳад, — гуфт Аҳмад-ака. Вай калимаи “ҳамин хелҳо”-ро чунон гуфт, ки “ҳамин хел аҳмақ” гуфтанашро дарк кардан мушкил набуд.

— Сахӣ саховат кунад, бахил дарди сар мешавад, — неш зад Сиҳат-амак, ки оҳанги кароҳатомези сухани ӯро дарк карда буд.

— Ҳӯй, агар ақли ин муллогаранг дар ҷояш бошад... — Ӯ давоми суханашро нагуфт. — Медонӣ, ин мумиё дар ҷои заруриаш чанд сӯм мешавад? — чашмонашро кашида хандид Аҳмад-ака. — Хайр, ба ту ҳам расид, ба ман ҳам. Мегӯянд-ку, нодида — нодон аст, — вай чашмак заду маънидорона сарашро ҷунбонда заҳрханда кард.

— Э, мон-е, Аҳмадбой, аз ту саг барака наёфтаст. Агар ту худат инро меёфтӣ, бо нон қасам, ки бӯяшро намебаровардӣ! — Саркор бо дасти росташ аз дастархон як пора нонро бардошту боз ба ҷояш монд.

— Ман аҳмақ не, Аҳмад!

— Ин чиз гард-гард пул-да. Кадом бефаҳм пулро мепартояд? Ё ба мардум тақсим мекунад? Ин бачаро ҳеҷ нафаҳмидам. Девона гӯед, девона барин не... — гуфт Ҳосил.

— Рост, пули ҳаққи ҳалолашро, кӣ тарака мекунад? Кадом аҳмақ?!

Аҳмад-ака инро гуфту лӯндаи мӯмиёро ба целофан печонда ба таҳкисааш гузошт ва рӯмолчаи касифашро аз ҷайб бароварда оби димоғашро пок карду аз ҷо бархест.

* * *

Дар сари дастархон ин ғуруб ҳама ҷамъ омада буданд. Аз Ангор Володя омад, Ҳосилу Каримҷон ҳам ин шом ғазоро дар рӯи шах, бо коргарон дар сари як суфра хӯрданду ҳоло нишаста чой менӯшиданд, аз ҳар хусус сӯҳбат мекарданд. Ҳатто Норӣ ҳам дар ҳамин ҷо, дуртар аз мардҳо, дар рӯи санги таҳи дари ошхона нишаста хӯрокашро хӯрд.

Шаби кӯрмаҳтоб буд. Аҳьён-аҳьён аз чоки абрҳои сабуксайр ситораҳои тобнок медурахшиданд. Барака тугмаи транзисторро фишор доду ҳавои дилхурӯши “Ушшоқи Самарқанд” дар фазои торики кӯҳистон парвоз намуд.

Илҳом ба ёд овард, ки ин оҳанги дилраси қадимиро як замон, дар синфи нӯҳум аз чӣ бошад, ҳамаашон яку якбора писандида буданд. Ин ғазал дар ин оҳанг чунон ба ҳама ҳамсинфҳо хушоянд буд, ки дар занги танаффуси мактаб ҳам, дар шабнишинӣ ҳам, онро менавохтанд, мехонданд, дар ҳавои он духтарон мерақсиданд. Янгааш Гулсифат ҳам ба ин оҳанг мавзуну латиф мерақсад. Орому вазнин рақсидани вай лаҳзае пеши назари Илҳом омад. Охир Гулсифат ҳамсинфи вай буд. Вақте ки дар синфи даҳум буд, ӯро пинҳонӣ аз ғарибаҳо ба Имрон нон шикастанд... “Не, дигар тамом... Дар куҷое хонда будам, ки нокомӣ аз муҳаббати аввал ча-

вононро ба кӯи ҳавасбозӣ мебарад ва онҳо дигар ҷинси зану духтарро сидқан дӯст намедоранд... — фикр мекард Илҳом. — Кӣ медонад, шоири англис Байрон бори аввал духтареро сидқан чунон дӯст доштааст, ки баъди хиёнати он духтар, вай як умр барои ин бевафоӣ аз духтарон қасос мегирифтаст. Аҷиб... Аз ин мебарояд ба амри рағбату ҳоҳиш нею ба ҳукми кину қасд... Боз ҳамон саволи пешин, баҳси кӯҳна — инсон табиатан бадкирдор аст, ё баръакс? Тинати фитрии ӯ бештар ба кадом тараф моил?.. Сари ҳамаи муаллимонро гаранг карда будем...” Сипас вай дар хусуси имтиҳоноти қабул фикр карду барои китобҳои дарсиашро наоварданаш ботинан худро маломат кард: “Афсӯс, сад афсӯс, “Химия”-ро нобуд кардам. Агар се-чор китоб бо худ меовардам, ҳоло комилан ҳифз мешуд. Охир ду сол беҳуда талаф шуд, хеле донистаниҳо фаромӯш шуд. Хайр, чора надорам... Мехонам, гуфтам, акнун мехонам. Умуман, бе китоб гаштан даркор не. Доиман се-чор китоб бо худ бояд дошт”.

...Қабл аз хоб Сиҳат-амак дастури кор барои фардо ба ҳар яке дод.

Дар охир Норӣ боз ба чуқурканӣ дастур гирифтани Илҳомро фаҳмида бошад ҳам, хоҳишомез, бо андаке оҳанги истиғно пурсид:

— Илҳомро куллан аз мо гирифтед? Чӣ, дигар аслан намедиҳед?

— Не... Кори худамон қафо монд. Акнун Илҳом шурф меканад.

— Ин тавр бошад, ӯро ба ман ҳамроҳ кун, — аз саркор хоҳиш кард Аҳмад-ака. — Шурфи Камари Болоро кандан осон не. Ё Барака, ё Илҳомро бидеҳ.

— Ҳа-а, Аҳмадбой! — Сиҳат-амак мад кашида ба рӯи вай нигарист. Чашмонаш айёрона механдиданд. — Нагуфта будам, ки ҳоло Илҳом катӣ кор мекунам гуфта, талош мекунӣ?! Мо одамро мешиносем, додар!

— Об-бо-о! — писханд кард Аҳмад-ака. Вай комьёбию эътибор ёфтани Илҳомро ҳеҷ намехост. — Аз бенамакӣ санга намак мегӯем-да! Акнун шурфкани дигар ки нест, ҳамин ҳам лозим гашт. Э, набошад...

— Биё мон, таъини гапат нест, Аҳмад, — саркор суханро кӯтоҳ карду ба ҳозирон рӯ овард: — Аҷаб не, фардо тарафи ғуруб ба Ангор равем. Моҳонаро овардагистанд? Хабар медиҳем, гуфта буданд.

Баъд бобати музди кор хеле гап-гап карданду якояк пароканда гашта, ба чодирҳои худ рафтанд.

Илҳом ва Норӣ лаҳзае сӯҳбаткунон истоданд. Вай ба духтар чанд рӯз боз касе дар боғ бо ҷадал кофтуков карданашро хотиррасон кард. Норӣ хаёломез чашм ба нуқтае тулонӣ нигарист.

Илҳом тақрибан як ҳафта аст, ки аз Норӣ дур, дар шурфканӣ кор мекард, бинобар он, ӯро пазмон шуда буд. Дилаш мехост бо ӯ бишинад, ҳамгап бошад, машварат пурсад, ҳазлу шӯхӣ кунад. Вале ҳарду ҳам хуб дарк мекарданд, ки ҳамкорон ин гуна густохии онҳоро аз одоб берун ҳисоб мекунанд. Аз назари инҳо ҳангоми кор ҳарф занед ё ҳазлу шӯхӣ кунед, ин табиӣ аст, аммо агар шабона, махсусан бо ҳамдигар вохӯред, ин ғайриоддӣ буда ба онҳо намефорад.

— Ғалатӣ, — саранҷом гуфт Норӣ мулоҳизакорона китф дарҳам кашиду ва чӣ фикре ба сараш омаду гуфт: — Сабр кун, ман пагоҳ... Парво накун. Ту танҳо не, дониста

мон. Ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки ӯраро кушода хас барин чизи туро бигирад. Фардо ман дар ҳамон тараф кор мекунам.

Норӣ бо аҷала суханро кӯтоҳ карду бо табассуми пурмеҳр “Шаб ба хайр, хоби ширин бин”, гуфту аз санг ба санг ҷаҳида-ҷаҳида ба поин, ба сӯи чодири худ рафт.

Он шаб Илҳом хобпар шуд. То як поси шаб бедор, дар бистар дам ба дам паҳлӯ гашта хамёза мекашид, тамоми баданаш хоришу сӯзиш дошта зарабони қалбаш тунд-тунд мезад. Вай ба гумони он, ки кайке ё канае дар бистараш ҷо гирифта бошад, дар равшании фонус онро комилан тагу рӯ карда дид, аммо чизе пайдо накард. Ҷойҳои хориши баданаш тика-тика варам карда буд. Ба ҳамхаймаҳои хобида нигарист, ҳама дар хоби маст. Сиҳат-амак дар хобаш чизе гуфта ғурунг-ғурунг кард: “Асп” гуфт, “абзор” гуфт, дигар суханонаш нофаҳмо баромад. Аҳмад-ака чодирро ба ларза оварда ба хурроккашӣ сар кард. Дар миёни хурроккашӣ аҳьён-аҳьён аз кучҷои димоғаш садои ҳуштакмонанд ҳам мебаровард. Дар равшании хираи фонус рӯи вай мӯмиё кардагӣ барин сиёҳранг, барроқ, беҳис ва сангин менамуд. Илҳом оҳиста бархосту аз хайма берун шуд. Боди форам мевазид. Вуҷудаш аз серунии шаб як бор ларзиду хориш андаке таскин ёфтагӣ барин намуд. Вай ба атроф назар кард. Шаби кӯҳсор ба монанди махмали сиёҳи паркалоғӣ торик буд. Як таронаи афғонӣ дар шаъни Кобул, ки аз радио ду-се бор шунида буд, ба хотираш расиду зери лаб, садое набароварда онро замзама кард: “Мушки суда мебезад шаб ба домани Кобул...”

Аз марғзори сари чашма биниафшонии аспҳо ба гӯшаш расиду Илҳом ба он сӯ нигарист, вале дар ин торикии зулмат

аспҳоро дида натавонист. Дар паҳлӯи шахе, ки оби чашма аз болои он гузашта, парешон мегашту тор-тор шуда ба поин мешорид, кирмаки шабтобе медурахшид. Аслан, ҷӯй аз як канори шах мефуромад. Илҳом ба Сиҳат-амак маслиҳат дод, ки обро аз болои шах фурорад беҳтар аст, чун ҳангоми паҳн гашта ба поин рехтани он, шаршарае ба монанди пардаи ҳарир ба вуҷуд меояд. Пешниҳоди ӯ ба саркор хуш омаду ҳамчунон карданд. Об шахро лесида мегузашту садҳо нах кашида ба поин мерехт, ки Илҳом онро шаршараи “Пардаи ҳарир” ном гузошт. Ҳоло дар паҳлӯи шаршара кирмаки шабтобе диққати ӯро ҷалб карду сипас як ривояти модараш гуфта ба хотири вай омад: модараш солҳои наврасиашон зукоми сахт шудаанду дарди сарашон ҳеҷ таскин наёфтаст. Бобояш шишачаеро кушода ба бинии он кас доштаанду “сахт бӯй каш”, гуфтаанд. Модараш бо тамоми қувваааш нафаси амиқ кашидаанду ба пешониашон сихи тафсон халидагӣ барин “воҳ!” гӯён ба бистар афтодаанд. Баъд аз ду сӯрохи биниашон ба миқдори як пиёла зардоб омадасту ҳамон замон ту дидӣ, ман надидам, сиҳат шуда ба по хестаанд. Ин чӣ гуна давое буд, гуфта аз падар савол пурсанд, он кас гуфтаанд, ки ин дору аз ширеи як навъ гиёҳ. Он гиёҳро ба рӯз ёфта намешавад, хурдакак, дар байни алаф ба чашм ноаён аст, вале шабона он гиёҳ нур мепошад. Шаб онро ёфта, ба болояш санг мепӯшанду сонияи рӯзона пайдо карда мегиранд... Балки ин чиз ҳам шояд кирмак набошаду нури гиёҳ будагист? Афсӯс, ман он гиёҳро намешиносам, шояд дар китобҳои бобоям ҳамааш навишта шуда бошад? Он кас сиру асрори ҳамаи гиёҳҳои кӯҳамонро навиштагӣ, агар имрӯзҳо онро чоп кунанд... Интишор кардан мумкин

бошад? Ман худам онро ба чоп ҳозир мекунам. Номашро... номашро “Гиёҳҳои дорувори кӯҳистон” мегӯему дар поёнаш: “Аз таҷрибаи Хушмуҳаммади табиб...” Кӯзаҳои дорудор, хурмаҳои марҳаму қиёмро ҳам маҳфуз кардаанд.

Одамизод махлуқи ғалатӣ будаст. Ҳар замон, ҳатто, сол ба сол ақида ва нуқтаи назараш тағьир меёбад. Маҷрои дарьё барин: як баҳор мебинӣ — соҳили росташро регтеппа карда аз тарафи чап ҷорӣ, соли дигар мебинӣ — баръакс, регтеппаро шуста рафтаст... Як замон ман худам барои ҳамин Гулсифат як шаби дароз нахобида дар юнучқазор гириста будам. Акнун ба ёд биёрам, аз хиҷолат тахтапуштам арақшор мегардад. Эҳ, чӣ қадар ғуссаву ранҷ кашидам! Чунон дӯст медоштам, ки қариб Имронро зарбу лат кунам! Ана, акнун иҷборан ба занӣ мегирӣ, мегӯянду ман фирориам... Худо накунад ки ин корам қасосгирӣ бошад?! Не. Ҳазор бор не! Ман ба Гулсифат қасду кина надорам. Барои чӣ? Худам ҳам намедонам. Чӣ гӯям... Хуб, агар Гулсифатро Имрон неву ҷавони дигар мегирифту ин ҳол рӯй медод, аҷаб не, ба вай хонадор мешудам... Не, беҳтараш вай дар қалбу ҳофизаи ман чунон ки дар синф будем, ҳамон тавр бимонад... Ман ҳоли хушбахтии ӯро дидан надоштам, аммо бадбахтиашро даҳчанд бештар дида натавонистам... Ана ҳамин, дигар гап нест.

Бадани Илҳом боз ба хориш даромад. Ин бор вай чунон беамон мехорид, ки баъзе ҷои баданаш хуншор шуд. Хориш беш аз беш афзуда, кулли тани ҷавон мисли обила задагӣ варам кард, дилаш заъф намуд. Танашро ба оби сард тар кард, аммо ин ҳам нафъ надод. Дар ҳамин талвоса пасу пеш мегашт, ки Сиҳат-амак аз чодир берун баромад.

— Ҳой, ин кӣ?... Илҳом?

— Ҳа, ман.

— Чаро хоб нестӣ?

— Чизе газид, кана буд ё кайк. Ҳама ҷои баданам хориш дорад.

— Агар ҳама ҷои баданат мехорад, пас кайку кана нагазидагист...

— Чӣ мегазад?

— Чормағзро пур хӯрдагистӣ?

— Ба ин қарибӣ кай чормағз хӯрдам?

— Ку, пеши фонус биё, бинам.

Сиҳат-амак дар равшании фонус тани ӯро муоина карду оҳиста хандид.

— Чӣ механдед?

Саркор ба берун бароем, гӯён ишора кард. Ҳар ду боз аз чодир берун омаданду Сиҳат-амак пурсид:

— Пеш аз хобат ба сари чашма рафтӣ?

— Бале.

— Ҳа, ана... Аз ҳамон ҷо.

— Чӣ аз ҳамон ҷо? Ҷину аҷина? — зӯр ба зӯракӣ хандид Илҳом.

— Ҷину аҷина не, алафи газанда. Ду-се ниҳолаш буд. Ба алаф даст зада будӣ?

Илҳом пеш аз хоб каме гардиш карда бозикунон алаф канданашро гуфт.

— Давои ин... медонӣ чӣ? — хандид саркор.

— Не...Чӣ?

Аммо саркор аз чӣ бошад, ба ҷои ҷавоб хеле хандида Илҳомро дилтанг кард.

— Пешоби худата мемолӣ. Беҳазл мегӯям, як латтаро тар куну мол, вассалом, — гуфт ӯ оқибат.

— Э, гаранг накунед-е! Вақти ҳазлу мазоҳатонро ёфтед. Ман дар чӣ аҳволаму...

— Бешӯхӣ мегӯям, гуфтаамро кун, ҳеҷ ҷои айб. Одамон барои доругӣ, зарур шавад, пешобро мехӯранд. Кадом сол духтарчаи ҳамсояи мо бо оби ҷӯш сӯхт. Э, азоби кӯдакро ҳеҷ мондан гир. Шаби дароз дод зад. Охир рафта дарашро кӯфтам; ба очааш гуфтам, ки пешобашро гиру мол. Баъди як дам хап шуд; бачаро хоб бурд. Саҳар катӣ худаш тубакашро бардошта ба сари очааш омадаст: очa, оча, бо мол... Ана, ин доруро ҳам ба дафтарат навишта гир! — Сонӣ гузаштаравон боз таъкид кард: — Пешобро мол, набошад, шабаш катӣ азоб мекашӣ.

Илҳом боз ду соат барин дар шиканҷаи хориш азоб кашиду оқибат чораи саркорро таҷриба кард. Хориш зуд таскин ёфт ва ӯ ба чодир даромаду хобид.

Субҳидам аз хоб сер нагашта ночор, бо сари вазнин аз ҷогаҳ бархост. Агар дар хона мебуд, вай дар ин хел ҳолатҳо ҳатман то нимирӯз хоб мекард.

Дар сари обшор ҳангоми дастурӯшӯӣ Илҳом бо Барака обпошакбозӣ карду андаке чеҳрааш кушода гашт ва асари бехобии шаб бардошта шуд.

Пас аз субҳона ҳама думболи кори худ рафтанд. Аҳмад-акаю Илҳом ба тарафи Камари Боло раҳ гирифтанд. Дар кӯлборҳо ҳар яке 20-25 килогӣ динамит бардоштанд. Сиҳат-амак то пешин дар Арчазор шурф тарконда, сонӣ ба назди онҳо гузаштанӣ шуд.

Табъи Аҳмад-ака имрӯз нохуш барин. Авзоаш шӯридахотир, бераѓбат кор мекард, ранги рӯяш ҳам тира гашта чашмонаш дар косахона фурӯ рафтагӣ. Таш заданаш ҳам, бел катӣ хок партофтанаш ҳам зӯр ба зӯракӣ. Илҳом медонист, ки агар сиҳат бошад, ин одам девкор аст. Чунон шурф меканад, ки гумон мекунед, трактор кор мекунад: чангу хок ба ҳаво мепечад.

— Аҳмад-ака, тоб-побатон-ку нагурехтаст? — пурсид Илҳом сачоқро аз бари тасмааш гирифта арақи сари рӯяшро пок карда.

— Маза не, ҷиян, — гуфт ва нимѓурма ба рӯи ҳамкори худ нанигариста. Баъди лаҳзае хомӯш хок партофтан ба гап даромад: — Ту ҳавои корро гирифтӣ... Ҳар кас ба ин кор тоб намебиёрад. Ман ҳамин мегум, як ҳафта исун тоби корам не... Камтар аз бод баромадам... Дасту по бемадор... — овози вай дардолуд буд.

— Хайр, агар тобатон набошад, равед, ман як бало мекунам.

— Не, ба ту вазнин мешавад.

— Вазнинаш чӣ, равед, саркор мебиёяд, дукаса тамом мекунем.

— То пешин зӯр занам канӣ...

Онҳо боз ба кор сар карданду тарақо-туруқи белу зоѓнӯлҳо, ки ба санг зада садо мебароварданд, дигар ҳамаи садоҳои атрофро пахш кард. Замини ин ҷойро замин гуфтан ҳам чандон ҷоиз набуд: камхок, шаѓал ба гил омехта шуда мисли цемент гаштааст. Замини сахт дасту бозуи қавӣ мехосту тамом. Илҳом баъзан барои кандани ним метр чуқурӣ як соат арақ мерехт. Сангҳоро бо нӯги зоѓнӯл пайваста

мезаду пора карда мегирифт. Аз нӯги таш оташ мепарид. Бӯи санги сухта мебаромад. “Бечора бобоён, беҳуда нагуфтаанд, ки замин сахту осмон баланд”, аз дил мегузаронд вай.

Аҳмад-ака пеш аз нимрӯзӣ ним қурс нону як қуттича ширқиёмро ба бағал заду гуфт:

— Мазаи корам не, Илҳом. Ту зӯр зан, як бало кун... Ман ҳам ягон рӯз қусураша мекунам. Дар таги Бурҷи Калон ба кабк ҷела монда будам, як сари раҳ рафта хабар мегираму ба бошишгоҳ меравам. Ду-се ошноям кабк таъин кардагӣ... Се рӯз пештар рафта бинам, ду кабки афтодаро лаънатӣ рӯбоҳ хӯрдаст. Ҳоло ҳамонро хабар мегираму рафта хоб накунам, намешавад чоқам.

— Мушкил нест, равед, — гуфт Илҳом.

Аҳмад-ака туфангашро ба сари китф андохту ба тарафи теғаи Бурҷи Калон, ки дар тори сари деҳа буд, равон гашт.

Илҳом тасаввур намуд, ки танҳо ин одам ба табиат чӣ қадар зиёну зарар меорад. Худоро шукр, ки аз ин тоифа зиёд нестанд, вагарна муддатҳои қабл дар ин ҷойҳо на ҷонзоте мемонд, на набототе... Дар деҳа дарахти чормағз намонд, ҳамаашро ғӯла бурид. Дар замини санглохи кӯҳистон дарахти гирду сабзондан кори ҳазл не, ин мард дарак надорад. Ҳар кадоми ин дарахтҳоро бобоҳо бо чӣ азобу азияте ба воя расондагӣ! Очаам гӯянд, кас ҳайрон мешавед. Ҳоло ҳам агар ҳамаи ин боғҳоро обод кунанд, дар ёнаю теппазорҳо ниҳол шинонанд... Э-э, он вақт дар бозор як кило бодом даҳ сӯм намешавад. Барои чӣ ин корро намекарда бошанд-а? Дар ин ҷойҳо чӣ қадар мол парваридан, боғ карда мева гирифтан мумкин.

Нисфирӯзӣ Сиҳат-амак омаду гуфт, ки ғуруб аз кор барвақттар баромада ҳама ба Ангор мераванд, то музди кори Латифӣ ба коргарон овардаро бигиранд.

Фурсати наҳорхурӣ буду қурси калони нони хушк гаштаро шикаста натавониста хеле даргир шуданд. Бе ҳеҷ муҳобот нон санг барин сахт гаштанашро Илҳом акнун медид. Дар бошишгоҳ онро бо табар мешикастанд, вале ҳоло дар ин ҷо асбобе барои шикастан наёфта, билоохира, онро ба об тар карда хӯрданд.

Баъди пешин Сиҳат-амак ва Илҳом — ҳар ду боғайрат ба кор шурӯъ намуданд. Илҳом кор мекарду дилаш бесаранҷом буд. Саркор ҳарфе заду дили ӯро нооромкард. Дар омади гап, гуфт, ки “аз дур Аҳмадро дидам, ба тарафи деҳа рафт...” Ин суханон ба дили Илҳом шакку шубҳа андохтанд. Ҳарчанд ки ягон асосу далел надошт, дар фикри ӯ нисбат ба Аҳмад-ака он нишонаҳои ҷустуҷӯӣ дудилагӣ ба вуҷуд оварданд, вале барои санҷидану дақиқ кардани тардидаш ҳоло фурсат надошт.

Аслан, хеле вақт гумони нотаъин дили ӯро чангол мекашид, вале аз сабаби пуркорӣ ба таҳковӣ дасташ намерасид, ҳар рӯз ин корро ба фардо мегузошту рӯзҳо паи ҳам мегузаштанд.

* * *

То ба офтобшинам ҳанӯз як-якуним соат замон бошад ҳам, дар Ангор вақти говгум фаро расида буд. Ин дара азбаски дар пастӣ воқеъ афтода, аз ҳар сӯяш кӯҳҳои баланд танг омада, ҳалқавор иҳота карда буданд, рӯз поён шудагӣ барин менамуд. Ба ин нигоҳ накарда Латифӣ коргарони аз

Ҳаводара барои моҳонагирӣ омадаро маломат кард, ки пулро шунида, корро партофта барвақт давидаанд. Махсусан, ба Сиҳат-амак, сари ҳар як ҳарф пичингу кинoя карда хеле сахт расид. Баъд Латифӣ ба хаймааш даромаду коргарон як-як ба назди вай ворид гашта, дар даст бандчаи пул мебаромаданд. Ҳама даромада пулҳояшро гирифтанду ба муҳокимаю мубоҳиса саргарм гаштанд, аммо Илҳом ҷуръат намекард, ё шарм медошт, ки даромада музди корашро гирад. “Шояд маро фаромӯш карда бошанд, — худ ба худ мулоҳиза меронд вай, — сонӣ чӣ мегӯям? Э, худаш ҷеғ зада, моҳонаатро гир, мегуфт...” Вай бори аввал музди меҳнаташро мегирифт. Бори аввал дар умраш.

Ин замон худи Латифӣ аз чодир берун омаду чашмонаш ба Илҳом афтод.

— Э, ҳа, ту надаромадӣ-ку? Канӣ, зудтар даро. Ман ҳайрон шудам.

Аз он ки мушкилаш ба ин осонӣ, худ ба худ ҳал гашт, Илҳом хушҳол ва шердил гашта ба сӯи чодири мудири хоҷагӣ қадам ниҳод.

— Аҳвол чӣ хел? Қариб корро ёд гирифтӣ? — Баъди ба чодир даромадани вай савол кард Латифӣ. Рӯи сурху тозаи вай, чашмони бепарвою лоуболаш далолат мекарданд, ки ӯ марди ишратдӯст аст.

— Ҳа, кам-кам омӯхта шудам, — гуфт Илҳом бо хиҷолат ва аз зери чашм ба иқоматгоҳ назар давонда. Шукӯҳу ҳашамати дар шароити ин ҷойҳо ғайриоддӣ ӯро ҳайрон кард: кати нарм, бистару болинҳои тоза, дар зери по қолинча, мизи хурдакаки таомхӯрӣ, дар рӯи он хӯрданиҳои гуногун, магнитофон, транзистор... “Аҷиб. Дарвеш сардор бошад

ҳам, хаймааш оддӣ, ин қадар дабдаба надорад”, — аз дил гузаронд вай.

— Хӯш, моҳонаи аввалинро шустан даркор-а? Ё ту шустанӣ ҳам не?

— Не барои чӣ, мешӯем, — гуфт Илҳом, бесабаб сурх шуда. Азбаски вай ин хел саволро ҳаргиз мунтазир набуд, ва чӣ ҷавоб доданашро надониста аз таваккал сухани ба даҳонаш омадагиро гуфт.

— Ҳим-м... Аҳвол нағз охир? Ягон шикоят, талаб надорӣ?... Хуб нигарон шудӣ? Моҳи гузашта банк пул надод, якбора думоҳа. Канӣ, барои маоши аввалин... Шустанаш аввал аз мо шавад. Латифӣ аз қафои миз шишаеро бароварда, ба як стакан нима баландтар ва ба стакани дигар нима пасттар арақ рехту стакани аввалиро ба Илҳом дароз кард.

— Гир канӣ, барои оянда коргари хуб шудани ту...

— Не-е Ман... ман... шароб наменӯшам... Ҳеҷ нахӯрдаам... Мебахшед... Шумо худатон гиред... — Илҳом аз хиҷолат ва саросемагӣ канда-канда гап мезад, овозаш гоҳ ғулдур-ғулдур, гоҳе ғурунгос задагӣ барин ба гӯшаш бегона мерасид.

— Ту ба сафи коргарони мо ворид гаштӣ... Ҳа... Фаҳмидӣ? Ин чӣ маънӣ дорад, медонӣ? Эҳ-ҳе!.. Ин бахти зӯр... Ҳар кас дар ин ҷо кор карда наметавонад! Мефаҳмӣ? Хайр, моҳи аввал ҳам хом будӣ... Мо баъзе корҳои сабукро ба ту супурдем. Мақсад, туро тарбия карда, ба қатор даровардан ва...

Илҳом хомӯшона суханони ӯро гӯш карда, аз рӯи одоб гоҳ-гоҳ, ҳангоми “рост не?” гӯён ба чашми ӯ нигаристани мудир ба аломати тасдиқ сар меҷунбонд. Аз дилаш гузашт:

“Ин вазифаи мудири хоҷагӣ аз ҳама баланд будааст. Ё раиси аслӣ ин одам бошад?”

Баъди “не”-и чандкарата гуфтан, аз рӯи ӯ гузашта натавониста Илҳом арақро нӯшид. Вай дар умраш бори аввал арақ хӯрд. Аз ин пеш бо ҳамсинфонаш се-чор маротиба шароби сурхи ангурӣ нӯшида буд: дар базми ихтитомияи мактаб нӯшид, баъдан боз рӯзи иҷрои барномаи колхоз. Аммо арақ хеле сахт будаст — якбора нафаси вай ба дарун зад. Даҳонаш аз гулӯ то меъда — ҳамаи узвҳояш сухтагӣ барин шуд ва Латифӣ дарҳол ба вай як пора гӯшт дароз кард.

Арақ кам-кам аз сар то пои Илҳом гӯё медавиду торафт шуури ӯро хиратар мекард. Латифӣ гап мезад, аммо сухани вай ба гӯши Илҳом мисли аз дур шунида мешуд. Вай сайъ мекард, то ба ҳарфҳои ӯ тамаркуз кунад, вале ин барояш имконпазир намегашт.

— Ин ду моҳи аввал таҷриба надоштӣ... — Латифӣ лаҳзае таваққуф карду ба чашми Илҳом зеҳн монд. — Бинобар он, туро бештар ба корҳои ҷонибӣ гузоштем... — ин маъниро аз чӣ бошад, гаштаю баргашта такрор мекард ӯ.

“Бо кору бори ман аз рӯи табель шинос бошад ҳам, “гузоштем”, гӯён худашро шарик мекунад”, — фикр дошт Илҳом, аммо аз рӯи одоб хомӯш истод, ҳатто кӯшиш кард, ки дар авзоаш ҳам ифодаи шубҳаю нобоварӣ аён нагардад. Дар ин хусус ӯро аз бачагӣ маҳкам огоҳ мекарданд: ба чашми одамони аз худат бузург рост нанигар; ба рӯи кас надав; аз худат калон ҳарф занад, хуб гӯй; донотарошӣ накун, шармандаву изо надеҳ ва ғайра ва ҳоказо.

— Лекин шурф канд гӯён дар дафтари ҳозиру ғоиб на-

виштем. Шурфканӣ кори осон не, яку якбора кӣ ба шурфканӣ шурӯъ кардаст? Укаҷон, ту намедонӣ, ҳар гуна махориҷи ба нақша ворид нашуда дорем. Давлат ба ин намуд хароҷотҳо маблағ тахсис намекунад. Худат медонӣ, бидуни ин кор пеш намеравад, барномаи корӣ барбод мешавад. Ана, барои ҳамин байни худ мудорову муросо карда, ҳисобашро дуруст мекунем. Боз, ана, дар ҳамин ҷо кор мекунӣ... ҳисоби дӯстон дар дил... — Латифӣ феҳристи моҳонагиронро ба пеши Илҳом ниҳода, дар радифи исму насаби вай аломат гузошту ишора кард, ки имзо кунад. Илҳом имзо кард. Аз ҳаяҷон буд, ё саросемагӣ ҳатто нанигарист, ки чанд сӯм музд мегирад.

— Чанд сӯм? — гӯё намедониста бошад, дар ҳолате, ки аз ҷомадончае пул гирифта мешумурд, аз Илҳом савол кард вай.

— Э, ман нигоҳ накардам... Ҳозир... ҳозир, — Илҳом ба рӯйхат дубора чашм давонду ҷавоб дод: — 320 сӯм... Боз дар ин ҷо 180 сӯм.

— Дидӣ, кори кардагиат ҳаққу ҳалол — 180 сӯм, лекин ман каме ба ту изофа кардам... Баъзе хароҷотҳои фавқулодда баромад... Ин ҳамааш барои худатон... Бархе аз масолеҳро аз даст харидем, аз ин сабаб ба ту бовар карда, ба номат навиштем. Ҳушьёр шав, аз даҳан набарорӣ... Ҳам ба ту, ҳам ба ман хуб намешавад. Ин одамон хеле сергапанд. Ман туро хуб санҷида, дилам пур шуду ин корро кардам... Хӯш, дуто 180 чанд мешавад?

— А?.. Дуто 180?.. А... А... 360.

— Ана, 360 сӯматро гир, додар. Моҳҳои оянда моҳонаатро боз зиёд мекунам.

Латифӣ пулро шумурда ба пеши Илҳом партофт. Баъд ба ҷавони аз ин муомила саргаранг боз як бор таъинот дод:

— Гап ҳамин-а? Агар бӯяш барояд, сонӣ хуб намешавад...

Баъд вай бо садо оруғ заду аз ҷояш бархоста, ба Илҳоми аз ин муомила дар тааҷҷуб як даст корҷомаю як ҷуфт мӯза дод.

— Гӯш кун, саҳарӣ ба назди ман биё. Ман ба Дарвеш мегӯям. Кор ҳаст. Як ҳафта роҳат мекунӣ! Кори соз, ана ҳамту! — Латифӣ сарангушташро нишон дод.

— Охир... Охир... — ин таклифро чигуна рад карданашро надониста забон хоид вай.

— Як ҳафта. Боз меоӣ. Роҳат мекунӣ. Аз гапи ман набароӣ, одам мешавӣ. Шукр кун, беақл. Гап тамом.

Он шаб ба назари Илҳом яке аз шабҳои ғашнок ва тӯлонитарин намуд. Ҳамроҳон суруд мехонданд, ҳазлу шӯхӣ карда механдиданд, баҳсу талош мекарданд, хуллас ғаме надоштанд, вале Илҳом ба куҷое нанигарад, як навъ нороҳатии дилгиркунандаеро, ки ба ботинаш фишор меовард, эҳсос мекард. Ҳатто маҳтоб ҳам ин шаб ба чашми ӯ монанди беморон бедимоғу рӯйзард ва хира метобид. Баъзан чунин менамуд, ки вай дар тамоми олам яккаву танҳо асту ҳама ӯро фаромӯш кардаанду сару коре ба ӯ надоранд.

### *Боби сездаҳум*

## *ОБ АЗ БОЛО СОФ АСТ!*

Баъзан одамон ба кору рафтори ба ақида ва табъашон хилоф ҳам одат мекунанд. Ба дурӯғ ҳам, ба хиёнат ҳам, ба

бераҳмӣ ҳам, ба вабо ҳам тан медиҳанд, сабру тоқат мекунанду "Э, садақаи сар, ин ҳам мегузарад", мегӯянд ва медонанд, ки вақту соаташ расад, замона худаш ҳамаи ин пастию баландиҳоро ҳамвор мекунад. Дурӯғу фиреб ҳам, табаҳкорию худнамоии пуч ҳам, тӯрачигию варсоқигӯии беҳуда ҳам вақте ки ба ҳадди ифроти худ расад, албатта завол меёбад. Бархе инро дарк карда буданд, аммо Илҳом ҳанӯз намедонист. Аслаш, гап дар сари бетаҷрибагӣ ва бехабарӣ ҳам не. Бигирем, ки Илҳом ин ҳақиқатро фаҳмиду бовар кард, магар зуд ба ин осонӣ ба муросою мадоро, ба сабру таҳаммул тан медод? Яку якбора? Инсон аз эътиқод ва нуқтаи назари худ ба осонӣ даст намекашад. Бе талош, бе муқовимат, бе таҳаммулу андеша, шубҳаю дудилагиҳо аз як соҳил ба соҳили дигари ин дарьёи маънавӣ намегузаранд. Илҳом акнун аз дуньёи бачагӣ гузашта ба ҷодаи талош, ба арсаи андешаю муҳокимаҳо ба зиндагии ҷиддӣ қадам ниҳода буд ва бо ин шаби бехобӣ, бо фикру андешаҳои бесару нӯг рӯзгори фардои худро истиқбол кард.

Фардо ё пасфардо, баъди як моҳ, баъди як сол вай чӣ инсоне мешавад? Ҳамроҳи кӣ, тарафдори кӣ хоҳад шуд? Ҳоло вай инро равшан намедонист ва ё донад ҳам, чизе гуфта наметавонист. Дуввуним моҳ қабл аз ин, ҳангоми нав ба кор омаданаш, агар аз ӯ ин саволро мепурсиданд, балки фавран ҷавоб мегуфт.

Ҳоло вай фикр мекард, ки дигар ба чашми ҳамкорон рост нигариста наметавонад. Масалан, агар ин савдоро Сиҳат-амак фаҳмад, чӣ мегуфта бошад? Дарвеш фаҳмад, тамом, дигар ба рӯи вай нигоҳ намекунад; ба номи вай пул навишта гирифтанду ӯ хомӯш нишаст!.. Рафта шикоят ку-

нам? Сиҳат-амак мегӯяд, ки шикоят кардан бефоида... Ин тавр бошад, пас аз кор равам?.. Чӣ бояд кунам? Кӣ ба ман мегӯяд-а?! Кӣ ба ман машварати муфиду насиҳати дуруст медиҳад?

Илҳом субҳи барвақт аз хоб бедор шуда аз чодир берун омаду мустақим ба ҷониби кӯҳ раҳ гирифт. Ҳамкорон ҳанӯз дар хоби маст буданд. Вай бемақсад, ғарқи фикру андеша, худ ба худ дар гуфтугӯ раҳ мерафт. Бо худ баҳс мекард, изҳори ақида менамуд, шикояташро мегуфт, маслиҳат мепурсид. То имрӯз аз дидори Аҳмад-ака тамоман дилаш гирифта бошад, ҳам, дандон ба дандон ниҳода мегашт. Акнун дар муқобили Латифӣ Аҳмад-ака қариб як марди гӯлу гумроҳ барин ҷилва мекард.

Вай мехост коре бикунад, аммо намедонист аз чӣ шурӯъ кунад. Худ ба худ нақшаҳо мекашид, барнома месохт, Аҳмад-акаро ҳам, Латифиро ҳам аз карда пушаймон дидан мехост, вале баъди лаҳзае кулли он нақша ба назараш ҳавоӣ ва бебуньёд менамуд. Ҳикояти дарвеше, ки дасторашро дузд бурду вай рафта дар таҳти дарвозаи гӯристон нишаст, ба ёдаш расид. Мардум ба дарвеш мегӯянд: “Дузд ба тарафи боғ гурехт, ту дар гӯристон чаро нишастаӣ?” Дарвеш мегӯяд: “Охир як рӯз ба ин ҷо меояд...” Аҷаб не, Латифӣ ӯро мунтазир шуда бошад? Нарафт. Барои чӣ маҳз вай мерафта-аст?! Бигзор, Аҳмад-ака равад. Барака ё Юра равад!

Илҳом ба сари теғаи нахустини кӯҳ баромаду офтоб ҳам монанди анкабути нуқрагин торҳои худро ба сари теғаҳои кӯҳ паҳн кард. Дар поин ҳанӯз тирагии бомдодон. Илҳом соате рӯ ба офтоб нигариста, болои санг нишаст. Аз теғаи рӯ ба рӯ уқобе ба ҳаво парвоз кард. Лаҳзае баъд рӯбоҳе

поинтар аз ӯ давида гузашт. Ба қуллаи аз ҳама баланди кӯҳи Ҳаводара барф афтодаст, аммо Илҳом то ҳол онро пай набурда буд. Вай ба сӯи деҳа нигарист. Лаҳзае ба назари вай чунин намуд, ки ин деҳаи хомӯш ва беҷон деҳаи воқеӣ не, балки як тасвирест аз эҷоди хаёлоти вай.

Ӯ бо шаст бархесту ба тарафи деҳа давон шуд.

Сабаби ин гардиш, мақсади ин талвосаашро агар пурсанд, худи Илҳом ҳам гуфта наметавонист. Ҷавон бори аввал бо ҳақиқати дурушти зиндагӣ танҳо ба танҳо рӯ ба рӯ гашта буд.

Дар ҳавлии падарбузургаш барги як ниҳоли зардолу саросар сурху норинҷӣ гаштааст. Аз дур дарахт не, машъал барин. Ана он зарди тиллорангаш тут... Илҳом чашм ба тамошои ин тасвир ба зери пояш нигоҳ накарда, рӯ ба нишеб ғайрихтиёр тозон-тозон мерафт. Ногоҳ дар ҳавлӣ ҷунбуҷӯли касеро диду лаҳзае, аз роҳ истод. Ана, мисле ки он нафар ҳам ӯро дид. Ду нафаранд, ё як? Ғалатӣ... Саҳар катӣ чӣ воқеа руй дод? Ё ӯро ҷустуҷӯ карда омада бошанд?

Вай ба тохтан даромад.

Вақте ки аз девор худро ба ҳавлӣ андохт, Аҳмад-акаро дид, ки дари меҳмонхонаро меканд... “Аз дур дидам, дар ҳавлӣ ҷунбуҷӯл дошт, пас чаро ҳоло ба дарканӣ шурӯъ кард?” — ин шубҳа якбора шасти ӯро гардонд. Вале боз аз ин гумони худ даст кашид. — Дари дутабақаро канда бурда пул карданӣ ин ғалламус.

— Дари дигар наёфтед-чӣ? — ҳарсосзанон ба айвон ворид шуду аз ғазаб рангаш канда ба Аҳмад-ака рӯ овард ӯ.

— Наёфтам. Чӣ мегӯӣ? Ин дар, ин ҳавлӣ акнун аз они ту не. Ба ҳисоби хонаю ҷои бесоҳиб. Фаҳмидӣ? Рав, аз паи

корат, дигар ба ин ҷо қадаматро намон, — бо авзои гирифта таҳдид кард Аҳмад-ака. — Ба Ангор нарафта чӣ кор карда гаштӣ? Ба ту аҳмақ, гуфтанд-ку...

— Ба ман? — ба гӯшаш бовар накард Илҳом. Ӯ лаҳзае саргаранг монд: яъне, ин одам бохабар аст? Нее...

— Ҳа, ба ту!

Ин лаҳза Аҳмад-ака бо як зарбаи сахт ду-се пора чӯбу кулӯхи болодариро афтонд.

— Вайрон накунед, — Илҳом бо шаст ба дар наздик рафта бо Аҳмад-ака рӯ ба рӯ шуд. — Намемонам... Ҳақ надоред.

— Ман ба ту боз мегӯям, ҳой бача! Дигар ба ин ҷойҳо қадаматро нагузор! Поятро зада мешиканам!

Вай Илҳомро чунон бо ҷаҳл тела дод, ки аз ӯ айвон парида ба дархона фуромад. Чун баргашта ба айвон даромадан хост, бо зарби лагади Аҳмад-ака, ки рост ба сари синааш зад, қафо гашт. Баъд Аҳмад-ака ӯро мушту лагадкӯб карда, аз дархона ба пастӣ ғелонду лагадзанон қариб бист метр барин ба поён бурд. Бе ҳеҷ сабаб ваҳшиёна задани ӯро дида, Илҳоми аз зарбаҳои паёпай саргаранг гашта ба замини пурхор афтода худ аз худ мепурсид, ки “Наход кушад? Барои чӣ!”

— Падарлаънат!.. Буза пушташ хорад, нони чӯпона мехӯрад... Каллаатро монанди себча меканаму ба сой мепартоям, ана, сонӣ соҳиби ҳавлӣ мешавӣ!

Бо дашному хорӣ Аҳмад-ака ба айвон баргашта ба кори худ идома дод. Аммо як табақаи дарро накӯчонда, Илҳом боз дар айвон пайдо шуд. Аз зарби лагаде, ки ба поёнтари нофаш расида буд, қоматашро рост дошта наметавонист, да-

ҳонаш хуншор буд.

— Ҳе, очата... — Ин дафъа Аҳмад-ака ба сӯи вай бо нафрат рӯ ба рӯ рафт.

Аммо мушти ба ҳаво бардоштаи вай ба сари Илҳом нафуромада дар фазо муаллақ монд, чун зарбаи ногаҳоние, ки аз поён ба зери ҷоғаш хӯрду шарора аз чашмаш парид, иҷбор кард, ки ӯ ба девор такья кунад. Баъд боз ду-се зарбаи қатъии пушти сари ҳам дар баданаш нишона гузошту ин дафъа худаш аз суфаи дархона кунда барин ба поин ғелида рафт. Аҳмад-ака ҳар балоеро чашмдор бошад ҳам, мушт бардоштани Илҳомро нигарон набуд.

— Ба ҳамин ҳоли зорат боз ба одам мушт мебардорӣ-а?! Сабр кун... агар хунатро налесам, одам нестам, — Аҳмад-ака бо уфу куф бо сахтӣ аз ҷояш бархест.

— Э, агар осмон дар дасти ту бошад, ба сари ман парто! Парвое надорам.

— Ман агар накушам, ҳатман Ҳосил туро мекушад, бача. Алами ман ҳам мебарояд.

— Беҳуда шодӣ накун, Ҳосил ту барин аҳмақ не! Вай мард аст! — гуфт бо таъкид Илҳом.

Баъд хуни даҳонашро туф карду аз девор ба берун ҷаҳид ва ба тарафи бошишгоҳ рафт.

Илҳом ҷавони софдил буд, вале агар дар ҷои вай ин дам нафари дигар мебуд, дар зери пардаи ин моҷаро балки асли матлабро пай мебурд.

Рӯи офтобро абрҳои тира пӯшонида, аз тарафи қибла шамоли сарди фасли хазонрез мевазид. Бод лаҳза ба лаҳза шиддат мегирифт. Дар осмони кӯҳсор кам-кам абрҳои боро-

нӣ ҷамъ мешуданд.

Субҳидам Сиҳат-амак аз хоб чашм кушоду бистари Илҳомро холӣ дида тааҷҷуб кард:

— Хайр, Аҳмад-ку аз азал саҳархез, аммо ба Илҳом чӣ шуд? А? — ба Барака рӯ овард вай.

— Надонам, — сар аз болин набардошта ғурунгос зад Барака.

— Шаб ҳам табъаш хира буд.

— Э-э, худаш ким чӣ хел... — гуфт Барака. — Аслаш, ҳамин ҷойҳо чӣ ҷой аст, ки одами он бошад! Ҷое, ки осмонаш танг, дили одамонаш ҳам танг... Чашмонашон ҳам танг! Илҳом одами ҳамин ҷойҳо-дия!

— Кӣ медонад, — ҳайрон буд саркор. — Ба ҳар ҳол Илҳом бачаи бад не. Ту ин хел нагӯй, Барака, — эътироз кард Сиҳат-амак ва дар рӯи бистар нишаст. — Ганҷ аз вайрона мебарояд, мегӯянд. Илҳом бачаи дилаш рост, коргар...

Сипас бистари Аҳмад-акаро боз нашуда дида, ибтидо мисли ҳар вақт бо мазоҳу шӯхӣ дар ҳаққи вай ғайбатомез ҳар гуна сухан гуфтанду дашном ҳам доданд. Баъдан Сиҳат-амак ба хотир овард:

— Исто ки, воқеан, Аҳмад дирӯз шомгоҳӣ ҳам набуд.

— Ба Ангор рафта пулашро гирифту кайф карда, дар ҳамон ҷо хобаш бурда мондагист? — гуфт Барака ба тахмин.

— Вай мурад ҳам, ба пули худаш арақ наменӯшад.

— Албатта, ягон хел пули бедарди миён меёбаду мезанад! — исрор кард Барака.

Онҳо дар тааҷҷуб буданд, ки ин замон дасту рӯ шуста ба хайма Илҳом ворид шуд.

— Илҳом, дирӯз Аҳмад пул гирифт ё не, надидӣ? — пу-

рсид саркор. Сипас чашмаш ба доғҳои кабуду сиёҳи рӯи Илҳом афтоду бо бадгумонӣ ва хавотирӣ ба андоми ҷавон нигариста карахт шуд.

— Пул гирифт ё не надидам. Мо баргаштем, вай, дар Ангор монд, — ҷавоб дод Илҳом ба тарафи саркор нигоҳ накарда.

— Чӣ гап шуд?.. Аз кӯҳ ҷар шудӣ ё кӯбокӯб кардед? — вазъияти саркорро дида Барака ҳам ба рӯи Илҳом хира шуд.

— Тавба, — аз рӯи одат гиребонашро дошт саркор.

— Ҷанг кардагӣ барин, — гуфт Юра китобашро пӯшида ва аз бистари хобаш бархосту наздиктар омада сару рӯи Илҳомро назарсанҷонона нигоҳ кард. — Эҳ-ҳе, нақшаи Африқо барин рангу ба ранг-ку! Дасти кадом наққоши моҳир? А?

— Шаб дар торикӣ пай набурдем, мушта ба торикӣ задӣ-да! — хандид Барака.

Лаҳзае ҳама сокитона ба даҳони Илҳом нигариста, мунтазири шарҳу тавзеҳи ӯ шуданд. Вай муноқишаи дирӯз субҳ дар деҳа рух додаро ҳикоя карду дар интиҳо гуфт:

— Ба ин ҷо омадам, ҳама ба кор рафтаед. Нону қанд гирифтаму ба кор рафтам. Кулли рӯз шурф кандам, Аҳмад-ака наомад. Бегоҳӣ дар торикӣ ҳеҷ кадоматон пай набурдед, ман ҳам гап назадам.

— Э, тавба... — беихтиёр ба сархорӣ даромад саркор. — Худо худаш инсоф диҳад-да.

— Боз, гуфта намешавад... Мабодо, сахттар назадӣ-ку? Дастонат оҳан барин, — бо шубҳа пурсид Барака. — А?

— Корд-порд накашидед? — шубҳаи худро ба забон овард саркор. Аммо аз оҳанги суханаш маълум буд, ки худаш ҳам ин гумонро беасос медонад.

— Хайр, агар ягон фалокат рӯй медод... — чӣ гуфтанашро надониста забон хоид Илҳом.

— Ё мегӯм... ба Ангор... Ё ба духтур ба ягон деҳа рафтагист? Ку, рав бин, аспҳо ҳамааш ҳаст ё не? — боз ба Барака амр кард саркор.

— Э, ана, Юра равад, — гуфт Барака.

— Тоз, Юра, аспҳора бин, ҳамааш ҳаст ё не.

Ин тахмини онҳо ҳам дуруст набаромад: ҳамаи аспҳо дар марғзор буданд.

Илҳом ба ғайр аз “намедонам”, “надидаам” дигар ҳарфе намезад. Ҳама аз ғайб задани Аҳмад-ака мутааҷҷиб буда, бо ҳазор шубҳа ба Илҳом менигаристанд.

— Сиҳат-амак, — гуфт Илҳом дар сари дастурӯшӯӣ ба назди саркор рафта. — Ба шумо як чизро гуфтаниам.

— Ҳа, гӯй, — саркор дар оби шаршара рӯю гарданашро шуста аз хунукӣ дарақ-дарақ меларзид. — Чӣ мегӯӣ?

— Хайр, аввал Аҳмад-акаро ёбем... — сукут кард Илҳом.

— Сонӣ чӣ?

— Баъд... як маслиҳат... ба ман иҷозат диҳед... равам?

— Ба куҷо меравӣ? — дарҳол матлаби ӯро нафаҳмид саркор.

— Аз кор меравам.

— Боз гапи пав... Худаш чӣ гап, ҳеҷ намефаҳмам, сару рӯи обшорашро бо саҷоқ пок карда ба рӯи Илҳом зеҳн монд ӯ. — Чӣ гап? А? Ба ман возеҳтар бигӯ.

— Сабабашро баъдан мегӯям. Барои ин ҷанҷол не. Ман аз хархаша наметарсам. Умуман... Воқеан, ҳозир не... Аҳмад -акаро пайдо кунем, баъд...

— Ҳа, сонӣ, мебинем, — гуфт ба ошуфтаҳолона саркор

ва бо аҷала либосашро пӯшид.

Аз ғулғулаи бархоста Норӣ ҳам огоҳ ёфту омад. Вай ба ҷустуҷӯи Аҳмад-ака равандагонро аз роҳ нигоҳ дошт.

— Истед, истед як фурсат. Сиҳат-амак, шумо ба кадом тараф?

— Ман ба деҳа меравам. Инҳо ҳам, — гуфт ӯ ба Баракаю Илҳом ишора карда. — Ба кадом гӯр гум мешавад?

— Ман ҳам ҳамроҳатон меравам, — гуфт Норӣ.

— Ин тавр бошад, Баракаю Юра, шумоён ба сари кор равед. Дуру атрофро хуб нигареду аз ҳамон шикорҷояш ҳам гузаред, шояд он ҷо бошад.

Барака ҷои шурфи дирӯзаро аз Илҳом пурсид.

— Вай дар деҳа. Ҳеҷ нигарон набошед, — мисле розеро медониста бошад бетардид мегуфт Норӣ. — Акаи Барака ҳам, Юра ҳам ба сари корашон раванд, — гуфт вай ба саркор.

— Ту аз куҷо медонӣ? — саркор бо умеди ягон хабари тоза ба чашми духтарак нигарист.

— Дар ин ҷо гап зиёд... Ман хабар дорам, вале боз кӣ медонад? — гуфт Норӣ дар як лаҳза аз қатъият баргашта.

Ба ин ғурури бачагонаи вай саркор табассуми маънидорона карду чизе нагуфт. Ба Илҳом фармуд, ки аспҳоро биёрад.

То аспҳоро овардан саркору Норӣ ҳарф мезаданду ҳар яке шубҳаю тардиди худро иброз мекарданд. Пас аз овардани аспҳо саркор ба зинкунӣ машғул гашту Норӣ ба самти Илҳом омад.

— Илҳом, аз кор меравӣ?

— Ҳа.

— Э, мон, гапи бекора... А? Ҳазл ё ҷиддӣ? — бо нигаронӣ бо чашми хиратабъи ҷавон менигарист ӯ.

— Вақти ҳазл аст чӣ? — гуфт вай бедимоғ ва аз он ки сухани ӯро ҷиддӣ намеҳисобанд, таҷангтар гашт.

— Аҷоиб... — китфҳои нозуку зебояшро дарҳам кашид Норӣ. — Сабабаш чӣ бошад?... А, Илҳом? Чӣ гап, ягон кас ранҷонд? — Норӣ маҳрамона аз рӯ ба рӯ ба вай наздик омаду нигоҳи алмосворашро аз чашми ҷавон дур накарда, мунтазири ҷавоби ӯ истод. — Як бор ҷанг кардӣ, ҳеҷ гап не.

— Хайр, сонӣ, — даст афшонд Илҳом ба нигоҳи ӯ тоб наоварда.

— Охир, китобҳои бобоятро наёфта бармегардӣ? — ҳазломез табассум кард духтар. — Инҳо пайдо кунанд, носпечонӣ мекунанд, — “инҳо” гуфта вай, қабл аз ҳама, Аҳмад-акаро мадди назар дошт.

— Ишкол надорад, насиб бошад, боз меоям, вале феълан, дигар дар ин ҷо истода наметавонам, Норӣ, — гуфт Илҳом ба оҳанги дардолуде, ки ба одамони ситамдида хос аст.

— Ғалатӣ, — мутааҷҷубона гуфт Норӣ ба лаҳни ранҷноки сухани ӯ эътиборе надода. Сипас таъкид кард: — Баъдан ба ин ҷойҳо омадан кори осон не. Фикр кун.

Сиҳат-амак лаҷоми аспро гузаронида ба Норӣ дароз карду аз мутаҳаййир буданаш мегуфт:

— Илҳом ба ҷангу ҷидол ҳеҷ алоқаманд набуд... Пархошгарӣ намекард... Кӣ ин қадар хашму қаҳри инро бедор карда бошад? Аз Аҳмад тан ба тан шатта намехӯрад-ку? Аҳмад қуввати қудрати инро медонад, бесабаб даст боло намекунад. Тавба, — гиребонашро мегирифт саркор.

— Чӣ иттифоқе афтод, бигӯ, набошад торс мекафам, —

баъди ба чодир даромадани саркор боз ба Илҳом рӯ ба рӯ рафт Норӣ.

— Ҳоли ҳозир фурсати ин гуфтугӯ нест. Рафтем, баъдан.

— Ташу бел гир, аз он ҷо якдафъа ба шурфканӣ меравӣ, — амр кард саркор.

— Латифӣ гуфта буд, ки ба Ангор биё, ба кори дигар меравӣ. Ин чӣ мешавад?

— И-и... Яъне чӣ? Латифӣ ба ту чӣ кор дорад? — аз мавориди корҳои имрӯза саркор куллан шигифтзада шуда буд.

Илҳом ташу бели дастааш кӯтоҳеро гирифта ба қоши зин басту думболи саркору Норӣ асп ронд.

Се тан савора ба ҳавлӣ ворид гаштанду дар як канори он хоки навкандаро дида, “И-и!” гӯён баробар нидо бароварданд. Баъд Норӣ хитоб кард:

— Ана, ман нагуфтам!

Ҳар се, ҳамзамон, худро аз асп партофта, ба сари ӯра расиданд.

Дохили чолае, ки ба андозаи ду метр, дари сандуқи қадимии рӯяш тунукабанд, дарунаш аз китобҳои қадимӣ лаболаб кушода буд. Даҳани ӯра ба қадри даҳани чоҳи муқаррарӣ бошад ҳам, дохилаш васеътар буд. Тунукаи нақшини рӯйкаши сандуқ занг зада, нақшу нигори он хира гашта бошад ҳам, даруни он бе ҳеҷ осебе, китобҳои хурду бузург, ҷилди бархе чармин, баъзе аз шоҳӣ ва махмал ҳанӯз безарар чида шуда буданд. Чандтои китобҳои бузург вазнашон бемуҳобот бештар аз даҳ кило буд. Сиҳат-амак, ки аллакай дар дохили ӯра буд, яке аз он китобҳоро гирифта оҳиста бӯсид ва баъд боз ду се бор бӯсида ба чашмаш бурда

тавоф кард. Ӯ ба Норию Илҳом иҷоза надод, ки онҳо ба китобҳо даст зананд.

— Дасти ношуста нарас!

Дар канори чола аз зери хоки навканда як лабаи санги осиёб намоён буд.

— Ба даҳани ӯра санги осиё мондаанд, раҳматӣ, — гуфт Сиҳат-амак андешаманд ба санг ишора карда.

— Э, маккор, ин Аҳмад-ака... Чӣ тавр сарфаҳм рафта-анд, ки дар зери ин санг ӯра ҳаст? А? — тааҷҷуб мекард Норӣ.

— Аз ин чола вай чизи дигар ҳам бардошт кардагӣ... шубҳаи худро изҳор кард Сиҳат-амак. — Бобоят боз ягон чиз мондагӣ будааст, ё не, модарат нагуфт? — пурсид вай аз Илҳом. — Дар назди сандуқ кӯза ё хурма ҳам будаст.

— Шояд, доруҳошонро гӯр карда бошанд? Намедонам, ҳеҷ ҷизе нагуфтанд.

— Пул-мул, тилло-пилло чӣ?

— Надонам... гап назаданд... нашунидаам...

Баъдан, онҳо сенафара сайъ карданд сандуқи китобро ба боло бардоранд, аммо тавоноии онон кофӣ набуд.

— Китобҳоро як-як гирифтан даркор, — пешниҳод кард Норӣ.

— Не-не, ба китоб даст назанед, — таъкид кард саркор. — Ин китобҳо аз он китобҳои шумо мехондагӣ не... Дасти ношуста нарасед.

Норӣ ба Илҳом нигаристу ноаён чашмак зада бо истеҳзо табассум намуд.

— Хайр, ӯраро пайдо кард, аммо худаш ба куҷо гум? А? — саркор гаштаю баргашта ин саволро медоду намедонист чӣ кор кунад. — Ё мегӯм, ягон чиз ёфта бошад, гурехт-чӣ?

Баъди лаҳзае хомӯшӣ худ ба худ мегуфт:

— Э-э, ин Аҳмад аҳмақ аст!.. Тилло бахил аст, ба ҳар кас насиб намекунад. Ягон фалокат мебиёрад. Ман ин сабила аз рангаш безорам.

Сиҳат-амак ба сандуқ даст назаданро боз як бори дигар таъкид карду ба манзури баррасии дуру атроф рафт. Аз таҳи дари меҳмонхона убур мекарду лаҳзае бодиққат замини зери пояшро назар кард, баъд ба дари дутабақаи хамзада нигарист ва гирудори дар ин ҷо рух додаро тасаввур намуду ба сӯи Илҳом нигариста, маломатомез сар такон дод.

“Пайгири бало, ҳамаашро фаҳмид, — ба худаш мегуфт Илҳом. — Кӣ дар куҷо ба замин афтод, сабаби ҷангу ҷидолро бо резтарин ҷузъиёт агар савол кунед, ҳоло як ба як шарҳ медиҳад”.

Замоне, ки саркор нақши пои Аҳмад-акаро пайгирӣ карда рафт, Барака ҳам омад. Ӯ хабар дод, ки Аҳмад-ака дар паси Мӯла шурф меканад ва шаб дар Ангор будаст.

Як соат пас саркор низ баргашт. Сиҳат-амак аз рӯи паи Аҳмад-ака рафта чӣ чизе фаҳмид ё нафаҳмид, нагуфт. Баргашта омаду “уф-ф” гӯён як оҳи бадард кашид ва шӯридаҳолона ба рӯи хоки назди чола нишаст. Возеҳ буд, ки Аҳмад-ака харобкорӣ кардааст...

Сиҳат-амак баъди хеле сукут аз ҷо бархост.

— Биё, сандуқро бардорем, — хитобан ба Барака амр кард вай.

— Дароям?

— Бале, бо Илҳом бардоред, ман аз боло мекашам.

Барака ба поин фуромаду атрофи сандуқро нигариста пурсид:



— Кӯза-пӯза будаст-чӣ? А? Ягон чиз доштаст? — Вай ба даҳони саркор нигариста мунтазири ҷавоб шуд.

— Э, гумон... Дору будагист... Дар дасти мардуми кӯҳистон тилло чӣ мекунад?! Дар қадимулайём тилло дар дасти сарватмандону бойҳои шаҳр буд. Давлатмандони кӯҳистон ниҳояте сад-дусадто моли реза доштанд... Боз кӣ медонад... Аҳмад саросема кӯзаро гирифта давидааст ва аз аҷалагӣ он кӯза аз дасташ афтода шикастаст. Мегӯяд дарунаш муми сахт барин.

— Худо накунад, ки аҳмақ шуда кӯзаи холиро тилло гумон карда девона шавад, чӣ мекунем гӯён тарсидед? — хандид Барака.

— Ба Аҳмад девонагӣ ҳам асар намекунад, — гуфт саркор бо киноя. Заҳри мор дарс нашуд... Аз шармандагӣ гурехта ба кор рафтагӣ.

Онҳо сандуқро аз ӯра бароварданду ба асп бор карда бо арғамчин аз чор тарафаш кашида бастанд.

— Норӣ, Илҳом! — ба ҷавонон рӯ овард саркор. — Бо эҳтиёт сандуқро мебаред. Баъд гӯё худ ба худ мегуфта бошад, ғурунгос зад: — Ин аҳмақ ҳеҷ одам нашуд, ки нашуддия.

— Аҳмақатонро ёфтед! — заҳрханда кард Барака. — “Амакам устои табақтарош аст, ба ту як табақи чормағзу як табақи тут сохта медиҳад”, гӯён маро фиреб дода кор фармуд. Акнун пурсам, “э-пе” мегӯяд!

Танҳо нав Илҳом дарк кард, ки мудири хоҷагӣ Латифӣ бо хоҳиши Аҳмад-ака ӯро ба ҷои дигар мехост бифиристад! Пас онҳо ҳамфикр, ҳамшариканд? Дузд дуздро дар шаби торик мешиносад... Не, ман иштибоҳ кардаам. Ҳатман,

ҳамин шом ҳамаашро ба Дарвеш мегӯям! Эҳ, мани беақл, чаро ба ӯ мувофиқат кардам-а?! Дарвеш чӣ гумон мекунад?!

Саркору Барака ба самти кӯҳҳо раҳ гирифтанду Норию Илҳом ба тарафи манзилгоҳ.

Норӣ ба як асп савор шуда аспи дуюмро ба етак гирифт. Илҳом аз лаҷоми аспи сандуқ боркарда гирифта аз ақиби ӯ бо эҳтиёт меомад.

— Касал-пасал нашавад-да ин Аҳмад-ака, — баъди он ки хеле вақт хомӯшона роҳ мерафтанд, Илҳом нигарониашро изҳор кард.

— Хуб, ту чаро аз кор мехоҳӣ равӣ? — мисли идомаи сӯҳбати қатъшударо давом медода бошад, бе ҳеҷ муқаддима савол кард Норӣ ва бо ин пурсиш ҳушу ёди вай дар гирди ин масъала печ хӯрданашро маълум кард.

— Аз қавлам гаштам, намеравам, — гуфт Илҳом маъюс ва дилгир оҳе кашида ва хомӯш монд.

— Розе ҳасту аз ман махфӣ медорӣ.

— Пинҳон намекунам... Ҳамаашро мегӯям...

— Ман бояд ҳамаашро бидонам. Чӣ аз ман ниҳон мекунӣ?! — Норӣ мағрурона ва як навъ нози дилбарона ба сӯи Илҳом нигарист. — Ман ба ту мегуфтам-ку, ту танҳо нестӣ!

Илҳом воқеаи ҳангоми моҳонагирӣ рух додаро мухтасаран ба Норӣ ҳикоя кард.

— Чаро сокит гаштӣ? А? Мерафтааст?! — лабонашро каҷ кард духтар. — Ҳамон шаб, музди корро нагирифта ба назди Дарвеш бояд мерафтӣ!

— Камтар нӯшидагӣ будам, рӯям нашуд...

Барфи ба қуллаҳои кӯҳи Ҳаводара афтода зери нури офтоб нуқравор медурахшиду чашмро мерабуд. Дар ҳавои

беғубор барфи нав аҷиб софу покиза ҷило медод. Барф дар иртифо ҳамеша тозаю тамиз аст, дар баландӣ гарду ғуборе нест. Об аз боло соф меояд. Дар поён бархе онро гилолуд мекунанд.

Илҳом чашмонаш ба барфи сап-сафеди теғаҳо роҳ мепаймуд. Норӣ ҳоло аз қафо меомад, то ки сандуқ ба як самт хам хӯрад, зуд хабардор бошад. Илҳом аҳьён-аҳьён ба ақиб нигариста, ба Норӣ табассуме ҳадья менамуд ва нигоҳаш сандуқро палмосида мегузашт. Мутмаин буд, ки вай танҳо не, ҳамеша дар канори ӯ рафиқи муттакое, ҳамдами эътимодбахше ҳаст. Инро эҳсос мекарду дар замини заранги кӯҳистон бо дили пур, устувор қадам мезад.

***Солҳои 1976-78.***



# ҲИКОЯҲО

## *ГӮШТИГИРӢ*

Дар миёнаҷои давра аз кундаю ғӯлаҳои яклухт гулхани бузурге афрӯхта буданд. Оташ баъзан баробари ду қадди одам баланд гашта, ҳезум часар-часаркунон ба атроф шарораву лахча мепарронд. Шӯълаи гулхан атрофро равшан карда, рӯйи одамони дар қатори пеш нишастаро метафсонд. Онҳо гоҳ бо як даст, гоҳ бо дасти дигар рӯяшонро аз ҳарорати сӯзони оташ панаҳ мекарданд, аммо ҷойи тамошобобро аз даст намедоданд.

Давродаври гулханро ҳамвор карда, рег пошидаанд.

Дар сафи пеши давра, асосан, пирону даҳанкалонони деҳа ва меҳмонони аз роҳҳои дуру наздик омадагӣ нишаста, чой менӯшиданду, сӯҳбат мекарданд. Дар байни онҳо роҳбарони колхоз, идораи ҷамоат ва ноҳия ҳам буданд. Дар ақиб дигарон — мардон, ҷавонону бачагон, дар ду-се ҷой тӯдаи занону духтарон нишаста, ҳама интизори шурӯъи гӯштӣ буданд.

Саркор баъзеҳоро ақибтар шинонда, майдонро барои гӯштигирон васеъ карду аз ҳозирон гаштаю баргашта мепурсид, ки Комил-полвон чаро бедарак аст.

Саволи саркор даҳан ба даҳан гузашта, ба гӯши полвони ин дам ба тӯда ворид шуда расиду ӯ аз торикӣ овоз баровард:

— Тақсир, мо дар ҳамин ҷо!

— Э, дар куҷо гум шуда гаштед? Ҳама ба шумо нигарон, — саркор ба сӯйи овоз муроҷиат кард.

Дар ақиби издиҳом каллаи калон ва пешонии фарохи Комил-полвон намудор шуд.

— Ҳой, полвон, имшаб гӯштӣ буданашро намедонис-

тед-чӣ?!

— Соати ҳашт, баъди ҳама рафтан як мошин беда оварданд, — бо овози баланд сабаб меовард ӯ. — Ночор ҳамроҳи ронанда фуровардаму ба ғарам зер кардам... Як бор ба тӯйхона даромада, муборакбод гуфта бароям? — иҷозат хост вай. Матлаб аз ин “муборакбод гуфтан” хӯроке хӯрдан буданаш ҳам ба саркор ва ҳам ба дигарон равшан буд.

— Муборакбодро дар ҳамин ҷо мегӯед. Барои шумо ошро ба ҳамин ҷо меоранд. Саркор ба ҷониби тӯйхона фарёд кард: — Ҳой, Абдувалӣ, барои полвон дастархон!..

Комил-полвон аз сафи пеш, дар канори се-чор нафар мӯйсафедон нишаст, ки пирони обрӯманди деҳа буданд ва хурду бузург дар ҳар боб ба адолати онҳо шубҳа надоштанд ва дар воқеъ ҳам, ин нафарон аз ҳар гуна таассуб пок буда, ҳамеша дар баҳсу талош ва дигар маъракаи ин мардум ҳакам ва довари боэътимод ҳисоб мееёфтанд.

Саркор ду нафар писарбачаҳои ҳафтсоларо аз байни бачаҳои довталаб пеш бароварда, қабл аз он, ки ба талош андозад, барои гӯштии имрӯза аз кӯҳансолони давра фотиҳа пурсид.

— Пирон даст диҳанд, арвоҳ мададгор шаванд, афтодаро замин бардорад, афтондагиро... — яке аз он пирон, ба ин минвол хеле суханони дуо гуфту бо тантана ба фотиҳа даст кушод: — Оми-ин!..

Ҳама даст ба рӯй кашиданд. Баъд саркор он ду бачаро, ки мисли хурӯсчӯҷаҳо ҳар лаҳза омодаи ба якдигар ҳамлакунӣ буданд, ба гӯштӣ андохт.

Гӯштигирии бачаҳо ғалатӣ аст! Онҳо мисли калонсолон такаллуф ва худнамоӣ надоранд, барои озмудани ҳам-

дигар тӯлонӣ чарх намезананд. Бачаҳо, ҳамин ки даст ба камари якдигар расонданд, гарму ҷӯшон талош мекунанд. Ана, кайҳо афтонд!.. Писараки афтида ҳунгос зада ба гиря шурӯъ кард. Саркор бо нигаронӣ ӯро ҳолҷӯӣ кард:

— Чӣ шуд, канӣ?.. Куҷоят?.. А?.. Бигӯ? — вай дасту пойи ӯро бо дастонаш ламс кард, ки мабодо зарба нахӯрда бошад.

— Га... гар... гарданама ханҷолид...

— Ҳеҷ гап не, канӣ?.. Э, барои ҳамин ҳам одам гиря мекунад? Айб аст... Ма, — саркор ба вай ҳам як худнавис ҳамчун подош дод.

Ду нафари дигар дар майдон талош доштанду боз чанд нафар довталабони кучак камар баста, омодаи ба гӯштӣ даромадан буданд. Кадоме аз ҳарифон ғолиб меояду бо вай бояд гӯштӣ гирад, барои ин ғайратмандони хурдсол фарқ надошт.

Комил-полвон аз талоши бачаҳо чашм наканда, пиёлаи чойи кадоме дароз кардаро ҳӯрт мекашид. Чойи сабзи талх ба меъдаи холӣ чандин таъсири хуш надошт магар, ҳар дам ба атроф нигариста, фаҳмонданӣ мешуд, ки дастархон наовардаанд. Аммо чашму гӯши ҳама ба гӯштигирон банд, ба назди полвон дастархон овардан ба ёди касе намеомад. “Сабили ишкам расо танбӯр навохт-ку!” — гуфт вай худ ба худ. Баъд боз ба умед ба самти тӯйхона нигарист. — “Раҳматӣ падарам, мегуфтанд-а, нонро пеши по назан. Аз гӯштӣ дер накунам гуфта мастобаи занакро нахӯрда омадам, уболаш гирифт. Нона пеши по задан намешавад... Ба ишками гушна гӯштӣ ҳам завқ надорад. Хайр, меовардагист, фаромӯш накунад шуд...”



— Канӣ, полвон, чӣ шуд, чӣ мегӯед? — Ногоҳ саркор ду нафар гӯштигири ба паҳлӯ афтодаро боздошта, ба ӯ рӯ овард.

— Ҳалол шавад. Дубора, — ҳукми худро гуфт полвон. Садои вай мисли ҳарвақта қатъӣ ва салобатнок набуд.

Навбати гӯштӣ тадриҷан аз хурдсолон ба наврасон мегузашт. Гӯштигирии наврасони 14-15 сола хеле ҷиддӣ ва арзиши тамошо аст. Ҳиммати тӯйдор ҳам бад не. Саркор мукофоти ғолиб — як дастгоҳи аксбардориро аз қуттиаш берун оварда, ба мардум нишон дод ва сипас, онро ба дасти полвон дод. Одатан, баранда ҷоизаашро аз дасти полвон мегирад. Комил-полвон ғилофи чармини онро даст-даст карда диду фикр дошт, ки қимматаш чанд пул бошад. Ин Бахтиёр як умр ба кори сиёҳ даст назад, таҳсил накарда бошад ҳам, корчалон баромад, — мегуфт вай ба дил бобати соҳиби тӯй андешида. — Як даҳ соли охир дар райпо, ба мағозаҳо мол медиҳад. Дӯкондори деҳа мегуфтаст, ки аз ҳар қуттӣ арақ як дона-ду дона ба худаш мегирифтаст, аз чойи нағз ҳам, аз дигар чизҳо ҳам. Баъд дӯкондорҳо ҷуброни онро аз мо мебаровардаанд...

Ду тан наврасон уқобвор ба ҳам дарафтоданд. Комил-полвон як-ду сол аз инҳо калон буд ё не, дар тӯйи арӯсӣ бо як ҷавони дар гӯштӣ номдор гашта талош карда, ӯро афтонду номи “Полвон”-ро гирифта буд. Ҳамон вақт соҳиби тӯй ба вай граммофон дод. Он вақт граммофон дар ҳар деҳа якта ё дута буду тамом... “Э - э, дастархон овардан аз хотирашон рафт. Саркор ҳам як бор нигоҳ намекунад, ки ишора кунам. Шикамсер чӣ парвои шикамгурусна!.. Ҳамдам-қассобро чӣ фалак задаст, дирӯз ба нася як кило гӯшт надод-е. Ягон бор гӯшт гирифта, пулашро надода намондаам-ку! Аз баҳри насяфурӯшӣ баромадаст!.. Гӯшт — танқис, бозораш тез-дия. Кӣ дар ҷайб доим пули накд

дорад?! Ин ҷо ба ту шаҳр аст-чӣ?.. Эҳ, канӣ, ҷавонтар бошаму аз ин гӯштӣ як гӯсфанди фарбеҳ гирифта барам. Дар охир, барои полвонҳои калон гӯсфанд ё қолин будагист? Бе ин намешавад... Билоохира, ба ман ҳам, як вақте полвон буд, гуфта чизе шавгун медиҳанд: калӯш ё ягон яктаҳи чит...” Полвон оҳиста оҳи бадард кашид.

Ба ҳамин тариқ, ӯ чашм ба гӯштигирон фикр мекарду фикр мекард. Ҳарчанд сайъ кард, аз қайди ин андешаҳо баромада, лаҳзае бо атрофиён ё гӯштигирии бачаҳо машғул шавад, аммо натавонист. Ба гӯшаш гап намефорид. “Наход, ки ба тӯй гурусна омада, гурусна равам? Э, ин қадар дабдабаю дову дастгаҳатро ба сарам занам! Ошу нонат бошад ҳам, хешу табор, ёру дӯсти дурустат набудаст. Дар ин хел вақт наздиконаш аз омадаю равандагон хабардор шаванд-дия! Ҳамин ҳам кор шуд!.. Ин не, вай не, Бахтиёр ҳам калонҳоро мешиносад. Ба ҷойи ман раис омада шинад канӣ... Барои дилёбию дилҷӯӣ тӯй мекунанд... Ягон мансабдор ояд, “хуш омадед” гӯён дар гирдаш мечарханд... Ҳамин ҳам мардӣ аст?! — Ӯҳ, Рауф ҳарифаша бардошт!.. Ҳа, ана, ба сари зону гирифт. Парто зудтар!.. Ҳа, бале!.. Тавба кардам, ҳеҷ кас гумон надошт, ки ҳамин шатрама одам мешавад. Чунон бесар, чунон айғоқ буд, ки ба замин занед, ба осмон меҷаҳид! Дар шикамаш як рӯдаи рост надошт. Аз дасти ин на полизи мардум дар амон буду на арғамчини мол. Ба қавле, аз ганда пӯст меканд, аз нағз — пӯстин. Ба сарбозӣ рафту одам шуда омад... Суфра овардан аз ёдашон рафт... Ҳозир агар ба ҷойи ман нафари ба инҳо нафъаш мерасидагӣ ояд, ҳамааш тохта меомад... Аслан, барои халқ тӯй намедиҳанд, барои раису роҳбарон...”

Наздики ду-дуввуним соат гӯштӣ гирифтанду тадриҷан навбати паҳлавонони номдор расид. Ҳама медонистанд, ки аз деҳаи Яккатут Мурод ном паҳлавони маъруф барои бо Сангин гӯштигирӣ омадааст. Сангин паҳлавони номдори ин гирду атроф, шогирди Комил-полвон, умеду ифтихори вай аст. Комил-полвон шогирди бисёре дорад, аммо Сангин комилан дигар аст. "Паҳлавонӣ ба вай мерос. Аҷдод-аҷдодаш паҳлавон гузаштагӣ. Комил-полвон раҳматӣ бобои ӯро дар хотир дорад, мисли як фил қувват дорад, мегуфтанд. Тахтапушташ ба замин норасида аз гӯштӣ баромад, аммо лаънатӣ мӯҳтоҷӣ ӯро маъюб кард. Мегуфтанд, ки Хӯҷамуроди аллоф як иморати дакаданг сохта, барои шаҳсутуни айвонаш аз сойи Ҷизмон як дарахти чормағзро ғалтондаст. Роҳи кӯҳ танг, улав намегардад. Чор йигити ҳузарб ду рӯз овора шуда, ғелондаю кашола карда, сад қадам барин овардаанду бас. Хӯҷамурод, замин хабар накашад, одами айёр буд, мегӯянд. Рӯйирост аз паҳлавон илтимос накардааст. Андешидааст, ки нохудогоҳ маъюб шавад, дар пеши мардум умрбод рӯсиёҳ мегардад. Бинобар он, овоза сар додаст, ки агар ҳар кас ҳамон ғалачӯбро биёрад, як пуд гандум медиҳад. Паҳлавони камбағал инро шунида, дар зарфи як шаб танаи дарахти чормағзро оварда, ба назди дарвозаи бой партофтаст. Аз ҳавлии бой то ҳавлии усто дусад қадам мебарояд ё не, ғалачӯбро бурданӣ шаванд, ба ду барзагов ниёзманд шудаанд. Мегуфтанд, ки ана, пас аз ҳамон воқеа паҳлавон дигар ба худ наомад, қоматаш рост нашуд. Бархе мегуфтанд, ки вай маъюб шудагӣ, баъзеи дигар чашм расид, мегуфтанд. Боз кӣ медонад, ман раҳматиро аранг-аранг ёд дорам, — мегуфт худ ба худ

андешида Комил-полвон. — Дар рагу пайи Сангин қуввати бобояш ҳаст. Ман ба вай нозукиҳои ҳунарамро ёд додам, боқимондааш ба худаш вобаста. Сангин дар аввал як авҷ карду сонитар танпарвар шуд. Мисле ки, маишат, соният, сабилмонда шароб шасташро гардонд... Дар як дастархон дуто нону мева ҳам наоварданд-е!.. Ҳе, ноумедҳо! Агар ош тамом шуда бошад, нону чой ҳам нест-чӣ?.. Арвоҳ занад...”

— И-и-и, полвони яккатутиаш ба майдон баромаданӣ-ку! Э-э, вай ин Тоҳирчаро меафтонад... Мурод — Мурод мегӯянд, ҳамин будаст-дия. Хело ҳам бӯзбала-ку! Ҳар як кафаш бел барин-е! — гуфт мулло Норӣ дар ақиб нишаста даҳонашро ба таҳи гӯши Комил-полвон наздик карда.

— Ҳа, сахттар чангол занад, қабурғаи Тоҳирчаро канда мегирифтагӣ барин, — Комил-полвон ҳам ӯро назараш гирифт.

Комил-полвон ҳаракатҳои Муродро мушоҳида карда, ӯро аз ҳар ҷиҳат писандид. Паҳлавони ҷавон ҳанӯз шармин буда, ба сухан даҳон кушояд, хиҷолат кашида, сурх мегашт. Хоксору батамкин буданаш аён. Ҳа, мағрурию худнамоӣ надорад.

Вақте ки вай бо Тоҳирча ба талош шурӯъ кард, Комил-полвон эҳсос кард, ки меҳмони паҳлавон ҷавони бақувват буда, ҳанӯз аз қудрату тавоноии худ бехабар аст. Вай баъди он ки ҳарифашро ду-се бор афшонда дида, зӯри ӯро санҷид, дилпурона ба вай наздик рафт. Тоҳир ҳам қувваи ӯро фаҳмиду ана, худашро дур мегирад. Дуруст. Агар ба зери бағали Мурод афтад, вай бо вазни худ инро беҳолу бемадор мекунад.

Паҳлавонон чунон ба ҳам дарафтоданд, ки саркор аз хавфи он ки ногаҳ ҳамдигарро ба оташ назананд, мудом дар

тарафи гулхан меистод.

Тоҳирча Муродро хеле арақшор кард. Мурод ҳар қадар сайъ карда ӯро ба чапу рост меандохт, аммо бенатиҷа буд. Тоҳирча ба ҳарифи худ сахт такя партофта, монанди кундаи чанор ноҷунбону маҳкам меистод. Аз байни издиҳом овозҳои таҳсин баланд мегашт.

— Сахт ист, Тоҳир!

— Ту аз вай кам нестӣ!.. Нони трактор ҳалол аст!..

Полвон авлоду наҷоди Тоҳирчаро ҳам хуб медонад: “Падараш як одами лоғари нимҷон. Паҳлавонӣ ба Тоҳирча аз тӯби модараш мерос аст. Тағояш полвони забардаст буд. Як йигит буд, ки аждаҳо мегуфтед. Афсӯс дар ҷанг нобуд шуд...”

Комил-полвон таърихи гӯштӣ ва гӯштигирони 30-40 соли охирро дар кулл нағз медонист. Вай замони наврасиаш гӯштигирии тағои ана ҳамин Тоҳирчаро дида буд. “Дар як тӯйи бузург тақрибан тамоми полвонҳои шӯҳратманди гирду атроф ҷамъ шуданд. Тағои Тоҳирча — Абдусамад дасташ омад карду ягон-ягон шаш полвонро афтонд. Як номарди дигар — Ҳафиз ҳам даъвои полвонӣ дошт. Мардум шӯру ғавғо бардоштанд, ки ӯ ба майдон дарояд. Ночор ба майдон даромаду бо Абдусамад даст ба миён шуд. Абдусамад, дар ҳақиқат, полвони зӯрдаст, ҷавонмард ва тандеҳ буд. Ҳамин ки Ҳафизро ба сари сина бардошта, ба замин заданӣ шавад, ин номард аз андоми нозуки полвон гирифт. Абдусамад аз зӯри дард бо қаҳр ӯро чунон ба сари синааш фишурд, ки аз даҳану бинии Ҳафиз хун омад. Ҳафиз пеш аз ин ҳам дар як маъракаи дигар бо сари зонуяш ба шиками ҳарифаш зада, сабабгори сару садое гашта буд.

Бахше аз одамон, ки он лаҳза аз номардии Ҳафиз хабаре надоштанд, ба тарафгирии вай бархостанду қариб деҳодеҳи калон сар зад. Қаблан дар тӯйҳо ба гӯштию бузкашӣ ҳар як қавм йигит ҷамъ карда, дар бағал гурзу калтак, теғу шашпар мерафтанд. Баъзан тӯйҳои бузург бо хунрезию мотам тамом мешуд. Ҳар як деҳа, ҳар як қавм орият гуфта ҷон медоданд-е! Аҳмақира бинед!.. Ҳукумат ҳамаро ба тартиб оварда, хуб кори савоб кард... Аммо равнақи гӯштӣ ҳам аз миён рафт. Давраш гузашт. Он хел тӯйҳо ҳам нест, он хел полвонҳо ҳам. Ҷавонҳои ин давр се бор талош кунанд, нафасашон танг мегардад. Ҳамааш аз сигор, аз шароб. Баъзе йигитҳо ба сӣ даромада-надаромада чарбу мебанданд. Одам фарбеҳ, ки шуд, аз вай полвон намебарояд...”

— Маҳкам ист, Тоҳир!

— Ҳа, дастакотба садқа!..

Шӯру садои мардум Комил-полвонро аз банди хаёлот ба худ овард.

Ҳеҷ чашмдошт набуд, ки Тоҳирча Муродро ин қадар хаста мекунад. Аз ҳозирон ин сирро аксаран мутаваҷҷеҳ нагаштанд, аммо мардони гӯштӣ дида мақсади Тоҳирро фаҳмиданд. Вай баро ба замин афтондани ҳарифаш сайъ намекард. Худашро аз ӯ канор гирифта, имконият намедод, ки талош зуд яктарафа гардад. Мурод бошад ҳамвора мекӯшид, ки зудтар ӯро парт кунад. Қасди Тоҳир ҳам ҳамин — ӯро хаста кардан буд, то ки ба дӯсташ, ҳамдеҳааш Сангин роҳату осон шавад. Сангин кайҳо тағйири либос карда, омодагӣ медид.

— Парво накун, Тоҳир, Сангин дар ҳамин ҷо! — фарёд кард кадоме барои ба Тоҳирча дастгирӣ ва рӯҳ бахшидан.

“Чойникҳои чойро дам ба дам бурда мебиёранд, аммо аз дастархон хабаре нест. Ё ба саркор як ишораи бурут карда фаҳмонам-чӣ? Зишт аст охир, мардуми давру бар чӣ мегӯянд? Саркор аз худаш дониста гӯяд, ҳарфи дигар. Ҳавоси вай ҳозир ба гӯштӣ. Мисли ман кулли рӯз ғарам зер кардааст-чӣ?.. Хайр, ҳеҷ гап не, як шаб-дия. Мардум рӯза медоранд-ку! Аз тӯй нарасад, гила накун, гуфтаанд...”

— Мурод, телба нашав!.. — кадоме аз меҳмонон мақсади Тоҳирчаро эҳсос кард магар, ҳамдеҳаашро огоҳ кард.

Қийғоси аҳли маърака баланд гашт. Мурод оқибат Тоҳирчаро ба сари сина бардошту пойи ӯро аз замин канд ва як бор давр гардонду зад. Гӯё замин кӯчида бошад, аз издиҳом наъра бархост:

— Ӯ-ӯҳ!..

— Қандата зан! Мошоллоҳ!..

— Ҳалолат бод! — гуфт Комил-полвон ҳам зери лаб ба таҳсин сар ҷунбонда.

Пирамардони атрофаш ҳам ба таҳсин лаб кушоданд.

— Ҳалол... Ҳалол...

— Беғилу ғаш гӯштӣ гирифтанд!

— Ҳаққи ҳалол!.. Қанд занед!..

Мурод пеш омада радиои инъомиро аз дасти Комил-полвон гирифт. Вай дар ҳолате, ки тунд-тунд нафас мегирифт, чолок онро гирифту бурда ба дасти яке аз наздиконаш дод. Мурод баъди каме ин тараф-он тараф роҳ гашта, тапиши қалбашро паст кардан, рафта дар канори ҳамдеҳагонаш нишаст. Ду нафар ҷавони бӯзбала ба молидани дасту пойи ӯ машғул шуданд. Дигарон ба сӯйи ӯ хам шуда, маслиҳати як марди миёнсолро гӯш мекарданд.

Сангин аз гӯшае оҳиста ба майдон даромаду маърака лаҳзае сокит гашт. Ба назари одами бегона чунин менамуд, ки ӯ гӯё вазъ мегуфта бошаду халқ барои сухани вайро шунидан ором шудаст. Сангин бо кафи даст чашму рӯяшро аз дуду аз гармии оташ панаҳ карда, оҳиста майдонро давр гашт. Ҳар нафаре, ки ӯро бинад ҳам паҳлавон мегуфт. Навча, синафароху камарборик, дасту бозувонаш мисли оҳани тобхӯрда, чеҳракушод — хуллас бо тамоми ҳастиаш мегуфт: паҳлавони ҳақиқӣ манам! Ҳама бо шавқ ба қаду басти ӯ зеҳн монда буданд. Сангин, аз рӯйи одат, давраро чарх заду омада дар рӯ ба рӯйи Комил-полвон дузону нишаст ва аз устоди худ фотиҳа пурсид.

— Ҳаросон нашав, дасти ман не, дасти бобоям, гӯй... Пирон мададгор шаванд... — Комил-полвон даст ба рӯй кашиду лаҳзае ба чашми Сангин нигарист. Баъд ба сӯи ӯ хам шуда, бо овози паст гуфт: — Ба ман нигар, ҳой... аз вай сабилмонда хӯрдагӣ барин менамоӣ... Чӣ ҷин зад ба ту? И-и... Охир масҷид... И-и... Э, пир занад тура...

— Камакак зарар надорад, тағо... Бачаҳо намонданд...

— Номаъқул кардӣ!.. Гӯштина мурдор накун! — Якбора ба шӯр омад Комил-полвон, аммо садояшро баланд накард.

— Э, парво накунед!.. Ҳозир мебинед...

— Гарданат мешиканад! — Гуфт полвон ситезаомез сар ҷунбонда. — Бас, оҳиста аз майдон барою ҷомара каш! — Суханашро аз зиҳи дандон баровварда амр кард ӯ. — Ягон сабаб биёру дафъаи дигар мегирам гӯй ё рӯйирост гӯю мон: камтар шароб нӯшида будам, устодам рухсат надоданд.

— Таваллo мекунам, рухсат диҳед... Маро беобрӯ накунед... — илтиҷо кард Сангин.



— Не, намешавад... Масҷид... — боз мақоли ҳангоми қаҳр мегуфтагиашро ба забон гирифт полвон.

— Хуб гӯед, охир... Мурам ҳам, аз ин намеғалтам... Ман ба номаш лаб тар кардам...

Комил-полвон лаҳзае дудила шуда ба рӯйи шогирди худ нигариста монд. Ин лаҳза мӯйсафедони дар канораш нишаста ба сӯҳбат ҳамроҳ гаштанд:

— Як зарра нӯшида бошад, ҳеҷ гап не, полвон...

— Ҳозир ҳамаи ҷавонҳо мехӯранд...

— Ба гапи ман бовар намекунед? — исрор мекард Сангин.

— Бовар кардан катӣ... — қадре мулоим гашта ғурунгос зад полвон. — Ҳамин ҳам кор шуд!.. Шарм кун...

— Дилпур бошед...

Атрофиён тӯл кашидани гуфтугӯйи устоду шогирдро дида, ба сӯйи онҳо чашми шавқ дӯхта буданд. Сангин барои ба дигарон сир боз накардан лабонашро моил ба табассум намуд. Баъди бо ишораи сар бархез гуфтани устодаш ӯ баланд шуду довталабона майдонро давр зад. Нидоҳои таҳсину офарин баланд шуданд:

— Ҳа, баракалло!..

— Кам нашав, додар!.. Саломат бош!

— А ҷонат гардам, сари моро паст накун!

Комил-полвон гурусна буданашро фаромӯш кард ё худ баъд аз гузаштани вақти муқаррарии хӯрокхӯрӣ иштиҳош кӯр шуда буд. Ҳоло ҳушу хаёлаш ба гӯштӣ. Шаш сол боз ӯ гӯштӣ намегирад. Ҳамсолонаш аз майдон баромаданду вай ҳам ночор гӯштигириро канор гузошт. Бо ҷавонон гӯштигирӣ хуб не. Аммо ҳар боре, ки Сангин ба майдон

дароянд, тамоми узвҳои бадани Комил-полвон ба ларзиш медароянд. Мисле ки ҳозир худаш ба майдон медаромада бошад. Дили одаткарда балои ҷон будаст.

Сангину Мурод — ду тан қавитарин паҳлавонони ин маросим ба ҳам дарафтоданду атроф ба якборагӣ сокит гашт. Фақат чарс-чарскунон сӯхтани кундаҳои бед ва гурс-гурс пойкӯбии паҳлавонон ба гӯш мерасиду бас. Аҳли маъракa нафасашонро ба дарун кашида, саҳнаи асосии гӯштигирии имшабаро тамошо мекарданд. Ин талош аз он ҷиҳат ҳам талоши бағоят муҳим буд, ки ҳар ду паҳлавон ҳам то ҳол аз касе мағлуб нашуда буданд. Ин гуна гӯштиро дидан ва шоҳид будан ба ҳар кас муяссар намешавад ва онҳое, ки гувоҳи мағлубияти паҳлавони пушташ замин налесида буданд, як умр ин воқеаро хотира карда, ба авлодон ҳикоят мегӯянд.

Сангин аз кӯфтагии Мурод истифода кардан хост магар, яку якбора ҳарифи ношиносро хуб наозмуда, ҳамларо шурӯъ кард. Аз ҳуҷумҳои Сангин Мурод саросема шуд. Мардум ба қувваи ҳамдеҳаашон дилпур шуда, ба ғулғула андозӣ ва офарингӯӣ сар карданд. Мурод паҳлавонвор истодагарӣ дошт ва ҳангоми ором шудани ҳарифи худ ду даст ба камари ӯ мунтазири ҳамлаҳои нав нафас рост мекард. Сангин, одатан, чусту чолок ва босуръат гӯштӣ мегирифт. Бинобар ин, ором ва бафурҷа чарх гаштани Мурод ба вай намефорид.

Комил-полвон ҳамлаҳои бебарори шогирдашро мушоҳида карду нафасгирии ноҳамвори ӯро пай бурд ва оҳиста, зери лаб “оббо” гуфту ба афсӯс ба зонуяш шаппотӣ зад. Баъд худ ба худ, аммо ба доварони паҳлӯяш шунаво зери лаб гуфт:

— Нагуфтам, ки арақ кори ина кардагӣ!..

Шиддати ҳамлаҳои Сангин кам-кам паст гашта, ҳоло ду паҳлавон монанди ду барзагови шох ба шох ниҳода, аз миёни якдигар дошта, ором чарх мезаданду фақат аҳён-аҳён ҳамдигарро такон дода мемонданд. Одатан, паҳлавонон ё барои озмудани усули якдигар ва ё ҳангоми монда шудан ин тариқ гӯштӣ мегиранд.

Расул-бобои андовакаш аз ақиб хам шуда, ба гӯши Комил-полвон гуфт:

— Инат аллакай арақшор гашт, ҷиян...

Пирамард пас аз снияе чанд илова кард:

— Худат миёната бастан гир.

— Ман кайҳо бас кардагӣ, тағо.

— Ҳеҷ гап не, дар зарурат... Барои обрӯйи халқамон...

— Рагу пай хунук шудагӣ. Бекора чӣ даркор, — даст афшонд полвон.

Аммо ӯ эҳсос кард, ки дар таҳи дилаш майле ба гӯштӣ ҳасту, аммо забонаш инкор мекунад. Пай бурд, ки аз ақиб, аз паҳлӯ ҳамдеҳагони солдидаю рамузи гӯштигириро мефаҳмидагӣ, ҳоло ба сӯйи вай менигаранд. Паҳлавонон баъди тақрибан бист дақиқа талош кардан ҳар ду ҳам арақшор гаштанду саркор бо иҷозати доварон ба онҳо танаффус дод. Муроду Сангин камарбанди ҳамдигарро сар дода, ҳар яке ба назди тӯдаи худ рафта, дар пеши давра нишастанд.

Комил-полвон хотирпарешон менишаст. Шогирдаш ӯро нописанд кард, ба ҳарфаш гӯш надода, ба гӯштӣ даромад. “Шогирд тарбия карда натавонист”, мегӯяд халқ. Усули гӯштиро ёд додан кам аст, одаму одамгарӣ, ҷавонмардию тандеҳиро ҳам ёд додан даркор. Ҷойи маро гирифт, акнун метавонам бо хаёли роҳат аз майдон бароям, гуфта будам.

Лаънат ба шароб, арақ рагу пояша сӯхтааст... Э-э-э...”

Сангин ба саркор чизе гуфту рафта, сарулибосашро пӯшидан гирифт.

— Наход?! — беихтиёр хитоб кард полвон. — Ҳай, афсӯс... Нотандеҳӣ кард... Расми полвонҳо ин тавр набуд...

— Гап зан, Комил-полвон!.. — Расул-бобо аз қафо заҳрханда кард.

Саркор ба назди доварон омада маслиҳат пурсид:

— Сангин мегӯяд, ки “дуранг”. Тобаш набудааст. Насиб бошад, ягон бори дигар мегирем мегӯяд... Хӯш, шумо чӣ мегӯед? — Вай як-як ба чашми доварон нигарист.

Пирони солманд маънидорона ба чашми якдигар нигариста, сар ҷунбонданду чӣ гуфтанашонро надониста, ба Комил-полвон рӯ оварданд. Полвон ба чашми онҳо нигариста натавонисту сарашро хам кард. Ин дам гӯё ҳама ба вай нигариста мегуфтанд: шогирди ту нотандеҳӣ кард!

— Насиби Муродро диҳед... — гуфт вай чашм аз замин набардошта.

— Хайр, ба Сангин ҳам чизе бидиҳед, — илова кард яке аз мӯйсафедон.

Дигарон дар тасдиқи ин ҳукм сар такон доданду саркор аз ҷояш бархост.

Комил-полвон норозӣ даст афшонду оҳиста худро ақиб кашид ва аз байни мардуми бо ғалоғӯла бархостагӣ гузашта сари хам аз маърака баромада рафт.



***Соли 1975.***

## *БУДУ ШУД — 83-тин!*

Аз маҳаллаи навбунёд истиқоматгоҳ гирифтему бо хонаводаи Бобо-Амон ҳамсоя афтодем. Агарчи хонаи мо дар вурудии ҳаштум ва хонаи панҷутоқаи бобо дар вурудии панҷум воқеъ аст, мо ҳамсояҳои наздик мудом аз ҳоли якдигар бохабарем. Бобо монанди ҳамаи пиронсолон анда ке сергаптар, вале ман одами пурсабрам — саргузаштҳои чандин борҳо аз даҳони пиракӣ шунидаамро агар боз так роран ба гуфтан шурӯъ кунад, дандон ба дандон монда ме шунавам, дилгир буданамро зоҳир намекунам

Лекин вақтҳои охир ин марди куҳансол аз ҳаддаш мегузарад: рӯзҳои шанбеву якшанбе дар хонааш палави хоса пухта маро садо карданаш кам набуд магар, боз рӯзҳои байниҳафта ҳам ба ҳоли худам намемонад: ба хастагиам нигоҳ накарда ба назди меҳмонҳояш даъват мекунад. Чӣ чора, агар дар рафтан андаке таъхир кунам, худи муйсафед ба хона меояду “Як нафас дароед, аз барои иззати меҳмон”, гӯён ба ҳолам намемонад.

Ана, ин шом ҳам аз сари кор хастаю кӯфта омада аз дар ворид шавам, ду бор хабар фиристода, мунтазир будани мӯйсафедро гуфтанд.

— Узр гӯй, аз кор хеле мондаю лакот омадам, — гӯён ба ҳамсарам супориш додаму кафшамро кашида, кулоҳамро ба либосовезак монда, тараддуди шустушӯ доштам, ки дари даромади хона оҳиста роғ шуду аз он нисфи сари писари кенҷаи бобо — Мақсудҷон намоён гашт.

— Ассалом. Амак, додом шуморо интизоранд. Тез биёед будаст.

Навҷавон инро гуфта-нагуфта сарашро аз дар берун кашиду ғайб зад. Фурсати маъзаратгӯӣ ҳам надод. Баночор кафшамро дигар бора пӯшидаму аз дар баромадам. Дар ин хел мавридҳо одам ҳарфе назанад ҳам, аз дилаш чиҳо гузаштанашро кӣ намедонад?! Дар назари баъзе касон зиёфатхурӣ як навъ фароғат аст, подоши бебаҳост, ҳадяест, ки инсон ҳаргиз онро рад намекунад. Аммо барои ман зиёфати бемаврид ҷазо аст, ранҷу заҳмати хелетоқатшикан аст.

Дар сари суфра Бобои Амон бо ҷавонмарди ба тахмин сиюпанҷсолаи мӯяш пеш аз вақт мошу биринҷ ҳамсӯҳбат буд. Ҳарду ба истиқболи ман аз ҷо бархостанд.

— Э-э-э... Наҷунбед, наҷунбед! Безабт нашавед, — гӯё он ҳарду ганҷею ҳамин замон мерехта бошанд, шитобон аввал дасти боборо гирифта вохӯрӣ кардаму сипас ба меҳмон даст додам ва сонияе ба таҳқиқ ӯро аз назар гузарондам. Ҷавони таҳсилкарда, боодоб, аз рафтораш дилпур барин намуд. Ба асари захме, ки дар таҳи манаҳи ман буд, зеҳн монданашро пинҳон кунад ҳам, банда пай бурдам ва ба хулосае омадам, ки ӯ духтур аст. Чунон ки аз назди кӯҳнадӯз гузаред, вай аввал ба поятон чашм медӯзад, духтури ҳақиқиро аз як назар шинохтан мумкин аст.

— Ҳамсояи азиз, ин кас духтур, номашон Абдурашид. Фамилияашон Саидуф, мешудагист-да? А? — Бобо бо табассум ба меҳмон рӯ оварду ба тасдиқи вай нигарон нашуда муаррифиашро идома дод: — Падарашон, раҳматӣ Саидҷони нонвой одами асил буданд. Ҷояшон ҷаннат шавад, марди ҳалол буданд. Мо дар як маҳалла бузург шудем... Э, афсӯс, афсӯс... — мӯйсафед оҳе кашиду бо надомат сар ҷунбонд ва сонияе хомӯш гашт. — Ҳама рафтанд. Ваҳ, ваҳ, ваҳ.... — Вай ба таассуф сар ҷунбонду лаҳзае нигоҳаш ба нуқтае номаъ-

лум андармон гашт. Сипас аз қайди гузашта берун омаду ба мо рӯ овард: — Канӣ, ба нон нигаред. Ана, як пиёла чой, — мӯйсафед аз рӯи одаташ ба пиёла каме чой рехта ба ман дароз кард.

Чойро гирифтаму аз фурсат истифода карда бо меҳмон ҳолҷӯӣ намудам.

— Мулло, ман ба шумо гӯям, ана ҳамин кас духтур, — бобо аз нав лаҷоми суханро ба дасти худ гирифт. — Ҳамту духтур гуфтан кам аст... Рости гап, ман як умр ба духтур ихлос надоштам, аммо Абдурашид аз табибони қадими худамон намемонанд! Ҳа, илоҳо, умрашон дароз шаваду ҳаргиз рӯи камию костиро набинанд, роҳати фарзандонашонро дида, аз касбу корашон барака ёбанд, — дар байни сухан дуо кардан ба Бобо-Амон одат шудааст. — Ба шумо гуфта будам-ку, ба дастам як ҷароҳати фалокат баромада маро хуб ташвиш дод. Э-э, қиссаи саргардонии маро ҳеҷ напурсед!

Бобои Амон саргузашти борҳо ба ман ҳикоят кардаашро боз ба гуфтан сар кард. Ҳарф ба ҳарф, майдатарин ҷузъиётро фаромӯш накарда ҳикоя кардани саргузашташ маро дилгир кунад ҳам, аз рӯи адаб ин ҳиссиёти худро зоҳир намекунам. Масалан, ба Ёвон бо чӣ хел автобус рафту чӣ гуна суроғ карда чойхонаро ёфт, иморати чойхона чӣ гуна буд, кати чӯбинаш чӣ тавр лиққос зада меҷунбид ва баъди фурсате ба назди вай чой оварда монданду чойник кафидагию ними нӯлаш паридагӣ, чойаш чӣ гуна камрангу бемазза ва нонашон обгурехта ва ғайра ва ҳоказо. Ҳамаи ин ба кӣ даркор бошад, ҳеҷ намедонам.

Қисса кӯтоҳ, мухтасари воқеаи мегуфтагии бобо ин аст: соли гузашта ба дасти вай ҷароҳате мебароядд. Шабеҳи аксарияти пирамардони маҳалла бобо ҳам ба чойхона медаро-

яду дар сари чойнӯшӣ аз мӯйсафедони шиносаш маслиҳат мепурсад. “Давои ин барги зуф, — тавсия медиҳад яке. — Кӯфта бандед, ман дидам, шумо надидед, хуб мешавад. Фақат барги зуфро аз ин ҷойҳо не, аз ягон марғзори пок гиред”, — маслиҳат медиҳад он шахс. Баъзеҳо ҷарғул ё забонбараро “зуфтурун”ва “барги зуф” мегӯянд.

Бобо-Амон аз шаҳр берун баромада мераваду аз як марғзори хушалаф, ки ҳанӯз дос нарасида будаст, як халтача гиёҳи забонбара чида меорад. Як ҳафтаи расо ба дасташ онро баста мегардад, вале ҳеҷ аломати шифоёбиро намебинад. Дар ин миён шиносонаш боз як олам маслиҳат медиҳанд. Аксарият мегӯянд, ки ба ҷароҳат қурбоққаро кафонда бандад. Гӯё чандин маризон бо ҳамин усул шифо ёфтаанд. Заҳри қурбоққа ба ҳар як захм дору будаст. Қурбоққаи шаҳру атрофи шаҳр барои доругӣ кор намеомадаст. Бинобар он, бобо ҳамроҳи писари кенҷааш Мақсудҷон ба соҳилҳои Кофарниҳон мераванд.

— Исқотро бо азоби алим дукафон карда ба ҷароҳат гузошта сахт бастам. Э-э, қурбоққа дар дастам қариб бӯй гирифт, аммо ҳеҷ беҳбудӣ надидам, ба муболиға ҳикоя мекард бобо. — Усто-Камол мегӯем, пештар дуредгари гулдаст буд, дар кандакорӣ устухон надошт. Сонитар этаҷсозӣ авҷ гирифту ҳунари вай аз равнақ монд. Ҳозир дар театр саҳнасозӣ мекунад. Ана, ҳамон усто-Камол гуфтанд, ки асали тозаи Ғарму зираи Дарвозро гирифта, аз ҳардуяш қиём тайёр мекунеду, ба ҷароҳат мебандед. “Ҳамин корро кунед, канӣ чӣ сир мебинед?! Асалу зираи бозори мо намешавад...” — таъин карданд.

Ин замон ҳамсари Бобои Амон Ҳикоят-холаи дандонтилло дар табақи сафолӣ палав кашида оварду пирамардро

саргарми гап дида, аз меҳмонон андаке хиҷолат кашид ва ба шавҳари сергапи худ маъломатомез гуфт:

— Ҳой, пиракӣ, камтар ақлу ҳушатонро ба ҷояш биёред, ҳамин гапро чандин бор ба ин касон гуфтед. Э, ҳамин ҳам гап шуд!.. Ба ҳар кас дарду алами худаш кифоя... Охир шумо ҳам мӯйсафедони дигар барин як дам аз гӯру қиёмат гап занед, аз таърих, аз гузаштагон, ҳикоят кунед, аз уболу савоби дунё насиҳат...

— Э, мон-е! — даст афшонд пирамард. — Ман як ҷояшро нагуфтаам, ана, ҳамонро гуфтанӣ будам... — Худашро сафед кард Бобои Амон. Баъд ба мо рӯ овард: — Канӣ, меҳмонҳои азиз, ба дастархон наздиктар шинед, равғанаш начакад. Бай-бай-бай, худаш ҳам палавхонтӯра шудаст-да! Ҳа, воқеан, байташ чӣ буд? — бобо ин бор ба ман рӯ овард.

— Ба нимрӯзӣ агар бошад бисоторо палав хонро...

— Ҳа-ҳа, ба нимрӯзӣ агар бошад бисоторо палавхонро... — мисраи дуюми шеър боз ба ёди пиракӣ нарасиду дасташ ба гӯштпоракунӣ банд ба рӯи ман хира шуд.

— Фурӯғи лангари ҳайрон кунад хуршеди тобонро! — хитоб кардам ман ва бобо филфавр онро онро аз сари шавқ такрор кард.

Ин дафъа “палавхон” - и ӯро ислоҳ накардам. Ҳар бор таъкид мекунам, ки “хон” ба маънии дастархон аст, аммо мӯйсафед боз онро ба палав нисбат медиҳад. Шояд, бобо бар асари пирӣ хеле фаромӯшхотир шудаст. Бале, гапи кори айёми бачагию ҷавонӣ, мӯ ба мӯ дар хотир, вале воқеаҳои солҳои охирро ба сахтӣ ба ёд меоварад. Хусусан,ки ҳамин як байт шеър ва номи як доруе, ки ин духтури ҷавон ба мӯйсафед навишта додааст, ҳеҷ дар ёдаш намемонад ва ӯ ҳар боре байтро аз ману номи доруро аз ҳамсараш мепурсад.

— Канӣ, ба ош нигаред! Ҳа, сар кардем. Гиред писарам... Ҳа, ҳамсоя... Табақи чинӣ шикасту бетабақ... Рӯзамон ба ҳамин сафол монд, — ошро хӯрдаравон шарҳ дод бобо.

— Ҳеҷ гап не, дар сафол ош хӯрдан савоб мегӯянд, — гуфтам ман.

— Суханатон ҳақ асту рост, писарам. Ба савоби ин ҳеҷ чиз баробар намешавад.

— Албатта, агар табақи чинӣ ёфт нашавад, дар табақи чӯбин ош хӯрдан ҳам савоб, — ҳазломез сухан кард меҳмон.

— Косаю табақи чинӣ чк даҳ сол боз нест шуд. Хайр, садқаи сар мегуфтем. Аммо чучмаи чӯбин барои чӣ гум шуда? На дар даст меёбед, на дар дӯкон. Ё мегум ҳамин ҳам кори ягон душман будаст-чӣ? — аз рӯи одати одамони солҳои аввали инқилоб бобои Амон ҳам сабаби ҳар як ҳодисаро ба душманони берунию дохилӣ ҳамл мекард ва услуби гуфтугӯи ҳамон давраҳоро ҳеҷ фаромӯш наменамуд.

Ман ба аломати намедонам китф дарҳам кашидам.

— Ба ҳамон усто-Камол фармудам, се-чорта чумча тарошида медиҳам гуфт, — суханашро идома дод бобо. — Чумчаи аллюмин кати мурам ҳам хӯрок хӯрда наметавонам. Чумчаи чӯбин солҳои баъди ҷанг ҳам таҳи пою рӯи по буда! Тухмаша малах хӯрд ё зовудаҳ сӯхт?

Ҳар се "ҳа, гиред, ҳа, гиред" — гӯён як пайт ошхӯрӣ кардему андаке шастамон гашта буд, ки бобо моҷарои захмашро боз идома дод. Вай шитоб накарда ошро лунда карда ба даҳонаш меандохту бафурҷа мехоид ва дар баробари ошхӯрӣ, гоҳ ба яке, гоҳ ба дигаре нигариста, чунон сухан мегуфт, ки гӯё ягон даъвоеро ба мо тасдиқ мекунонда бошад.

— Хӯш, ки бошад, сонӣ ин гапро шунидаму як рӯзи шанбе, саҳар кати ношто кардам, либоси гарм пӯшидам,

(тирамоҳрӯя буд), ба хонавода гуфтам, ки...

Агар ин саргузаштро аз забони Бобои Амон айнан биоварам, метарсам, ки таноби сухан хеле тӯлонӣ мешаваду хонандагони азиз дилгир мешаванд, бинобар он нақлаш ҷоиз аст. Хулласи ин ҳодиса ин аст, ки мӯйсафед асали тозаю зираи холис кофта ба тарафи Ғарм меравад. Заҳмати зиёде кашида он давоҷотро ёфта меорад, вале аз он ҳам шифо намеёбад. Яке мегӯяд, ки ба ин ҷароҳат гӯшти кӯрмуш дору, дигаре талқин мекунад, ки пӯсти хорпуштакро канда гармогарм ба захм бандад. Аз байни ин даъвоҷот, аз чӣ бошад, ки шифобахшии шири шутур ба бобо боварибахш менамояд. Ба қавли худи мӯйсафед ду-се одами корафтода ба вай инро маслиҳатро медиҳанд. "Пеши табиб нарав, пеши корафтода рав", — гӯён бобо сабаби эътимодашро ба ин дастурамал асоснок мекард. Аҷаб не, ҳоло камёб будани шутур бештар боборо ба шифобахшии шири он водор карда бошад. Дар ҷустуҷӯи шири шутур ба Ёвон сафар кардани бобо, азобу аъзияти роҳ, чанде хизмати шутурбонро анҷом намуданаш қиссаи дуру дарозест. Аз ҳама таассуфангез ба бобо ҳамин буд, ки шутурбони нокас ӯро бовар кунондааст, ки аз шири шутур дида пешоби он бештар дору аст. Пирамард борҳо ба пешоби он ҳайвон даст шуста, ду шишаашро ба хона ҳам мебиёрад.

— Як соли дароз, ба шумо дурӯғ, ба Худо рост, аз ҳама кору бор мондам. Агар ба дард гирифтор шавед, ҳеҷ чиз ба чашматон наменамудаст — на кору бор, хонаю зиндагӣ, — хулоса мебаровард бобои Амон. — Калон-калон ош гиред, Абдурашид, шумо ҳам ҳамсоя... Баъди инқилоб, ман ба шумоён гӯям, гап дар ҳамин ҷо монад, — овозашро пасттар

карда аз боби дигар сухан сар кард бобои Амон, — инаш — бой, инаш — мулло гӯён хеле одамони асилро ҳам аз даст дода будем. Пареруз дар чойхона аз хусуси як табиб ҳикоя карданд, ҳайрон мондам. Агар он табибҳо зинда мебуданд... Афсӯс, акнун ба нохунашон зор мешавему намеёбем.

— Қиссаи мор хӯрданатонро нагуфтед-ку? — ҳарчанд ки медонам бобо ин ҷузъи саргузашташро ҳаргиз фаромӯш намекунад, ӯро аз қайди хотироти нохуш берун овардан хостам.

— Ҳозир-ҳозир... Калон-калон, гӯшташ катӣ гиред... Бай-бай, аҷаб ош шудаст-да! — гуфт ӯ зоҳиран ба ҳамсараш шунавонда, ки дар хонаи дигар ҳамроҳи фарзандон буд. — Дастат дард набинад, занак" — гуфт вай бо овози баланд. — Худам таъриф накунам, аз шумоён садо намебарод, — сипас шарҳ дод: — Ошро хӯрда, ошпазро ситоиш накунед, дилаш ганда мешавад.

— Оши болаззат, — гуфт меҳмон.

— Янгаам ошпази моҳир, — ман ҳам ҳамовозӣ кардам.

Бобои Амон қиссаи морхӯриашро баъди ошро хӯрдан, дар сари чойи сабз ҳикоя кард.

— Билоохира дорую дармони наозмуда намонд, гӯям, иштибоҳ намешудагист. Як ошнои носфурӯш дорам... — Маънидорона ба ҳамдигар нигаристани ману меҳмонро пай бурду мӯйсафед бо табассум шарҳ дод: — Мегуфтагистед, ки ошноҳои ин одам ҳамааш бангию ҳангӣ будаст?! А? Не-е! — бо саволаш боз худаш ҷавоб дод. — Ин ошнои носфурӯш гуфтагем пештар, солҳои ҷанг, баъди ҷанг носфурушӣ мекард. Кайҳо аз баҳри ин касбу кор баромада бошад ҳам, номи носфурӯшӣ ба вай часпида монд. Агар Дӯсталӣ гӯед,

ҳеҷ кас намедонад. Дӯсталии носфурӯш ба ҳама маълум. Ҳоло нигаҳбони анбори чӯбу тахта. Нафақа ҳам мегирад. Хӯш, ҳамон Дӯсталии носфурӯш рӯзе гуфт, ки як дору гӯям, мекунӣ? Гуфтам, ки зудтар гӯй, агар захр бошад ҳам мехӯрам, теғ бошад ҳам худамро ба он мезанам. "Давои ин дардат кӯрмор аст. Кӯрмор ёфта хӯр". "Кӯрморро аз куҷо меёбанд?", гӯям, гуфт: "Деҳқонҳо ба бозор меоянд-ку, аз ҳамонҳо суроғ кун. Сад сӯм медиҳам гӯй, баъзе одам кӯрмор як тараф истад, аждаҳоро дошта мебиёрад!"

Қисса кӯтоҳ, як марди ангурфурӯш як мори каланд-даста баринро оварда медиҳаду ҳафтоду панҷ сӯми боборо мегирад. Пири аз дарду шиканҷа ба дод омада хоҳу ноҳоҳ, бо чӣ машаққат морро шӯрбо пухта мехӯрад. Боз беъталси-ру бенатиҷа. Пас аз ин бобо ба қисматаш тан медиҳаду дигар ба ҳеҷ кас аз бобати дардаш даҳон намекушояд.

Рӯзе аз рӯзҳо ба маҳаллаи қаблии худ ба таъзияи як нафар дӯсташ мераваду бо дасти ҷароҳатнок вохӯрӣ кардан-ро ба худ эб надида, бо шиносҳо ба тарзи шифоҳӣ салом мекунад. Дарҳол шибир-шибир, дар байни ҳозирон пичир-пичир мешаваду хабари ҷарошати дасти Бобои Амон ба гӯши духтур Абдурашид ҳам мерасад. Ҳангоми аз таъзия-хона баромадан Абдурашид ба бобо ҳамроҳ мешаваду дар роҳ гӯё дар омади гап аз ҷароҳати дасти мӯйсафед пурсон мешавад ва кушода мебинаду ба рӯйи як тикка коғаз номи доруеро навишта медиҳад.

— Ҳой, очаи бачаҳо! — садо дод Бобо-Амон. — Мақсуд-ҷон, очаатро гӯй. — Баъди он ки ҳамсараш дар таҳи дар пай-до шуд, бобо таъинот дод: — Асбоби дорузаниро тайёр кун.

— Аҷаб мекунад! — гуфт зан бо алам хитобан ба шав-

ҳараш. — Сад бор ба шумо гуфтам... Ош намефорад, нахӯред, духтур ҳам нахӯред гуфтагӣ...

— Э, одам мурад ҳам, ошро хӯрда мурад-да! — бобо қоҳ-қоҳ зада хандид. — Устухони ман оши палав катӣ сахт шудагӣ бошад, ман чӣ кор кунам? Чӣ хел намехӯрдаам?! Солҳои қаҳтии ҷанг худамро ба теғу табар мезадам, ҷояш ояд нисфи нонамро мефурӯхтаму моҳе як бор палави равғанин мехӯрдам.

— Диабети қанд? — пурсид духтур ва ҷавоби тасдиқро гирифта, ба аломати таассуф сар ҷунбонд.

— Баъди он, ки аз доруи шумо шифо ёфтам, — ба духтур рӯ оварда сухан сар кард пирамард, — ба духтурҳо ихлосам баланд шуд. Касали қанд шудам, ба духтур рафтам, хӯш, ки бошад, ана, худам дорузаниро ёд гирифтам... Ҳа, воқеан, сари суханам чӣ буд? Ҳа-ҳа, оқибат ҷароҳати дастам аз чӣ шифо ёфт гӯед? Ҳой, оча! — Бобо боз ҳамсарашро ҷеғ зад.

— Асбобатон тайёр. Боз чӣ мегӯед? — зан боз ба остонаи дар омаду ба бобо маломатомез менигарист.

— Э, ҳамон доруи 83 - тина чӣ ном дошт?

— Ким-чӣ золон буд, — ин бор номи доруро ҳамсари бобо ҳам ба хотир оварда натавонист.

— Ҳа-ҳа, золун, золун, — сухани ҳамсарашро тайид кард мӯйсафед.

— Депрозолон, — духтур хандиду сухани онҳоро ислоҳ кард.

Ман аз ханда худдорӣ карда натавонистам. Бобо фаромӯш кард, ки духтури ҳамон доруро навишта додагӣ дар паҳлӯяш нишастааст. Пирамард аз рӯйи одаташ, дар

ҳузури духтур ҳам беихтиёр номи доруро боз аз ҳамсараш пурсид.

— Ана, ҳамон золон-да, — 83-тин, 83 тин! Се бор молидам, ту дидӣ, ман надидам, ҷароҳат нест шуду рафт. Буду шуд — 83-тин-а! — Баъд гӯё розеро боз карда бошад, ғолибона ба рӯйи ману духтур нигариста гирифт. Мӯйсафед лаҳзае хомӯш монд ва баъд оҳиста ба оҳанги дигар гуфт: — Ин не, он не, дасти Абдурашидҷон сабук будаст, — пирамард бо миннатдорӣ ба китфи духтур зад. — Илоҳо, дастатон дард набинад, хок гиред, зар шавад.

Бобои Амоне, ки ба қарибиҳо машғулияти одамонро бо илми тибб кори ҷиддӣ намеҳисобид, ҳоло писари дӯсти марҳумаш — духтур Абдурашидро ҷавони баркамол ва ҳунарманд мешумурд.

***Соли 1979.***

## *ЯК РӮЗ НЕ, ЯК РӮЗ...*

Азим аз хоб чашм боз карду ба соати дастиаш нигарист, аммо вақтро мутаваҷҷеҳ нагашта, чашмони сурхшудаашро молид. Соат аз зарбу лати зиндагии нооромиӯ зиёда фарсуда гашта, шишааш дарзхӯрдаву чирку ғубор гирифта буд ва кас зуд фаҳмида наметавонист, ки рақамаш куҷо асту ақрабакҳояш куҷост. Шояд ба сабаби ҳамин кӯҳнагиву фарсудагӣ соат то ҳол дар дасти ӯ мондааст. Азим онро борҳо ба ягон шиша шароб иваз карданӣ шуд, ба гарав мондан хост, фурухтанӣ шуд, аммо ҳама аз он рӯй мегардонданд. “Ма, даҳ тинро гиру ба мошин савор шуда, вокзал рав. Ба касе нишон надода, онро зери чархи паравоз мон”, ё худ “ба осорхона бар, осори атиқа гӯён харида мегиранд”, гуфта масхара мекарданд.

Азим чашмонашро молида-молида хеле вақт зеҳн монда фаҳмид, ки соат наздики ёздаҳ. Вай аввал ба ташвиш омад, вале баъди он, ки лаҳзае андешид, рӯзи истироҳат буданашро ба хотир оварда ором шуд. Аз таъсири шароби шабина сараш дард мекард, ташнагӣ дилу ҷигарашро месӯхт. Ӯ оҳиста аз тахти хоб бархост. Пружинаҳои тахти хоб ғиҷир-рос зада, аз куҷояш садои ҳуштак баромад. Азим калавида-калавида ба ошпазхона рафт. Бо дастони ларзон дӯлчаро пур карда, об нӯшиду қафасаи синаашро дошта, озурдаву бедимоғ, оҳу воҳ кунон боз омада, ба тахти хоб дароз кашид. Ҳолати таҳаввул дошта мехост хӯрдаашро қайъ кунад ва сараш аз дард каме монда буд, ки торс кафад. Баъзан дар назараш тамоми хона гӯё чарх зада, зеру забар мешуд.

Азим дирӯз баъди кор ба куҷо рафт, бо кӣ нишаста нӯшид, чӣ замоне ба хона омад, ба хотир оварданӣ шуд, аммо

ҳеҷ чизро ёд надошт. Вақтҳои охир ӯ тез-тез ба ин ҳол гирифтор мешуд. Қаблан баъзе шаробхӯрҳо ҳамин хел гӯянд, Азим бовар намекард. Гапи бекора, мегуфт, одами маст кори кардаашу сухани гуфтаашро медонад. Ӯ бо чашмони нимпӯш муддате фикру хаёл карду баъд аз ҷояш бархоста, шароби шишаи рӯи мизро ба стакан холӣ кард. Стакан нима пасттар шуд. Шишаи холиро обгардон карду ба болои он рехта нӯшид. Сипас, як нафаси амиқ гирифту рӯи тахташ нишаст. Нишасту чашмаш ба акси дар девор будаи писараш Мӯҳсин афтод. Ин акс ягона ороиши утоқ буд. Мизи мудаввар, ду курсии фарсудаву чиркин, дивани доғ-доғи берӯйпӯш, зери по як шоли кӯҳнаи рангпарида — ҳама ба Азим кароҳатангез намояд ҳам, ин акс ҳамеша ӯро ба хаёлҳои ширин мебурд, дар зулмоти рӯзгораш монанди нури умеде ба вай қуввату илҳом мебахшид. Акси кӯдак қадру эътибори гумшуда ва ҳаловати рӯзгори осудаву муҳаббати ширини ӯро бо зану фарзанд ба ёдаш меовард. Писарак аз акс бо ҳайрат ба ӯ менигарист. Дар қаъри чашмони ӯ гӯё ғаме ниҳон аст. Аслан, Мӯҳсин дар ин акс танҳо не, ҳамроҳи модараш буду Азим баъди он, ки ҳамсараш ӯро тарк кард, акси ӯро бо қайчӣ бурида партофт. Мегӯянд, ки писараш кайҳо мактабрав шудааст. Азим то ҳол Мӯҳсинро диданӣ нарафт, бар қасди занаш нарафт. Пазмон шуд, аммо дандон ба дандон ниҳода сабру таҳаммул карду нарафт. “Зайнаб бидонад, ки аз рафтану ҷудоии вай ғам намехӯрам, — мегуфт вай. — Сарам амон бошад... Мӯҳсин калон шавад, ҳатман дада гуфта меояд, як рӯз, не, як рӯз мефаҳмад, ки модари мӯлтониаш маро ба ҳамин аҳвол расонд. Ман каму беш арақ нӯшам ҳам, дар радифи дигарон будам. Ба ҳарфҳои касе даромада, аҳмақ шуду баромада рафт. Мардум тамошо карданӣ буданд.

Писарам мефаҳмад, рӯзе худаш маро кофта меояд. Агар наояд... Хайр, садақаи сар”.

Азим баъзан мудиромили қаблиро, баъзан ҳамсараш Зайнабро сабаби бадбахтии худ медонист. Дар ин бобат ӯ “далелҳо” дошт. Баъзан ба ягон улфати дилхоҳаш аз хусуси занаш ҳасрат карда, ғубори дилашро мебаровард: “...аввал дар хона хархаша бардошта безор мекард. Сонӣ рафта, бо улфатҳоям даъво карда, обрӯямро рехт, — воқеаҳои гузаштаро такроран ба ёд меовард. — Ин ҳам кам набуд, ки рафта бо мудир ҳамоҳанг карда, музди корамро мегирифтагӣ шуд. Хушрӯ-дия, як бор абрӯ парронда бошад, мудир ҳам қабул кардагӣ. Ҳадди ақал, боре садо карда, аз худам мепурсид, сахт намерасид. Ин ҳам дарди бахайр, бо мудир забон як карда, маро иҷборан, барои муолиҷа дар бемористон бистарӣ карданд. Аз дасти вай дар ҷиннихона (бемористони бемориҳои рӯҳӣ), қатори девонагон хоб кардам. Табобат мекардааст! Доруҳояшонро ба даҳон андохта, хӯрдам мегуфтаму ҳамон лаҳзае, ки парастор рафт, аз зери забон бароварда, мепартофтам. Лекин баъди он табобат хеле вақт нанӯшидам. Ман баъзеҳо барин не, агар нахоҳам, наменӯшам, ба даҳан намегирам!.. Аз бемористон баромада нигарам, ёру ошноҳо аз ман худашонро дур мегиранд. Ҳим-м! Афтодагӣ ба лағҷидагӣ механдад! Ба ҳамон ҳоли зор боз аз ошноӣ ва гаштан бо мо хиҷолат мекашанд. Чунон алам кард, ки ду-се ҳафта шароб ба даҳан нагирифтам. Пас аз анҷом шудани соати корӣ, нӯшида истодани мардумро набинам гуфта, ба ҳеҷ ҷо нигоҳ накарда, рост ба хона меомадам. Дар ҷайб ду-се танга барои кирояи мошин мегирифтаму халос. Ҳамон рӯзе, ки музди кор гирифтем, то поёни кор ба як азобе истодам. Дар кисаам пул нею гӯё алав буд. Коля-амак бо Ҳаким-

ча гузаштаравон ба якдигар чашмакӣ зада: “Читу, ҳоло ҳам парҳезӣ? Маҳкам ист, Худо худаш сабр диҳад”, гуфта рафтанд. Дӯстони қадимӣ ҳастем-да. “Задан даркор, — мегӯяд Коля-амак — аммо ҳадду андозаашро дон”. Комилан ҳарфаш дуруст, худаш рӯзе нест, ки нанӯшад, аммо ҳеҷ балое намезанад. Андозаашро медонад-дия! Мегӯяд, ки агар миси корам мебаромадагӣ шуд, оҳиста аризаи дода, аз кор мерава... Аммо ман ба кори дигар рафта наметавонам. Роҳбарият ба кори аз ин ҳам пасттар мефурорад, Иттифоқи касаба боз “бори охир” огоҳӣ медиҳад. Хайр-дия!.. Ҳамаи ҳамин аз касофати зан, — хулоса мебароварад ӯ, — ман зан нагирифта, бало гирифтам. Бар қасди вай менӯшам. Агар ба хубӣ мегуфт, ман ҳам инсон-ку! Эҳ, ҳоло ба ман баробар мешудагӣ одам набуд. Курсии мулоими сармуҳандис аз они ман буд. Ҷалолзода ба мусофират ё маъмурият рафта монад, вазифаашро ман адо медодам. Акнун чӣ, бо мадраки муҳандисӣ, қатори таҳсилнокарда кор мекунам! Аслан, агар дар корхона нописандӣ намекарданд, шаробхӯрӣ намекардам. Ҳа, аввалин бор ҳамон рӯзе, ки мудирро танқид кардаму сонӣ дар ҷавобаш худи маро муттаҳам карданд, маст шудам-дия. Аламамро аз арақ гирифтам... Рӯз нишон надодандам-е!.. Сонӣ чӣ хел арақ намехурӣ?!”

Ногаҳон модараш ба ёди Азим расиду ҳайрон шуд, ки чаро кампир сокит аст. “То чоштгоҳ хоб намерафт-ку? Тобпобаш гурехт-чӣ? Не-е, ҷин зад-чӣ, дирӯз аз бемористон “таъмир” шуда омад-ку...” Ба хотири Азим хоби шаб дидааш расид. Хоб дид, ки падараш даромада омадаанду ба тарафи Азим хандида, аз болояш бистарашро гирифта рафтаанд. “Тавба, таъбири ин хоб чӣ бошад? Дар хоб мурда агар чизе диҳад нағз, аммо чизе бигирад — хосияташ нест, мегуф-

танд. Ё ин хоби парешон бошад? Хоби парешон таъбир надорад, мегӯянд. Сабил, вақтҳои охир хоби дидаамро аз бедорӣ фарқ карда наметавонам. Гоҳе ягон воқеа ба ёдам мерасаду ҳайрон мемонам, ки он дар бедориам рӯй дода буд, ё дар хоб дидаам. Ку, таъбири хобамро аз модар пурсам... Кампир бедор нашудааст... Чӣ воқеа рӯй дод?..”

Дили Азим ғаш карду беихтиёр аз ҷояш бархоста, калавида-калавида ба ҳуҷраи модар гузашт. Ӯ дарро кушода, ба дарун қадаме гузошту ҷо ба ҷо шах шуду монд. Дар аввал ба ҳукми гумони худ бошад, ё ягон ҳиссиёти дигаре ба рӯйи модар дурусттар зеҳн монда нанигаристу, дар таҳи дар истод. Сари модар аз болин ба як тараф афтода, рангаш зарду кабудчатоб гаштааст. Як дасташ аз кӯрпа берун чумчаи алюминиро сахт фишурда буд. Дар тори сараш косаи тунука. Суханони модар ба хотираш расид, ки чанд рӯз пеш мегуфт: “Одами пирам, писарам, ба як пуф маътал. Ногаҳон шаб ҳолам бад шавад, чумчаро ба коса зада, туро бохабар мекунам. Ҳушёр хоб кун”.

Азим кам-кам ба рӯйи заъфарони модар, дастони беҷон афтодаву андоми оромаш зеҳн монда, нишонаҳои аз овони кудакӣ азиз ва маҳбуби худро дарёфт. Вай акнун дид, ки чашмони модараш чуқур ғӯтида, вуҷудаш пусту устухон, мӯяш сап-сафед шудааст. Чаро ӯ инро қаблан надид? Модар гӯё хобида буд. Ногаҳон Азим аз ин хоби гарон дигар бедор нашудани ӯро ба ёд оварду вуҷудаш ларзид.

“Кампир медонистааст, ҳис мекардааст. Агар надонад, намегуфт: “Натарс, ба ҳалқам об чаккон, пахтаро ба об зада лабамро тар карда ист, калима гардон...” Модари бечораам, ҳар рӯз борҳо мегуфт-а, ба деҳа бибарам. Аз гуфтан хаста гашта буд. Беҳуда ин қадар бетоқат набудааст. Чаро ман бе-

парво шудам?.. Лаънатӣ, пул... кирояпулӣ даркор буд. Бечора модаракам раҳкиро дошт. Не, гуноҳи худам шуд. Чанд бор ба дастам пул афтод, нест ҳам шуд... Дирӯз насиҳат мекард: "Арақ нахӯр, ин чизи касофат, аз он на тани сиҳат мемонаду на ақлу ҳуш, хонавайронкун аст. Агар ту арақхӯриро напартоӣ, ман дар он дунё ҳам осуда намешавам... Эҳ, аҳволатро дида, дилам хун мешавад. Ҳамин қадар гуфтам, ба деҳа биё, наомадӣ. Мард дар ҷое, ки даркор аст, азиз. Рав, чароғи манзили падаратро равшан кун, арвоҳаш шод мешавад... Ба чӣ умеду орзуҳо туро ба воя расонидам! Намедонам, ба ту чӣ ҷин зад? Худо нахоҳад, раваду ягон кору ҳоле шавад, ҳеҷ ташвиш накаш, рафта ба масҷид хабар кун. Ҳамин хел шуд, гӯй, писарам. Ба Мӯҳсинҷону келин ҳам хабар фирист. Мӯҳсин додарат барин, қоматаш тақрибан ҳам қади туст. Камарбанд баста, ба дасташ асо гирифта, "бибӣ" гӯяд. Зиндагии гул барин занро хазон кардӣ". Модар аз ман пинҳонӣ рафта, келину набераашро дида меомад. Ҳим-м... Вай васият карда будаасту мани гаранг нафаҳмидаам, нагуфтам, ки чаро ин хел мегӯӣ".

Азим мехост бигиряд, аммо чашмонаш ҳатто нам нашуд. Зарбу лати зиндагӣ ӯро чунон кӯфта карда буд, ки акнун сангдил шуда, дигар ба ҳеҷ дарде гириста наметавонист. Гиря кардан ҳам монанди хандаҳои беғубори кӯдакӣ камкам аз хотир мерафтааст. Гириста тавонистан ҳам хушбахтӣ будааст. Одам гиря кунад, рӯҳаш сабук мешавад.

Азим аз ҳуҷраи модар оҳиста баромаду даравшро пӯшид. Дасту рӯяшро гурбашӯ карду зуд бо сачоқ хушк кард. Чӣ кор кунад, ба ҳамсояҳо хабар диҳад, шояд маслиҳат диҳанд? Боз суханони модар ба хотири Азим расид, ки мегуфт: "Халқ акнун бе меҳру шафоат шудагӣ. Ҳамсояҳои дар ба дар

мисли бегона. Рӯзе борҳо чашм ба чашм, рӯ ба рӯ мешавем, на салом, на алейк. Хок кашад! Ҳоло ҳам дӯстиву рафоқату хайру барака дар ҷойи худамон будаст. Ба тӯят то худат рафта хабар накунӣ, намеоянд, аммо ба сарат ғаму ташвиш афтад, ҳамон лаҳза напурсида, аз дарат медароянд...”

Азим сару либосашро пӯшида, саргаранг ба курсӣ нишасту ду-се бор “тавба” гуфта монд. Ӯ чӣ кор карданашро намедонист. Бори аввал зиндагӣ ӯро имтиҳон мекард, пайванди ӯро бо одаму олам месанҷид. Бори аввал ӯ аз робитаи худ бо мардум меандешид: “Дар ин шаҳр хешу табор надошта бошам, ёру ҷӯраҳо кайҳо боз аз ман гурехта мегарданд... Уф-ф... Ҳоло бе шароб каллаам сарфаҳм намерафтагӣ барин...” Азим ҷайби пидҷакашро як ба як чаппаву роста карда кофт, аммо ғайр аз ду-се тангаи зард дигар чизе наёфт. Ба хотираш расид, ки дирӯз дар кисааш қариб понздаҳ сӯм пул буд. “Нӯшида, ҷое афтондаам, ё “ҷӯраҳо” чойпулӣ гуфта афшонда гирифтаанд. (Ӯ “ҷӯраҳо” гуфта, навбатдорони ҳушёрхонаро дар назар дошт). Шербачаҳо шаб ҷайбҳоро то таҳ тоза мекунанду раисашон наомада, гум шав, мегӯянд. Аз худашон понздаҳ-бист тин раҳкиро гирифта, ба хона меоям”.

Азим сарашро болои миз ба рӯйи дастонаш ниҳода, хеле вақт беҳиссу беҳаракат монд. Дар сараш фикре набуд, қалбаш оҳиста тапиш дошт, тамоми вуҷудаш ба як ҳолати карахтӣ афтода буд. Ҷисми заифи ӯ ҳоло ба ин зарбаи зиндагӣ тоб наоварда, карахтиро сипар карда буд.

— Дар хона ҳеҷ чиз нест, то фурӯшам, — гуфт ӯ беихтиёр овоз бароварда.

Баъд чизе ба ёдаш расиду бо қатъият аз ҷо хест. “Модар раҳкирояшро ҷамъ карда баста, эҳтиёт карда мегашт. Акнун раҳкиро ҳам даркор не... Аздусар ин даҳ-

понздаҳ сӯми вай мушкили ман ҳал намешавад... Ё ба пули модар даст нарасонам? Наход, илоҷи дигар набошад?”

Азим паёпай ду стакан шаробро дам кашиду як нафаси чуқур гирифта қоматашро рост кард, дастонашро ба ду тараф дароз карда хамёза кашид, баъд аз ҷайби шалвораш як қуттӣ сигори пачақшудаи “Помир”-ро бароварда, як дона даргиронд. Ӯ фикр мекарду сигор дар байни ангуштонаш сӯхта ба охир мерасид. Чӣ кор кунад, аз кӣ маслиҳат пурсад, кӣ ба вай роҳ нишон медиҳад? Азим дар халли кори худ ҳайрон монда буд. Баъд вай рафта аз чойдон ба кафаш қадре чойи сабз рехту онро ба даҳон андохта монанди чорпое, ки кавша мекунад, бо ҳавсала хоид.

— Тамом. Шутур дидӣ, не! — вай худро тассалӣ доду сараввал табассум кард. — Кӣ ҳамин шароба чизи ганда мегӯяд? Фақат аҳмақ ганда мегӯяд! Ин мӯъҷиза... Оби ҳаёт... — Азим тарона крдан хост, аммо якбора марги модар ба ёдаш расиду аз шасташ гашт.

Баъд, вай аз хона баромаду аввал дари ҳамсояи рӯ ба рӯяшро кӯфт. Дарро кӯфту ба ёдаш омад, ки ҳамсояааш — Раъно, ӯро ҳеҷ хуш намекунад. Порсол камтар сурху сафед шуда буданд. Шабе ошнояш омаду ду кас айш карданд, кабоб, шароб буд, каме намак лозим шуд, Азим дари Раънохонро кӯфт. Шабона шавҳараш дар хона набошад, ин қадар тарсидани ин занро чӣ донад? Худаш танҳо ҳам не, бо писарчаи шашсолааш буд. Дар ҷавоби тақ-тақи вай дар хона тақар-туқур сар шуд. Азим истод-истоду рафта, дари ҳамсояи дигарро кӯфт.

Субҳи рӯзи дигар Раънохон ба ҳамсояҳо шикоят кар-

дааст, ки одами ношинос нимашаб дари ӯро кӯфту вай аз тарс қариб гурдакаф шуд. Гӯё он нафари “шубҳанок” тамоми шаб аз таҳи дару тирезаи ӯ дур нарафтааст. “Хайрият, тирезаҳо панҷараи оҳанӣ доранд, — гуфтааст ӯ, — ба ақиби дар мизро тамба карда, то саҳар бедор нишаста баромадам”. Занакии беақл... Аз табақаи дуввум, ҳамсари муаллим гуфтааст, ки вай ҳамсояатон Азим, дари моро ҳам кӯфт, намак пурсид. Амакатон бароварда доданду ҷанг карданд, ки ин хел нисфишаб одамонро безобита накунад...” Ана, аз ҳамон воқеа инҷониб табъи латифи Раънохон коҳидагӣ. Саломи алекро ҳам бас карданд. Салом гӯям, рӯяшонро ба тарафи дигар гардонда мегурезанд. Садақаи сар, гуфтаму ман ҳам саломи алекро бас кардам. Хайр, имрӯзҳо шавҳарашон дар хона-ку.

Дарро шавҳари Раъно — Нозим Ғайбуллоевич кушод. Вай ҷавонмарди сию панҷ-сию шашсолаи миёнқад, фарбеҳ, нисбат ба синну солаш зиёда ҷиддинамо ва калонгир буд. Ӯ ҷомаи рахрахи сарупоӣ дар китф, дарро боз карда, саволомез ба Азим нигарист.

— Ҳамсоя, ҳамин шаб... момо... модари мо... а-а-а-аз дунё гузаштанд, — Азим ба рӯйи ҳамсояаш нигоҳ накарда, канда-канда гап мезад. — Ба қарибӣ додарзодааш аз деҳа оварда монда буд... Ногаҳонӣ... Шумо намедонед...Чӣ кор кардан даркор?..

Азим ҳоло Азими пештара набуд: сархам ва пакар, садояш ҳам дигаргун — маъюс ва дарднок ба гӯш мерасид, аммо дарднокии овози ӯ сохта буд. Касе, ки ба овози одамон бодиққат гӯш медиҳад, аз байни ҳазорон садои гуфтугӯ, овози шахси мусибатзадаро фарқ мекунад. Овози шахси мусибатзада ба садои косаи чинии дарзхӯрда монанд аст.

Мардум косаи шикастаро аз садояш зуд фарқ мекунанд, аммо садои қалби шикастаи якдигарро на ҳамеша зуд пай мебаранд.

— Э, афсӯс, бечора... Нағз нашудааст-дия... — Нозим Ғайбуллоевич нобоварона ба рӯи Азим нигаристу сонӣ сар ҷунбонда изҳори ҳамдардӣ кард. Сипас дарашро пӯшида, ба долон баромад. — Афсӯс, бечора инсони хуб буданд, даробаро карда мегаштанд... Ба хешу табор хабар додед? Зудтар телеграмма додан даркор...

— Фикр мекунам, ки расида омада наметавонанд. Ҳаво гарм...

— Рост, мурдаро нигоҳ дошта намешавад. Хайр, акнун чӣ чора, мурда дигар зинда намешавад. Реҳлати падару модар мерос, мегӯянд. Худро ба даст гиреду аз пайи гӯру чӯбашон шавед. Ман ҳам меоям. Бачаҳо камтар бетоб, ба хонаи очаашон бурда мемонаму...

Азим ба саҳни ҳавлӣ баромад. Дар сояи чинор як гурӯҳ бачаҳо машғули бозӣ буданд. Битнер бо ҳамсараш мошинашро аз гараж бароварда, тараддуди сафар дошт. Барои истироҳат аз шаҳр берун мераванд. Шояд ба дараи Варзоб раванд, ё ба сӯйи Ромит. Азим ба ёд овард, ки солҳост ӯ ба он тарафҳо нарафтааст. Умуман, шаш-ҳафт сол боз аз шаҳр берун набаромада аст. Рӯзҳои истироҳаташ чӣ гуна мегузаштанд, ӯ ҳоло дар хотир надорад... “Хӯш, ана ба ҳамсоя ҳам хабар додам. Боз чӣ кор кунам? Ба корхона равам? Иттифоқи касаба ҳаст, ҳамкорон ҳастанд... Ҳеҷ поям намекашад. Майзада бошам ҳам, ору номус дорам. Меоянду... Баъд, дӯсташ насиҳат мекунад, душманаш заҳрханда... Безорам!”

— Ҳа, Азим, ин қадар ба фикру хаёл афтодаӣ? Ё дафъи

хумор нашуд?.. Авзоятро дида, худоё, зовути арақ сӯхтааст-дия гуфтаам.

Азим сар бардошта, дар рӯ ба рӯяш Робияхоларо дид, ки дар даст тӯрхалта аз мағоза меомад. Вай аз ин зани солдида дар дил андаке ҳарос дошт: пиразан мехост, ки ӯро кӯчонда ба деҳа фиристонаду хонаро ба Зайнабу Мӯҳсин диҳад. "Охир, ман ба шаҳр одат кардам, агар дар деҳа зиндагӣ карда натавонам, сонӣ ба куҷо меравам?!" — мегуфт ӯ ҳар бор дар ҷавоби талаби пиразан. "Ин тавр бошад, туро ба табобатгоҳ мефиристонам," — таҳдид мекард пиразан.

— Э, напурсед, хола... Одам гуфта ба вай машк гап занам... — Азим ба тирезаи Нозим Ғайбуллоевич ишора карда носазо гуфт.

— Азим, нағз не, худро ба даст гиред, чӣ гап шуд? А? Саҳар катӣ — агар шароб нахӯрӣ, мемурӣ... — пиразан дарҳол шасти ӯро гардонд.

— Не-е, истед. Вай хола... Модар гузаштанд. Тамом.

Ранги рӯйи Азим суп-сурх, ҳалқаҳои чашмонаш танг гашта буданд. Шароб кам-кам ба ӯ таъсир мекард.

— Не-е?! Кай?... Дина дар ҳамин ҷо буданд-ку? — дасту пойи Робияхола бемадор гашта, сараш аз ҳаяҷон чарх задагӣ барин шуд. Тӯрхалтаро ба дасти набераash дода, "ба хона бар", гуфт.

— Дар ҳамин ҷо... Шаб пой дароз карда мондаанд. Ман бехабар. Дар утоқи дигар хоб... — ӯ мастона чашмонашро кушодаву пӯшида, пай дар пай ҳарф мезад. Кундфаҳмтарин нафар ҳам агар ин гуфтугузорро мешунид, тасмим мегирифт, ки сабаби фавти пиразан бехабар мондани писар аст.

— Азим, ба ман нигоҳ кунед, рост мегӯед, ё... — Робияхола Азимро сархуш дида, ба ҳарфҳояш бовар карданашро ҳам намедонист, бовар накарданашро ҳам. — Одами модараш мурдагӣ арақ хӯрдана заҳра хӯрад! Дуруст гап зан...

— Э, Худо занад, нон кӯр кунад. Ана, даромада бинед. Ман ягон бор гапи дурӯғ гуфтам-чӣ? Ҳой, хола, ман ба Шумо як сира гӯям? Дар назари Шумо одами арақхӯр ганда, ҳа, ганда? Лекин... лекин шаробхӯрҳо ҳамаашон марданд! Бовар кунед... Арақхӯр дурӯғ намегӯяд.

— Бас, бас, ман ин варсоқиҳоро зиёд шунидагӣ...

Дар муддати кӯтоҳ ба гирди онҳо чор-панҷ нафар ҳамсоязанҳо ҷамъ шуданд. Азим такрор ба такрор ҳодисаро гуфта, ба чашми ҳар яке имдодталабона менигарист. Ӯ дар ҳамин вазъият дар назари шахси дар канорбуда хурӯси дар ҷанг мағлубшударо мемонд, ки бо пару боли овезон ва ҷароҳатҳои хуншор аз беадолатии ҳариф, ё ягон дарду алами дигар шикоятомез қут-қут мекунад.

— Азим, манаҳашонро бастӣ ё не, касофат? — пурсид Робия-хола аз сӯзи дил ба чашмаш об гирифта.

— Не, валло. Ман надонам.

Робияхола ба хонааш даромад ва ду метр суфи оҳорӣ гирифта баромаду бо ду нафар ҳамсоязани дигар ба хонаи Азим даромада, манаҳи марҳумаро баст.

— Худо раҳмат кунад, бечора бандагиро ба ҷо овардаанд. Ту писари бесомон, — хола ба Азим рӯ овард, — ба ин аҳвол гаштӣ... Дуои ҳамин бечора модарро нагирифтӣ! Канӣ, акнун ёбаш... Хешу таборатро хабар кун, тезтар биёянд. Ҳаво гарм, нигоҳ дошта намешавад, — маслиҳат дод ӯ.

Ҳамсояҳо суханони Робияхоларо шунида, бо таассуф

сар ҷунбониданд, оҳ кашиданд, дареғ гуфтанд, баъзеҳояшон оби чашм ҳам карданд. Баъд Азимро дилбардорӣ дода, аз худо ба вай сабр талабида, ягон-ягон ба ҳар сӯ парешон шуда рафтанд. Азим танҳо монду чӣ кор карданашро намедонист ва ҳамвора гоҳ ба хона медаромад, гоҳ ба берун мерафту бемақсад дар саҳни ҳавлӣ пасупеш мегашт.

Аз воқеаи вафоти пиразан аллакай аксари ҳамсояҳо огоҳӣ ёфта буданд ва ҳодисаро дар доираи хонаводаи худ муҳокима мекарданд. Аз тирезаҳо яке бо нишони шафқату дилсӯзӣ ба ҷониби Азим менигарист, дигаре аз маломат ва нафрат гӯё ба синаи вай тир мезад. Ана, аз ошёнаи дуввум ҳамсояаш Мунира ба Азим менигарист. Ин танноз ҳоло ба вай заҳрханда дорад. Шавҳараш кати камакак "тую ман" кардани Азимро медонистаст-дия!. "Гапи кӯчаро ба зан гуфтагӣ марда..."“Шавҳарам ронандаи вазир гуфта, фукаш ба осмон, — аз дил гузаронд Азим. — Зани вазир барин ин кас ҳам гоҳ-гоҳ "Волга" савор мешаванд. Аммо ронандаи вазир ҳам танҳо ронанда аст, вазир не! Ба мусибати касон шодӣ кунед, ойим!" Азим дар қалбаш бо Мунира манша мекард.

Вай ҳангоми мастӣ мисли ҳамаи майхораҳо дасисаҷӯ мегашту ҳамсояҳоро меранҷонд.

— Ҳа, ҳамсоя, хурсанд шавед... Ин хел рӯз ба сари шумо ҳам меояд, — Азим оқибат заҳри дилашро ба Мунира рехт.

— Ин чӣ гуфтагиатон, мастед, ё ҳушёред? — чашмони Мунираи бекинаву шӯхтабиат калон-калон шуданд. Вай ба қаҳр ояд ҳам, аз чеҳрааш осори шӯхӣ намерафт. — Ман ба шумо чӣ бадӣ кардам? — Вай аз тирезаи айвонаш сар берун кард. — Ҷаватонро хом даравидагем не-ку! Гапи гуфтагиатонро медонед?.. Э, ҳайфи одам!

Ӯ Азимро ширакайф диду бо вай баҳсу мунозира карда нишастанро ба худ эб надид. Тирезаашро тараққос занонда пӯшиду пардаашро кашида монд.

Азим дар хараки рӯйи ҳавлӣ хеле муддат хомӯшу сархам нишаст. Робияхола ба назди ӯ омада пурсид, ки чӣ фикр дорад, чӣ кор карданӣ. Ба Азим чунин намуд, ки хола ҳам ягон кумак доданӣ не, ҳамин тавр, аз рӯйи дил мепурсад. Азим ба хола рӯйи хуш надоду оҳиста аз ҷояш бархоста ба манзилаш даромад. Дари ҳуҷраи модарро кушода, лаҳзае ба рӯйи ороми пуроҷинги ӯ нигариста истод ва сипас ба рӯи тахти хобаш нишаст. Ба дастонаш нигарист, нусхаи дастҳои модарашро дид.

Деҳаи зодгоҳаш, айёми кӯдакӣ, солҳои ҷанг, ки модараш бепадар, ду фарзандро бо сахтӣ бузург кард, ба хотираш омад. Модар рӯзҳо дар колхоз кор мекард, шабҳо чарх ресида, ҳар ҳафта ба бозор ду калоба ресмон мефиристод, то ки фурӯхта, ба пулаш як кило-ним кило ғалла оварда диҳанд. Боре Парда-даллол ду калоба ресмони онҳоро бурду чизе оварда надод. Онҳо рӯзро бо умедворӣ шаб карданд, баъд гурусна то нимишаб нигарон шуданд. Аз гуруснагӣ Азимро хоб намебурд. Модар тасаллӣ медод, ки ҳеҷ гап не, болиш мебардорад... Моргазидаро хоб мебурдааст, аммо гуруснаро не. Азим он солҳо хурд буд, аз дасташ кор намеомад. Рӯзҳо ҳамроҳи хоҳараш ҷувориашонро “ҳой” гуфта, аз гунҷишк нигоҳ медошт. Он солҳо гунҷишкон ҳам гурусна буданд, бо ҳойгӯиву кулӯхчаандозӣ аз киштзор дур намерафтанд...” Дар пеши назари Азим деҳа, замини рӯйи даричаашон ҷилвагар шуд ва лаҳзае худро даҳ-дувоздаҳсола дид, ки ҳамроҳи хоҳараш пойи бараҳна ҷуворизорро давр зада метохту аз фалахмон кулӯхча меандохт ва ба як маром “ҳой-

ҳой” мегуфт.

Он солҳо тобистон расад, боғу киштзорҳо бо фарёди бачагону қарс-қарси фалахмонҳо, бо садои ҷаранг-ҷурунги сатилу тағораҳо аз саҳар то шом монанди бозори рӯзи ид пурғавғо буд. Агар нафасе бехабар монед, гунҷишкон села-села ба сари ҷуворӣ нишаста, ширааи донаҳои ҳанӯз норасидаи онро макида мерафтанд. Кӯдакон ва гунҷишкон барои ризқу рӯзӣ бо ҳам талош доштанд. “Акнун гунҷишкон ҳам сер шуда, баору номус гаштаанд. Ҷое, ки “киш” гӯед, дигар пар намезананд... Ҳа, мардум чӣ кор ҳам кунад, барои серҳосил буданаш ҷуворӣ мекориданд, вагарна дили кӣ нони гандум намехост.”

— Эҳ, чӣ солҳои сахте буд! — Бо дасташ ба сари зонуяш зада ғайриихтиёр афсӯс мехӯрд Азим. Баъд худ ба худ шикоят оғоз кард: — Модари сарсахт як саҳарии зимистон, нимкоса дар даст, тамоми деҳаро дар ба дар пурсида баромаду ба қарз як каф орд наёфт. Баъд аз алам дар хона чунон овоз андохта гириста буд, ки ману хоҳарам ҳам ба вай ҳамовоз гашта фиғон бардоштем. Бечора модар, ки тамоми умр ба фарзандон худотарс шуданро талқин мекард, чунон бо овози баланд “хонаи Худо сӯзад”, гуфта зор-зор гирист, ки дили моро ваҳм зер карда буд. Ману хоҳарам акнун Худо моро ба ғазабаш гирифтор мекунад гуфта, метарсидем. Таваллову зорӣ мекардем, ки модар ин гапро нагӯяд. Як моҳ боз рӯйи нонро надида будем. Намедонистем, ки ғазаби Худо аз ин зиёд намешавад... Баъд ман ҳамон нимкоса дар даст ба хонаи амакам рафтам. Амакам бо аҳли оилаашон дар гирди сандалӣ нишаста, оши палав мехӯрданд. Онҳо шарфаи пойи маро шунида, табақи лахчакро аз рӯи дастархон гирифта ба даруни сандалӣ пинҳон карданд. Ман

ба хона надаромада, аз тиреза ош хӯрда истоданашонро дида будам. Баъд духтарчаи хурдиашон сирро фош карду як шаппотӣ аз падар хӯрда хомӯш шуд. Дар пешгоҳи хонаашон як ҷувол орди сап-сафед метофт, аммо амакам "орд нест, як дона ғалла набошад, орд аз куҷо мешавад", гӯён ҷавоб доданд. Он солҳо ҳам гузаштанд. Беҳуда намегӯянд, ки зимистон мераваду рӯсиёҳии ангишт мемонад... Рӯзи аз падар хати сиёҳ омадагӣ аз хотирам ҳеҷ намеравад. Модар хабари маъшумро аз саркор шунида, аввал карахт шуд, бовар накард. Баъд саркор хати сиёҳро аз ҷайб бароварда, ба модар дод. Модар монанди занҳои дигар фарёд набардошт, мӯканиву рӯйканӣ накард, фақат қатраҳои оби чашмаш марҷон барин ба рӯяш рехт. Баъд ба Ҳосилбеки дар болои асп андешаманд нишаста, рӯ овард: "Мурда бошад, ҷояш ҷаннат, не агар зинда бошад, Худо ёраш бод. Ба ман ҳамин ду сағираи вай бас. Ҳаминҳоро ба воя расонам, шуд." Модари муштипар! Охир вай ҳам одам буд, медонист, ки аз модар дубора намеояд... Умрашро бо ду фарзанд гузаронд. Агар ман дар ҷойи вай мебудам, ҳамин хел мекардам? Не, ман ба ин хел фидокорӣ қобил нестам. Ана, писарам зиндаятим. Охирин як хоҳиши модарамро ҳам иҷро накардам. Модар шароб нанӯш гуфт, нанӯшида метавонам-чӣ?.. Бас мекунам мегӯяму имрӯзу фардо гӯён солҳо гузашт.

Азим дар сари ин нукта хеле фикр кард, ба хотир овард, ки инсон бо зӯри ирода чӣ корҳое накардааст. "Шароб нахӯрдан ҳам кори мушкил шуд?! Ҳамин хел мегӯяму аммо... — дудила мешуд вай. — Ягон қасаме бошад, ки онро шикастан нашавад! Пештар ба номи Худо қасам мехӯрданд, "Қуръон"-ро пеш мегузоштанд. Ман на ба Худо бовар мекунам, на ба "Қуръон", на ба коммунизм. Агар эътиқодманд

бошам, шароб менӯшидам?! Одамон бо нон қасам мехӯрданд. Нон ҳам ҳеҷ касро кӯр намекардааст. Ҳама ҷо нон дар зери по. Дирӯз яктояш дар ошхона чангакро ба мағзи нон халонда, тоза мекард...”

Занги дар Азимро ба худ овард. Вай чун хеле вақт занги дари даромадро нашунида буд, як қад парид. Баъд саросема аз ҷо бархосту ба сӯйи дар ду-се қадам монд, аммо боз шакк карду, лаҳзае истод. Дар ҳақиқат ба занги дари вай заданд, ё ба гӯшаш ҳамин хел расид? Садои занг дубора баланд шуд. Ин дафъа дуру дароз, изтиробангез.

Азим дарро кушоду ҳуш аз сар парид. Агар ин дам модараш зинда шуда, дар таҳи дар истода бошад ҳам, аҷаб не, вай ба ин андоза ҳайрон намемонд. Робия-хола пешопеш, аз қафои ӯ Зайнабу Мӯҳсин ва марду зан як гурӯҳ хешовандони занаш, Мунира бо шавҳараш, боз ду-се нафар ҳамсояҳо ба хона даромаданд.

Робия-хола гап мезад, аммо дар аввал Азим аз суханони ӯ ҳеҷ чиз нафаҳмид. Сонитар ба гӯшаш даромад, ки хола мегуфт:

— Мунирахонро гуфтаму бечора ҳар чӣ зуд рафта Зайнабро ёфта омаданд...

Аз дохили утоқ суханони бо алам ва сӯзи дил гуфтаи Зайнаб ба гӯшаш расид:

— Касе ки ақл дорад, нангу номус дорад, аз мастӣ ҳушёр мегардад, ба худ меояд, аммо аҳмақ ҳаргиз ба худ намеояд, — бо сӯзи дил сухан мегуфт Зайнаб.

— Пиразанро гӯру чӯб кунем... сонӣ шумо писаратон катӣ ба ин хона кӯчида бед... Азимро ба табобатгоҳ мефиристем. Гап занаду рӯзашро бинад! — мегуфт Робия-хола дар ғазаб.

Азим ба девор такя карда, беҳолона сари ду по менишаст. Аз хонаи дигар фиғони писараш ба гӯшаш расид, ки дар сари болини бибиаш навҳагирӣ мекард:

— Бибиҷонам!... Бибиҷони меҳрубонам...Маро ба деҳа бурданӣ будед... Чӣ қадар орзуҳо доштед, бибиҷон... Акнун бо армон меравед...

Аз чашмони Азим якбора ғӯра-ғӯра ашк рехт. “Ашки набуда аз куҷо омад?” тааҷҷуб мекард вай, зеро солҳост, ки гиристанро ҳам, ашк рехтанро ҳам фаромӯш карда буд.

Ҳозирон бетафовут нисбат ба ӯ, ба ҷунбуҷӯл пардохта буданд, мисле, ки ӯ ҳаргиз дар ин миён набошад ва ин манзил хонаи ӯ нест ва модари фавтида ҳам модари нафари дигаре бошад. Вай хеле вақт аз назари одамон афтода буд.

Азим қатраҳои ашки ба рӯяш шоридаро бо пушти дасташ пок карду далер аз ҷо бархост. Чунин ба назар меомад, ки вай дар пайи ҷидоли шадиде бархостааст. Бо шахси худ ҷидол кардан ва ғолиб омадан чӣ мушкил аст...

***Соли 1972.***

# *КАМГАП*

Рӯз гашт карда то офтобшинам як-якуним соат вақт монда буд. Шиддати гармо паст гашт, сояҳо дароз шуданд.

Дар истгоҳ мардум интизори мошин. Марду зан, пиру барно автобуси охиринро, ки аз маркази ноҳия меомад, бетоқатона нигаронанд. Мошини равғанкаши Абдулло аз роҳи калон ба тарафи деҳа печиду бархе аз мунтазирон ғайриихтиёр аз ҷо бархостанд, вале равғанкашро дида бо таассуф даст афшонданд. Ба сӯйи мошин фақат Деҳқону Қубоди муаллим давиданд. Онҳо саросема худро ба кабина заданд, вале мошин аз ҷо наҷунбид...

Комрон истиҳола карду ба тарафи мошини рафиқи мактабиаш нарафт. Ба кабина фақат ду нафар ҷо мешавад. Агар вай равад, Абдулло ночор савораш мекунад, хуб не.

Лақаби Абдулло, асосан, "Камгап" буд, вале баъзеҳо "Хаппак" ҳам мегуфтанд, ҳатто аз ӯ ягон ситам дидагиҳо "Хапгир" гӯён таҳқир ҳам мекарданд. Вай дар ҳақиқат, ҷавони камгап буд. Ҳикоя мекарданд, ки боре раиси колхоз ба кабинаи мошини ӯ нишаста ба Душанбе равон шудаст. Қариб дусадсад километр раҳро гузаштаанду ба якдигар сухане нагуфтаанд. Ҳангоми аз кӯтали Фахробод фуромадан раис гуфтаст: "Ана, Душанбе." Абдулло дар ҷавоб норозиёна ғӯт-ғӯт кардаст: "Кӯр нестам, мебинам." Раис қоҳ-қоҳ зада хандида фиристодасту гуфтаст: "Ҳой, суханро харида мегирӣ-чӣ?! Ягон гап зан, дилам торс кафид-ку!" Абдулло табассум кардаст, ки маънии он равшан: "Ту ҳам, раис, ба гапи беҳуда хушат будаст."

Абдулло ба ҳамсинфонаш муҳаббати хосае дошт. Ҳар кадомеро бинад, айёми бачагӣ ва мактабхониаш ба ёд

меомад магар, дурудароз табассум мекард. Бале, ба рӯйи ӯ нигариста, хомӯш, дурудароз табассум мекард. Ба савол ва ҳолҷӯии он ҳамсинфаш низ сар ҷунбонда бо табассум ҷавоб медод.

...Деҳқону Қубоди муаллим ба кабинаи мошини ӯ худро заданду баробар ҳар ду амр карданд:

— Канӣ, ҳай кун!

Абдулло хастаҳолона ба рӯйи он ду тан нигаристу бо табассум ба қафо — ба сӯйи истгоҳ ишора кард. Азбаски он ду баъди бист-сӣ қадам давидан ҳоло ҳарсос зада нафас мегирифтанд, маънии ишораи ӯро пай набурданд, балки ба авзои ӯ дуруст зеҳн намонданд.

— Ман меҳмон дорам, — гуфт вай ниҳоят. — Комрон омадаст.

— Хайр, рав, тезтар бину биё! Чӣ гапи зарур дорӣ? — гуфт Деҳқон бепарво.

Абдулло сарашро ба чанбараки фармони мошин ниҳода фақат табассум мекард. Вай бо табассуми худ чи мегуфт, на ҳар як одами бино мефаҳмид!

— Э, тезтар бош, рӯз бегаҳ шуд! — бетаҳаммулӣ кард Қубод.

— Даҳонатро инҷ накуну тезтар фуро, мегуфтагӣ гапатро гӯй, — каме асабонӣ буд Деҳқон.

— Мо ҷӯраҳои наздик... Сонӣ, вай — меҳмон... Шуморо ҳар рӯз мебарам... — гуфт вай дар ҷавоби бетоқатӣ ва зӯъмии он ду.

— Аз ҷӯрагии ҳамон ба ту чӣ фоида? Ҳай кун-е, — усули дигарро пеш гирифт Даврон. — Аз булбули дар ҳаво чумчуқи дастам беҳ мегӯянд.

— Ба ту як чиз-ним чиз даркор шавад, ана, ин одам ҳоҷатбарорӣ мекунанд, — Қубод-муаллим ба сӯйи Деҳқон ишора кард. — Ман ҳам дар як тарафи мактаб даро-баро дорам, як рӯз не, як рӯз ба ту ҳам нафъам мерасад. Ана, писарат калон шавад... Рост не? — Қубод барои тасдиқи гуфтаҳояш бо савол ба Деҳқон рӯ оварду дандонҳои сиёҳу кирмзадаашро намоён карда хандид.

Абдулло хомӯш ба рӯйи онҳо нигариста писханд мекард. Лабханди ӯро аз ҷунбиши бурутҳои ғафсу тобиши чашмони ростгӯяш фаҳмидан мумкин буд. Оқибат Абдулло моторро хомӯш карду Деҳқон ба сари муросо омад.

— Хайр, кабина калон, се кас меғунҷем-ку!

Ӯ инро гуфту аз кабина фуромад ва Комронро садо кард.

Комрон омада бо Абдулло вохӯрду ҳолҷӯӣ намуд ва бо миннатдорӣ даъвати онҳоро рад кард.

— Се кас намеғунҷем... Ғунҷем ҳам ман шуморо танг карда нороҳат месозам. Хилофи қоидаи роҳнамоӣ... Ба ронанда халал мерасонем... Шумоён бемалол равед... Ҳамин лаҳза автобус меояд.

Деҳқон ба зӯрӣ ӯро тела карда ба кабина шинонду худаш аз канор нишаста дарро пӯшид. Бо ин худрайъ дигар хел муомила карда намешавад, мегуфт ӯ дар дилаш Абдуллоро ҳам, Комронро ҳам лаънат карда. Ҳодисаи дар арӯсии Тоҳирча ҳанӯз аз пеши назараш дур нарафта буд. Сарояндагони аз шаҳр омадагӣ базмро хеле ба ҷӯш оварданд. Шароб хӯрда, кайфи ҳама баланд. Дар қатори дигарон вай ҳам ба раққосаи нозанин пул часпонд. Хайр, се-чор бор аз сурху кабудаш баромад. Сархуш бошед, ба рӯйи пул менигаред-

чӣ?! Аммо хасисону ҳасудон инро дида наметавонанд. Ин бедаҳан якбора ҷор андохта эълон кард: “Пули говҳои гӯсола шудагиро барор! Натарс, миёнат дард накардаст!” Аҳмақ-дия, маст шавад, рӯйи хотир гуфтанӣ чизро намедонад. Вақти мудири ферма буданам бисту ду гов камомад шуду ба ҷояш гӯсола ҳам не, тойин харида ба колхоз супоридам. Чӣ фарқ дорад, баҳори дигар тойин ҳам гов мешавад-да! Ҳамин ҳарфҳоро аз куҷо фаҳмида, ба ҳама эълон кард-а! Инро шунида табъи раис хира шуду, аз базм баромада рафтанд. Натиҷаи бемаданиятӣ ҳамин-да. Раис ба кӣ некӣ накардаанд? Худи ҳамин Абдулло иморат карданӣ шуд, чӣ қадар шиферу чӯб доданд... Ин беоқибат кадом рӯз Ҷабборовро ҳам дар хиҷолат мондааст. Дар колхоз баъди раис хӯҷаин ҳамон кас-а! Мисли ҳамин рӯз мошинашро дар истгоҳ доштаст. Ҷое, ки Ҷабборов истодааст, кӣ ҳақ дорад ба тарафи мошин равад? Раҳбарро иззат кардан даркор-дия. Аммо ин беандеша чӣ кор кардаст? Ба тарафи мошинаш омадани Ҷабборовро дидаасту аз кабина сар бароварда, ба халқ гуфтааст: “Бародарон, ба кабина ду кас мегирам. Агар розӣ бошед, тағои Насруллоюю бобои Ҳоҷӣ савор шаванд.” Ҷабборов шарм карда сурх шудасту худро ба нодонӣ зада “Э, Насруллобек, шумо ҳамин ҷоед-чӣ? Бед, савор шавед, савор шавед”, гуфта вайро пеш гузарондасту оҳиста худашро ба қафо кашидаст. Якеро маъюб гуфта, дигареро солдида гуфта, хеле ба фарқи сарамон баровардем! Бо як пой ба чор тараф надаву дар хонаат бишин! Хайр, барои поятро дар ҷанг фадо карданат нафақа мегирӣ, иззататро дору “ҳазор раҳмат, ман одами бекор, шумо савор шавед”, гуфта Ҷабборовро савор кун, хуносо!.. Э, ин не, вай не,

ҳамаашон чашми дидан надоранд. Набошад, ман кӣ ҳастаму ана, ин Комрон кӣ?! Олим шудаст, шудаст-да, ҳозир сагро занӣ, рафта ба болои олим меафтад, аз ҳар чӣ бисёр донишманд. Кал ҳам, кӯр ҳам — ҳама олим, дар деҳа якта подабон намеёбем! Аз олимии Комрон ба ин шатрама чӣ фоида бошад?! Аз барои вай қариб, ки моро аз мошинаш фурорад-а! Ҳоло сабр кун...

— Хайр, акнун ту то кай дар он тарафҳо мегардӣ?

Саволи ногаҳонии Қубоди муаллим риштаи хаёли Деҳқонро буриду вай ба худ омад. Комрон ба ин савол чи ҷавоб доданашро надониста лаҳзае андешиду баъд гуфт:

— Чунон ки мӯйсафедон мегӯянд, то нону насиб...

— Э, мон ин гапҳоро, гӯй, ки кай ту омада ба халқат хизмат мекунӣ? — Деҳқон ӯро нописанд карда бо ҳамин бухси дилашро баровардан хост.

Комрон бо тааҷҷуб ба рӯйи Деҳқон нигарист. Аз ҷайбаш дастмолашро бароварду аввал шишаҳои айнаки сабзашро, сипас арақи пешониашро пок кард. Баъд ба Абдулло нигарист. Вай аз роҳ чашм наканда зери бурут табассум мекард.

— Ғалатӣ... Ман... Ман ҳоло ба кадом халқ хизмат мекунам? — гуфт вай канда-канда.

— Вай хизмати ту ҳисоб не, — саволи худро эзоҳ дод Деҳқон. — Ба ин ҷо омада, ба мардуми ҳамин деҳа хизмат кун. Аз ту чӣ фоида мерасад, бинем.

— Ҳа-а.... — хиҷолатомез табассум кард Комрон. — Балки фоидаи ҳамин корам мерасидагист? Шояд ягон рӯз...

— Барои мо вай корат — як пули пуч! — Беэътино сухани Комронро бурида даст афшонд Деҳқон. — Барои

ҳамин ҷамоа, барои халқи Селоба чӣ кор кардӣ, мо намедонем. Ку, ягонтаашро ба институт даровардӣ ё дигар хел ёрдамат расид? Не.

Табассум аз чеҳраи Абдулло нопадид гашт. Лабонашро сахт ба ҳам фишурда, бо дастони азиму панҷаҳои пурқувваташ фармонро сахт фишурда, гӯё ба роҳ ситезкорона фишор меоварда бошад, гашти мошинашро тез мекард. Дар роҳи ноҳамвор бардорузани мошин ба ҳадде буд, ки Комрон гоҳ сарашро ба шифти кабина мезаду гоҳи дигар пешониашро ба шишаи пеши мошин. Абдулло мисли қасд карда буд, ки бо ҳамин гирузани роҳ ба онҳо имкони сухангӯӣ надиҳад.

— Агар дурусттар санҷида нигарем, додот ҳам ба халқамон казоӣ фоидааш нарасид, — ба сухан ҳамроҳ шуд Қубоди муаллим.

“Додом ба ҳар дуи инҳо ҳаққи устодӣ доранд, — бо изтироб аз дил гузаронд Комрон. — Наход, ки сӣ сол дар мактаби деҳа беҳуда кор карда бошанд? Ва ё ба бачаҳо савод омӯхтан хизмат нест? Инҳо калоншинос шудагӣ, муаллими оддиро назару писанд намекунанд. Охир, ҳамин Қубодро бо ташвиқу тарғиб он кас ба донишгоҳ фиристоданд. Аввалин нафаре, ки аз деҳаи мо ба донишгоҳ қабул шуд, ҳамин Қубод аст. Агар имрӯз дониш ва касби худро хору забун сохта шаробхӯрӣ кунад, гуноҳи додом не-ку! Ё кӣ медонад, балки он кас ҳам гунаҳгор будагистанд?..”

— Дар ягон институт муаллим нестӣ, то ёрӣ кунӣ бачаҳо дароянд. Ку, бигӯ, аз олимии ту ба халқи мо чӣ фоида? “Олими беамал — замбӯри беасал” гуфта, шумо баринҳоро мегӯянд-да. — Ҳамон фикри аввалашро такрор

мекард Деҳқон.

“Ин мақол аз гуфтори радио ё намоиши телевизион ба гӯшаш даромадагӣ, — худ ба худ меандешид Комрон. — Айнан, лаҳнаш ҳам талаффузи кадом як ҳунарпешаро мемонад.”

— Аҳён-аҳён рӯзномаву маҷалла ҳам мехонед ё не? — иттифоқан бо савол ба Деҳқону Қубод рӯ овард Абдулло. — А? Ғӯзапояи бекорaро, ки ба ғайр аз танӯртафсонӣ ба чизи дигар кор намеомад, кӣ ба хӯроки чорво табдил дод? — Ҷиддӣ мепурсид ӯ. — Авлод-авлоди шумо ба мардуму мамлакат ин қадар манфиат оварда наметавонад.

— Ҳа, ҳамин хел гуфта мегардем-дия… — гуфт дар ҷавоби ӯ Қубод тамасхуромез. Аз оҳанги сухани вай чунин маънӣ бармеомад, ки гӯё Комрон мардумро бо суханони пуч фирефта гаштааст.

— Аз вай корҳош ба халқи мо як пула фоида нест, — даст афшонд Деҳқон. — Мақсадаш — олим шудан, зиёдтар пул гирифтан…

— Тфу! — бо қаҳр аз панҷараи нимабози дари мошин ба берун туф кард Абдулло ва фармонро маҳкамтар гирифта газро фишор дод.

Дар таҳдари мағозаи рустои ҳамсоя Деҳқон мошинро нигоҳ дошт.

— Канӣ, фуромадем, йигитҳо! — Вай аз кабина фуромада, дигаронро таклиф кард. — Зудтар, садта-садтаякак нӯшида гирем.

— Ҳа-ҳа, заряд гирифтан даркор, — гӯён Қубоди муаллим зуд аз мошин фуромаду ба сӯйи мағоза равон шуд.

Комрону Абдулло даъвати Деҳқонро қатъӣ рад карданд.

— Ана, аз ҳамин одамгурезиатон маълум... — гуфт Деҳқон дар ҷавоби аз шаробхӯрӣ сар кашидани онҳо. Баъд чи фикре ба сараш омаду илова кард: — Натарсед, ман зиёфат мекунам.

Комрон ташаккур гуфт. Абдулло даст афшонду монд. Баъд аз кабина баромада бо сатили кӯҳнаи равғанолуд аз ҷӯйбори канори роҳ аввал як сатил об гирифта ба кӯча, баъд сатили дигарро ба радиатори мошин пошид. Сипас ба кабина даромада нишасту тӯлонӣ бо табассум ба сӯйи Комрон нигарист.

— Ба дилат наздик нагир, — гуфт оқибат бо ҳамон табассуме, ки рӯяшро пур мекард. — Беҳудагӯй-дия!

Ҳамаи тобишу оҳангҳои чеҳраи пуртабассум ва нигоҳи андешаманди ӯро ифода кардану эзоҳ додан бағоят мушкил аст. Ӯ бо ду-се калима ё бо як имое метавонад як олам маъниро фаҳмонад.

***Соли 1976.***

## ТАҶРИБА

Дар чойхонаи маҳалла сӯҳбати чойхурон метафсид. Марди навчаи лоғарандоме, ки бо таклифи кумитаи маҳалла дар хусуси мубориза ба муқобили бадмастон ва авбошон ташвиқот дошт, ҳар нафас айнакашро ба чашм монда таъкид мекард:

— Дар ҳама ҷо — ҳам дар кӯчаю бозор, ҳам дар ошхонаю чойхона бо бадмастону шӯрапуштон беамон бояд буд. Агар шумо аз назди онҳо бепарво гузаред...

— Як рӯз дар чойхона яктааш валвала сар кард, аз гиребонаш гирифта ба берун партофтам, домулло! — самоворчӣ чойники чойро ба пеши нотиқ мондаравон хабар дод.

— Не, аз чойхона рондан кам аст. Вай ба кӯча баромада, зану бача ё пири нотавонеро ғам медиҳад. Ба дасти нозирони тартибот супоридан даркор.

— Шабе Шокир-пиёнро дошта сарашаро таги қубури оби сард доштам, — хабар дод ҷавонмарди қавиҳайкале бо ифтихор. — Худаш ҳам чунон доду вой кард...

— Шумо ба об тар накардед, писархолааш... — эътироз кард ҷавони дар паҳлуи ӯ буда.

— Ману писархолааш тар кардем-дия! — исрор кард ҷавонмарди ҳайкалдор. — Ӯро як худи пасархолааш ӯҳда намекард.

— Ман одати ин мастонро медонам, — ба гап даромад Собир-амаки мӯзадӯз бурути сафедашро молида-молида. — Аз маст агар тарсед, бохтед. Назанед ҳам, аввал мушт бардошта дӯғу пӯписа кунед бас, шиппас зада мегурезад. Ман танҳо пор ду мастро дошта ба дасти маъмурони интизомӣ додам.

— Ура-а-а! — ин дам калавида-калавида ба чойхона Наҷот даромад. Дар як даст тоқиаш, дар дасти дигар шишаи араќи нима, масти лояқил.

Вай аз рӯи чорпоя лаъличаеро гирифта ба ҷониби нотиқ ғурронд. Хайрият лаълӣ ба вай нарасид. Аммо ранги рӯи вай аз тарс девори оҳакзадаи чойхона барин сап-сафед шуду вуҷудаш дарақ-дарақ ларзид. Нафаси ҳама ба дарун зад. Нотиқ худро ба даст гирифту айнакашро аз чашм бардошта имдодталабона ба ҳозирон чашм давонд.

— Тоқиатро гир!.. Сонӣ... ба гӯшат... га-ап ме-да-ро-яд! — Наҷот тоқии Нусратро аз сари ӯ гирифта ба рӯи харак зад.

Дар даҳони Нусрат нос будааст, бо баҳонаи носашро ба ягон гӯша туф кардан ғурунгос зада аз ҷояш бархесту канор рафт.

— Ин чӣ гап... рафиқон?.. Тартибу интизом...

— Ҷим! Хап шав! — сухани нотиқро бурида ба рӯи миз сахт мушт зад Наҷот.

Нотиқ ба вай эътино накарда, сӯҳбатро хулоса карданӣ шуд, аммо Наҷот ба вай маҷоли даҳан кушодан надод.

— Ҳой, нотиқ... ғурмагас барин... ту... не, шумо...

Аз ҳозирон кадоме садое дароварду Наҷот нотиқро канор монда ба вай дарафтод:

— Чӣ гуфтӣ? А?.. Ман маст... Ҳамон масти... мегуфтагиатон... — Вай мушташро гиреҳ карда ба назди Собир-амак рафт. Баъд ба замин туф карду туфаш ба шими муҳандиси ҷавон — Салимҷон расид.

— Чӣ ало менигарӣ?! Гап зан, дар дилат армон намонад!

Салимҷон гӯшашро ба карӣ зада рӯяшро ба тарафи дигар гардонад ҳам нашуд.

— Ҳой, олуфта, ба ту мегӯям...

Наҷот баъди хеле хархаша кардан монда шуд магар, ба сари самоворчӣ рафта дод зад:

— Ҳой пит-пилиқ! Чои хунук ҳаст? Тез барор, набошад... дониста мон... самоворатро чаппа мекунам...

Самоворчӣ “ҳозир-ҳозир” гӯён ба вай як коса чои хунук дод. Наҷот чои сардро дам кашиду мастона лабонашро чалаппас занонд, сипас ба нотиқ рӯ оварда гуфт:

— Чӣ хап шудӣ? Гап зан. Ташвиқот кун... Ман гӯш мекунам.

Аммо баръакси чашмдошти Наҷот ҳозирон якто-якто аз ҷо бархоста парешон шудан гирифтанд. Вай ногоҳ қоҳ-қоҳ зада хандида фиристод. Азбаски хандааш ҳоло ба хандаи одами маст шабоҳат надошт, ҳама ба якбора ба тарафи вай нигаристанд. Ҳатто Собир-амаки ба роҳ баромадагӣ ҳам баргашта нигарист.

— Домулло, — Наҷот ба нотиқ, ки ин замон хаскулоҳашро гирифта ба роҳ равона гашта буд, рӯ овард: — Мебахшед-дия...Ман шӯхӣ кардам... Инҳоро санҷиданӣ шудам...

— Чи-и?! Бахшидан?! Бетамизӣ! Мебахшидаем? Хобатонро ба об гӯед... Не-е, бахшидан нест! — нотиқ якбора дигар шуд. Қоматашро росттар гирифта бо шиддат ба назди Наҷот омад. — Ман ҳозир худам ба милиция телефон карданӣ будам. Мардумро таҳқир кун, сӯҳбатро вайрон куну “мебахшед” будаст!

— Ту — хулиган! Ту шӯрапушт, авбош, арақхур! — як-

бора ангуштонашро ба чашми Наҷот дарафш карда ба сари вай ғазаб кард чойхоначӣ.

Наҷот пай бурд, ки агар зудтар сабаби ин гуна масхарабозиашро нагӯяд, ин мардум ӯро зада маъюб мекунанд.

— Маро мебахшед... Ман маст не, ҳамту... Мо бо маслиҳат шуморо санҷиданӣ шудем... Ин ҳамту, як таҷриба буд... Ана, Нусрат медонад.

— Мо, ҳамту як шӯхӣ кардем... — тасдиқ кард Нусрати аз авзои ҳозирон ба даҳшат афтода.

— Мардумро ҳақорат медодаст, ба рӯяшон туф мекардасту боз маст набудаст! — бо ғазаб тамасхур кард ҷавонмарди қавиҳайкал. — Ба 02 занг занед кунед, — ӯ ба чойхоначӣ амр кард.

Наҷоту Нусрат аз ҳама зиёдтар аз таҳдиди ӯ тарсиданд.

— Бародарон, охир ман маст не! — ба ҳарф даромад Нусрат. Мо санҷидан хостем... Барои таҷриба... Ана шишаро бинед, арақ не, об... Даҳанашро бӯ кунед.

— Не-е! Акнун халос намешавед. Баҳонаи ёфтагиашро нигаред! 15 шабонарӯз ҷазои нақд мегиреду баъд... — заҳрханда кард ҷавонмарди тануманд.

Наҷот ва Нусрат бо забони лол ба рӯи якдигар нигариста монданд. Баъд Нусрат ба ҳама шунавонда гуфт:

— Бо ҳамон мастӣ аз чойхона баромада равӣ, ҳеҷ гап набуд. Нафаре ҳарфе ҳам намезад. Инҳо аз одами ҳушьёр наметарсанд...

***Соли 1980.***

# МУНДАРИҶА


Боби якум ........ 5
МАНЗИЛИ ОБУҲАВОСАНҶҲО ........ 5
Боби дуюм ........ 18
БОЗ ЯК БЕБАРОРӢ ........ 18
Боби сеюм ........ 31
БӮРОН ДАР МОҲИ СЕНТЯБРЬ ........ 31
Боби чаҳорум ........ 42
ИНҶИҚИИ АҲМАД-АКА ........ 42
Боби панҷум ........ 61
АЗ ЯХИСТОН БА БОҒИСТОН ........ 61
Боби шашум ........ 82
НОРӢ ........ 82
Боби ҳафтум ........ 93
ҲАВОДАРА ВА ҚИССАИ МИХАИЛ ПОТАПОВИЧ ........ 93
Боби ҳаштум ........ 117
ҲАВОДАРА ........ 117
Боби нӯҳум ........ 135
МОР ВА АҲМАД-АКА ........ 135
Боби даҳум ........ 143
ҶУСТУҶӮИ ДАРВЕШ ........ 143
Боби ёздаҳум ........ 156
"ВОКУНИШИ АТОМИ АЛОМАТДОР" ........ 156
Боби дувоздаҳум ........ 177
РАХНАИ ҶИДДӢ ........ 177
Боби сездаҳум ........ 196
ОБ АЗ БОЛО СОФ АСТ! ........ 196

ҲИКОЯҲО ........ 214

ГӮШТИГИРӢ ........ 215
БУДУ ШУД — 83-тин! ........ 232
ЯК РӮЗ НЕ, ЯК РӮЗ ........ 243
КАМГАП ........ 261
ТАҶРИБА ........ 269

Барои бачаҳои синни миёна ва калони мактабӣ.

ИБ № 775

**Баҳром Фирӯз**

**ТУ ТАНҲО НЕ**
(ТЫ НЕ ОДИНОК)

На таджикском языке

Рассом В. Манин
Муҳаррир Бобо Ҳоҷӣ
Муҳаррири ороиш В. Будный
Муҳаррири техники И. Сунчелеева
Мусаҳҳеҳ Т. Саидов

Ба матбаа 30. 08. 1979 супурда шуд. Ба чопаш 10. 04. 1980 имзо шуд. Форматы 70 x 108 1\32. Қоғази типографии № 2. Гарнитурааш мактабӣ. Чопи баланд. Ҷузъи чопии шартӣ 10,5. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 9,86. Адади нашр 14 000 нусха. Супориши 545. Нархаш 40 тин. КЛ 02699.

Нашриёти “Маориф"-и Комитети давлатии РСС Тоҷикистои оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб, 734063, Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

Комбинати полиграфии Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб, 734063, Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

40 тин

НАШРИЁТИ „МАОРИФ“